Н А Ш Р И Ё Т И « А Д И Б »



АҲМАДШОҲ МАҲМАДШОҲ

# ЗИНДА БУДАН КАМ АСТ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2014

ББК – 84 Тоҷик 7-4
А-74

Мураттиб *Сино Маҳмадшоҳ*
Муҳаррирон *Наср Бобои Сарфароз ва Гурез Сафар*

А-74 **Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ. Зинда будан кам аст** *(ҳаҷвияҳо)*. – Душанбе, «Адиб» 2014, 248 саҳ.

Инсони дарёдил, адиби хушқалам Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳро ҳаводорони каломи бадеъ хуб мешиносанду нек дар ёд доранд. Ӯ бо навиштаҳои ҳаҷвии худ миёни хонандагон шуҳратёр гардида буд. Вале марги беамон риштаи ҳаёти ӯро хеле бармаҳал барканд…

Маҷмӯаи мазкур, ки намунаҳоро аз китобҳои гуногуни Аҳмадшоҳи зиндаёд дар бар мегирад, ба шастумин солгарди зодрӯзи ӯ бахшида шудааст.

ISBN 978-99947-2-381-2

© Нашриёти «Адиб», 2014

## ЃАМРО БА ХАНДА МЕКУШТ

Овони наврасию мактабхонӣ ҳангоми мутолиаи ҳаҷвияҳои нависандагон Фазлиддин Муҳаммадиев, Саид Аҳмад ва ё тамошои филмҳои мазҳакавӣ дар иҷрои актёрҳои асил Чарли Чаплин, Юрий Никулин, Евгений Леонов ва дигарон, ки ба ҳаҷви нозук ва ҳаракату қиёфабозии таъсирбахш маро мафтуну хушҳол мекарданд, ҳавасам меомад. Он айём дар тасаввури банда эшон инсонҳои хушбахтеро мемонданд, ки умрашон ба хандаю ширинкориҳои намакин мегузарад. Ба одамон хушҳолӣ мебахшанду худ низ ҷаҳон-ҷаҳон ҳаловат мебаранд. Гумонам ин кор ба онҳо осон даст медиҳад ва дасти ғаму андӯҳ ҳаргиз ба домани ин инсонҳои хушбахт намерасад. Аммо... баъдҳо дар баробари камубеш ба фаҳми заҳмати сангини эҷодкорӣ рафтан ва ба зиндагиномаи ҳунармандон ошно гаштан дарёфтам, ки санъаткори асил ба чӣ ранҷҳо ба одамон хушҳолӣ мебахшидааст. То нафареро хандонидан худ шабҳо дар сари мизу рӯи саҳна хуни дил мехӯрдааст. Воқиан ҳам душвор аст дили рӯҳафтодаеро бардоштан, ба қалби аз ноомадии кору душвории зиндагӣ тангу тор рӯшноӣ бахшидан. Барои анҷом додани ин амали сангин санъаткор бояд соҳиби дили дардошно, дидаи ҳақбин, нигоҳи бавусъат ба зиндагӣ, нерӯи бузурги ҳақталошӣ ва ҳамзамон соҳиби табъи баланди ҳаҷвнигорӣ бошад. Охир, то насӯзӣ, сохтан наметавонӣ. Нависандаи шинохта Фозил Искандар мегӯяд: «Ба пиндори ман барои соҳиби табъи зариф шудан бояд ба умқи маъюсию рӯҳафтодагӣ бирасӣ ва ба қаъри тираи он назар андохта бовар ҳосил бикунӣ, ки дар он ҷо низ ҳеҷ чиз нест. Сипас оҳиста ба қафо баргаштан лозим. Ана ҳамин пайи дар роҳи бозгашт гузошта хаҷви ҳақиқист».

Дар дунёи ҳунар, аз ҷумла адабиёти муосири тоҷик, ангуштшуморанд чунин санъаткорони асил, соҳибони табъи волои зариф. Зеро ба андешаи банда ҳаҷвнигорӣ мушкилтарин шохаи наср аст. Вай аз нависанда дар баробари вусъати тахаюлоти бадеӣ, ҳунари хуби забондонию дақиқназарӣ, ҳамчунин табъи баланди зарофатсанҷӣ мехоҳад. Шахсони базлахону зарофатгӯй зиёданд, аммо аз байни онҳо аҳён-аҳён ҳаҷвнигор мебарояд. Зеро на ҳар кас метавонад фоҷиаю мазҳакаи зиндагиро дар худ баробар ҳазм намуда, сипас дар ҷомаи ҳикояи ҳаҷвӣ пешкаш намояд.

Ман ин андешаҳоро вобаста ба ёди ҳаҷвнигори шинохтаамон шодравон Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ рӯи коғаз меорам. Зеро аминам, ки вай ба навиштаҳои хеш ба насри муосирамон як накҳати тару тоза овард. Ба ҳаҷву танзи нозукаш андаке бошад ҳам, боғи адабиётро перостатар гардонд. Умри кӯтоҳ дид Аҳмадшоҳ, ҳамагӣ чилу нӯҳ сол! Дар ин муддат ҳафт китоби хурду бузургҳаҷми ӯ аз чоп баромад: «Гап байни худамон», «Кач дору марез», «Дасти ману домани шумо», «Зинда будан кам аст», «Арӯс аз Тошканд», «Холаи Маҳтоб» ва «Дарро задам, девор кафид». Ҳар гоҳе ҳаҷвияҳои Аҳмадшоҳро аз нав мехонам, боварам дучанд мегардад, ки асло пеши худ намебофт вай ҳикояро. Ҳарчанд мегӯянд беҳтарин асари бадеӣ аз тахаюли муаллиф бармехезад, Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ бештарин ҳикояҳояшро, алалхусус солҳои охир, дар заминаи воқеаҳои ҳаётӣ ва шахсони мушаххас менавишт, аз сӯҳбату гуфтори атрофиён сужа мебофт, аз воқиаю рӯйдодҳои барои дигарон камарзиш мавзуъҳоеро меёфту дар ҷомаи ҳаҷву танз пешкаш мекард, ки кас дар ҳайрат мемонад. Вай ба ҳама барору нобарории зиндагӣ аз даричаи ҳаҷв менигарист ва яқин дарёфта буд, ки ҳақиқат дар ҳаҷв тавлид мешавад ва дар ҷомаи ҳаҷву танз метавон беибо сухани рост гуфт. Хаёлам олуда ба ҳаҷв нафас мекашид, аз як ҷузъиёти зиндагӣ метавонист чизи хондание бинависад.

Боре ҳамроҳ ба назди дӯсти додрасамон рафтем. Мебоист ҳарсе ба маъракае мерафтем. Рӯз гашт мекард. Дар дафтари кори дӯстамон се-чор нафар менишастанд. Моро хуш қабул карданд. Як ҷавони чусту чолок ноаён берун рафта баъд аз муддате халтача дар даст баргашт ва дар кунҷ, болои мизи пастак, аз санбӯсаю ҳасиб ва меваҳо дастархон ороста, як шиша шароб низ гузошт. Сӯҳбат дар гирди хон гармтар идома ёфт. Чун мо иродати хестан кардем, дӯстамон хоҳиш намуд то мурофиаро гузаронидани ӯ мунтазир бошем. Азбаски ҳаво сард буд, нагузошт то дар берун ӯро интизор шавем. Хулоса, ҳамроҳи Аҳмадшоҳ ду курсии дар зери девор қатор гузоштаро соҳибӣ карда нишастем. Дар ҷараёни мурофиа маълум гашт, ки ҳамон ҷавон ба кадом як рафтори қаллобӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешудааст. Ҳангоми пурсиш додрас ҷиҳати собит кардани гуноҳи ӯ тезу тунд мегуфт, ҳатто ба сараш арбада мекард. Ин манзараро дида Аҳмадшоҳ оҳиста аз ман пурсид: Оё ҳозир ҳамин ҷавон дастархон наороста буд? Ман ба аломати ризо сар ҷунбондам. Пас чаро дӯсти додрасамон ба сари ун бечора беи-

бо дӯғу пӯписа мекунад... Охир, ин кор аз сари адолат нест, – табассум дар лаб гуфт Аҳмадшоҳ. Дар он табассуми малеҳи ҳаҷвнигори чирадаст як ҷаҳон маънӣ нуҳуфта буд. Ёд дорам, баъдҳо он воқиа дар шакли як ҳаҷвияи хонданӣ рӯи чоп омад.

Адиби маъруфи тоҷик Саттор Турсун боре аз Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ ёд карда, навиштааст: «Ёдаш гиромӣ бод, Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ... нахандида ҳам, аз таҳти дил механдид. Қариб надидаам касеро, ки ба касбаш ин қадар муносиб бошад».

Воқиан амиқ дарёфтааст хулқу хислат ва ҳунари ҳаҷвнигории Аҳмадшоҳро устод Саттор Турсун. «Нахандида аз таҳти дил хандидан...» Ба ростӣ ҳунари воло ва ҳамзамон душвор аст ин кор! Умуман софдилона дар ханда шудан кори ҳар кас нест. Чунки ин гуна ханда ҳамеша аз қалби поку бериё, дидаи ҳақнавоз бармеояд. Нависандаи рӯҳшинос Фёдор Достоевский барҳақ нигоштааст: «Агар мехоҳед ба як нафар баҳо диҳед, аз дилу нияташ бохабар шавед, ба чӣ тарз сукут варзидан, чӣ гуна ҳарф задан ё гиря кардани ӯ ва ҳатто ба кадом андоза аз ниятҳои нек ба шавқ омаданаш таваҷҷуҳ нанамоед. Беҳтараш ҳангоми хандидан ӯро назора кунед. Агар хандаи зебо дорад, - пас, инсони хуб аст».

Хандаи зебою беғаш дошт Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ! Ҳар куҷое пайдо мешуд, деги хандаю ҳаҷв меҷӯшид. Ҳеҷ гоҳ сохта намехандид. Аз ин ҷост, ки ҳаҷвияҳояш низ самимианд, саршор аз зарофат, танзи нишонрас ва малеҳиятанд. Умуман тӯли ҳамнишинию ҳамкорӣ боре нашунидаам, ки Аҳмадшоҳ касеро ғайбат карда бошад. Агар айби касеро гуфтан хоҳад, ягон рафтори ноҷои ӯро латифамонанд чунон бамаврид меовард, ки сомеъон ҳайрон мемонданд: ҳаҷвнигор ӯро сифат мекунад ё маломат? Чунки ба ҳама хайрхоҳ буд ӯ. Шояд устод Саттор Турсун «ба касбаш ин қадар муносиб» гуфта, ҳамин хислати Аҳмадшоҳро дар назар дошта бошад. Зеро қобилияти айбро дар ҷомаи ҳаҷви малеҳ гуфтан дошт Аҳмадшоҳ ва аз ӯҳдаи ин кор ба хубӣ мебаромад. Дар ҳалқаи ҳамкорон, маҳфилу нишастҳо ва раҳораҳ барои ҳаҷвияҳояш мавзуъ меҷуст ва хушбахтиаш дар он буд, ки ба осонӣ меёфт. Чунки баистеъдод буд ҳаҷвнигори шинохтаи мо. Вай ба ҳаҷвияҳояш собит сохт, ки агар нависанда жарфнигоҳ аст (воқиан, ин муҳимтарин унсури эҷодкорист), метавонад ҳатто дар доираи ҳамкорону ҳамнишинон силсилаҳикояву қисса ва романҳои марғуб нави-

сад. Дар чанд маҷмӯаи ҳикояҳо ва ин китобе ки шумо дар даст доред, Аҳмадшоҳ таҳти унвони «Ҳикояҳои даҳанакӣ» аз сират ва зиндагии ибратомӯзи адибони шинохтаамон Қутбӣ Киром, Саттор Турсун, Гулназар, Саидалӣ Маъмур, Ҳайрат Шанбезода, Ҳоҷӣ Мурод, Гурез Сафар ва дигарон ҳикояҳои ҷолиб мекунад, ки хонанда ҳангоми мутолиаи онҳо ба дунёи рангин, ҳозирҷавобию нуктасанҷӣ ва табъи латифи адибони дӯстдоштаи хеш ошно мегардад ва боз як паҳлуи истеъдоди эшонро кашф мекунад. Бояд зикр кард, Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ ин жанри хурди адабӣ, яъне ҳикояҳои даҳонакиро, ки аз эҷодиёти классиконамон Саъдию Убайди Зоконӣ, Восифию Ҷомӣ об мехӯрад, ба тарзи нав зинда кард.

Азбаски банда ба Аҳмадшоҳ дар як деҳа ба дунё омада ба воя расидаем, дар ҳаҷвияҳои ӯ симои бисёр ҳамдеҳагони хешро мебинам. Нависанда баъзан ба номи аслиашон овардааст онҳоро. Ҳарчанд ин нафарон ба зарофаргӯию табъи латифашон дар деҳа ном баровардаанд, Аҳмадшоҳ ба сеҳри килки хеш ин қариҳаи эшонро дар назари хонанда дучанд афзудааст. Дар баробари ин вай бисёр мақолу зарбулмасал ва калимаҳои хоси минтақаи моро, ки ҳарчанд дар забони классикиамон вомехӯранду ба мурури замон аз истифода баромадаанд, дар ҳикояҳояш ба кор бурда ба онҳо умри дубора бахшид. Бояд зикр намоем, ки забони ҳикояҳои Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ хеле пухтаанд. Азбаски ҳаҷв ихчамӣ мехоҳад, вай мекӯшид дар ҳикояҳояш ба қадри имкон ягон чизи барзиёд набошад. Ва ба ин муваффақ ҳам шудааст.

Дар деҳаи мо Маҳтоб ном пиразане мезист, ки ба номуросокориаш нисбат ба беадолатиҳо вирди забонҳо буд. Як зани мактабнадида, аммо аз таҷрибаи рӯзгор зиёд баҳра бардошта, талхию ширинии ҳаётро чашида, пастию баландии зиндагиро ба сари баланд паймуда буд вай. Аҳмадшоҳ чанд сол қабл силсилаҳикоёте аз лаҳзаҳои умри ин зани озода таълиф намуда, таҳти унвони «Холаи Маҳтоб» дар шакли китобча ба табъ расонд. Аз тарафи хонандагон хуш пазируфта шуд ин китоб, аммо боиси ранҷиши фарзандону наберагони кампир гардид. Рӯзҳое ки ман дар деҳа будам, ҳанӯз оташи ғазаби ворисони холаи Маҳтоб паст нашуда буд. Баъди ба шаҳр баргаштан ба Аҳмадшоҳ аз боиси ранҷиш гаштани китоби наваш гуфтам.

– Аз чӣ ранҷидаанд? – пурсид вай.

– Масалан, ҳамон ҷумлаи «Холаи Маҳтоб набераашро аз

кӯча ҷеғ мезанад: «Акобир, ҳо-о Акобир! Зудтар биё, ки шӯрбои... ҳамсоя пухт!» ба иззати нафси Акобир расидааст, ки ман магар ба шӯрбои ҳамсоя зор будам?!

Аҳмадшоҳ чанд лаҳза ба сукут рафта, гуфт:

– Дарро задам, девор кафид. Садқаи чунин момои хушгил шавад Акобири ҳафтафаҳм...

Сипас тибқи одат (агар аз чизе дилаш мегирифт, ба ягон нақли хандаовар худу дигаронро хушҳол мекард), аз рӯзгори ҳамсояи холаи Маҳтоб – амаки Икром чунин қисса кард: Ҳамсояи камбизоати амаки Икром мехоҳад ду рӯз тӯй дода, дасти писарбачаашро ҳалол бикунад. Вақти маслиҳат ба ӯ мефаҳмонанд, ки хароҷоти зиёд чӣ лозим, беҳтараш се-чор мӯйсафедро сарҷамъ бикуну маъракаро гузарон. Розӣ намешавад. Ақаллан як рӯз ба халқ бояд нон диҳам, мегӯяд мард. Аз ин якравии ҳамсоя амаки Икром шӯрида мегӯяд: Ҳӯй, бача, кӯрпата дида пота дароз кун. Халқ ба нони ту барин камбағал зор нест. Баъд ин ки ту магар СССР ҳастӣ, ки ба халқ нон медиҳӣ...

Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ на танҳо дар навиштани ҳаҷвияҳо, балки ҳикояҳои дигар низ дасти расо дошт. Дар оғози солҳои навад додари нависанда – Адҳамшоҳ ғурамарг шуд. Дар маъракаҳои мотам мардуми деҳа аз «марги додар насӯхтан»-и Аҳмадшоҳ, ки тибқи таомули деҳа бояд тоқию ҷома пӯшида миёнашро мебаст, дар даст асо ба пешвози баҳри таъзияомадагон аз дарду алам овоз меандохт, даҳони ғайбат кушоданд. «Сараш луч, рӯзи дароз дар лабаш сигарет дар кунҷе менишаст», - мегуфтанд ҳамсоягон. Аммо... ба қарибӣ чанд ҳикояи хурди нависандаро ба ёди додари ҷавонмаргаш хонда, ба андеша рафтам: ҳамдеҳагон аз куҷо медонистанд, ки он рӯзҳо чи ғаму андӯҳи бузургеро дар худ фурӯ бурдааст Аҳмадшоҳ.

Ҳоло чанд пора аз он ҳикояҳо.

Боре як одами ношинос ба суроғи ман омада, бастаеро ба дастам доду гуфт: Ин сигаретаҳоро панҷ сол қабл аз ин Адҳамшоҳ ба шумо фиристода буд. Вале ман сари вақт оварда натавонистам, - маҳбус будам...

Тамокукаширо кайҳо партофта бошам ҳам, аз он ду-сето кашидам...

* * *

Баъди вафоти ту падарам хароб шуданд, аз чашмонашон беист об меравад, вақти хоб хуррак намезананд ва – аҷибтар аз

ҳама – аз зоидани гурба шодӣ мекунанд. Ҳол он ки он кас гурбаро чашми дидан надоштанд ва ману ту на як бору ду бор шоҳиди лагадмарги гурбачаҳои навзод будем...

* * *

Боре гуфтам, ки ба марги Адҳамшоҳ даҳ сол шуд.

– Даҳ солу як рӯз, - дарҳол ислоҳ кард модарам...

* * *

Баъди нӯҳ соли вафоти ту чашми занат... Не, торик нашудааст. Баръакс, равшан шуд.

* * *

Баҳори кадом сол якбора се говамонро сел бурд. Бо вуҷуди ин падарам чандон парво накарданд. Фориғболии он кас модарамро дилтанг кард.

– Наход ба говҳоятон дилатон насӯзад? – гуфт ӯ таънаомез.

– Дил бошад, ки сӯзад, - даст афшонданд падарам.

– Дилатон нест? – ҳайрон шуданд ҳозирон.

– Ҳа... - оҳи бадард кашиданд он кас . – Об шуда,аз чашмонам рехта буд. Рӯзи марги Адҳамшоҳ...

Зиёд дидаам, ки Аҳмадшоҳ мекӯшид ҳама андӯҳи хешро ба ханда бикушад. Ман инро бештар тӯли чанд соле ки ба бемории сактаи мағз гирифтор шуда, ранҷ мекашид, эҳсос кардам. Дар бемористон буд, ба аёдаташ рафтем. Вазнин буд аҳволаш, бар замми ин тангдастӣ, камчинии доруворӣ... Бо вуҷуди ин... моро хандондан мехост. Боре чунин нақл кард: Шумо медонед, ки як моҳ қабл аз бемориам дар Қаратоғ чанд нафар силоҳбадаст ҳангоми тафтиши ҳуҷҷатҳо маро, ки дар ному насабам унсури шоҳ ҳаст, бадахшонӣ пиндошта, аз мошин фароварданд ва се рӯз дар таҳхона нигоҳ дошта, қариб буд паронанд. Имрӯз ҳамкорам Ҳайрат Шанбезода ба дидорбинӣ омада буд. Ҳангоми рафтан муғамбирона табассум карда, гуфт: Дидӣ, се рӯз бадахшӣ шуда, ба ин аҳвол афтодӣ. Офарини ман, ки якумр бадахшиам.

Ҳарчанд барояш душвор буд, дарун-дарун хандида, «зӯр» гуфт Аҳмадшоҳ он рӯз ва оҳиста чашмонашро пӯшид.

Воқиан, дар хусуси ҷанги шаҳрвандӣ Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ чанд чизи хуб ҳам навишт:

– Барои чӣ дина ба имтиҳонсупорӣ наомадӣ?

– БТР вайрон шуд.

* * *

Агар силоҳашро истисно кунем, вай ба ҳақиқат хеле монанд буд.

Вақте ки духтурон пас аз ташхис гирифтори бемории қанд шудани ӯро собит сохтанд, баъзан аз бедавоии ин бемории вазнин гап кушода мегуфт: Аз падарам ба бародаронам хонаю дар ва ҳар гуна ашё мерос монд. Ба ман танҳо ҳамин бемории қандашон расид.

Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ ба қавли устоди насри ҷаҳонӣ Эрнест Хемингуэй – «Ҳаёт аслан фоҷиаест, ки оқибаташ қаблан муқаррар шудааст», гуфта буд, - яъне зудгузар будани ин дунёи фониро сари вақт дарк намуда, пайваста дар ҳаҷвияҳояш инсонҳоеро, ки ба чоплусию муғамбирӣ ва дурӯғзанӣ мехоҳанд зиндагиро фиреб диҳанду шиори зисташон – ман мезиям то бихӯрамро амалӣ гардонанд, мазаммат мекард. Вай маънии ҳаётро танҳо дар одамгарӣ медид ва барои талқини ин андешаи муҳим сидқан қалам меронд, заҳмат мекашид. Вижагиҳои эҷодиёти ӯ, мақомаш дар адабиёти муосири тоҷик, хоса ҳаҷвнигорӣ то имрӯз аз ҷониби адабиётшиносону мунаққидон таҳқиқ нашудааст. Мо умед дорем, ки ин кор рӯзе ба анҷом мерасад, зеро навиштаҳои Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳи зиндаёд лоиқи омӯзиш ва таҳқиқ аст.

*Равшан Махсумзод*

# ҲИКОЯҲОИ ДАҲАНАКӢ

## БАҲСИ ИЛМӢ

Шоравон Ҳабибулло Файзулло бо чанде рафиқони худ ба зодгоҳаш меояд. Онҳо рӯзона дар атрофу акнофи деҳа гаштугузор намуда, шабро дар хонаи модари Ҳабибулло мегузаронанд.

Модар ба хотири меҳмонон дастархони пурнозу неъмат меорояд. Ҳатто рафиқони писарам хурсанд шаванд гуфта, мефармояд, ки аз мағоза чор– панҷ шиша арақ оранд.

Хуллас, дере нагузашта базм метафсад... Як поси шаб кайфи меҳмонон баланд шуда, оҳанги гуфторашон тағйир мееёбад. Аснои моҷаро баъзеҳо худро дошта наметавонанд ва аз даҳонашон суханҳои носазою таҳқиромез мебарояд.

Рӯзи дигар модар аз Ҳабибулло мепурсад: шаб ба меҳмонон чӣ шуд, ки ниҳоят бесаранҷом буданд, ба ҳамдигар навбат надода, беибо ва баланд– баланд гап мезаданд.

– Эътибор надиҳед, – мегӯяд Ҳабибулло. – Онҳо ҳама олиманд ва шаб андак баҳси илмӣ карданд.

– Баҳси илмӣ?– ҳайрон мешавад модар. Вай чӣ хел илм аст, ки дар борааш бо дашному ҳақорат баҳс мекунанд?!.

01. 05. 1995.

## НАМЕДОНАМ

Соли 1992. Аввали шаб. Ҳаракати нақлиёт кайҳо қатъ гардидааст. Шоирон Саидалӣ Маъмур ва Гулназар Келдӣ сархушона қадам зада, аз ҷашни мавлуди кадом як ҳамқалами худ меоянд.

Дар маҳаллаи Қарияи Боло воқиаи хилофи чашмдоште рӯй медиҳад. Дар кӯчаи холию беодам ногаҳон як

гурӯҳ ҷавонон пайдо мешаванд ва Гулназарро миёнагир карда, бо як овоз талаб менамоянд, ки нимтанаи чарминашро аз тан кашад.

Гулназар ҳайрон мешавад: чаро онҳо ӯро ба ҳалқаи худ гирифтанд? Барои чӣ нимтанаашро кашад? Оё чунин рафтори ношоям ба шаъни ҷавонони имрӯза мезебад?..

– Зудтар бош! –аз таъхири Гулназар ба ғазаб меояд сардори гурӯҳ. – Агар не, худамон мекашем…

Ин дам Саидалӣ ҳушёр шуда, саросема худро даруни ҳалқа мегирад ва дар гӯши сардори гурӯҳ чизе мегӯяд. Сардор як қад парида, дасту по мехӯрад ва бо овози ларзон ба ҳамроҳонаш амри фирор медиҳад. Ҳамин тариқ, ҷавонони нохост дар кӯча пайдошуда нохост ба кучҷое ғайб мезананду шоирон ба роҳи худ мераванд…

Вақте ба хона расиданд, Гулназар аз Саидалӣ мепурсад:

– Дар воқеъ, ту чӣ гуфтӣ, ки онҳо ин қадар тарсида ба чор тараф гурехтанд?

Саидалӣ, ки акнун тамоман ҳушёр шуда буд, кифт барҳам кашид.

– Ба худо, дар ёдам нест. Чун дидам, ки онҳо туро миёнагир карданд, аз ғояти тарс хуши ман рафт ва намедонам чӣ гуфтам…

22. 02. 1995.

## АЗ АҶИБТАР ҲАМ АҶИБТАР

Ҳоҷӣ Мурод бедимоғ буд, хаставу парешон менамуд, бо касе майли суҳбат надошт. Аз нуқтаи номаълуми фазои ҳуҷра чашм наканда, хомӯш менишаст. Ҳар замон оҳҳои бадард кашида, пай дар пай сигарета дармегиронд. Аз ростӣ, он рӯз то танаффус ақаллан боре ҳам гиреҳи пешонаи ӯ кушода шуд ё лабҳояш ба табассум моил гардиданд– дар хотир надорем.

Вале баъд…

Ҳоҷӣ Мурод бо рӯҳи болида аз танаффус баргашт, хур-

санду хушҳол буд, ҳазлу шӯхӣ менамуд. Латифаҳои намакин гуфта, худаш аз ҳама баланд механдид. Гузашта аз ин, хоҳиши тамокукашҳоро рад намекард. Ҳатто як қуттӣ «Полёт»– ро бо гӯгирд болои миз монда буд ва аз беномусиву беинсофии феқакашҳои ғоратгар ба танг намеомад.

Ҳамаи ин, албатта, ҳайратовар буд. Бо вуҷуди ин, мо аз ӯ чизе намепурсидем, душвор бошад ҳам, дандон ба дандон монда, тоқат мекардем. Аммо сонитар, вақте Ҳоҷӣ Мурод ба чанд кас чои қоқ доду дафъатан аз онҳо хоҳиш намуд, ки агар боз чой лозим шавад, бе андешаву истиҳола ба наздаш оянд, тоқати мо тоқ гардида, бидуни ихтиёр изҳори тааҷҷуб намудем.

Ҳоҷӣ Мурод ба суханҳои мо бодиққат гӯш дод.

– Мушоҳидаатон беасос нест, – гуфт ӯ. – Дар ҳақиқат, табъам болида асту нашъаи хушҳолӣ мебарам. Ин ҳолат ба ман дар ошхона даст дод, баъди дидани воқиае... Воқиан, шумо сигаретаву чои қоқ мегӯеду аз чизи дигар бехабаред. Ман тасмим гирифтаам, ки аз музди корам низ як миқдор ба гадоён садақа намоям...

Аз ғояти ҳайронӣ маҷоли миҷазанӣ надоштем мо.

– Дар ошхона ягон воқиаи аҷиб рӯй дод?

– Ҳо, – лаб ширин кард Ҳоҷӣ Мурод. – Шояд он воқиа аз аҷиб ҳам аҷибтар бошад. Яъне Раҷаб Мардон таоми дуюмро бо ҷумча неву бо панчшоха (вилка) хӯрд...

14– 15. 05. 1995.

## ЧАНДОН МАРД НЕСТЕМ

Арафаи иди занон– 8 март Ҳайрат гуфт:

– Фаҳмидӣ, ба занҳо даҳҳазорсӯмӣ идона медодаанд.

– Наход?– бовари ман наомад. Зеро медонистам: дар он шабу рӯз нашриёт ба чунин «ҳиммат» қодир набуд.

– Ҳа... Инро аз манбаи боэътимод фаҳмидам.

Чашмони Ҳайрат барқ мезаданду аз умқи онҳо осори хушҳолӣ намоён буд.

– Аз манбаи боэътимод?. . Фақат ба занҳо медодаанд ё…

Ҳайрат табассум кард.

– Не, ба мардони занмиҷоз ҳам медодаанд.

Ман бо тааҷҷуб ба ӯ нигаристам.

– Ин тавр бошад, барои чӣ бепарво нишастаӣ? О рав, ба рӯйхати занон номи ҳардуямонро навис. Чунки мо ҳам чандон мард нестем. Яъне ту пири фартут, ман– бемор…

Ҳайрат ба аломати таҳсин калла ҷунбонд.

– Пешниҳоди оличаноб, лекин… бе иҷозати Саидалӣ намешавад. Вай мудир, яъне касе, ки дар мавридҳои зарурӣ метавонад ба мардони комил набудани мо– муҳаррирони шуъбааш кафолат диҳад.

Ин гап ҷон дошт, бедиранг аз ҷой хестем.

Саидалӣ Маъмур арзи моро шунида, каме пешона молиду гуфт, ки… имрӯзҳо масъалаи пул дар воқеъ ҳам бисёр ҷиддист ва зуд рафта, дар рӯйхат шомил шавем.

Мо пас гаштем.

– Истед, – паси сар хорид Саидалӣ. – Марди бепул оё мард аст?! Номи маро ҳам ба рӯйхат нависед…

18– 19. 05. 1995.

## ДӮҒ ЗАД

Ҳайрат Шанбезода сархаму бедимоғ аз дар даромад. Имрӯз ҳам ба мағоза нон наовардаанд.

– Одам ду– се рӯз нон нахӯрад, албатта, хароб мешавад, – гуфт ӯ. Баъд якбора хушҳол гардида, ба навбат дасти ҳар кадоми Моро фишорид. – Муборак шавад! Муборак шавад!. .

Аз кори ӯ ҳайрон шуда, пурсидем: ин табрикот ба чӣ муносибат аст?

– Имрӯз маош мегиред.

– Маош?!– боварамон наомада, , гӯшамонро най кардем.

– Ҳа, – манаҳашро хорид ҳайрат. – ҳозир дар берун Маҳтобро дидам.

Баробарои шунидани номи кассир ба рӯи мо хун давид.

– Чӣ, вай гуфт, ки маош медиҳанд?

– Не, дар бораи маош чизе нагуфт, – айнакашро ба чашм монд Ҳайрат. – Лекин маро нигоҳ дошта, хеле дӯғ зад…

10. 05. 1995.

## АБАРҚУДРАТ

Дар як суҳбат Арбоб Вадуд аз чанд шоиру нависанда ёд карда, дар ҳаққи онҳо носазо гуфт.

– Шайтонро ҳай зан, уко хоҳиш намудем аз ӯ. – Аввалан, ин нафарон суханварони бад нестанд. Сониян, онҳо ба ту ҳамдиёранд ва одам бояд ҳамдиёри худро ҳурмат намояд.

Арбоб Вадуд гарданаки борикашро ғоз намуд.

– Кӣ гуфт, ки онҳо ба ман ҳамдиёранд? Зодгоҳи банда– ноҳияи Ғарм?

– Чӣ хел… Ғарм? Ту магар дар Панҷакент таваллуд нашудаӣ?

– Не, – бо қираи чашм ба Ҳоҷӣ Мурод нигарист ӯ. – Ман ғармӣ ҳастам. Фаҳмидед:ғармӣ!. .

Парвардаи обу хоки ин минтақа Ҳоҷӣ Мурод, ки дар гӯшае нишаста буд, аз изҳороти хилофи чашмдошти ҳамкори навамон як қад парида сар бардошт. Вале аз чӣ бошад, чизе нагуфта, боз ба таҳриру тасҳеҳ машғул шуд…

Баъди чанд сол Арбоб Вадуд китоби нахустини ашъорашро ба чоп ҳозир кард. Онро варақ зада, ҳайрон шудем. Ӯ дар мухтасари тарчумаи ҳоли худ зодгоҳашро ноҳияи Панҷакент навишта буд.

Аз Арбоб Вадуд пурсидем: оё ин ҷо ғалат нест?

– Не, – гуфт ӯ, – ман дар деҳаи Мазори Шарифи ноҳияи Панҷакент ба дуне омадаам.

– Пас, чаро он вақт… Ё ҳазл кардӣ?

Арбоб хандид.

– Не, чандон ҳазл ҳам набуд. Ман қасдан худро ғармӣ гирифтам, ки диққати Ҳоҷӣ Муродро ба худ ҷалб намоям. Зеро он вақтҳо ӯ мутахасиси зӯртарин, ба ибораи дигар, яке аз сутунҳои нашриёт метофт дар назарам ва бисёр мехостам, ки маро ба паноҳи худ гирад.

– Аҷиб…Хайр, чаро маҳз Ҳоҷӣ Мурод? Охир, дар нашриёт зодаи ноҳияҳои дигар ҳам кор мекарданд ва шояд баъзеи онҳо аз вай донотар буданд.

– Албатта, – гуфт Арбобь андешамандона. – Сонитар худам низ ба ин бовар кардам, лекин он вақт…Бовар кунед, он вақт ба гирду пеш назар меандохтаму дафъатан имон меовардам, ки касе чун Ҳоҷӣ Мурод абарқудрат нест.

– Барои чӣ охир?

– Барои он, ки дар ҳама ҷо… овози ӯ баланд буд.

21– 22. 05. 1995

## АҲАМИЯТИ ТАРБИЯВӢ

Аз Файзобод картошка оварданд. Н. эълом дошт, дар нашриёт аз вай одилтар касе нест ва ба тақсими он камар баст. Вале дере нагузашта, маълум гардид, ки… адолат хеле «назарбаланд» аст ва ба ҳар кас дасту доман намедиҳад. Мардум аз беадолатиҳои Н. ба танг омада, ғавғо бардоштанд ва ӯ маҷбур шуд осемасар аз тақсими картошка даст кашад.

Рӯзи дигар Н. дертар ба идора омад. Дили ӯ хиҷил буду таъбаш хира. Кам гап мезад, пай дар пай сигарета мекашид. Аз ҳама ҳайратовар ин буд, ки… як тарафи рӯи вай чанд доғи сиёҳ дошту чашми чапаш аз таги дока тамоман ба назар наменамуд.

– Чӣ шуд? – ба рӯяш ишора намудем. – – Бо ягон кас ҷанг кардӣ?

– Ҳа, бо ду– се муштзӯр, – хандаи дардолуде кард Н. – Онҳо қариб чашмамро меканданд.

Арбоб Вадуд гулӯ афшонд.

– Медонӣ– чӣ, ин кори онҳо хуб нест, вале аҳамияти тарбиявӣ дорад. Яъне хостаанд, ки минбаъд ҳамаро ба як чашм бинӣ…

04. 05. 1995.

## ҚАҲРАМОН

– Ба идораи ақди никоҳ рафта будам. Аз ҳамон ҷо меоям.

– Идораи ақди никоҳ?– аз чӣ бошад, якбора сар бардошта хавотиромез ба меҳмон нигарист Раҷаб Мардон. – Магар…

– Ҳа, ҷудо шудем. Бо зани панҷум ҳам соз гирифтан дар тақдирам набудааст.

Меҳмон хандаи ночаспоне карда, чои хунуки пиёларо дам кашид ва аз… дили худ шикоят намуд. Маълум гардид, ки дили «бетамиз»– и ӯ аллакай бо хаёли нозанине хӯ гирифтаасту шавқи дидори вайро дорад. Сипас чолокона аз ҷой хест, ба ҳавои суруде, ки аз карнаи радио таниниандоз буд, лаҳзае дасту по ҷунбонда, бидуни он ки бо касе хайрухуш кунад, аз дар баромад.

Дар сандуқи синаи меҳмон чанд нишони ҷашнӣ насб буд, ки яке аз онҳо ранги сурх дошт ва ситораи қаҳрамониро мемонд. Шояд аз ин сабаб, кадоме аз ҳозирин пурсид: оё меҳмон қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанист.

– Ҳа, гуфт Раҷаб Мардон. – Вай ҳам қаҳрамон аст. Фақат қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ неву қаҳрамони ҷанги бузурги баданӣ…

24. 05. 1995

## НАМЕФАҲМӢ

А. А. гуфт, ки ба як чиз ҳайрон аст. Меҳрӣ (муҳаррири

саҳифабанд) беибо гап мезанад, суханҳои дағалу дурушт мегӯяд, ҳатто баъзан аз таҳқиру дашном забон нигоҳ намедорад. Аҷаб не, каси дигар аз неши забон ва суханҳои заҳрогину сермурчу қаланфури вай пӯст партояд, вале ӯ… таъсире намегирад, хапу хамӯш гӯш меандозад ва ҳикояти дилангезе шунидагӣ барин қаноатмандона табассум мекунад.

– Барои чӣ ин тавр– а? – ба Ҳайрат, ки дулунҷа нони қоқ мехоид, рӯй овард А. А., – шояд вай касро чоду кунад?

– Не, Меҳрӣ ҷодугар нест, – луқмаи нон дар гулӯяш монда, ҳадаҳа пиёлаи чойро ба даҳон бурд Ҳайрат. – Ин аз он сабаб аст, ки ту гапро намефаҳмӣ.

А. А. ранҷид.

– Гапро намефаҳмам? Ман– а!

Ҳайрат ба ҳолати ӯ эътибор надод.

– Ҳа, ту… се рӯз аст мегӯям, ки ман бепулам, маро ба ягон ошхона бар, вале ту… намефаҳмӣ!. .

27– 29. 05. 1995.

## МАСХАРАБОЗ

Падари Ато Ҳамдам қазо кард. Як гурӯҳ адибон барои ширкат дар маросими дафни қиблагоҳи ҳамқалами худ ба деҳаи Тошбулоқи ноҳияи Ҳисор рафтанд. Ҳангоми бозгашт яке аз онҳо мегӯяд:ҳоло вақти тутпаз аст ва бояд аз тут сер шуд. Кӣ медонад боз кай гузорамон ба ин тарафҳо меафтад…

Аз ин гап даҳони дигарон низ об мекушояду бо ҳавас ба ҳавлиҳои тутдор менигаранд.

Иноят Насриддин ба ронанда мегӯяд:

– Дар назди ҳӯ он дарвоза мошинро доред. Ба фикрам, ки мардум то тут нахӯранд, ба шаҳр намераванд.

Ронанда шитобкорона суръати мошинро паст мекунад. Дарвозаи ҳавлӣ нимроғ буд. Иноятуллоҳ ба он сар халонда, овоз дод:

– Қиёмиддин! Ҳо Қиёмиддин! Баро, мо тутхӯрӣ ома-

дем!. .

Дере нагузашта, соҳиби хона аз дарвоза берун омада, меҳмононро ба ҳавлӣ дароварду як табақ тутро дар пешашон монд…

– Акаи Иноят, ин мард киву чикора аст? – пурсид яке аз ҳамроҳон, баъди он ки аз тут сер шуда, озими шаҳр гардиданд.

– Соҳиби хонаро мегӯӣ? Вай муаллим, аз ҷӯраҳои қадрдони ман. – Иноят каме сукут варзида, сипас нохост ба пурсанда рӯй овард. – Чӣ буд? Ба ягон кас монанд кардӣ?

Пурсанда:

– Ҳа, ба масхарабоз. Вай оғӯш кушода, хушҳолу хандон ба истиқболатон баромад, вале чун дид, ки танҳо нестед, якбора димоғаш сӯхта, ба шумо дастакӣ вохӯрӣ намуд…

03. 06. 1995.

## ДАРОЗ ВА КӮТОҲ

Устод Мирсаид Миршакар ба Файзулло Ёдгор таваҷҷӯҳи хосса дошт. Хулқу хӯяшро меписандид, соатҳо бо вай дар кӯчаву хиёбонҳо қадам зада, дар мавзӯъҳои мухталиф суҳбат мекард.

Онҳоро бо ҳам дида, ба шавқ наомадан мумкин набуд. Миршакари чорпаҳлую қоматбаланд ҳамеша хам шуда, чизеро мепурсид. Файзуллои лӯндаю пахшак гарданашро ёзондаву аз поин ба боло нигоҳ карда ҷавоб медод. Ва ин манзара дар воқеъ ҳам бисёр ҷолиб буду аз тамошояш кас сер намешуд.

1

Боре устод Миршакар Файзулло Ёдгорро (он вақт вай дар маҷаллаи «Хорпуштак» кор мекардааст) дар ташвишу тараддуд дида сабаб мепурсад.

– Фавран як сурати хандаовари ҳаҷвӣ ёфтан лозим, – мегӯяд ӯ. – Агар не, котиби масъул девона мешавад.

– Барои чӣ?

– Барои он, ки суратгир сурати ваъдагиро наоварда-аст ва ӯ бе сурат наметавонад шумораи навбатиро ба чоп супорад.

Устод Миршакар андешамандона пешона мемолад.

– Ин тавр бошад, зуд ягон суратгира ёб. Моро паҳлу ба паҳлу сурат афтонад, акси хандаовартарин ҳосил ме-шавад…

2

Файзулло Ёдгор аз ашъори тозаи худ як намуна ба чоп медиҳад. Ҳангоми кашидани тарҳи шумора, котиби масъул шеърро мегардонад.

– Бисёр дароз асту дар саҳифа намеғунҷад. Кӯтоҳ ку-нед.

– Не, – розӣ намешавад Файзулло Ёдгор. – Кӯтоҳ ку-нам, ҷавҳарии сухан мекоҳад.

Якравии ӯ ба котиби масъул намефорад.

– Шумо чопи шеъратонро мехоҳед ё не?– бо қаҳр ме-пурсад.

Файзулло низ паст намеояд.

– Мехоҳам, вале кӯтоҳ намекунам!. .

Хуллас, баҳси онҳо тӯл мекашад ва аз Мирсаид Миршакар– узви ҳайати таҳририяи маҷалла– хоҳиш ме-намоянд: дар ҳалли ин муаммо ёрӣ расонад.

Устод Миршакар, баъди бодиққат мутолиа кардани шеър мегӯяд:

– Файзулло шеърат хуб аст ва аз андак ихтисор бад нахоҳад шуд он. – Сипас лабонаш аз табассум ширин ме-шаванд. – Лекин аз ман як насиҳат. Минбаъд қомати маро неву қадами худата пеши назар оварда, шеър навис…

3– 4. 06. 1995.

## ОЁ САГ НАГАЗИД?

Як бегоҳ рӯзноманигор Н. ба хона омада, бесабаб

мағал мебардорад. Завҷааш мебинад, ки сархуш аст, ба гапҳояш чандон эътибор намедиҳад. Вале сонитар, вақте Н. ба ҷасту хез даромада, вайро чанд мушт мезанад, тоқати зан тоқ шуда, ҳарду дасти шавҳарашро медорад. Н. бисёр мекӯшад аз дасти вай халос хӯрад. Азбаски ин кор муяссараш намешавад, аламӣ ноилоҷӣ мекашад ва сари қаҳр аз китфи занаш… мегазад.

Ҳамон шаб чанде аз рафиқони Н. ба меҳмонӣ меоянд.

– Чӣ тавр қади пасти ту ба китфи баланди янга расид? –Воқиаи рӯйдодаро шунида, аз таҳти дил механданд рафиқон. – Ё ба таги поят хишт мондӣ?. .

Рӯзи дигар Н. бармаҳал ба идора (Кумитаи радио) омада, акнун сари кор мешинад, ки нохост телефони байнишаҳрӣ занг мезанад. Н. як қад парида гӯшакро мебардораду оҳи сабук мекашад. Мазмун, бахайр будааст, Адҳамшоҳ ном як шарикдарсаш аз шаҳри Тирмиз телефон мекард, ки аз вай ҳол пурсад.

Адҳамшоҳ баъди пурсупос донистан мехоҳад: вай аз ҳоли рафиқони дигарашон хабар дорад ё не.

– Дорам, мегӯяд Н. –Дирӯз Тоҳиру Равшан дар хонаи мо буданд ва то ду шиша арақи маро нахӯрданд, ба хонаашон нарафтанд.

– У беинсофҳо– е!.. Онҳо фикр намекунанд, ки ҳоло нархи як шиша арақ… Хайр, илоҳи заҳри танашон шавад ҳамон арақ, – гулӯ меафшонад Адҳамшоҳ. Баъд аз чӣ бошад, мепурсад, ки аҳволи янга чӣ тур?

– Дуруст, – ба чизе сарфаҳм намеравад Н. – асп барин гаштааст.

– Бо вуҷуди ин, хотиратро ҷамъ накун. Ба беморхона бар, ба духтурҳо нишон деҳ. Ба фикрам, вай чил сӯзандору гирад.

– Сӯзандору? – бо тааҷҷуби бештар мепурсад Н.

– Ҳа, – оҳи «вазнин» мекашад Адҳамшоҳ. – Аз нофаш…

Сабри Н. – ро сар мераваду овозашро як парда баланд мекунад.

– Ту чиҳо мегӯӣ, бешарм! Барои чӣ ман зани тандурустамро ба беморхона мебурдааму ба вай сӯзандору

мегузарондаам?!.

Адҳамшоҳ аз ханда базӯр худдорӣ менамояд.

– Чӣ хел… тандуруст? Оё дирӯз аз китфи вай саги девона нагазид?. .

10. 06. 1995.

## ОН АБЛАҲ КИСТ?

Дар ҷамъомади навбатии Иттифоқи касаба қарор доданд, ки аз ноҳияи Ғарм як мошин картошка оварда шавад ва ба ин кор мудири шуъбаи нашриёт Муҳтарам Ҳотамро вобаста карданд.

Рӯзи дигар Муҳтарам ба Ғарм рафт ва баъди як ҳафта аз он ҷо баогашт. Бо мошини ЗИЛ– е, ки бордонаш пур аз картошка буд.

Картошкаро зуд ба халтаҳо андохта, аз мошин фароварданд ва баркашиданд. Худи Муҳтарам дар сари тарозу назорат мекард, ки мардум бори халтаҳояшонро баркашида, пули картошкаро диҳанд.

Бо вуҷуди ин, қалбдастҳо кори худро карданд. Онҳо чашми Муҳтарамро фиреб дода, чанд халта картошкаро дар тарозу барнакашида, як тараф гузоштанд. Ин буд, ки вақти ҳисобу китоби ниҳоӣ хуш аз сари Муҳтарам парид. Охир, кам не, расо дусад кило картошка намерасид! Вале ронандаи мошин ва намояндаи хоҷагии ёрирасонро маътал нанамуд Муҳтарам. Яъне аз кисаи худ пули картошкаҳои ба яғмо рафтаро пардохт.

– Бисёр ғам нахӯр, – гуфтанд ба ӯ дӯстон. – ҳозир як рӯйхат тартиб медиҳему аз ҳар кас дусӯмӣ ҷамъ карда, ба ту медиҳем. Об ба лаби ҷӯй баробар мешавад.

Муҳтарам оҳи чуқур кашид.

– Ташаккур ба шумо, лекин… Аслан, гап дар пул не. Чизи дигар аламовар аст. Охир, мо ҳамкорем, узви як коллектив, ба ҳамдигар бародару хоҳарем. Ғайр аз ин, ҳама аҳли қалам ҳастем, ба эҷодиёти худ зидди унсурҳои бегонаи ҷамъият– муфтхӯрону қалбдастҳо мубориза мебарем. Чунин пастӣ магар ба шаъни мо мезебад?!

Дар чунин гуфтугӯ буданд, ки Ҳайрат Шанбезода ба ҳуҷраи кор ворид шуд.

– Медонӣ– чӣ?– ба Муҳтарам рӯ овард ӯ. – Яке аз дуздҳоро ман бо чашми худ дидам. Лекин…ҳозир номашро намегӯям. Чунки вай шоири хуб аст, обрӯю эътибори баланд дорад. Намехоҳам номаш ба дуздӣ барояду шарманда шавад.

Муҳтарам андешамандона лаб газид.

– Ҳозир намегуфтаӣ. Хайр, кай мегӯӣ номашро?

– Баъди ду– се сол, – хушҳолона калла ҷунбонд Ҳайрат. – Дар ин муддат алами ту аз дил меравbooду нисбат ба вай кина намепарварӣ…

Аз байн чанд сол гузашт. Боре суҳбат ба мавзӯи картошка оид шуду Муҳтарам ваъдаашро ба Ҳайрат хотиррасон намуд.

– Ё кайҳо фаромӯш кардаӣ?– пурсид ӯ.

– Не, – гуфт Ҳайрат. – Ман қавл дода будам, ки яке аз картошкадуздҳоро ба ту ошкор созам.

Ғолибан, осори алами он воқиа ҳоло ҳам дар дили Муҳтарам будааст, ки чашмонаш якбора барқ заданд ва бесаброна гуфт:

– Хайр, кӣ будааст он аблаҳ?

Ҳайрат Шанбезода гунаҳкорона паси сар хорид.

– Ман…

12. 06. 1995.

## КИТОБИ НАВ НАВИШТААСТ

А. А. ба ҳуҷраи кори мо даромада, курсии холиро назди мизи Ҳайрат (мудири шуъба) кашиду чизеро ба ӯ нақл кард, Баъди ба ҳуҷраи худ рафтани вай Ҳайрат гуфт:

– Ба назарам, А. А. китоби нав навиштааст.

– Аз куҷо фаҳмидӣ?– ҳайрон шудем мо. – Охир, вай аз хусуси китоб чизе нагуфт– ку?

– Дуруст, вале… инро пай бурдан ҳеҷ душворӣ надошт.

– Чӣ тавр?

– Суханҳояш парешону нофаҳмо буданд…

13. 06. 1995.

## ҲИФЗИ ВАТАН – ҚАРЗИ ФАРЗАНДОН

Боре чанде аз ҳамқаламон Ҳалимшоҳро ба миёна гирифта, мегӯянд:

– Гӯш кун, дар рӯзномаҳои имрӯза навиштаанд, давлатҳои ҳамсоя аз сиёсати мо норозӣ будаанд. Болокори ин, кадом як изҳороти беандешонаи вазири хориҷиамон боиси хашми онҳо гардидааст. Худо накарда, оташи ҷанг аланга занад, вой бар ҳоли писарҳои ту. Онҳо бояд ба ҳимояи Ватан бархезанд, сина сипар кунанд.

Салимшоҳи зирак (Он вақт ӯ се писар доштааст) зуд аз мақсади духтардорҳо пай бурда, фавран (табиист, ки бо ифтихор!) мегӯяд:

– Ҳифзи Ватан– қарзи фарзандист. Албатта, дар чунин маврид пеш аз ҳама писарҳои ман– шоири ватанпарвар ба ҳимояи марзу буми диёрашон мехезанд ва агар лозимояд, ҷони азизи худ барои Ватан фидо месозанд. Лекин…худо накарда, Ватан ба дасти душман гузарад, вой бар ҳоли духтарҳои шумо…

22. 06. 1995.

## НОМАШРО ЧӢ МОНДЕД?

Китоби нави Шодӣ Ҳаниф «Уқоби захмин», ки порсол ба чоп имзо карда будем, бо сабабҳои маълум дар семоҳаи дуюми соли равон аз чоп баромада, ба дасти хонандагон расид. Нависанда аз нашри китоби худ боғоят хурсанд буд, – гаштаву баргашта ба мо– ноширон изҳори сипос менамуд.

– Бовар кунед, – мегуфт ӯ, – баробари дидани китоб чашмам нур гирифта, равшан шуд.

Ҳайрат Шанбезода айёрона табассум кард.

– Чӣ гуфтед? Чашматон…

– Ҳа, – бехабар аз нияти «бад»– ӯ даст ба айнак бурда, соддаҳолона иқрор гардид адиб. – Ин дурӯғ нест. Дар воқеъ ҳам, китобро дида, чашмҳои хираам якбора равшан шуданд.

Ҳайрат шояд аз шиддати ханда гулӯ афшонд.

– Чашматон равшан шуда бошад, номашро чӣ мондед?.

23. 06. 1995.

## МАН НАХОНДААМ

Ҳоҷӣ Мурод шумораи тозаи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»– ро аз назар гузаронда, гуфт:

– Ҳикояи Равшан чоп шудааст. Онро бояд хонд.

Дар ҳақиқат, дар бахши насри ҳафтанома ҳикояи ҳаҷман калони адиби ҷавон Равшани Ёрмуҳаммад ба табъ расида буд. Акнун ба мутолиаи он шурӯъ карда будам, ки Ҳайрат Шанбезода ба суроғи ҳафтанома омад ва «ҳозир меорам» гӯён, онро аз дастам гирифту дигар барнагардонд.

Рӯзи дигар бо Ҳоҷӣ Мурод ба ошхона мерафтам, ки Равшан аз пешамон баромад. Ӯро ба нашри асараш табрик кардем.

Равшан, албатта, хурсанд шуд ва донистан хост: навиштааш ба мо писанд омадааст ё не.

– Ҳикояи хуб аст, – гуфт Ҳоҷӣ, – вале забонаш намешавад. Калимаҳои туркиро фаровон ба кор бурдаӣ. Аз ин сабаб, ҳусни забон костааст.

Равшан дам назад, вале… баъди пешин ба нашриёт телефон карда, аз Ҳоҷӣ Мурод пурсон шуд. Гуфтем, ки чанд дақиқа қабл аз ин ногаҳон тоби Ҳоҷӣ гурехту ба хонааш рафт. Чӣ, ба вай ягон кори зарур доштӣ?

Рапвшан лаҳзае сукут кард.

– Не, фақат…Бовар кун, ба идора омада пай дар пай чанд бор хондам ҳикояамро. Вале ба ягон калимаи туркӣ дучор наомадам. Донистан мехостам, барои чӣ Ҳоҷӣ ин тавр гуфт…

Вақте Ҳоҷӣ Мурод ба кор баромад, ба ӯ гуфтем, ки Равшани Ёрмуҳаммад занг зада буд:вай ҳикояашро якчанд бор бодиққат хондааст, вале аз калимаҳои туркӣ осоре наёфтааст.

Ҳоҷӣ Мурод аз гапи мо ҳайрон шуд.

– Наёфта бошад, ба ман– чӣ?

– Охир… магар ту ба Равшан нагуфта будӣ, ки калимаҳои туркиро фаровон истифода кардаӣ, аз ин сабаб, забони ҳикояат…

– Гуфта будам, – гапашро ба хотир оварда хандид Ҳоҷӣ Мурод, – лекин…Аз ростӣ, ман ҳанӯз хикояи вайро нахондаам…

24. 06. 1995.

## ОДАМШИНОС НЕСТЕД

Боре Арбоб Вадуд ба Қутбӣ Кином гуфт, ки шумо инсони хуб ҳастед, истеъдоди беназири сухангустарӣ доред, нозукадо, ширинкалом ва соҳибзавқед. Хуллас, маҳбуби пиру ҷавон ва хосу ом ҳастед. Вале бояд иқрор шуд: як камбудии ҷиддӣ доред, онро нагуфтан ва аз он чашм пӯшидан намешавад. Шумо… одамшинос нестед!

Димоғи устод Қутбӣ сӯхт ва пиёлаи дасташро болои миз монда, бо қаҳр ба Арбоб нигарист.

– Одамшинос нестам? Ман– а!. .

Аз авзои оштинопазири устод Арбобро ҳуш аз сар париду дар ислоҳи хатои худ диранг кард.

– Ҳо, – хандид. – Агар шумо одамшинос бошед, бо ман арақ мехӯред?. .

21. 07. 1995.

## ХАР ВА АСП

Ҳайрат Шанбезода аз кадом як рафтори Раҷаб Мардон малол гардида, дар ҳузури чанде аз ҳамкорон вайро «хар» мегӯяд. Баъди ду– се рӯз дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» мақолаи калони Раҷаб Мардон ба

табъ мерасад, ки «Достони асп» ном дошту ба мавзӯи доғи рӯз– муаммои асп ва аспparварӣ дар ҷумҳурӣ бахшида шуда буд.

Ҳайрат Шанбезода мақолаи мазкурро хонда, ба шавқ меояд ва бо ҳаяҷони бологир мегӯяд:

– Мақолаи хуб. Зуд Раҷаб Мардонро ёфта, табрик кардан лозим.

– Барои чӣ?– маънодор ба ҳамдигар менигаранд ҳамқаламон. – О чанд рӯз қабл шумо вайро хар гуфтеду имрӯз ба табрикаш… Ё аллакай фикратон дигар шуд, яъне Маҳмадраҷаб хар…

Ҳайрат башаст калла меҷунбонад.

– Не, фикри ман дигар нашудаасту намешавад: вай хар аст! Лекин бояд табрик намуд, мақолааш дар воқеъ ҳам хеле нағз аст. Охир, худатон як мулоҳиза кунед: Кадом хар дар бораи асп ин хел чизи хуб навиштааст?!.

22. 07. 1995.

## ШАРМ МЕДОРАМ

А. А. аз танаффус баргашта, боз мағал бардошт. Аҳли ҳуҷра аз овоз ва нағмаҳои вай дилгир шуда, интизори фурсати мувофиқ буданд. Бинобар ин, чун дирӯзу парерӯз ба даҳон об гирифта нанишастанду ин дафъа баробараш дод заданд. Ва эҳтимол аз ин оташи аламашон паст нашуд, ки мизи корашро низ беруни дар монда, қотеъона гуфтанд: дигар остонаи ҳуҷраашонро накӯбад. Ҳамин тавр, мизи А. А. ҷой иваз кард, яъне дар ҳуҷраи кори Одина Мирак ва Раҷаб Мардон пайдо шуд.

Феълу атвори А. А. ба Одинааҳмаду Раҷаб Мардон маълум буд. Онҳо, албатта, пеши вайро гирифанд. Вале баъзеҳо ба миёна даромада, гуфтанд: А. А. ваъдаи қатъӣ додаст ва ҳатман ислоҳ мешавад– минбаъд нағма намекунад, ба ассаби кассе намерасад ва аз ҳама муҳимаш, дигар баҳудаву беҳуда ҷоғ нахоҳад зад ва агар сарашро буранд ҳам, овоз нахоҳад баровард.

Одинааҳмаду Маҳмадраҷаб хотир диданду гапи пирони нашриётро дар замин нагузоштанд.

Аз миён бештар як моҳ гузашт. А. А. барои чӣ бошад, хомӯш буд, мағал намекард ва ҳамҳамаву дамдамаи доимиашро намешунидем.

Ба ростӣ, ҳайратзада будем. Боварамон намеомад, ки А. А. ислоҳ шуда бошад. Охир, ба вай дуо рафта буд, бе нағмаву дасиса нишаста наметавонист. Магар хӯе, ки бо шир даромадааст, бо ҷон намебарояд?

Боре ҳисси кунҷковӣ боло гирифта, ба ҳуҷраи ҳамсоя сар халондем ва дидем, ки Одинааҳмад... дору мехӯрад. Рангу рӯяш суп– сурх, рагҳои чаккаи сар ва чашми чапаш ҳамвора мепаранд.

– Чӣ шуд? Оё беморӣ?

Одинааҳмад оҳи сард кашид.

– Ҳо, фишори хунам баланд, чашми чапам беист мепарад.

Китф барҳам кашидем. Одинааҳмад ягон вақт аз баландии фишори хунаш шикоят накарда буд.

– Пештар ҳам фишор доштӣ ё ?. .

– Не, – боз оҳ кашид Одина– ба қарибӣ фишорам номуътадил шуд. Саҳеҳтараш, аз рӯзи ба ҳуҷраи мо гузаштани А. А...

Мо огоҳона калла ҷунбондем, яъне бояд ҳамин тавр мешуд. Ва гуфтем:

– Ин хел бепарво нишастан хуб нест, саломатиро бояд эҳтиёт намуд. Ду роҳи дуруст ҳаст: ё А. А. – ро аз ин ҷо меронӣ, ё худат ба ягон ҳуҷраи дигар мегузарӣ.

Одинааҳмад андешамандона паси сар хорид.

– Ба ин ҳам ақли худам мерасад, вале... шарм медорам. Охир, Маҳмадраҷаб тоқат карда шиштааст– ку, чаро ман...

– Фишори хуни вай ҳам баланд аст– чӣ?– хавотир шуда, бесаброна пурсидем мо.

– На фақат фишори хун, балки... Ана худатон бинед...

Мо ба кунҷи дигари ҳуҷра чашм давонда, якбора даст ба гиребон бурдем. Воаҷаб! Раҷаб Мардон дар болои мизи

кор чорзону нишаста буд ва бо нарангушти дарозаш бафурҷа бинӣ кофта, «Таърихи мухтасари КПСС» мехонд…

29. 07. 1995.

## КАДОМ АБЛАҲ?

Наҷмиддин Азизов – котиби масъули рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» аз матбаа занг зада, ба Раҷаб Мардон мегӯяд, ки дар қабулгоҳ оби ҷӯш ҳаст, барои сармуҳаррир (Нур Табаров) чой дам кунад, – котиба ба духтурхона рафтааст маълум нест кай меояд.

Раҷаб Мардон хоҳиши Наҷмиддинро пазируфта, зуд аз ҳуҷраи кор мебарояд.

Сармуҳаррир сармақола менавишт. Сари ӯ хам буду ҳушу ёдаш– ба ҷумлаи нотамом. Ва аз дар даромадани Раҷаб Мардонро пай набурд. Раҷаб ҳам нахост ба вай халал расонад ва хомӯш дароз шуда, оҳиста чойникро аз болои миз бардошт.

Ин дам воқиае рӯй дод, ки баробари бардоштани чойник тақсимча (ғолибан, ба таги чойник часпида будааст) аз он ҷудо шуда, ба фарши ҳуҷра афтид ва садои нохуше бароварда, пора– пора гардид.

Сармуҳаррири аз таги гап бехабар як қад парида, ҳаросон сар бардошт ва Раҷаб Мардонро дар рӯ ба рӯи худ дида, бо қаҳр пурсид:

– Кадом аблаҳ ба ту чой дам кун гуфт?

Раҷаб Мардон дасту по нахӯрда, бо хотири ҷамъу ҷиддияти тамом ҷавоб дод:

– Наҷмиддин Азизов!

30. 07. 1995.

## ДАР КУҶО БУДӢ?

Завчаи Салимшоҳ Ҳалимшоҳ бемор мешаваду ӯ чанд рӯз ба кор намеояд, – беморбонӣ мекунад.

Аз ин ба таки пӯстини нозирони интизом кайк даромада, «Дафтари сиёҳ» – и худро мекушоянд. Ва ҳуш аз сарашон мепарад– номи Ҳалимшоҳ дар чанд ҷой зикр буд. Фавран мераванд назди сардабири рӯзнома.

Қаландаров (Ғоиб Назарович) ба кори муҳиме банд будааст. Бо вуҷуди ин, қаламу коғазро як тараф монда, ба арзи нозирони интизом гӯш медиҳад. Ва… аз худсариву нописандии Ҳалимшоҳ, ки кам не, расо ҳаждаҳ рӯз ба кор наомада буд, якбора димоғаш сӯхта, ба котиба мефармояд, то вайро зуд ба наздаш хонад.

Котиба дарҳол Салимшоҳро чеғ мезанад. Ғоиб Назарович дар ҳузури нозирони интизом, дар ҳолате ки аз шиддати ғазаб чашмонаш барқ мезаданд, мегӯяд:

– Ин ҷо бишину навис!

Салимшоҳ паси миз гузашта, қаламу коғаз мегирад.

– Чор рӯз. Се рӯз. боз чор рӯз. Ду… Панҷ… Навиштӣ?

– Ҳо.

– Ҷамъ кун, чанд рӯз мешавад?

– Салимшоҳ аз мақсади сардабир пай бурда, дасту по мехӯрад.

– Ҳаф… ҳафт рӯз…

Ғоиб Назарович аз ғояти ғазаб мушт ба миз мекӯбад.

– Ҳашт рӯз дар кучо будӣ?!.

30. 07. 1995.

## ТАЗОД

Н. , ки пушти дасташ сахт буду дар ҳиммат аз хасисон ҳам гӯйи сабқат мебурд, аз дари ҳуҷра даромада, дарҳол пурсид: оё писараш наомад.

– Омад, – посух додем мо ва боифтихор гуфтем, ки вай аҷаб инсони дасткушоде будааст, ба таваллоямон намонда, моро ба ошхона бурд, зиёфат дод. Ҳатто барои иштиҳо пеш аз тановули таом садта– садта…

– Арақ?– бетоқат шуда, ба даҳони мо нигарист Н.

– Не, коняк харид!– қаонатмандона оруғ задем мо.

Дуд аз димоғи Н. баромаду хаёлан писарашро маломат намуд. Баъд:

– Беандеша! Ман ба ту гуфтам, ки то омаданам…– гуфт ва нохост ҳаяҷонаш боло гирифта, ба суроғи доруи таскинбахш ба ҳуҷраи занҳо рафт.

Ҳайрат:

– Тазодро бинед: аз чунин падари хасис чунин фарзанди дасткушод рӯидааст!

– Ҳа, каллачаи бемӯяшро хорид устод Қутбӣ. Сипас ба лабханди асроромез ин байти ҳазрати Соиброхонд:

Диҳад самар зи рагу решаи дарахт самар,
Нуҳуфтаҳои падар аз писар шавад пайдо!

23. 08. 1995.

## ПАРТОФТАНД

Дар дунё ҳеҷ кас моҳи беайб нест. Н. инсони хуб ва муҳаррири беҳамтое буд, лекин як қатор одатҳои нобоб ҳам дошт. Яке аз онҳо ин буд, ки ӯ мудом хабаркашиву иғвогарӣ мекард.

Борҳо ба ӯ гуфтем: ин кори хуб нест, накунад. Вале Н. ба гапи мо гӯш намеандохт. Зоҳиран, хабаркашиву иғвогариро як навъ ҳазл мепиндошт ӯ ва бо «шӯхӣ»– ҳои булаҷаби худ қариб ҳар рӯз дили нафареро меранҷонд.

Як дафъа «илҳом»– и ӯ омаду шӯхии бағоят ҷиддие кард. Ва бояд гуфт, ки хеле нохуш анҷомид он. Дар оқибати ин шӯхии ҷиддӣ чанд кас бо ҳамдигар ногап шуд, чанд нафар аз кор рафт ва қариб буд ба оилаи аҳлу тифоқе чашми бад расиду нобасомониву ҷудоӣ ба амал ояд. Хайрият, одамони нек сари вақт ба миёна даромаданд, вагарна… сафи зиндаятимони ҷумҳурӣ боз ду нафар меафзуд.

Ин воқиаи нангин Н. – ро ба андеша водор сохт ва ӯ дар пеши ҳамкорон ваъдаи қатъӣ дод, ки аз баҳри ин одати бади худ мебарояд, яъне аз зиқӣ кафида мурад ҳам, дигар «шӯхӣ» намекунад.

Боре дар долони идора саргарми суҳбат будем, кадоме омаду аз Н. гӯгирд пурсид. Ӯ ҳанӯз даҳон накушода,

ҳайрат Шанбезода гуфт:

– Ин кас гӯгирд надоранд…партофтанд.

– Партофтанд? – ҳайрон шуд пурсанда. Зеро дар дасти Н. ҳам нимсӯхтаи сигарета буд. – Чиро?

Ҳайрат табассум кард.

– Алавмониро!

27. 08. 1995.

## БА АЁДАТ МЕРАФТАМ

Арбоб Вадуд аз мураххасӣ бармегардад.

– Рафтем ба беморхона, – мегӯяд Гурез Сафар. – Аз ҳоли Аҳмадшоҳ хабар мегирем.

– Чӣ, вай бемор аст? –мепурсад Арбоб ва баъд пешона мемолад. – Медонӣ, ман ба аёдати вай намеравам. Зеро ҳамаи онҳое, ки бемори вазнин буданду ман ба хабаргириашон рафтам, мурдаанд. Ман намехоҳам, ки Аҳмадшоҳ…

Хуллас, Гурез он рӯз танҳо ба бемористон омаду саломи Арбоб Вадудро расонд ва сабаби ба аёдат наомаданашро ҳам гуфт. Лутфи вай ба ман хуш омад, ҳарду базавқ хандидем.

Аз беморхона ҷавоб шуда, чанд моҳ дар хона табобат гирифтам. Ниҳоят аҳволам беҳтар гардиду аз нав ба кор сар кардам. Арбоб Вадуд ба назар наменамуд, ҳамкорон гуфтанд, ки вай аз нашриёт рафт ва ҳоло дар зодгоҳаш кору зиндагӣ мекунад.

Аз байн ду– се сол гузашт. Дар ин муддат аз рӯзгори ноширон як силсила ҳикояҳои воқеӣ ба табъ расондам. «Қаҳрамон»– и баъзеи онҳо Арбоб Вадуд буд.

Ҳикояҳо ба Арббоб Вадуд писанд омаданд, фақат баъзеи онҳо… Боре вай ба нашриёт омада гуфт, ки… дар навиштаҳоям баъзан аз рӯи ҳақиқат кор нагирифтаам, яъне масхарабозӣ кардаам.

Сипас бо «қаҳр» афзуд:

– Агар медонистам, ки як рӯз не, як рӯз ин хел масхарабозӣ мекунӣ, вақти дар беморхона будан ба аёдатат мерафтам!. .

30. 08. 1995.

## МОШИН ЗАД

Китоби нави Шоҳин Боевро ба нашр омода сохтем. Вале қабл аз ин, ки он ба матбаа равад, муаллиф аз мо хоҳиш намуд, дастнависро ду –се рӯз дар ихтиёраш гузорем. Ӯ мехоҳад баъзе саҳифаҳоро аз назар гузаронада, ба саҳеҳии номи маҳалҳои тасвир ва иддае қаҳрамонон эътимод оварад.

Хоҳиши ӯро пазируфтем, вале ба ин шарт: баъди ду–се рӯз ҳатман дастнависро бармегардонад, то мо дар таҳвили он таъхир нанамоем.

Рӯзе, ки мебоист акаи Шоҳинояд, ман ба кор дер мондам. Ақрабаки соат кайҳо аз даҳ гузашта буд.

Баробарои расидан ба нашриёт аз ҳамкорон пурсидам: акаи Шоҳин омад ё не.

– Не, – гуфтанд онҳо. Баъд маънодор ба ҳамдигар нигаристанд. – Ту магар бехабарӣ?

– Аз чӣ?

Нигоҳи ҳамкорон боз ба ҳамдигар печид.

– Аз он ки… Не, беҳтараш ту ба назди Воҳидов рав, аниқашро ҳамон кас медонанд.

Аз ин хабар, рости гап, дилам таҳ рафту сарам чарх зад. Ба суроғи Зиёратшоҳ Воҳидов шитофтам. Вай баъди ним соат аз…истинҷо баромад.

– Оё рост аст? Акаи Шоҳин…

– Рост, – каллаи хурдакакашро вазнин– вазнин чунбонд акаи Зиёратшоҳ. – Дар ҳақиқат, ҳамин саҳар…Ман ҳам нав шунидам…

Медонистам, ки Зиёратшоҳ Воҳидов ба Шоҳин Боев дӯстони наздиканд. Бинобар ин саросема гуфтам:

– Агар ин хабар рост бошад, барои чӣ шумо дар ин чо? Яъне дар сари болини дӯстатон нестед.

Акаи Зиёратшоҳ табассуми муғамбирона кард.

– Гуфтам– ку: ман ҳам ҳозир шунидам. Баъди пешин ҳатман меравам.

Ман саросема аз ҳуҷраи кори акаи Зиёратшоҳ баро-

мадам, ки зуд ба беморхона равам. Вале дар долон… акаи Шоҳинро дида, ҳангам канд. Азбаски лифт вайрон буд, ба ӯ лозим омадааст, ки ҷуссаи калону вазнинашро базӯр кашола карда, аз зинаҳо ба қабати сеюм барояд.

– Чӣ бочкаи пиворо дидагӣ барин даҳонат воз шуд?– арақи гардани кӯтоҳу ғафсашро тоза кард акаи Шоҳин. – Мана дастнаваис, гиру ба матбаа фирист.

– Хуб, ҳозир мефиристам, – базӯр овоз баровардам ман. Лекин… саломатиатон чӣ тавр?

– Саломатиам…– Шубҳаомез як ба ман ва як ба дари ҳуҷраи акаи Зиёратшоҳ нигарист ӯ. Баъд табассуми фарох кард. – Дастнависро супорида зудтар биё, ба ошхона меравем. Дар сари косаи шӯрбо хоҳӣ фаҳмид саломатии маро. Ман дар назди Зиёратшоҳ мешинам.

Чизе нагуфта ба шуъбаи истеҳсолот рафтам. Аз он ҷо баргашта, дар ғояти тааҷҷуб назадаму бас. Зиёратшоҳи харобу лоғар ва Шоҳини фарбеҳу ғафс нӯл ба нӯл шуда, башавқ чизеро ба ҳамдигар нақл мекарданду механдиданд.

Маро дида, акаи Зиёратшоҳ базӯр лабу лунҷашро ҷамъ намуд ва гуфт:

– Медонӣ– чӣ, сурати воқиа андак дигар будааст. Яъне Шоҳина неву Шоҳин мошина задаст…

06. 08. 1995.

## МОНАНД МЕШУД

Иноят Насриддин бемор буд, бо Ҳамроҳи Авлиёпур ба диданаш рафтем.

Дарро худи Иноят– ҷомаи беқасаб дар тан дошту миёнашро бо фӯтае маҳкам баста буд– кушода, моро ба меҳмонхона ҳидоят намуд. Ба гирди дастархон нишаста, аз ӯ ҳол пурсидем.

Иноят Насриддин аввал гуфт, ки чанд рӯз қабл аз ин китоби олимеро хонда, фаҳмидааст асал (ӯ ба пиёлаҳои рӯи дастархон ишора кард) ба саломатии инсон зарари беҳад доштааст. Ва баъд… ба пурсиши мо посух дод:

– Ғолибан хатар гузашт. Табам монд, задани дил муътадил гардид. Ҳоло устухонҳоям, шукр, хеле сабуканд. Фақат дарди чашм ҳанӯх ҳам азоб медиҳад.

– Парво накунед, инаш ҳам мегузарад, – намоишкорона аз пиёлаи асал даст кашидам ман. – Анна, мебинед: дар бадали ду– се рӯз ту дидию ман надидам мешавад.

– Кошкӣ, кошкӣ, – Иноят дардмандона табассум карда, латтаи чорқатро (Ин латта дар дасти ӯ буду онро ҳар лаҳза дар чашм мегузошт)боз ба чашм бурд. – Дар торикӣ дардаш камтар аст, вале дар рӯшанӣ…

Соате бо Иноят нишаста, ниҳоят бархостем.

Дар берун Ҳамроҳи Авлиёпур пурсид: барои чӣ дам ба дам аз Иноят хоҳиш менамудам, ки латтаи дасташро ба чашм монад, оё аз ин ба чашм манфиате буд?

– Намедонам, – гуфтам, – лекин ман аз дидани он хеле завқ мебурдам. Зеро Иноят вақти дар чашм гузоштани латта ба кӯри Шермат бисёр монанд мешуд…

05. 10. 1995.

## ЗУД БИЁ

Дар нашриёт машғули таҳриру тасҳеҳ будам. Телефон занг зад.

– Додо, зуд биё! Гапи муҳим ҳаст!. .

Саросема ба истгоҳ баромада таксӣ доштам. Саттор Турсун дар ҳуҷраи кори худ– шуъбаи насри маҷаллаи «Садои Шарқ» нишаста буд, парешонхотир менамуд. Маро дида, ҳайрон шуд. Вале баъд… чизе ба ёдаш расид магар, қаламашро як тараф монда, ба курсӣ ишора кард.

Дар рӯ ба рӯяш нишастам. Ӯ сигарета даргиронда, то охир кашид ва зоҳиран ба хотир оварда натавонист: барои чӣ чеғ зада буд маро. Андешамандона узр хоста, боз ба кори худ машғул шуд.

Ба нашриёт (маҳаллаи километри нуҳум) баргашта, акнун ба ҳуҷраи кор даромада будам, ки Саттор Турсун занг зад.

– Додо, зуд биё! Гапи муҳим ҳаст!. .

## ЖАНРИ МУҚАДДАС

Кор мерафтам. Ба троллейбуси пуродам аз дари ақиб даромарода, ду– се истгоҳ ҳақорату дашном шунидам. Ниҳоят пештар рафтан муяссар шуду дастам ба дастгирак расид. Акнун на фақат андак осудам, балки худам ҳам дам ба дам бо тамасхур аз дигарон мепурсидам: магар чашм надоранд, ки пои касро зер мекунанд, оё тела надодаву дакка нахӯрда ба пеш гузаштан мумкин нест…

Дар паҳлуи ман ду ҷавони ҳузарби донишҷӯ ба ҳамдигар гап мегузарониданд. Мавзӯи баҳси онҳо ғазал буд. Ҷавонон донистан мехостанд: кадоме аз шоирон ғазалро беҳтар мегӯяд?

Бояд гуфт: онҳо одоби баҳсро риоя менамуданд, яъне дод намезаданд, дар таҳлилу мулоҳизаи далоил саросема намешуданд ва аз ҳама муҳимаш, кӯшиш доштанд, бо ақли солим кор гирифта, ба дараҷаи истеъдоду маҳорати ғазалсароёни муосир холисонаву беғаразона баҳо диҳанд. Вале баъдтар… аз миёни мухлисони ғазал гӯё гурбаи сиёҳ гузашт, ки чашмони ҳар ду нохост хун баста, беихтиёр инони овоз сар доданд. Ва дар мубоҳисаи онҳо гоҳ даст шоф мешуду гоҳ сина– сипар. Аён буд, ки дере нагузашта сабри ҳар ду сар мераваду ба муштзанӣ мегузаранд ва саволи дар воқеъ ҳам бисёр аҷиб беҷавоб мемонад: аз шоирони муосир кадоме дар ғазалгӯӣ дасти тасаллут дорад?

Бинобар ин, ба нияти пешгирии нохушӣ баланд гулӯ афшонда, диққати ҷавононро ба худ кашидам ва бо мақсади осон шудани мушкили онҳо гуфтам: дар адабиёти муосири тоҷик ғазалнависи қодир кист.

Ҷавонон якбора лаб фурӯ баста, ба ҳамдигар назари тааҷҷубомез афканданд. Сипас нохост пурсиданд: «Ҷамолиддин Каримзода? Вай худаш кист?»

Аз ин савол, будагӣ гап, ҳайрон шудам.

– Чӣ тавр… кист? Шоир, ғазалнавис. Беҳтарин…

– Шуд, шуд. Давом нате!– гуфтанд онҳо ва яке кафи рафида барин дасташро дар даҳонам гузошту дигар

(ғолибан, шӯхтабиат будааст)бо тамоми қувват гӯшамро тофт.

– Барои чӣ? Охир...– эътироз намудан хостам. Вале аллакай дер шуда буд, дамам ба дарун зада, овозам намебаромад.

Хайрият, ин дам тафтишгарони чипта ба троллейбус даромаданд, вагарна...Баробари дидани онҳо ранги мухлисони ғазал канд ва зуд ба кучое ғайб заданд. Ман, албатта, нафаси озод кашидам.

Баъд аз чанд рӯз Ҷамолиддин Каримзода ба нашриёт омада, ин воқиаро ба ӯ нақл кардам. Аз таҳти дил хандид ва гуфт:

– Нафасат набаромада қариб мурда будӣ? Ҳеҷ гап не. Ғазал жанри муқаддас аст ва месазад, ки якта– нимта нимколаҳо барояш фидо шаванд...

03. 11. 1995.

## АМАЛИ НОШОИСТА

Муҳтарам Ҳотам боронии ягонаашро аз хона наёфта, ба сари завҷааш дод зад: «Канӣ он? Барои чӣ дар ҷояш нест?» Аммо вай...

Бо табассуми асроромез гуфт: беҳуда овозашро хаста накунад, борониаш дар ин наздикиҳо нест, ки аз ғазаби ӯ тарсида, зуд ҳозир шавад.

– Пас, дар куҷост?

– Дар донишкада...

Муҳтарам фаҳмид: онро писари донишҷӯяш пӯшидааст. Ва бегоҳӣ, дар ҳузури аҳли хонавода, вайро сарзаниш намуда, сабақ дод, то дигар ба чунин амали ношоста, яъне напурсида бидуни иҷозат гирифтани чизи дигарон, даст назанад, ин беодобии маҳз аст ва дар ягон қоидаи ахлоқ омурзиш надорад.

– Фаҳмидӣ?– теғ кашида, ба рӯи писараш нигарист.

– Фаҳмидам...– гунаҳкорона сар ба зер афканд вай.

Муҳтарам оҳи бадард кашида, ба хонаи дигар гузашт.

Он шаб то як пос хобаш набурд, гаштаву баргашта пиромуни муносибати падарон ва фарзандон андеша меронд ва медид: чӣ мураккаб ва дандоншикан аст ин муаммо!

Рӯзи дигар аз садои баланди телефон бедор шуд ӯ. Писараш аз донишкада занг мезад.

– Ҳа, чӣ гап?

– Ҳеҷ гап не, фақат…Аз хоб бедор шуда бошед, мехостам иҷозат пурсам.

Ба дили Муҳтарам алав афтида, якбора ҳушёр гардид.

– Иҷозат… Ба чӣ?

– Охир, ман боз борониатонро пӯшидам…

11. 11. 1995.

## БА ФИКРИ ҲАЙРАТ ШАНБЕЗОДА

…Соҳиб Табаров дар зиндагӣ ба як пой мелангад, дар адабиёт– ба ду пой.

…Ақли Акобир Шарифӣ аз дурӯғҳои шохдори Басир Расо костааст.

…Ба Маҳтоб (кассир) чашмак занӣ, аз бепулӣ шикоят мекунад.

…Дар телевизор дуздҳоро нишон диҳанд, пулҳои Ҳадиса (шоира) аз хонааш гум мешаванд.

…Арбоб Вадуд чунон «зӯр» аст, ки агар як мушт занад, баъд аз ҳаштод сол мемурӣ.

…Зуд– зуд маош надиҳанд, Ҳадиса ҳодиса мешавад.

…Аз баландии кӯҳҳои мо осмон мефахрад, аз пасти фарҳангамон– замин.

## ҲОҶӢ МУРОД

*(нақли Ҷамолиддин Каримзода)*

– Ҳоҷӣ Мурод нашриёт рафт, ба кор. Боре гузорам ба нашриёт афтод ва дидам, ки мудири шуъба Н. Ҳоҷӣ Муродро дар пеши худ шинондасту ба вай кор меомӯзад.

Аз миён ду– се моҳ гузашту боз ба нашриёт рафтан

лозим омад. Корамро буд карда, хостам аз Ҳоҷӣ Мурод хабар гирам. Дари шуъбаро кушода, аз ғояти тааҷҷуб чашмам чорта шуд.

Ҳоҷӣ Мурод аллакай мудири шуъба шуда буд ва дар болои сари мудири собиқ– корманди собиқадори нашриёт– рост истода, ба вай тарзи кор меомӯхт…

29. 11. 1995.

## ТААССУРОТИ МУАССИР

Шеъри нахустини Н. чоп шуд, дар рӯзномаи ҷавонон. Онро хонда, таассуроте набардоштам: чанд сатри манзум буду маънии дилрасе надошт. Вале баъди ду– се рӯз худи ӯро дар ошхонаи Иттиҳодияи нависандагон дида, аз суҳбаташ таассуроти муассир бардоштам. Сари ҳар гап вай мегуфт: «Мо– шоирон…)

29. 11. 1995.

## 39 ё 40

Боре муҳаррири нашриёт Музаффари Хол дар хонаи тарҷумони шинохта Н. мешавад. Онҳо нимтаро ба миёна гузошта, то як поси шаб базм мекунанд. Баъд шавқи қувваозмоӣ боло гирифта, ҳарду сари тахтаи шоҳмот мешинанд. Ва барои он, ки ҳисоби кор гум нашавад, ҳар кадом назди худ варақи тоза гузошта, дар он ҳисоби бурди худ ва бохти ҳарифашро қайд менамояд.

Соат сеи шаб. Бозии навбатӣ анҷом мепазирад ва ҳарифон дар варақҳои худ қайдҳои зарурӣ мегузоранд. Ин дам чашми Н. ба варақи назди Музаффари Хол афтида, абрӯ ба ҳам мекашад.

– Ин чист?

– Шумораи бурдҳои ман.

– Чӣ хел…Ман буду шуд 39 бор бой додам. Барои чӣ чил навиштӣ?

– Барои он чил навмштам, шумо ҳамин қадар бой додед.

– Ҳазл накун, Музаффарҷон. Ман аз 39 бор зиёд набохтаам.

– Ман ҳазл накардаам. Воқиан ҳам 40 бор бохтед.

– 39 бор.

– Не, 40 бор…

Ҳарифон барои ором намудани асабҳо тамоку мекашанд. Вале…

– Ин якравии ту, Музаффарҷон, беҳуда аст.

– Ман якравӣ накардаам, ако, 40 бор буд.

– Чӣ хел чил бор, модоме дар вараќи назди ман 39 сабт аст?!

– Шумо ба вараќи ман нигоҳ кунед. Ака, 40!

Хуллас, боз чанд дақиқа мунозира мекунанд онҳо ва ҳеҷ кадом аз гапи худ намегардад.

– 39!

– 40!

– Ман мегӯям 39!!.

– Ман мегӯям 40!!.

Ниҳоят тоқати соҳиби хона тоқ гардида, ба меҳмони худ мегӯяд:

– Медонӣ– чӣ? Агар боз як бор 40 гӯӣ, туро аз хона меронам!

– Маро рондан шарт нест, худам меравам, – мехезад аз ҷой Музаффари Хол ва борониашро пӯшида, дар ҳамон маҳали шаб (яъне соати 4) пиёда ба хонааш меравад. Ва пеш аз баромадан аз хона:

– 40!!!– гӯён, аз чӣ бошад, забонашро ба соҳиби хона нишон медиҳад.

01. 12. 1995.

## ИСРОРИ БЕМАВРИД

Бо коре ба хонаи Н. рафтем. Ӯ моро ба ҳавлӣ даровarду худ ба кучҷое ғайб зад. Пурсем, бозор рафтааст.

– Афсӯс, ки исрори вай саризабонӣ будаасту мо нафаҳмидем, – тарҷумони шинохта Ӯктами Холиқназар ин латифаро нақл кард:

Марде дари як шиносашро кӯфта, ба ӯ аз номи шиносаш салом мерасонад. Сипас хайру хуш карда, мехоҳад ба роҳаш равад. Вале шиноси шиносаш пеши роҳи ӯро мегирад, яъне то хонам надаромада, як пиёла чой нанӯшед, иҷозати рафтан нест: мо мардуми меҳмондӯст ҳастем ва намегузорем, ки…

Марди мусофир исрори ӯро аломати самимият пиндошта, ноилоҷ сари аспашро мегардонад ва вақте ба ҳавлӣ даромаданд, аз соҳиби хона мепурсанд, ки аспашро дар куҷо бандад.

Соҳиби хона, ки аллакай аз исрори бемавриди худ пушаймон шуда буд, забонашро ба вай нишон дода, бо як ҷаҳон алам мегӯяд:

– Ана, дар ин ҷо!. .

02. 12. 1995.

## БОЯД МУРД

Боре Ҳайрат Шанбезода гуфт, ки зиндагӣ мураккаб шудааст ва кас наметавонад ба сарҳисоби он равад, – дусе рӯз аст дар хонааш як мағз нон нест ва намедонад: пагоҳ мешавад ё не.

– Сарҳисоби зиндагиро ёфтан осон нест, – гуфтем мо, – яъне мард бояд буд.

Ҳайрат аз ин гап ҳайрон шуд.

– Мард. Чӣ тавр?

– Мисли устод Қутбӣ, яъне бояд мурд.

– Мурдан лозим бошад, Аҳмадшоҳ барин якта нимта беморон муранд, – хандид ӯ. – Мани тандуруст барои чӣ мемурдаам!. .

05. 12. 1995.

## БАРДОШТА НАМЕТАВОНАД

Шоир Н. гуфт, ки аз афтидан ҳарос надорад, зеро агар афтад, боке не, фалонӣ ва фалониҳо ӯро хоҳанд

бардошт. Устод оҳи бадард кашид, яъне вай аз афтидан сахт метарсад, зеро дар Иттиҳодияи нависандагон касе нест, ки ӯро бардошта тавонад. Турсунзода, охир, вафот кардаанд!. .

17. 12. 1995.

## ЧИЗЕ НАМЕРАСАД

Шеърҳои шоира Ситора дар рӯзнома чоп шуданд. Ҳайрат Шанбезода онҳоро хонду гуфт:

– Шеърҳои бад нестанд, байтҳои хуби шоирона доранд. Лекин ба онҳо чизе намерасад…

– Чӣ намерасад?– донистан хостем мо.

Устод Қутбӣ, ки шаб дар базме иштирок дошту ҳоло илоҷи дарди сарро намеёфт, ба Ҳайрат фурсати ҷавоб надода гуфт:

– Чор ситораи дигар!

17. 12. 1995.

## КӢ БОИНСОФТАР?

Он вақт як дона тухм ду сӯм буд. Ҳайрат Шанбезода ба онҳое, ки ақидаҳои демократӣ доштанду беибо коммунистонро наҳ мезаданд, рӯ овард, гуфт:

– Шояд гапҳоятон дуруст бошад. Лекин, биёед, мебинем: кӣ баинсофтар аст. Шумо демократҳо як тухмро ду сӯм мефурӯшед, мо– коммунистон ба ин миқдор пул як мурғ медодем!. .

17. 12. 1995.

## МУРДА БУДАМ

Падари шоир Н. ба шаҳр меояд. Рӯзи дигар падару писар ба аёдати кадом як хеши бемораш он ба беморхона мераванд.

Ин воқиа дар роҳ рӯй медиҳад:

Дар истгоҳи «Ватан» як гурӯҳ духтарон ба троллейбуси серодам савор мешаванд. Падари Н. дар байни духтарҳо мемонад ва муддате маҷоли ҷунбидан намеёбад.

Дар истгоҳи навбатӣ– «Вахш»– троллейбуси пуродам боз пуртар мешавад– он рӯз дар театри опера ва балети ба номи устод Айнӣ нахустнамоиши намоишномае баргузор гардида буд. Ва гурӯҳи духтаронро пештар тела медиҳанд. Акнун худи шоир Н. муддате дар ҳалқаи онҳо мемонад.

Шоир Н., чунон кидар ҳалқаи оташ афтида бошад, бетоқат шуда, печутобхӯрон базӯр худро ба падар мерасонаду мегӯяд: «мефароем…»

Онҳо дар истгоҳи «Хонаи матбуот» мефароянд.

Падар ҳайрон мешавад.

– Мо бояд ба Қарияи Боло мерафтем. Барои чӣ дар ин ҷо фаромадем?

– Барои он, ки– забон мехояд писар, – дар ҳалқаи духтарон ҳоли ман табоҳ шуд.

– Барои ҳамин фаромадем?– норозиёна абрӯ ба ҳам мекашад падар. – Душвор бошад ҳам, бояд тоқат мекардӣ.

– Охир, онҳо аз чор тараф ба ман ҷафс мешуданд. Тоқат кардан ҳеҷ имкон надошт.

– Чӣ тавр… надоштӣ? Ман тоқат кардам– ку!

– А? Магар шумо ҳам…

– Ҳа, бачем. Ман дар истгоҳи «Ватан» мурда будам…

17. 12. 1995

## БО МАН НАМЕРАФТАНД

Боре дар ҳузури меҳмонони бадахшӣ Ҳайрат Шанбезода аз мо пурсид, ки оё дар ошхона палав мепазанд?

– Ҳа, – гуфтем мо.

– Нархи як табақчааш чанд сӯм бошад?

– 150 сӯм.

– Арзон. Беҳад арзон!. .

Баъди пешин донистан хостем: барои чӣ Ҳайрат палавро арзон гуфт: 150 сӯм магар арзон аст?

Ӯ хандид.

– Қиммат аст. Лекин ман барои ҳавсманд кардани меҳмонон ин тавр гуфтам. Агар қиммат мегуфтам, онҳо бо ман ба ошхона намерафтанд…

17. 12. 1995.

## БАРОИ ЧӢ ОМАД?

Рӯзҳои сахту сангин фаро расиданд. Рӯзҳое, ки ба дилтангиву гуруснагӣ бегоҳ мешуданд, рӯзҳое, ки ба қавли шоир «аз сару дили мо» мегузаштанд, вале ба «азобу заҳматҳои алим ва ранҷу меҳнатҳои азим». Дар яке аз чунин рӯзҳо худо ба дили фуқаропарваре раҳм андохт.

– Агар малол наояд, – гуфт ӯ– ман ҳоло шуморо ба як ошхона бурда, бо мудираш шинос мекунам. Баъд як ҳафта худатон ба он ҷо рафта, бепул таом мехӯред.

Аз ин пешниҳод чашми Н. барқ зад. Вай пахтаи гӯшҳояшро, ки шамол хӯрдаву дардманд буданд, кашида, ба фуқаропарвари ҳимматбаланд наздиктар рафт.

– Илтимос, ҳамин гапатонро боз як бор гӯед, гӯшҳоям ҳузӯр кунанд!

Фуқаропарвари ҳимматбаланд аз кори Н. ба шавқ омада, гуфт: «Ака, шумо на фақат нависандаи хуб, балки актёри соҳибисиеъдод ҳам будаед». Сипас шиками бузургашро хорида, ба сухани худ илова намуд: «Ба таомҳои нисфирӯзӣ сад грамм арақ ҳам зам мекунем!»

Ранг аз рӯи Н. парида, донистан хост: вай хоб аст ё бедор?

– Бедор! Бедор!.. – гаронборона аз ҷой хест Фуқаропарвари ҳимматбаланд, – рафтем:

Хуллас, ба ошхона рафта, бо мудири он шинос шудем. Вай додари фуқаропарвари ҳимматбаланд будааст, пешниҳоди акаашро зуд пазируфта, даст ба сандуқи сина

ниҳод, яъне: нури дида тоҷи сар.

Марҳамат, биёянд. Мо ба аҳли қалам хидмат накунем, ба кӣ мекунем?!.

Се рӯз дар ошхонаи мазкур бепул таом хӯрдем. Азбаски рӯзи чорум Н. ба кор наомад, ман танҳо ба ошхона нарафтам, нахостам дар аҳди шарикӣ хилоф шавад. Ва баъзе корҳоро сомон дода, қариби соати чор аз нашриёт баромадам, то хона равам. Вале… дар истгоҳ Н– ро дидам, ки бо чанд кас суҳбат дошт.

– Имрӯз таомхӯрӣ рафтӣ?– пурсид ӯ, дар ҳолате, ки бо гӯгирдчӯб дандонҳояшро мекофт. Набошад, як дам ист, ҳозир қатӣ меравем.

Н. бо ҳамроҳонаш хушбошӣ намуда бо ҳам ба ошхона рафтем.

Мудири ошхона моро дида, беихтиёр лаб газид, вале чизе нагуфта, ба пешхидмат фармуд, ки зуд таом биёрад ва худаш ба ду пиёла арақ рехта, болои миз монд.

Шикамамонро сер кардаву оруғ зада бархостем. Мудири меҳрубон аз раҳи одат моро то беруни ошхона гуселонду дар дами дари баромад аз чӣ бошад, якбора номеҳрубон шуда, ба Н. ки пештар аз ман баромада буд, ишора карда гуфт:

– Вай барои чӣ омад?

Ман ҳайрон шудам.

– Чаро наояд? Аз рӯи маслиҳат то охири ҳафта… ё фаромӯш кардед?

– Не, – паси сар хорид мудир, – фаромӯш накрдаам. Пурсиши ман ба дигар сабаб аст. Охир, вай нисфирӯзӣ бо ду– се кас омада буд…

03. 01. 1996.

## НОМИ НАҒЗ

Рӯзноманигор Саидумари Асал писардор шуд ва бо маслиҳати дӯстон номашро Фаридун монд. Соли дигар дар ҳамин шабу рӯз ӯ боз дӯстонро ҷамъ намуда, гуфт, ки метавонад вайро аз таҳти дил табрик кунанд, боз пи-

сардор шудааст.

Аз ин хабар ба рӯи дӯстон хун давида, якбора хушҳол гардиданд.

– Э муборак шавад!

– Дарду доғро набинад!

– Ба сад дарояд!. .

Саидумар чун хурӯси дакан сандуқи синаашро дамонда, боифтихор гуфт:

– Ташаккур. Акнун ба навзод номи мувофиқ ёбед.

Дӯстон бепарвоёна даст афшонданд. Ҳамин ҳам гап шуд! Дар олам чӣ бисёр– ном. Лозим бошад, як не, садта аз нағзаш мегӯянд.

Саидумар огоҳона манаҳ хорид, яъне шитоб накунед, ин ҷо нозукие ҳаст, агар не, худам ҳам аз номҳои хуб кам намедонам.

– Шарт ин, ки номи навзод на фақат ғайриоддӣ, машҳуру зебо, балки ба номи акааш– Фаридун ҳамқофия бошад. Огоҳ мекунам, «Маҷнун»– ро пешниҳод накунед, як маънои ин ном «девона» аст.

Дӯстон ба фикр фурӯ рафтанд. Зеро, дар ҳақиқат, ёфтани номи «ғайриоддӣ, машҳуру зебо ва ба Фаридун ҳамқофия» осон набуд. Ниҳоят Тоҳири Асомиддин якбора даст бардошта диққати дигаронро ба худ ҷалб намуд.

– Ёфтам!– хитоб кард ӯ хушҳолона. Номи нағзи ба тамоми нуктаҳои шарт мувофиқ, яъне: ғайриоддӣ, машҳур, зебо…

– Наход ба Фаридун ҳамқофия ҳам бошад?– тоқаташ тоқ гардида, пурсид Саидумар.

– Ҳа, – ба ҷиддияти тамом калла ҷунбонд Тоҳири Асомиддин. – Гуфтам– ку: ба ҳама нуктаҳои шарт мувофиқ.

– Хайр, фаҳмем набошад, – аз хурсандӣ кафи дастҳояшро ба ҳамдигар соид падари бетоқат.

– Не, – гуфт Тоҳири Асомиддин. – Аввал ба тарабхона бурда, зиёфат медиҳӣ, баъд…ҳа, номи нағз ҳам мисли худи фарзанд ба осонӣ пайдо намешавад…

Садумар, ки пушти дасташ сахт буду баҳудаву беҳуда

оби шикам намеҷунбонд, хост бо ҳилла муроди худ ҳосил кунад, вале…Тоҳири Асомиддин ҳушёр буд ва ба доми фиреби ӯ наафтид.

– Тарабхона! Зиёфат!. . – тӯтивор такрор мекард ӯ.

Саидумар ноилоҷ монд ва дӯстонро ба тарабхона ҳидоят намуда, зиёфати дакаданг доду ниҳоят ба Тоҳир гуфт: «Хайр, акнун шунавем».

– Чиро?– хамёза кашид Тоҳир, ки аллакай аз коняк лаззат бурда буд.

– Номро!– алав афтид ба дили Саидумар. – Номи нағзро!. .

– Ҳ, – сафедии чашмонаш бештар гардида, оруғ зад Тоҳири Асомиддин. – Номи ғайриоддӣ, машҳуру зебо ва ба Фаридун ҳамқофия. Ҳамту не?

– Ҳамту, – бесаброна миҷҷа зад Саидумар.

– Ин тавр бошад, қаламу коғаз гирифта, навис, ки аз ёдат набарояд: Мао Сзе Дун…

05. 01. 1996.

## ДОРУ НЕСТ

Ҳоло аз кор баромадани хати троллейбус ва дар ин ё он кунҷи шаҳр як– ду моҳ қатъ гардидани ҳаракати нақлиёт як ҳодисаи муқаррарист.

Боре дар самти шарқии Душанбе ҳаракати нақлиётӣ қатъ гардид ва сокинони маҳаллаҳои километри ҳафтуму нуҳум ва шаҳраки 191 муддати мадиде пиёда ба маркази шаҳр рафта меомаданд. Дар ҳамон рӯзҳо рӯзноманигор Ансори Шоҳмирзо ва адиби ҳаҷвнигор Н. чанд рӯз ҳамроҳ пиёда ба хона мераванд.

Ансор ду рӯз ҳеҷ чиз намегӯяд, яъне дар сабру таҳаммул ҷасорат нишон медиҳад. Вале рӯзи сеюм… ба хориши забон тоб наоварда, ба такаллум медарояд, яъне: чанд рӯз аст онҳо аз пеши хонаи Н. мегузаранд, аммо вай боре ҳам ақаллан барои зебаш ӯро ба як пиёла чой даъват наменамояд. Н. оҳи бадард мекашад, яъне: аз ин худи вай ҳам дар хиҷолату хуни дил мехӯрад, вале чӣ

илоҷ: ба чунин даъват имкон нест.

– Барои чӣ?– донистан мехоҳад Ансор.

– Барои он, ки валидол ё ягон доруи дигари таскинбахш надорам.

Аз гапи Н. ҳайрати Ансор меафзояд.

– Дору? Шукр, дили ман ҳоло бақувват асту ба ҳеҷ гуна дору эҳтиёҷ надорам.

Н. табассум мекунад.

– Дору ба ту не, ба ман лозим. Раваду ту соддагӣ карда даъвати маро қабул намоӣ, аҳволи мани бемор бад хоҳад шуд. Охир, дар хона як пора нони дар пеши меҳмон мемондагӣ нест…

13. 01. 1996.

## ҒАРҚ КУНЕД

Ин воқиа дар ҳуҷраи кори додситони яке аз ноҳияи Душанбешаҳр рӯй дод.

Ҳангоми суҳбат нафаре аз як ғазали Лоиқ– шоири шӯридадили ошиқи дарё байте хонд, ки ба маврид бисёр мувофиқ буд. Ҳозирон шефтаи маҳорати сухангустарии шоир гардида, донистан хостанд: ин байти хуб моли кист ва баъд изҳори ифтихор намуданд, яъне мо, тоҷикон хушбахт ҳастем, ки чунин як шоири дилогоҳ дорем.

Ранги дигар гирифтани суҳбат аз чӣ бошад, ба Н. нафорид ва гуфт, ки худро беҳуда фанд надиҳем. Лоиқ шоири хуб аст, аммо ғазалҳояш кирои таъриф нестанд.

Ҳозирон аз чунин изҳороти ғайримунтазира гаранг шуда, бо тааҷҷуб ба якдигар нигаристанд. Ҳайрати онҳо, албатта, сабаб дошт. Аввалан, Н. Ҳамдеҳаи шоир буд. Сониян, вай ҳамеша лофи сухансанҷӣ мезад ва мебоист донад: дар эҷодиёти Лоиқ ғазал мавқеи воло дораду аксар ғазалҳои шоир кирои таърифанд.

Изҳори норизоии аҳли суҳбат Н. – ро таҷанг сохт, – вай барои исботи даъво суханҳои бесару нӯг гуфта, далелҳои беасос меовард.

Ғолибан додситон низ мухлиси ғазалҳои Лоиқ буд, – ӯ чизе нагуфта, кадом як тугмачаи дастгоҳи наздашро пахш кард. Ҳамон лаҳза ду милиса аз дар даромада, бо ишораи сардорашон дастони Н. – ро ба пушташ бастанд.

– Баред, ғарқ кунед!– амр дод додситон бо ҷиддияти тамом.

– Итоат!– Н. – ро тарафи баромадгоҳ тела доданд милисаҳо.

Ин воқиа дар они воҳид ба вуқӯъ пайваст ва ҳозирон дарҳол нафаҳмиданд: чӣ ҳодиса мешавад. Онҳо ҳанӯз ба худ наомада буданд, ки дари ҳуҷраи кори додситон кушода шуда, яке аз милисаҳо сар халонд.

– Ғарқ кунем? Дар кучо?

Додситон ваҷоҳаташро тағйир надода, ба оҳанги аввала гуфт:

– Ба дарёи ғазалҳои Лоиқ!. .

13. 01. 1996.

## БАЗМ

Музаффари Хол дар курсии рӯ ба рӯ нишаста, маъюсона оҳ кашид. Гуфт: чанд рӯз инҷониб мехоҳад занги асабҳоро шӯяд, вале дар чунин як нашриёти калон «на гӯши суханшунав» меёбаду «на дидаи эътибор». Ман бо таассуф калла ҷунбондам, яъне: барғалат дар задӣ, ман ҳам имрӯзҳо бисёр тангдастам ва аз шустани занги асабҳои якта– нимта муҳаррирони «бемор» оҷизам, ту вақти ғаниматро дар ин ҷо беҳуда нагузаронда, ба долон баро, ҳуҷраҳои дигарро бин, шояд аз ягон гӯша «мутахассиси асаб» ё ба қавли худат «гӯши суханшунаву дидаи эътибор» пайдо шавад.

Музаффар чашмонашро пӯшида, пешона молид.

– Пайдо нашуд, ки пеши шумо омадам.

– Барои омаданат ташаккур, лекин, чунон ки шунидӣ, ҳозир агар хоҳам ҳам, ба додат расида наметавонам: ин вақтҳо кисаи ман аз даруни чӯбкадуҳои бозор ҳам хомтар.

Музаффар огоҳона бинӣ кашид, яъне медонад вазъи кисаамро. Вале ин муҳим нест, муҳим он ки сарам «пур» аст ва агар тақалу баҳонаҷӯи накунам, мушкили вай осон хоҳад шуд.

– Сар?– беихтиёр шонаҳоямро боло андохтам.

– Ҳа, – Музаффар нимхез шуда, даҳонашро ба гӯшам наздик оварду посух дод: китоби нави шоир Н. баромад ва агар имшаб ман каллаамро дурустакак кор фармоям, фардо иншооллоҳ дурри мақсуд ба каф меояд.

Аз нияти Музаффар пай бурда, гуфтам: содда нашавад, ба ин кор қодир нестам, – дар ин муддат, яъне то фардо китоби калонеро варақ задану порчаҳои зиёди шеърӣ аз ёд намудан аз иқтидори банда берун аст.

– Ғайр аз ин, – афзудам, – шеърҳои мардак умумианд ва дасти хотир беминнат намегирад онҳоро.

– Инро худам ҳам медонам, – огоҳона калла ҷунбонд Музаффар. – Лекин ҳофизаи шумо бисёр қавист ва бовар ҳаст, ки аз уҳдаи вазифа мебароед. – Сипас айёрона табассум кард. – Чӣ метарсед? Ин бори аввал нест– ку!. .

Дар ҳақиқат, қаблан ҳам на як бору ду бор санҷида будем қувваи ҳофизаи маро. Бинобар ин, баҳонаи дигаре наёфта, забон хоидам. Аз ин Музаффар шод шуд.

– Дар ғалладони мизи Зоя (муҳосиби нашриёт) ним шиша «Экстра» ҳаст, – китоби нави шоир Н. – ро дар пешам монд ӯ. – Базмро бо ҳамон сар мекунем…

Рӯзи дигар қариби соати панҷ телефон занг зад. Гӯшакро бардорам– Музаффар, ӯ маро ба ҳуҷраи кори Н. даъват мекард.

Ноилоҷ қаламу коғази рӯи мизро ғундоштам.

Ҷамоат аллакай ҷамъ буд, ҳамкосаҳо нӯги бинӣ суп–сурх дилаки лимӯ мемакиданд.

Музаффар сари тахтаи шоҳмот буд, бо оҳувоҳи сохта бозиро ба Н. мебохт. Ниҳоят ӯ мот шуд ва Н. ғолибона вазн ба муттакои курсӣ партофта, гуфтанд: «следующий!»

Музаффар номаълум чашмак зад– «Сар кун!» Ман бо тааҷҷуб ба Н. нигаристам, яъне ин базм ба ягон муносибат аст?

– Не, – гуфтанд он кас, – Музаффар дер боз заҳри мағлубият начашида будааст, хостем ду– се навбат шоҳмот бозида, хуморашро шиканем.

– Ин тавр бошад, – тугмаи гиребони куртаамро кушода, гулӯ афшондам– иҷозат диҳед, қабл аз базм навбати нӯшбод гӯям?

– Кошкӣ, – барои чӣ бошад, бо даструмол шишаи айнакашонро тоза карданд Н. – Қоида, аз нӯшбод араќи талх асал барин ширин мешавад.

– Рост, – ба якдигар нигариста, даҳон тамъ заданд ҳамсояҳо. – Ширин мешавад.

Ман шаф– шаф нагуфта, якбора аз китобе, ки дирӯз Музаффар дода буд, чанд пора шеър хондам. Албатта, аз ёд. Мазмуни он пораҳо чунин буд: нанги мағлубӣ гарон бошад, зафар бояд намуд.

Н. шояд чашмдори чунин «нӯшбод» набуданд, ки лаҳзае кунду карахт шуда, қуввати гуфтор наёфтанд. Вале баъд… аз бағалкиса пул бароварда, ба Музаффар гуфтанд: зуд ба мағоза раваду як шиша арақ биёрад.

– Барои чӣ?– «ҳайрон» шуд ӯ.

– Сонӣ мефаҳмӣ!– ба ман чашмак заданд Н.

Музаффар гӯё болу пар баровcovarда, сӯи мағоза парид. Вақте ӯ баргашт, ман лабонамро лесида ғазал мехондам; ғазали ҳаҷвиеро, ки аз номи майзадаҳо иншо шуда буд ва ҳамсояҳо пиёлаи пурмай дар даст ба шавқ гӯш мекарданд.

– Офарин!– ниҳоят гаронборона аз курсӣ бархостанд Н. – Оё медонед, муаллифи ин шеърҳо кист? Не? Афсӯс!.. – дафъатан ба ман нигаристанд он кас. – Ман. Оре, ҳамин бандаи фақир, ки бори нашриёт кам будагӣ барин боз бои қалам ҳам мекашам!.

Чашми ҳозирон аз ин «навигарӣ» барқ зада, изҳори хурсандӣ карданд ва як– як Н. – ро ба оғӯш кашида, чалп– чалп бӯсиданд.

– Шумо сухансанҷи бебаҳо!– сонитар ба ман рӯ оварданд Н. – Шеъре, ҳозир аз ёд хондед, манзумаест иборат аз дусад сатр. Онро чӣ хел ҳифз кардед?

Ман бо ифтихор оруғ задам.

– Шеъри асилро, қоида, аз ёд намкунанд, вай худаш дар лавҳи хотир нақш мебандад.

Аз ғояти ҳаяҷон лунҷҳои сергӯшту дамидаи Н. ларзида, ба Музаффар гуфтанд, ки биё ҳамроҳ берун бароем, гап ҳаст. Ҳамин тариқ, ба Музаффар лозим омад, ки боз дар пайраҳаи байни нашриёту мағоза нақши пой гузорад…

Хуллас, бозии мо мувофиқи матлаб ҷараён дошт. Баробари холӣ шудани шиша, ман (Албатта, бо имои Музаффар)аз китоби нав шеъре мехондам ва дили Н. об гашта, беихтиёр киса мекофтанд. Шӯру шавқи базм чунон баланд буд, ки худо мегуфтем, он ҳаргиз интиҳо наёбад. Вале… марҳамати парвардигор беохир бошад ҳам, ин дафъа хоҳиши азза ва чала ин буд, ки мо аз хотир набарорем: даст, ки доданд, аз оринҷ гирифтан нашояд…

Дар китоби нав як силсила дубайтӣ буд, ки ман чандтаи онро низ ба дасти хотир супурда будам. Яке чунин мазмун дошт: поёнии рӯзи сафед шаби сиёҳ аст. Ҳамин дубайтиро хонда будам, ки кадоме аз ҳамкосаҳоро ҳиккак гирифт. Н. гумон карданд: вай аз таъсири суханони он кас инони гиря сар дод ва даст…ба киса бурданд, вале… Табъи Н. якбора хира гардида, боз даст ба бағал андох-

танд. Ва, ҳамин тариқ, ба он кас ҳолати аҷибе рӯй дод. Гӯё… ногаҳон аз осмони ҳафтум ба замин фаромада буданд ва аз рафтору кирдори заминиҳо гаранг шуда, ҳар замон оҳанги тааҷҷуб мекарданд.

Мо он вақт намедонистем, ки пули Н. тамом шудаасту одам ҳангоми тангдастӣ бисёр зирак мешавад, яъне ба худу дигарон ба чашми ҳақбин менигарад. Бинобар ин ҳанӯз ҳам баумед будему гаштаю баргашта кӯшиш ба харҷ медодем, то ҳолати Н. тағйир ёфта, баракати базм напарад. Ҳоло дар ёдам нест, ки кӣ буд, вале кадоме аз ҳамкосаҳо бархоста, аз пешонаи васеи Н. чалап– чалап бӯсиду гуфт: «Ширин аст. Аз афт, пешонаи шоирони ҳақиқӣ шӯр намешавад!»

Дигаре изҳор дошт: Н. «Ленин»– и шоиронанд ва ба он кас ҳайкал гузоштан лозим.

Ман ҳам хомӯш наитода, аз достони шоир боби калонеро хондам.

Аммо…

Музаффар дид, ки кӯшиши ман беҳуда асту буҷуламон олчӣ намехезад, инони ташаббусро худ ба даст гирифт.

– Бородарон!– гуфт ӯ. – Набояд аз хотир баровард, ки ин лаҳзаҳо таърихианд ва дар суҳбати касе мегузаранд, ки ба қавле ниҳоят бузург ҳастанду дар оинаи кӯчаки хаёли мо намеғунҷанд.

Музаффар чашми умед ба Н. дӯхт. Ғолибан, ӯ гумон дошт, ки аз ин гап он кас чун шер ларзида, меғурранд: «Мана як даста пул! Гиру ба мағоза рав!. . » Вале ин тавр нашуд. Суханҳои «оличаноб»– и Музаффар Н. – ро на фақат ба ваҷд наовард, балки ба рӯи он кас пардаи ҳузн кашида, ҳатто, гуфтан мумкин, як дараҷа ғазаболуд намуд. Ва ӯ вақте «Шумо шоири забардасти давр» гуфт, сабри Н. – ро сар рафт, – якбора аз ҷой бархоста, кафи даст ба даҳони Музаффар ниҳоданд.

– Чӣ ин қадар таъриф мекунед? Ман як шоири миёна!.

19. 01. 1996.

## ЧАРО ТАР КАРДАНД?

Д. – ро чунин одате буд: ягон суруди рӯҳнавоз аз карнаи радио садо диҳад, ҳадаҳа аз ҷой мехест ва ба овозхон ҷӯр шуда, ба ҳавои суруд арғушт мерафт.

Баъзан Д. – ро шавқи дил боло гирифта, дергоҳ наметавонист ба худ ояд, яъне суруд ба охир расида бошад ҳам, вай ором намешуд, – байтҳои онро зери лаб такрор карда, дар ҷои нишаст чун кабӯтар қанотак мезад.

Ҳамкорон ба нағмаҳои Д. одат карда буданд ва аз замзамаю ҷастухезҳояш ҳайрон намешуданд…

Ҳоҷӣ Муродро ба шуъбаи мо гузаронданд. Рӯви аввали кор ӯ чанд латифаи обдор гуфта, ба таҳсин сазовор гардид ва рӯзи дуюм низ, аз афт, хумори таҳсиншунавиаш гирифту пурсид: оё саломатии мо хуб аст?

– Ҳа, – гуфтем. – Чӣ буд?

– Ҳозир, – мужда расонд ӯ, – ман латифае нақл хоҳам кард, ки бисёр аҷиб аст. Метарсам, ки мабодо аз ханда рӯдакан шавед.

Гуфтем, ки хотирҷамъ бошад, рӯдаҳои мо– кормандони собиқадори нашриёт ғафс асту намеканад…

Воқиан , он рӯз иди кормандони савдо буд ва мувофиқи дархости онҳо консерт мешунавонданд.

Як вақт яке аз сурудҳои дӯстдоштаи Д. аз карнаи радио танин андохт. Ва ӯ бидуни ихтиёр аз ҷой бархосту мобайни ҳуҷра рафта, ба хиромидану сароидан сар кард.

– Тарк кардам!. . Тарк кардам!..

Муддате чархиду баъд нохост чашми ӯ ба корманди нави шӯъба– Ҳоҷӣ Мурод афтода, ғолибан аз кори худ шарм дошт ва тозон берун баромад.

Ҳоҷӣ Мӯрод гаранг шуд. Вай, ки ҳанӯз ҷои хандаовари латифаро нақл накарда буд, аз фарти тааҷҷуб гоҳ ба мо менигаристу гоҳ ба дар. Ва гаштаю баргашта мепурсид:

– Аҷабо, барои чӣ он кас тар карданд? Охир, ман ҳоло чавҳари латифаро нагуфтаам– ку!. .

19. 01. 1996.

## РОЗӢ НЕСТАНД

Як гурӯҳ адибон ба ноҳияи Ёвон омада, аз чанд хоҷагӣ дидан мекунанд. Дар ниҳояти вохӯриву мулоқотҳо шоири ёвонӣ Убайдуллоҳ Ширин онҳоро ба хонааш даъват менамояд, ба як пиёла чой. Дар назди дарвозахонаи Убайдуллоҳ тавилаи хар будааст. Ҳангоми аз дарвоза ворид шудани меҳмонон, саҳеҳтараш, баробари дидани роҳбалад С. (корманди кумитаи ҳизбии ноҳия) хар як қад парида, дар ғояти бесаранҷомӣ баланд ҳанг мезанад.

С. ба андеша меравад: онҳо чанд тан зан ҳастанд, чаро хар маҳз ба вай ҳанг зад? Ва қабл аз даромадан ба меҳмонхона дар хонаи дигар либосҳои худро ба ифоқа меорад, яъне ба сар рӯмол гирифта, поҷома мекунад. Убайдуллоҳ қабл аз гусели онҳо… даҳони харро «мебандад», яъне дар пешаш як бағал беда мепартояд, ки вай асной баромадани меҳмонон бетамизӣ накунад.

Хар ҳурмати меҳмононрпо ба ҷо меорад, фақат… Ҳамин ки С. ба тавила наздик шуд, нохост сарашро бардошта, гарданашро меёзонад, вале… ҳанг назада якбора сарашро поин меафканад ва гӯё узромез фирқ– фирқ мекунад, яке аз онҳо (ғолибан устод Қутбӣ) мегӯяд:

– Дидед? ҳатто харҳоямон розӣ нестанд, ки занҳо либосҳои миллии худро партоянд!. .

26. 01. 1996.

## ТУҲФАИ ОЛИҶАНОБ

Н. ба кадом як шиноси мошиндораш занг зада, хоҳиш намуд, ки баъди ним соат ба нашриёт биёяд, бо ҳам ба мағозаи маҳаллаи километри нуҳум мераванд, ба он ҷо дегҳои нағз омадааст.

Шиноси Н. дарзамон ҳозир шуду изҳор кард, ки ба хидмат тайёр аст, лекин…як чизро намефаҳмад. Яъне ба

Н. дег чӣ лозим? ҳафтаи гузашта онҳо ҳамроҳ аз Тоҷикобод омаданд ва нағз дар хотир дорад: вай дар роҳ як дег харида буд.

Н. гапи вайро тасдиқ кард.

– Фақат як неву ду дег харида будам. Онҳо ҳоло дар таҳхона истодаанд, – гуфт ва илова намуд:– Аз рӯи шунидам, ин дегҳо чӯянианд. Мебинем, агар калонтар бошанд, аз инҳо ҳам дута мехарем.

Шиноси Н. дигар чизе напурсида, дар ғояти тааҷҷуб шонаҳояшро боло андохт.

Онҳо ба мағозаи километри нуҳум рафтанд.

Рӯзи дигар Н. аз фарти хурсандӣ чашмонаш барқ зада, пай дар пай чанд бор суруди «Ленин– бародар, раҳнамо!»– ро хонд. Фаҳмидем, ки кораш омад кардааст ва барои табрик дасташро фишурдем.

– Хайрият, сари вақт рафтем, – посух дод ӯ, – агар не, бенасиб мемондем. Фурӯшанда шинос баромад, ба исрори вай яктаи дигар харидам. Гапаш дуруст:кӣ медонад, боз кай ба мағоза дегҳои чӯянӣ меоянд. Ҳамин тавр, ба ин сета биста шуд шумораи дегҳоямон.

Мо дам назадем. Биста– а? Муҳаррирони нашриёт он тараф истанд, ҳатто ошпазҳои касбӣ ин қадар дег надоранд дар деҳа!

Баъди ду рӯз димоғи Н. якбора ночоқ гардид. Чинҳои пешониаш ба ҳамдигар печида, чигот андохта менишаст. Нохост телефон занг зад ва ӯ гӯшакро бардошта, якбора чеҳрааш равшан гардиду муддате башавқ даст афшонд. Баъд хаёлолуд аз тиреза ба осмон нигариста ғурунгид:

– Ватанам– СССР,

Гулшанам– СССР!. .

Пои духтари Н. вазнин буд, мо гумон кардем, ки чашми вай равшан шудааст ва ба табрикаш бархостем. Вале…

– Чӣ? Не, ҳоло ба бобо шудани банда вақт ҳаст, – гуфт ӯ. – Сабаби ин ҳолати ман дигар. – Н. андешамандона дафъатан аз тиреза, ба осмони соф нигарист. – Келин ҳам имрӯз аз вай харидааст…

– Аз чӣ? Дег!

– Ҳа, – боифтихор табассум кард Н. – Мебинад, ки дар маѓозаи худамон тал задагӣ. Боз аз ҳамонаш, ки ба ман маъқул аст– чӯянии дугӯша. Илоҳӣ барака ёбад, зани дурандеш аст модари бачаҳои ман. Бидуни фикру хаёле дута мехарад…

… Як рӯз Гурез Сафар дертар ба кор омада, моро ғарқи дарёи тафаккур диду оҳанги тааҷҷуб кард– «Чӣ гап?»

– Ҳозир Н. занг зад, – гуфтем мо. – Имрӯз вай мавлуд доштааст. Ҳамаро ба хонааш даъват кард.

Гурез хурсанд шуд.

– Бисёр хуб. Сарҷамъ шуда меравем. Дар дунё аз табрики дӯст дида кори савобтаре нест!

– Гапат дуруст, – паси сар хоридем мо. – Лекин ним соат аст мо ба хулосае омада наметавонем. Чӣ тухфа хоҳем бурд, ба рӯзи мавлуд дасти холӣ рафта намешавад.

Гурез ба фикри мо розӣ шуд.

– Дар ҳақиқат, масъалаи туҳфа бисёр ҷиддист. Н. одами ҳассос, зуд хотираш бор мегирад.

– Ҳама гап дар сари ҳамин, ки Н. наранҷад, яъне туҳфа бояд на фақат кирои, балки мувофиқи табъи ӯ бошад.

Баъди каме андеша Гурез… бори вазнини хиҷолатро аз дӯши мо бардошт, яъне гуфт, ки мо бистсӯмӣ партофта, хотирҷамъ ба хонаи Н. равем, вай масъалаи туҳфаро ҳал карда, аз ақиб меояд. Азбаски Гурез дар ин кор– интихоби туҳфа маҳорати хоса дошт, мо миннатдорона ба китфаш даст ниҳодем– «Ташаккур!»

Гурез дар ваъда хилоф накард, соате пас омад. Ӯро худи Н. истиқбол намуда, ба хона даровард. Аз ҳолати хуши Н. фаҳмидем: Гурез туҳфаи олиҷанобе харидааст ва бо иштиҳои қозгир кабобу шароб хӯрдем…

Ниҳоят вақти рафтан шуд, мо ба Н. умри дарозу саломатии бардавом орзу намуда, бархостем. Ҳангоми гусел Н. калиди мошини Гурезро ба дасташ дода, гуфт:

– Гапат рост будааст, дар ҳақиқат он ба дари хона нағунҷид, ба таххона бурдем.

– Ҷои вай алъон таххона аст, – хандаи ночаспоне кард Гурез ва афзуд:– Чизҳои калонро одатан дар таххона нигоҳ медоранд.

Н. ба аломати ризо калла чунбонда, хушбошӣ намуд. Мо ба мошини Гурез нишастем.

Дар роҳ аз Гурез пурсидем: Ба шаст сӯм чӣ харидааст, ки ин қадар калон асту ба дари хона намеғунчад?

Гурез боз хандид.

– Истед, аз хонаи Н. дуртар равем, баъд мегӯям.

Ба дили мо алав афтид: барои чӣ вай ин тавр мегӯяд?

– Барои он, ки Н. қуттиро кушода, фиғон бардорад, овозашро нашунавем.

Ҳуш аз сари мо парид.

– Фиғон бардорад?

– Ҳа, – суръати мошинро афзуд Гурез. – Ман, охир… Дар даруни қуттӣ дег аст. Деги калони ошпазӣ…

28. 01. 1996.

## БИСЁР ГАП НАЗАН!

Баъди чанд моҳи табобат дар беморхона ва «истироҳат» дар хона боз ба кор шурӯъ кардам. Ёди он рӯзҳо бароям бисёр гарон аст, – бо азоби алим идора омада, бармегаштам. Гоҳо дарди ҷонкоҳ боло мегирифт ва бе мадади дигарон наметавонистам аз ҷой бархезам ё берун аз остона пой ниҳам.

Хайрият, рӯзҳои сахту ваҳшатбор пушти сар шуданд, – сиҳатӣ ба нозу нуз ва миннату нудрат бошад ҳам, билохир даст дод.

Дар он рӯзҳо шодравон Баҳром Фирӯз аз Хуҷанд ба Душанбе омаданд ва аҳволи бади маро дида, ангушти тааҷҷуб газиданд. Оё мумкин аст одам дар чунин як муддати кӯтоҳ аз биҳишти бароҳати тандурустӣ ба дӯзахи тоқатфарсои беморӣ афтад? Сипас кулоҳро аз сар гирифта, ба кӯмаки ман (Бояд гуфт, ки он кас аз асрори тибби қадим як андоза бохабар буданд ва аксари китобу

рисолаҳои духтурони ҳозиқ ва муттахасисони варзидаи тибби муосирро мехонданд) камар бастанд, яъне ба дилсӯзии тамом дастур медоданд: барои раҳидан аз ин беморӣ чӣ бояд кард?

Суҳбати мо тӯл кашид. Зеро тадбирҳои давоӣ зиёд буданду ҳамаи онҳоро ба хотир гирифтан ҳеҷ имкон на-дошт. Ва ман маҷбур будам, ки шарҳи баъзеашонро нуқта ба нуқта дар дафтарчаам нависам. Ҳеҷ аз хотирам намеравад: аз «Рисолат– ул– адвия» ном китобе чанд по-ра шеър аз ёд хонданд ва ҳар кадоми ин пораҳо дар ду–се саҳифаи дафтарчаи ман ҷой мегирифт…

Он рӯз мебоист бо Ҳайрат Шанбезода ба ошхона ме-рафтем. Бинобар ин, ӯ чанд маротиба соаташро ба ман нишон дод ва ба долон баромада, муддате пасупеш қадам зад. Ва азбаски бо вуҷуди ин суҳбати ману акаи Баҳром хотима наёфт, асабӣ шуда, худаш танҳо нонхӯрӣ рафт…

Баъд аз чанд моҳ аз Хуҷанд хабари нохуше расида, ҷигари моро об кард. Баҳром Фирӯз– он шоири ширин-калом ва носири воломақом дар айни камолоти эҷодӣ аз сактаи дил ногаҳон фавтиданд…

…Боре кадом як хеши Ҳайрат ба нашриёт ташриф овард ва аз бемориам хабар ёфта, «амр» намуд: зуд қаламу коғаз гирам ва ҳар чӣ ӯ гӯяд, бинависам. Маълум шуд: меҳмон низ акаи Баҳром барин аз асрори тибби қадим бохабар будааст. Ва хосиятҳои шифоии чанд гулу гиёҳро шарҳ дода, эътимод бахшид: агар аз онҳо исти-фода барам, дарди танам ба чаҳор пой хоҳад гурехт.

Онҳо бояд ба меҳмонӣ мерафтанд, ба ин сабаб нақли бафурҷа ва дуру дарози хешаш Ҳайратро водор намуд чанд бор гулӯ афшонад, яъне: дер шуд. Азбаски меҳмон «забон»– и гулӯии ӯро нафаҳмид, Ҳайрат ноилоҷ аз ҷой бархост ва назди мо омада, аз хешаш пурсид: оё Баҳром Фирӯзро мешиносад?

– Ҳа, – гуфт меҳмон. – Раҳматӣ нависандаи хуб буд. Ман аксар қиссаву ҳикояҳояшро хондаам.

– Оё медонӣ, ки вай баъди суҳбат бо ҳамин мардак

мурд?

– Не… меҳмон аз чӣ бошад, ранг бадал карда, бо тааҷҷуб гоҳ ба ман менигаристу гоҳ ба хеши худ.

– Ҳа, – кулоҳашро аз либосовезак гирифт Ҳайрат. – ҳама гап дар ҳамин, ки касе дар бораи бемории ӯ бисёр гап занад, дер нахоҳад зист…

03. 02. 1996.

## КӮРХАТ

Арбоб Вадуд гуфт, ки боз дар гардани Низом Қосим пучак баромадааст.

Пиёлаҳои чойро як тараф монда, афсӯс хӯрдем. Зеро медонистем: шоири бечора чанд моҳ инҷониб рӯйи хуш надошт. Пучак, исқотӣ, ба Низом ошиқ шуда буд магар, бидуни ибову андеша як рӯз аз ин ҷой ва рӯзи дигар аз он чои танаш мебаромад.

– Пучак?– абрӯ ба ҳам кашид мунаққид Н., ки меҳмони мо буд. – Агар Низом хасисӣ накунад, ман роҳи пучакро мебандам, вай дигар ба ӯ ҳатто наздик намешавад.

– Пучак шоири беҳунар нест, ки аз даму нафаси мунаққид тарсад, – хандид Арбоб.

– Хандаатон, бародар, беҷост. Ман ҳазл намекунам, – ранҷид Н. – Шумо рафта, бо Низом маслиҳат кунед…Ман аз авлоди Эшонҳои бузург ҳастам, кӯрхати пучакро медонам.

Ин дам худи Низом аз дар даромад, ки бо даст даструмолро дар паси гарданаш медошт. Аз ранги коҳидаи рӯй ва чашмони ба косахонаи сар фурӯрафтаи ӯ маълум буд: ба чӣ азобе мувоҷеҳ аст.

Даъвои Н. – ро шунида, гуфт:

– Як не, даҳ зиёфат медиҳам. Фақат… Пучаке, ки аз теғи духтурон наметарсад, магар аз даму нафаси эшонҳо…

– Аз ин ҷиҳат хотирҷамъ бошед, – ришханди ночаспоне

кард Н. – Худо хоҳад, шумо бо чашми худ хоҳед дид, ки чӣ гузаротар аст: даму нафаси эшон ё теғи духтур…

– Ҳа, хуб, – гуфт Низом ва азбаски пул надошт, харҷи зиёфатро аз занҳо қарз кард.

Бо ҳидояти Н. тарабхона рафтем. Баъди зиёфат ӯ коғазеро чорқат карда, ба Низом доду гуфт, ки дар бағалкисааш нигоҳ дорад…

Хайр, баъд чӣ шуд: оё пучак домани Низомро сар дод?

Аз куҷо. Баръакс, баъди кӯрхат меҳри кабутаки пучак ба Низом тофт ва аз худи гӯшаш… сивудута баромад.

04. 02. 1996.

## ЧӢ ҶОИ ТААҶҶУБ

Аз ангушти Саидалӣ Маъмур хун гирифтан мехоҳанд. Барои таҳлил. Ҳамшираи тиббӣ ба нӯги ангушти ӯ сӯзан мезанад ва… Аҷабо, барои чӣ хун намебарояд? Шояд нӯги сӯзан ба пӯст нахалид?

Ҳамшира боз сӯзан мезанад. Аз шиддати дард чинҳои пешонаи Саидалӣ гиреҳ хӯрда, лабҳояш баҳам меоянд. Лекин… овоз намебарорад. Ба ҷои ӯ ҳамшира дод мезанад. Ин чӣ гап? Барои чӣ хун нест?

– Дастатонро ба гармкунаки barқӣ баред. Ачаб не, хун ях бастааст.

– Оё хун ях мебандад?– оҳанги тааҷҷуб мекунад Саидалӣ, вале дастонашро ба гармкунак медорад.

Баъди чанд дақиқа ҳамшира бори дигар ба ангушти шоир сӯзан мезанад. Ин дафъа тоқати ӯ тоқ шуда, ба тамоми қувват… Овози вайро шунида, мудири шӯъба ҳозир мешавад. Ва ба воқиа бовараш намеояд.

Ҳамшира аз ангушти Саидалӣ паи сӯзанро нишон дода, мегӯяд, ки ана, се бор сӯзан задаст.

Ҳайрати духтур афзуда, саволомез ба рӯи Саидалӣ менигарад ва ӯро… шинохта механдад.

– Э, чӣ ҷои тааҷҷуб. Хун надоштани шоир як чизи муқаррарӣ– ку…

Ҳар кӣ сӯзан бар сухане зам кунад,

Қатрае аз хуни ҷигар кам кунад!

05. 02. 1996.

## ОВЕЗАҲО

*(Қайде чанд аз базме, ки ба хотири таваллуди набера ва шарафмандӣ ба ордени «Шараф» муовини раиси нашриёти «Адиб» Фарҳоди Карим орост.)*

– Меҳмонон, рафиқон, дӯстон! Биёед, қадаҳҳоро бардорем.

– Бе сухан?

– Ҳа. Фарҳод берун баромад, кӣ мешунавад суханро?.

– Оҳ, оҳ! Арақи тоза будааст. Резед!

– Резам. Ба куҷо. Охир қадаҳатон пур.

– Аҷаб сода будаед! О ба ҳалқам резед. Ман арақа партофтагӣ.

Садр:

– Ҳоло навбат ба адиби шинохтаи точик, муаллифи қиссаву романҳои марғуб, устоди сухан Сорбон! Он кас суруд мехонанд.

Сорбон:

– Ҳавсалаи сурудхонӣ нест. Ман…

Садр:

– Илтимос, ман– манӣ нашавад!. . .

Овози занона:

– Ин чӣ буд. Арақ? Воҳ, ман об хаёл карда, ҳамаааашро нӯшидаам!

– Кадом Исмоилро мегӯед? Девори Бухороро?

– Ё шишаро ин тараф диҳед, ё дастатонро аз болои зонуям гиред!

– Инсони хуб аст Фарҳод. Вале чӣ илоҷ– орденаш доданд…

– Фарҳод аз ман ду сол калон.

– О, нав вай аз ман ду сол хурд гуфтед– ку?

– Он вақт ҳушёр будам– дия!

Садр:

– Рафиқон! Устод Лоиқ гуфтаанд: «Ватан сар мешавад аз гаҳвора»…

Лоиқ:

– Дуруст, мо ҳамин тавр гуфтаем. Лекин аслан ватан аз ҷои дигар сар мешавад!. .

Субҳон Тӯйғун:

– Ҳазрати Муҳаммад Иқбол фармудаанд:

Нигаҳ дор худрову хурсанд зӣ,

Далеру дурушту тануманд зӣ!

Мехоҳам, ки навзод «далеру, дурушту тануманд» шавад.

– Дурушт?– пурсид кадоме.

– Ҳа. Яъне… – забон хоид Субҳон Тӯйғун.

– …рекет шавад!– ба имдоди ӯ расид устод Лоиқ.

Садр:

– Сурудхонӣ бас, рафиқон! Ҳофизон омаданд…

– Сафедаш нағз ё сурхаш?

– Ба шумо чӣ фарқ дорад? Шумо милиса– ку…

– Вая диҳам? Дар ҳамин ҷой– а?

– Вая не. Ҳӯ ана вая!

– Ҳамту гӯед– да. Боз ман вая фаҳмидаам…

## ЗАН ДОРАД– КУ

Модар аз дар даромада, ҳайрон шуд: Furthermore Бобоҷон гиря дошт.

– Ҳа, чӣ шуд?

– Сино зад, – чашмонаш ғарқи обашро молид Бобоҷон.

Модар чун фаҳмид, вай ба фармудаи акааш амал накарда, шатта хӯрдааст, насиҳатомез гуфт: хурдсолон бояд қобил бошанд, яъне ба гапи калонсолон гӯш диҳанд.

Ин «беинсофӣ» Бобоҷонро бештар риққат оварду гиряаш баландтар шуд.

– Барои чӣ шумо пушти Синоро мегиред?– мегуфт ӯ ба модар. – О вай зан дорад– ку…

## СИТОРА

Баҳорон. Шибир– шибир борон меборад. Посе аз шаб гузаштааст, вале, вале… ман бедор. Намебарад хобам. Ҳарчанд бисёр мехоҳам хобидан. Зеро хастаам, аз бемадорӣ дасту поям меларзанд, дар тани кӯҳе бошам.

Аз ин китф ба он китф мегардам, чашмонамро пӯшида, то даҳ ҳазор, бист ҳазор мешуморам. Афсӯс! Ақаллан баҳам намеоянд мичаҳо. Ва… ман ноилоҷ боз дар чеҳраи нурафшони ту чашм медӯзам.

Он мисли чароғи барқист, ки ноқилаш дар торикӣ ба назар намерасад ва худаш мисли як нуқтаи фурӯзони паси пардаи торикӣ гоҳ аз як ҷо менамояд, гоҳ аз ҷои дигар…Чеҳраи беғубори духтарона, чеҳрае, ки чун саҳифаҳои китоби зиндагӣ пурмаъно… чеҳрае, ки бағоят зебо аст!

Табиист, ки ҳоло чеҳраи ту дигаргуна аст, Ситора! Ҳоло ту модари даҳ фарзанд ҳастӣ ва таровати чеҳраат ҳам даҳ тақсим шудааст. Ҳоло ҳам дилпазир аст он, ҳоло ҳам ҳуш мебарад. Аммо на ҳамчун офтоб, балки мисли як пораи он.

Оҳ, кош, ҳамин пора аз ман мебуд! Оҳ, кош, ҳамин пораяк мебуд насибаи ман дар дунё!. .

Агарчанд бошад камон сахтгир,
Ба охир тавозӯъ кунад пеши тир.

## ҚИТЪАҲО

Ошиқе мегуфт дар бечорагӣ:
«…Он парӣ бар дом осонам кашид.
Пайкари ман ҳамчу сӯзан карду пас
Меҳри худ бар риштаи ҷонам кашид…»

– Бар мӯйи сафеди хочаи мо
Аз ранги сияҳ фузун фитодаст.
Шояд ки зани ҷавон– ш бар ӯ
Ҳусну тараби шоҳӣ додаст?
– Не, хочаи мо биёяд аз тӯй,
Ин «ҳусн» зи ҳирси барзиёд аст.
Аз авали шом то дами субҳ
Сар ба куни дегдон додаст!. .

# АЗ ФОЛКЛОРИ ДАРБАНД

Заранг гуфтааст: «Табардаста аз худам набарояд, ба ман ҳеҷ офат намерасад».

* * *

Хар мирад, ҷулу ҷувозаш мемонад.

* * *

– Дӯғ назанед, чормағзи ман аз санги шумо наметарсад!

* * *

Алафи молхӯрда аввал дар шикамбааш ҳазм мешавад.

* * *

Ба мурғ санг партофту пои худаш шикаст.

* * *

Хари дар борон монда гарм намешавад.

* * *

Хари пойбанд дур намеравад.

* * *

Пойдор мешавем гуфта, аз даст мондем.

* * *

– Саг бошӣ, аз почакам гир, ба гарданам чӣ мебароӣ?!.

* * *

Лаби ширин аз бӯса озурда намешавад!

* * *

– Азбаски духтарамон хушрӯй аст, як қишлоқ домод дорем…

* * *

– Раис аз чилу ду дарё гузарад ҳам, суми аспаш тар намешавад!

* * *

Ҳаромӣ се рӯй дорад.

* * *

Барфи чиллаи хурд ковок мебиёяд.

* * *

– Пул бошад, хар чӣ лозим. – Худам ҳангас мезанам!

* * *

– Гов дар Бухоро, ҳӯш– ҳӯшаш ин ҷо!

* * *

Оби борон соҳилро мешӯяд.

* * *

Аз мор гурехту ба милиса зад.

* * *

Рӯзи сиёҳ ҳурмати мӯйи сафедро намедонад.

* * *

Алав шавӣ, сӯхта наметавонӣ, дарё шавӣ– бурда.

* * *

Духтари киву писари кӣ,
Дахмааш дар сари кӣ?!

* * *

Карбоси бою атласи гадо.

* * *

Рости гадо ба дурӯғи бой поргӣ намешавад.

* * *

Дард ба асп меояд, ба сангпушт меравад.

* * *

Кӣ дард кашад, кӣ оҳ гӯяд.

* * *

Ҳезум бошӣ, аз табар натарс.

* * *

Чӣ чоҳ кобӣ, чӣ зан гирӣ.

* * *

Ба об роҳ нишон надеҳ.

* * *

– Ман аз шумо калон будаам, луқмаи шумо– аз ман!

* * *

Дилро чашм гумроҳ мекунад.

* * *

Меҳмон– атои худо, аспаш балои худо.

* * *

Барф ба сари бой ҳам мебораду ба саори камбағал ҳам.

* * *

Хонаи безан– анбори холӣ.

* * *

Гов дошта бошӣ, гӯсола қарз медиҳам.

* * *

Духтари хона– чароғи бегона.

* * *

Ситорааш Миррих омад (Яъне бахташ натофт).

* * *

Бо дарё пойга накун.

* * *

Хари давлатманд аз тӯрбаи асп ҷав мехӯрад.

* * *

Марду зан– корду ғилоф.

* * *

Бо кофтани дандон шикам сер намешавад.

* * *

Беномусро ба хона роҳ надоданд, вай мегӯяд: «Харама кучо бандам?»

* * *

Хара ба тӯй даъват намуданд, вай оҳ кашид: «ҳезум тамом шудааст– чӣ?»

* * *

Чор дарбандӣ ҳамроҳ бозор мераванду аз дил мегузаронанд: «Ягон кас нест, ки дилатро холӣ кунӣ…»

* * *

Духтари Қирмиза бин,
Булбули Тирмиза бин.

* * *

Оё сукути ҳайкал ҳам аломати ризост?

* * *

Дуоҳои холаи Соҷида:

1. –Рӯи меҳмони нохондаро бинӣ!
2. –Аз даҳанат бӯи оғал ояд!

# ХОЛАИ МАҲТОБ

Шаб. Осмон– ситоразор, холаи Маҳтоб ба ситораҳои пурчило ба меҳр менигараду мегӯяд:

– Духтаронам…

* * *

Хари ҳамсоя мурд. Холаи Маҳтоб гиря кард.

– Акнун ба лаппиши чӣ механдем!. .

* * *

Баҳор, насими форам мевазад. Холаи Маҳтоб аз хона баромада, рақси лолахасакҳои хандони боми оғалро мебинаду аз шавқи дил… каф мекӯбад.

* * *

Соли 1964. Авҷи бӯҳрони иқтисодӣ. Мағозаҳо– холӣ. Орд нест, равғану биринҷ– тухми анқо. Сари дузд – баланд, дасти ҳаннонт– дароз. Ҳоли халқ – табоҳ…

Холаи Маҳтоб гаранг аст, ба фаҳми кори дунё намеравад. Рӯз торик мешавад, вале ӯ гӯгирд надорад, ки чароғи хонаашро даргиронад…

Аз радио хабарҳои охирин мешунавонанд. Ровӣ аз ҳуҷуми навбвтии тайёраҳои бомбаандози Америка ва дар чанд музофоти Ветнам забона задании алангаи оташ иттилоъ медиҳад.

Холаи Маҳтоб намедонад бомба чист, дар хонаи торик орзуи равшанӣ мекунад. Яъне, бисёр мехоҳад ба иродати худо тайёраҳои Америка дар фазои деҳаи онҳо пайдо шаванду аз ҳамон бомбаҳои оташафкан се– чорта партоянд…

* * *

Замин ҷунбид, дару девор шақаррас зада, садо барovарданд. Холаи Маҳтоб ҷонсарак шуда, ба бистари Акбару Акобир назаре афканду тозон аз хона баромада, сӯйи осмон кулӯх андохт:

– Ҳӯй, Худо, нағма накун. Намебинӣ, дар хона набераҳоям хобидаанд…

* * *

Одам чист– барге дар кафи боди тақдир. Ӯ намедонад ин бод аз кадом сӯ мевазад, ба куҷояш мебарад.

Гуландоми соҳибҷамол дар Дарбанд таваллуд шуд, ба воя расид, вале насибаи ҷавоне гардид, ки дур аз Дарбанд, дар водӣ мезист.

Аз даст рафтани чунин як духтари зебо холаи Маҳтобро малул кард ва ӯ шаби тӯй ҳама қаҳру заҳри худро ба сари ҷавонони деҳа рехт:

– Ношудҳо, беномусҳо, анкаголҳо! Чаро аз шарм ба замин фурӯ намеравед? Охир, байрақро аз дастатон мебаранд, байрақро!!.

* * *

Димоғи усто Абдулаҳад чоқ: кам не, панҷ дос фурӯхтааст.

Сари кампири Шодигул дар осмон: говаш дугоник зоидааст.

Деги Сафар– Мерган дар ҷӯш: як борхалта кабк шикор кардааст.

Ҳуши амаки Шамсӣ дар сараш нест: Нафақаашро гирифтааст.

Даҳони холаи Маҳтоб дар баногӯшаш: моҳ нав шудааст…

* * *

Санавбар– духтари мулло Раҳмат шавҳар кард.

Тӯй шуд, то як поси шаб базму сур карданду арӯсро ба хонаи домод гуселониданд. Вале гап дар ин нест.

Рӯзи дигар арӯсро бозпас оварданд. Бо чиҳозаш. Тӯйхона ба азохона табдил ёфт. Вале гап дар ин ҳам нест. Духтари мулло ҳам инсон аст ва наметавонад беайб бошад.

Домод ба шиддати алам тоб наовард, чашмаш хира шуду ақлаш тира ва аз гиребони мулло Раҳмат гирифт. Вале гап дар ин ҳам нест. Мардуми Дарбанд гармхунанд, як рӯз аз гиребони ҳамдигар нагиранд, шаб хобашон намебарад.

Пирони баномусро аз ин воқиа нанг омад, оҳи ба-

дард кашиданд: «Ба духтарони ин замон чӣ мегӯӣ! Андеша намекунанд, ки гиребони падар пораест аз домани онҳо!..» Вале гап дар ин ҳам нест. Аз қиссаву достонҳо медонем, ки духтарони замонҳои пеш низ чандон баандеша набудаанд.

Пас, аз чунин шаф– шаф мурод чист? Ё холаи Маҳтоб каромоте кард?

Оре. Ӯ дар деҳа набуд, баъди чанд рӯзи тӯй омад. Ва баробари шунидани он воқиаи нангин ҳуш аз сараш парид. Барҷаст, ба боми хонааш баромад ва даст ба осмон бардошта, хитоб намуд.

– Эй Худо! Ё ба ин бешармҳо инсоф деҳ, ё рӯи маро сиёҳ кун!!.

…Ҳамон шаб моҳ гирифт…

* * *

Холаи Маҳтоб мегуфт: «Ба дарё санг напартоед!» Вале на аз барои он, ки аз санги мо пеши дарё банд мешуд. Оби мусаффои дарё ба назари ӯ чун оина метофт, метарсид, мабодо шиканад.

Ӯ чунин мегуфт: «Аз дарё моҳӣ гиред!» Зеро намехост аз нодонӣ ба чашма шаст андозему дар бало монем. «Аввалан, хӯрдани моҳии чашма манъ аст, – мефаҳмонд ӯ. – Сониян, касе ки ба нияти бад сари чашма меравад, рӯзи хуш намебинад».

## ДУОҲОИ ХОЛАИ МАҲТОБ

Илоҳӣ, ришат резад!
Илоҳӣ, хабари марги душманат наояд!
Илоҳӣ, аз чормағзат як мағз нахӯрӣ!
Илоҳӣ, навбати осиё аз ёдат бароядᅠ!
Илоҳӣ, гови ҳамсояат дугоник зояд!
Илоҳӣ, ба мушқапак зор шавӣ!
Илоҳӣ, ба аспи меҳмонат ҷав наёбӣ!
Илоҳӣ, саратро ба собуни ҳамсоя шӯӣ!
Илоҳӣ, аловат дарнагирад!
Илоҳӣ, хори сари деворатро уштур хӯрад!

Илоҳӣ, мурғат дар катаки ҳамсоя тухм кунад!
Илоҳӣ, дурӯғат рост барояд!
Илоҳӣ, депутат шавӣ!
Илоҳӣ, СССР– ат барҳам хӯрад!
Илоҳӣ, аз полизат буттаи нашъа ёбанд!

* * *

Холаи Маҳтоб аз идораи колхоз меомад, дар назди ҳавлии усто Рӯзӣ шоҳиди моҷарои сахт гардид. Писари усто– Ҷаббор дар хашм буд ва дам ба дам ба гиребони падар мечасчпид.

Кампир муддате ба ҳаракатҳои Ҷаббор зеҳн монду роҳашро идома дод.

Дар хона ӯ гуфт, ки аз Ҷаббор раиси зӯр мебарояд.

– Кадом Ҷаббор?– ҳайрон шуданд. – Писари усто Рӯзӣ?. .

– Ҳо. Нав гиребонгириашро дида, ба ин бовар кардам…

## ЛАТИФА

Баргаштабахт дилсияҳеро ба рӯзгор,
Аз кимиёи лутф табе булаҷаб расид.
В– он гаҳ сиёҳ шуд рухи ӯ мисли дегдон,
Яъне ки ранги дил– ш ба рӯ аз тааб расид.
(Ин моҷаро, ки ҳеҷ надорад ба худ назир,
Чун нақшае зи ханда ба ҳар ғунчалаб расид).
Диданд рӯи ӯву барафрӯханд шамъ,
Бар занни он, ки рӯз сафар карду шаб расид…

# ҲАМЕЛ

Илф ва Петров ба тариқи ғайриоддӣ аз фикрҳои умумию қолабӣ даст мекашанд, яъне дарҳол аз баҳри ғояе мебаромаданд, ки якбора ба сари ҳардушон омада-аст.

Касе намедонад, ки часади Волтер дар кучост. Онро дар қарни 19 аз қабр дуздида буданд. Соли 1864, вақте қабрро кушоданд, холӣ буд.

Лорд Байрон чаҳор ғози хонагӣ дошт, ки ҳеҷ аз вай чудо намешуданд. Ҳатто дар ҷамъомадҳои умумӣ бо ӯ буданд. Бо вуҷуди фарбеҳӣ ва лангии пой Байрон аз мардони ангуштнамои даврони худ буду хушдорони зиёде дошт.

Ҳангоми атса задан чандин ҳуҷайраи мағзи сари одам «мемирад».

Шири уштур ҳаргиз намебурад.

Искандари Мақдуни мубталои бемории саръ буд.

Тӯли умри сӯзанак 24 соат аст.

Людовики 19, ки бо лақаби «Офтоб– шоҳ» машҳур аст, 413 кати хоб дошт.

Пулро аз коғаз не, аз пунба месозанд.

Дар таърихи инсоният теъдоди одамоне, ки аз зарбаи суми хар мурдаанд, нисбат аз қурбониҳои садамаҳои ҳавоӣ бештар аст.

Дар қиморхонаи Лас– Вегас соат вуҷуд надорад.

Як замонҳое дар шустани либос аз пешоб истифода мебурданд.

Аз як мукааб метр чӯб ним миллион дандонковак сохтан мумкин аст.

Вақти атса задан кушода будани чашм имконнопазир аст.

Дар курсии барқӣ ба қатл расондани чинояткор бояд дар ҳузури 40 шоҳид сурат гирад.

«Монология» илмест, ки аблаҳиро меомӯзад.

Як қатра об метавонад 25 литр обро ифлос, яъне ғайринӯшиданӣ намояд.

Нартенофобия– бемории духтарони бокира аст.

Мумайизон ба таҳқиқи мӯи сари одам чинс, синну сол ва нажоди вайро муқарар намуда метавонанд.

18 марти соли 1970 дар яке аз бозорҳои Сотби як обчинаки шишагӣ (пресс– пайе) 20. 000 доллар ба фурӯш рафт.

Дорухонаи нахустини ҷаҳон дар Бағдод 1000 сол қабл аз солшумории милодӣ таъсис ёфтааст.

Ғилофаки 9 (презерватив) навъи Kamsys ба ифтихори фиръавни Мисри Қадим Рамзеси 2, ки 160 фарзанд дошт, номгузорӣ шудааст.

Қурбоқа дар тӯли умри хеш бештар аз 3 тонна

хомӯшак мехӯрад.

Ҳанӯз дар асрҳои12– 13 то солшумории мо аз ғилофакҳои пешгирии дуҷонӣ (презерватив) истифода мебурданд. Онро аз пардаи шиками моҳӣ тайёр менамуданд.

Пётри дар навохтани фортепиано чунон мумтоз буд, ки баъзан аҳли дарбор аз маҳорати ӯ ангушти ҳайрат ба лаб мебурданд.

Шир турш нахоҳад шуд, агар ба он бензин биомезанд (1 қошуқча ба 1 литр)

Одам дар тӯли умри худ ба ҳисоби миёна 230105 маротиба суханҳои носазо мегӯяд.

Ҳар дақиқа ҷаҳониён 27529124 литр пиво меошоманд.

Гес– соҳиби нахустини ширкати «Малборо» аз саратони шуш фавтидааст.

Доктор Эллис Чейсе, муаллифи чандин китоб оид ба тарзи дурусти ғизо (аз ҷумла рисолаи машҳури «Меъёри ғизо») аз бемории пурхӯрӣ фавтидааст.

Дар ИМА ҳар дақиқа 12. 500 сагча таваллуд мешавад.

Сагҳо қобилияти тафриқаи рангҳои светофорро надоранд. Бинобар ин дар қиёс ба ҳаракати одамон аз кӯча мегузаранд.

# ИДОМАИ ҲИКОЯҲОИ ДАҲАНАКӢ

## ҲАНӮЗ НАРАФТАЕМ

Шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев чанд амалиёти ҷарроҳиро аз сар гузаронда, аз беморхона баромаданд. Он рӯзҳо як дасти он кас ба гарданашон овезон буд ва бо вуҷуди зӯриву тоқатфарсоии дард ҳазл мекарданд, механдиданд.

Кадоме аз ҳамқаламон аз он кас ҳол пурсида, гуфт:

– Хайр, сиҳат шуда рафтед, охир?

– Сиҳат– ку шудем, – хандиданд амак. – Вале ҳанӯз нарафтаем…

## МАН – ШАҲРВАНД

Дар Эрон аз ҳайати меҳмонони точикистонӣ мепурсанд: «Шумо моли куҷо ҳастед?» Лоиқ Шералӣ ба ҳамроҳони худ ишора намуда, мегӯяд:

– Инҳо моли Тоҷикистонанд. Аммо ман шаҳрванди Тоҷикистон ҳастам…

## ДУРУСТ

Боре дидем, ки Саттор Турсун бо Н– и баду бахил, беаҳду нотавонбин ва зихнаю хиёнатпеша аз ошхона баромад. Баробари ба мо наздик шудан, Н. лабони кабудрангашро лесидаву шиками бузургашро хорида, гуфт:

– Устод маош гирифта буданд. Андак оби шикамашонро ҷунбондем.

Чизе нагуфтем мо, ҳарчанд аз диламон гузашт: соддагиро бинед, чунин як сухангустари абарқудрат дар интихоби ҳамнишин чӣ андоза оҷиз аст.

Аз байн чанд рӯз гузашт. Аснои пешниҳоди асари то-

заи Саттор Турсун «Санг дар бағал ба тӯфон» ба дарёфти ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ аксари ҳозирон таъкид намуданд, ки дар қиссаи мазкур муносибати адиб ба сагҳо– чӣ бовафо ва чӣ бевафо– ҷолиб аст.

Дуруст, – луқма партофт кадоме. – Саттор Турсун ба сагҳои номард ҳам атола медиҳад…

## ИЛОВАПУЛӢ

Н. ибову андешаро намедонист ва рӯзе набуд, ки аз суханони ноҷову бадбӯи ӯ аламе тозаву диле озурда нашавад.

Дар як суҳбат Н. (Воқиан, он рӯз ҳам забони сурхи ӯ ранги чанд касро «кабуд» карда буд. ) донистан хост, ки фалонӣ (собиқ ҳамкорамон) чанд сӯм нафақа мегирад.

– Нафақаашро намедонам, – пешона молид Ҳайрат Шанбезода. – Вале медонам, ки чор ҳазор сӯм иловапулӣ мегирад.

Табиист, ки Н. оҳанги тааҷҷуб кард.

– Иловапулӣ? Чӣ гуна иловапулӣ?

– За вредность, – номаълум ба ҳозирон чашмак зад Ҳайрат. – Охир, зани вай ҳамдиёри шумост…

## НАҶОТ ДИҲАД

Нависанда Н. – ро одате буд: ҳамин ки завҷааш қаҳр карда, хонаи волидонаш рафт, ба алами фироқ тоб намеовард ва тахта– тахта шеър менавишт. Дар чунин мавридҳо ҳоли шоир Ҳайрат Шанбезода табоҳ мешуд. Зеро ба ӯ лозим меомад, ки «фироқнома»– и Н. – ро сатр ба сатр хонда, ҳусну қубҳашро гӯяд.

Боре Н. бо чашмони аз бехобӣ сурху варамида ба нашриёт омада, дафтари калонро аз чузвдонаш баровард.

– Ин чӣ? Шеър?! –хавотиромез ба Н. нигарист Ҳайрат. – Бо занат боз гапатон гурехт– чӣ?

– Ҳа, – иқрор шуд ӯ. – Як ҳафта аст на шаб хоб дорам на рӯз…

– Вой бар ҳоли ман!– нидои нохуше баровард Ҳайрат ва ноилоҷ дафтарро кушод.

Табиист, ки мутолиаву қазовати шеърҳои нависанда осон нест. Дере нагузашта, фишори хуни Ҳайрат баланд шуда, чанд ҳаб дору хӯрду аз Н. хоҳиш намуд нишонии падарарӯсашро бо миқдоре пул диҳад.

– Нишонии падарарӯсамро чӣ кор мекунӣ?– бо тааҷҷуб абрӯ ба ҳам кашид Н.

– Ба завҷаат барқия мефиристам, ки зуд Душанбе омада, адабиёти тоҷикро наҷот диҳад.

Тааҷҷуби Н. бештар шуд.

– Адабиётро наҷот диҳад. Аз чӣ?

– Аз шеърҳои фаҷи ту!– табассум кард Ҳайрат.

## ИД

Қурбони Аламшоҳ аз Хоруғ омада, тибқи одат моро зиёфат дод. Аз ҳиммату саховати ӯ сари Н. осмон соида, бо ифтихор гуфт:

– Ҳар омадани Қурбон барои ман ид аст, иди қурбон.

.

## АГАР…

Китоби Наҷмиддини Шоҳинбодро нашр кардем. Вақте ӯ мефаҳмад Қурбони Аламшоҳ озими Душанбест, мегӯяд:

– Аҳволи баду рӯзи сахтамро ба роҳбарони нашриёти «Адиб» гӯй. Агар зудтар ҳаққи қалам нафиристанд, адабиёти тоҷик талафоти калон хоҳад дод…

23 феврали соли 1999

## ПИЁЛА КАНӢ?

– Э канӣ вай? Барои чӣ пиёлаи шумо нест?– пурсид Гурез Сафар аз Н.

Гулназар ба пешонаи турш ва қиёфаи андӯҳбори Н. як назар андохта, гуфт:

– Аз афт, ин кас арақро ба пиёлааш хӯрданд…

## БАРОИ ЧӢ?

Ба Фаттоҳ Одина имкони гуфтани нӯшбод надоданд. Ранҷид ӯ ва мушти худро сахт ба миз кӯфт.

Вақте ҳозирон изҳори норизоӣ карданд, Фаттоҳ Одина бо тааҷҷуб китф барҳам кашид, яъне барои чӣ зарбаи дигарон неву маҳз аз ӯ боиси маломат шуд.

– Барои он ки, – табассум кард Гулназар, – аз шумо задани оҳангар буд…

## БА ДИЛАТ НАЗАДААСТ?

Боре Фаттоҳ Одина аз Гулназар сабаби парешонҳолиашро мепурсад.

– Садупанчоҳта мефорад, вале спонсор нест, – пешона мемолад Гулназар. Сипас табассум мекунад. – Шумо спонсор намешавед?

– Мешавам!– механдад акаи Фаттоҳ. – Лекин оё ба дилат назадааст?

– Чӣ?– ҳайрон мешавад Гулназар.

– Ҳар рӯз спронсор шудани ман…

* * *

– Чӣ дод мезанӣ, Аҳмадшоҳ?

– Ман дод назадаам, оҳ кашидам…

* * *

– Ҳой Гурез, ту арақа каш ҳар қадар лозим бошад, ба ҷоят Н. бинӣ мекашад…

* * *

– Ғам нахӯр, Аҳмадшоҳ бемориат вазнин бошад ҳам, умри дароз мебинӣ. Ганда мурдан надорад…

* * *

– Баъд чӣ шуд?

– Баъд… Дар воқеъ, баъд чӣ шуд, Гурез?

– Ман намедонам.

– Ҳа, баъд «маннамедонам» шуду зуд аз ошхона баромадем…

* * *

– Исто, ки Гулназар чӣ гуфт?

– Гулназар гуфт, ки ман чӣ гуфтам.

– Тамом?

– Тамом.

– Хайр, бардоштем…

* * *

– Китобата хондам, Аҳмадшоҳ. Маладес! Киоби худама хонда, ин қадар нахандида будам…

* * *

Ҷим!. . Дар долон як муфтхӯр қадам мезанад…

* * *

Фаттоҳ Одина:

– Бори насри муосири точикро аслан даҳ тан мекашанд. Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев ва Саттор Турсуну ҳафт шогирдаш…

## НАХОД НАФАҲМӢ?

Гурез Сафар ғазали машҳуреро, ки дар асри 19 иншо шудааст у бо сатри «Ғам махӯр аз бепулӣ Бепул, ки дарё

бепул аст» анҷом меёбад, хонду маънояшро аз Раҷаб Мардон пурсид:

– Наход нафаҳмӣ?– паси сар хорид ӯ. – Маънояш ҳамин, ки об дар асри гузашта бепул буд, ҳозир– пулакӣ…

## МАН ПУРХӮР НЕ

Ошхона. Маслиҳат шуд, ки тухмбирён мехӯрем. Ва аз Ҳайрат Шанбезода пурсидем: барои ӯ даҳтоаш кифоя аст.

– Ман пурхӯр не, – гуфт ӯ бо ифтихор. – Яктааш ҳам мешавад.

– Як тухм?

– Не, албатта, мурғ. . .

## АЗ ЁД НАРАФТААСТ

Рӯзгори сахту сангин доштем.

– Ҳеҷ гап не, ин рӯзҳо мегузаранд, рӯзҳои пурфайз фаро мерасанд, – тасаллӣ медод олими қадршиносу дасткушод Абдуҷаббори Раҳмон ва ҳамеша бо ду– се сӯм чойпулӣ як ҷаҳон ихлоси мо, муҳаррони камбизоатро мехарид.

Боре ӯ ба нашриёт омада, ду– се соат нишаст. Вале… Ҳайрат Шанбезода дид, ки дасти меҳмон ба кисааш намеравад, хавотиоромез ба Н. нигарист. Н. , ки дар чорасозӣ ҳамто надошт, дарҳол гулӯ афшонда, вирди забон намуд:

Гӯӣ бирафт ҳофиз аз ёди шоҳ Яҳё,
Ё раб, ба ёдаш овар дарвеш парваридан!

Сеҳри каломи Хоҷаи лисонулғайб мӯшикоф бошад ҳам, аз чӣ сабаб, ба дили олими ҷавон таъсир накард ва

натавонист эҳсосашро ба таҳрик оварад. Ӯ боз муддате дар нашриёт буд, бо вуҷуди ин…

Баъд аз ду– се рӯз Абдуҷаббори Раҳмон дар кӯча чанд сӯм ба кисаи Н. андохта, мегӯяд:

– Ҳоҷа Ҳофиз ҳаргиз аз ёди шоҳ Яҳё нарафтааст. Фақат… ман он рӯз пул надоштам…

## ЧИЛАША ИНТИЗОР

Он вақтҳо Ғарибӣ дар яке аз маҳаллаҳои навбунёди шаҳр мезисту бо автобуси рақами 40 рафтуомад дошт.

Боре гапи Н. бо Ғарибӣ гурехту онҳо муддате моҷаро карданд. Баъди ягон соати ин воқиа Н. бархоста, аз тиреза ба берун нигарист ва аз чӣ бошад, дарҳол димоғаш сӯхта, саросема дар ҷояш нишаст.

– Чӣ гап?

– Э, нохушона даст афшонд Н. – Афташ дар гӯр, вай дар истгоҳ.

– Кӣ? Ғарибӣ?– ҳайрон шуданд ҳамкорон.

– Ҳа, – гуфт Н. – Чилаша мунтазир…

## ФАРҚ– СЕ СОЛ

Аз Ҳайрат Шанбезода пурсидем, ки завҷааш чандсола аст, гуфт: «Аз худам ягон се сол хурд…» Вақте донистан хостем, ки худи ӯ чандсола аст, гуфт: «Ман ягон се сол аз завҷаам калон ҳастам…»

## М Х М

Меҳмон Бахтӣ вакили маҷлиси Олӣ интихоб шуд ва сарварии шӯъбаеро ба зимааш гузоштанд. Боре аз кӯча мошини аскарони пиёдагард гузашту кадоме пурсид: ой, он БМП буд.

– Не, – гуфт Сорбон, – МХМ буд, яъне Мошини Хизматии Меҳмон…

## АЛОМАТИ ПИРӢ

Боре кадом як шиноси Меҳмон Бахтӣ гила мекунад, ки ӯ имрӯз аз наздаш гузашт, аммо вайро надид. Меҳмон зуд узр пеш меоварад: «Бубахшед. Шояд ин аломати пирӣ бошад. Ҳоло ман аз масофаи 8– 10 км одамро намешиносам…»

## АЗ ХУДАМА ХӮРДАМ

Айни авҷи суҳбати дӯстон шоир Атои Мирхоча ба ҳуҷра медарояд. Азбаски шиша холӣ буд, Муҳтарам пиёлаи назди Н. – ро гирифта, ба Ато медиҳад.

– Газак нест, Атоҷон. Лекин ту шоир ҳастӣ ва метавонӣ ягон газаки зӯри хаёлӣ офарида, аз болои ин арақ хӯрӣ.

– Албатта, – механдад Ато, – барои шоир аз офаридани чизҳои хаёлӣ дида коре осонтар нест.

Дили Н. ба арақ кашол будааст, ки ҳадаҳа пиёлаи арақро аз дасти вай мегирад.

– Ин тавр бошад, – мегӯяд ӯ, – шумо барои худ арақи хаёлӣ ҳам офаред ва монед, ки арақи худамро худам хӯрам…

## САЛОМАТОНРО РАСОНДАМ

Сигаретҳои сабуку хуштамъи хориҷӣ он вақтҳо тухми анқо буданд. Н. тоби тамокуи баланду вазнини худамон надошт, бинобар ин нимрӯз аз мағоза ба мағоза гаштаву дарду балои фурӯшандаҳои шиносу ношиносашро гирифта, як қутти «Родопи» ёфта, ба нашриёт омад ва ҳадаҳа лифофаро кушод, ки котиба болои мизи кораш гузошта буд.

Мактуб аз як рафиқи ӯ буд. Вай дар фуроварди мак-

туб хоҳиш менамуд, ки ба ҳамкорамон шоир Муҳтарам ҳотам салом гӯяд.

Н. зуд Муҳтарамро даъват карда, хоҳиши рафиқашро ба ҷо овард.

– Дар ҳақиқат, бисёр қарин будем, – аз сигаретҳои камёби Н. якта даргиронд Муҳтарам. – Он кас декани факулта бошанд ҳам, ҳаргиз нописандӣ намекарданд. Мудом эҳтироми шогирдонро ба ҷо меоварданд…

Баъди соате Муҳтарам ба ҳуҷраи кораш рафт. Вақти рафтан ӯ боз аз сигаретаҳои болои миз якта гирифта, чашми соҳиби онро чорта намуд.

Дере нагузашта, Н. ҷавоби мактубро навишт. Он ба чунин чумлаҳои аламангез ба охир мерасид: «Саломатонро ба Муҳтарам расондам. Аз хурсандӣ сари вай ба осмон рафту дастҳои дар замин мондааш сигаретаҳои маро ғорат карданд…»

## ДУВОЗДАҲ СОАТ?

Боре муҳаррири саҳифабанди нашриёт духтари соҳибчамол Меҳрӣ изҳор дошт, ки шаби гузашта, соати шаши бегоҳ хобида, соати шаши рӯзи дигар бедор шуд.

– Дувоздаҳ соат– а?– бо қаҳр абрӯ ба ҳам кашид Н., ки ба марази бехобӣ гирифтор буд. – О мурдаҳо ин қадар хоб мераванд!. .

## ЗАҲРРО ҲАМ МЕХӮРАД

Шоир Алӣ Бобоҷон соате инҷониб раҳи Н. – ро мепоид. Кадоме аз дар даромада, гуфт, ки вай дар ҳуҷраи Раис қаҳва нӯшида шиштааст.

– Бо Раис қаҳва менӯшад?– аз чӣ бошад, оҳанги тааҷҷуб кард Алӣ Бобоҷон. – Н. – а?!.

Юсуфҷон Аҳмадзода, ки умуман аз зоти хушомадгӯёну лаганбардорон қимоб аст, бо нафрати ошкоро гуфт:

– Н. – и шумо, ако, бо Раис заҳрро ҳам мехӯрад…

## АЗ НАРХАШ

Ҳаво гарм буд, бинобар ин, бо вуҷуди баландии нархаш аз пивои сард якдӯлчаӣ нӯшидем.

Азбаски рассом Азимҷони Муҳаммадиро ранги рӯй канда, ба чашмонаш сурхӣ давида буд, вақти баромадан аз ошхона Ҳайрат Шанбезода гуфт:

– Маст шудӣ– чӣ?

– Ҳа, – хандид Азимҷон. – Фақат аз худи пиво неву аз нархаш…

## ЧӢ МЕХӮРЕД?

Боре Саттор Турсун гуфт, ки «имшаб хоби ғалатӣ дидам. Чанд кас ба миёна гирифта, мезаданд. Ба замин афтода будам, бо дастонам сарамро дошта печутоб мехӯрдам. Вале– аҷабо!– дардро ҳис намекардам ва худ ба худ мегуфтам: бигзор зананд, даҳонамро дӯзанд, ба дор овезанд. Аздусар қавлу кори ман дигар намешавад. Ҳаргиз дар пеши ду– се номард сар хам намекунам, гапамро рӯирост мегӯям…»

Ин дам яке аз ҳамқаламон аз дар даромада, бо ҳама пурсупос кард ва барои чӣ бошад, ба рӯи Саттор Турсун зеҳн монда нигаристу таъкид намуд, ки вақтҳои охир қиёфаи ӯ хеле тағйир ёфтааст.

– Сатторҷон, чӣ мехӯред, ки ин хел фарбеҳ шудаед?– донистан хост ӯ сипас.

– Шатта, – табассум кард Саттор Турсун.

## НАМЕХОҲАМ

Чилди нави «Қомуси адабии точик» ба нашр омода мегардид. Яке аз муҳаррирони он Фарҳоди Карим ба

адиби ҳаҷвнигор шодравон Бурҳон Ғанӣ мегӯяд, ки санадҳои муҳими тарҷумаи ҳол ва як дона аксашро биёрад, то дар чилди мазкур ҷой диҳанд.

– Санадҳои тарҷумаи ҳолро мебиёрам, – бо табассум паси сар мехорад адиб. – Лекин, илтимос, бе сурат чоп кунед.

– Барои чӣ?

– Суратам, балотона гирам, чандон диданӣ нест. Намехоҳам китоби босифататон бесифат шавад…

## ОДАМГАРӢ

Аз ноодамгариҳои баъзе одамон сухан мерафт. Шоир Нозирҷон Боҳирӣ нохост гуфт, ки ба рағми ин ҳама ноодамгариҳо як одамгарӣ карданист.

Изҳороти хилофичашмдошти ӯ моро як қад паронд. Раҷаб Мардон нобоварона пурсид:

– Ошхона мебарӣ? Ба ҳамаамон палав мехарӣ?!.

– Ҳа, – хандид акаи Нозирҷон. – Саволҳои беҷо надеҳу пеш даро.

Раҷаб Мардон, будагӣ гап, дигар чизе нагуфта саросема аз ҷой бархост.

Хуллас, дере нагузашта, мо, чанд тан ҳаводори одамгарӣ, сояҳои дарозу кӯтоҳи акаи Нозирҷон будем, яъне аз паси ӯ аз ин ошхона баромада, ба он ошхона медаромадем. Зеро… Ғолибан одамгарӣ аз мо сахт «ранҷида» буд ва намехост ӯро бубинем. Яъне ба кадом ошхона надароем, палаваш ё тамом шуда буд, ё дар пеши назари мо тамом мешуд.

Чун дар ошхонаи даҳум низ муроди мо ҳосил нагашт, акаи Нозирҷон хиҷолатомез ба соат нигарист.

– Афсӯс, бемаҳал шуд. Ман ҳоло боз бояд бозор равам. – Сипас афзуд. – Вале шумо аз ман наранҷед. Дидед, худи зиндагӣ нагузошт, ки ман одамгарӣ кунам…

## ҒАМГИН НАШАВ

Бо супориши идораи «Ҷавонони Тоҷикистон» мухбири рӯзнома Салими Зарафшонфар ба назди Лоиқ меравад, ки пиромуни кору рӯзгори ҷавонон суҳбате кунанд. Устод серкор будааст, – Салим саволномаро ба ӯ дода, меравад ва баъди як ҳафта боз меояд.

– Ба саволномаат шинос шудам, – мегӯяд устод. – Азбаски саволҳо маъқул нашуданд, онро даронда, ба сабадча партофтам. – Сипас нигоҳи маҳзунонаи ӯро ба сабадчаи коғазҳои нодаркор пай бурда, ин тавр таскинаш медиҳад. – Ғамгин нашав, Салимҷон, саволномаи Баҳманёр ҳам он ҷо хобидааст.

## ДАР ҲАВОИ ТОЗА

Дар як суҳбат кадоме гуфт: илми тибб кайҳо собит кардааст, ки ақл дар ҳавои тоза зиёд мешавад.

– Барои ҳамин ҳам ақли сагу хару хук бисёр будааст, – хандид Ӯрун Кӯҳзод. – Охир, онҳо ҳамеша дар берун мегарданд.

## ОЗОД НЕСТ

Қиссаи мустанади адиби шаҳир Н. нисбат ба қиссаи дигари ӯ хеле суст буд. Низоъ надошт, ҳодисаву воқиаҳо таҳлил намешуданд, ҷумлаҳо беобуранг буданд ва бадтар аз ҳама, симои қаҳрамонҳо дар хотир намемонд. Хулоса, бовари кас намеомад, ки ин асар маҳсули қалами Н. – муаллифи як қатор қиссаву романҳои марғуб бошад.

– Камбудии асосии асар ҳамин, ки муаллиф дар ифодаи фикр озод нест, – гуфт муҳаррири китоб. яъне парвози хаёлаш гӯё дар қафас сурат мегирад.

– Медонед барои чӣ ин тавр? –пурсид Сорбон.

– Не, иқрор шуд муҳаррир.

– Барои он ки қаҳрамонҳои асар ҳанӯз зинда, – маънодор табассум кард адиб.

## ҶОИ ГАП НЕСТ

Аз мунаққид Н. хотири Гулназар бор гирифта буд ва мехост ҷояшро ёфта, ба вай чанд сухани сермурчу қаланфур гӯяд.

Боре онҳо дар ҳоҷатхона рӯ ба рӯ меоянду Гулназар лаб ҷуфт мекунад. Вале Н. дарҳол ба даҳони ӯ мӯҳр мезанад, ки ин ҷо мабраз аст ва такаллум нашояд.

– Дуруст, – мегӯяд Гулназар, – ҷои гап нест. Лекин беҳтарин ҷой аст барои чаконидани заҳр…

## СПРАВКА

Ба Ҷамолиддин Каримзода справка лозим буд. Ӯ чанд бор ба муҳосиби нашриёт мурочиат кард, вале вай аз чӣ бошад, онро наменавишт.

– Барои чӣ наменависад?– ҳайрон шудем мо.

– Намедонам, – китф барҳам кашид Ҷамолиддин. – Шояд илҳомаш набошад…

## ФОНУС

Бахтиёри Муртазо аз китобхонаи миллии Точикистон ба номи Фирдавсӣ китоб гирифтан мехоҳад.

– Фонус биёред, – мегӯянд ба ӯ.

– Фонус барои чӣ?– ҳайрон мешавад адиб.

– Барқ нест, – мефаҳмонанд. – Бе фонус аз таҳхонаи торик китоб ёфтан душвор аст.

Бахтиёри Муртазо ноилоҷ фонус мебиёрад.

Китобро дода, аз адиб хоҳиш менамоянд, вақти баргардонидани китоб низ бо фонус ояд.

– Барои чӣ?– боз ҳайрон мешавад ӯ.

– Охир, бе фонус китобро чӣ тавр дар ҷояш мемонем?!.

## АҶАБ НЕ

Дар нашриёт базм шуд. Баъди базм Гулназари сархуш бо духтарон Меҳрӣ (муҳаррири саҳифабандӣ) ва Раъно (коргузори шӯъбаи кадрҳо) аз нашриёт баромад. Рӯзи дигар ӯ изҳор дошт, ки дишаб Меҳриро хоб дидааст.

– Не– е, – бовари Меҳрӣ наомад.

– Рост. Хушҳолу хандон савори троллейбус мерафтаем. Дарвоқеъ, вай ҳам бо мо будааст– коргузори шӯъбаи кадрҳо Раъно…

Меҳрӣ хандид.

– Раъно ҳам бо мо бошад, пас ин хоб неву бедорист. Охир, дина ҳар сеямон дар як троллейбус рафтем.

– Наход?– пешона молид Гулназар. Сипас бо лабҳои ғарқи табассум гуфт: – Аҷаб ҳоле. Дар бедорӣ ҳам хоб мебинам– а?!.

## АФСӮС

Зулфия мақолаеро хонда, ба Фарзона мегӯяд:

– Оббо, охирзамон наздик будааст– ку!

– Не– е.

– Ҳа. Ба қарибӣ ҳама чиз несту нобуд мешудааст. Ана, дар рӯзнома навиштаанд.

– Одамон чӣ?

– Одамон ҳам…

– Афсӯс, – оҳ мекашад Фарзона. – ҳардуямон ҳам бева мемондаем– дия…

## ДАР НАЗАРИ ХУДАМ

Боре Саттор Турсун ба як ҳамдиёри худ гуфт:

– Мардуми тарафҳои мо ким– чӣ хел. Ягонтааш ба одам намефорад. Бовар мекунӣ, баъзан худам дар назари худам бало метобам…

## БА АККА ҶАБР

Адиби шинохта Н. одатан бармаҳал ба варзиши бадан машғул шуда, бо ин кори худ ба хоби саҳарии ҳамсояҳо халал мерасонд. Боре ӯ бо ифтихор иброз медорад, ки… ҳанӯз акка нарида, бедор мешавад.

– Ин коратон хуб не, ака, – мегӯяд ҳамсояи ӯ Саидалӣ Маъмур. – Ба аккаи бечора ҷабр– дия. Намешавад, ки вай баҳузур кораша кунаду баъд шумо аз хоб хезед?!.

## ФИКРИ МАРО НАПУРС

Нависанда Н. дастнависи китоби нави худро ба Аскар Ҳаким медиҳад, ки онро хонда, қазоват намояд. Баъд аз чанд рӯз Аскар ҷузвдони дастнависро ба вай баргардонда, мегӯяд:

– Агар хоҳед, ки муносибати мо вайрон нашавад, фикри маро дар бораи китобатон напурсед…

## ДУР МОНДЕМ

Ҳукумати шаҳри Душанбе ба адибоне, ки маскуни пойтахт ҳастанд, як қатор имтиёз муқарар намуд. Яъне онҳо минбаъд аз пардохти пули хона, барқу газ, телефон ва истифода аз нақлиёти шаҳрӣ озод буданд.

– Афсӯс, – гуфт шоир Н., ки ба чанд зан алимент медод. – Боз мо, бечораҳо аз назар дур мондем– дия…

## ДУСАД– СЕСАД СОЛ

Боре аз карнаи радио суруди овозхони хушсадо Сурайё Қосимова танин андохту Саттор Турсун гуфт:

– Аз ростӣ, вақтҳои охир як навъ хаставу бемадорам. Баъзан аз зиндагӣ дилсард мешавам ва мисли Шоҳини ормонӣ ба ҷое рафтан мехоҳам, ки «…гардун болои сар набошад». Вале вақте сурудҳои ин овозхонро мешунавам, аз чӣ бошад, хотирам меболад ва мефорад камаш ду– сесад сол зиндагӣ кунам…

## ҚАЛАМИ ХУБ

Саттор Турсун аз Қирғизистон ба ман қаламе овард, ки намуди ғайриоддӣ дошт ва борику нарм менавишт.

Бояд гуфт, ки ҳамин рӯз дар дасти ман буд он. Вале баъд ба яғмо рафт. Саҳеҳтараш, Иноят Насриддин ба далели «Қалами хуб бояд аз они одами хуб бошад!» онро гирифту дигар барнагардонд.

Ростӣ, намехостам қалами хуб аз даст равад:

– Гапатон дуруст. Лекин ин қалам инъомист ва чизи инъомшударо инъом намекунанд.

Иноят аз содагии ман ба шавқ омада, аз таҳти дил хандид.

– Сафсата!– гуфт баъд. – Ин гапи кадом як ҳардамхаёл…

Вале сонитар маълум шуд, ки ӯ ҳақ нест… Бо коре ба идораи маҷаллави «Садои Шарқ» рафтам. Саттор Турсун, ки он вақт дар шӯъбаи насри маҷалла ифои вазифа дошт, маро ба ҳуҷраи кори худ хонда, қалами шиносро ба дастам дод ва хоҳиш намуд ҳаргиз аз хотир набарорам: қимати туҳфаи дӯст, гаронтар аз худи ӯст…

Боре Иноят Насриддин қалами дасти маро шинохта пурсид:

– Саттор дод?

– Ҳа, – иқрор шудам ман. Гуфт, ки онро дигар ба касе надиҳам.

– Боз чӣ гуфт?– хандид Иноят.

– Боз гуфт, ки… қалами хуб бояд аз они одами хуб бошад…

## БАРОИ ЧӢ?

Арафаи чашни 1100– солагии давлатдории Сомониён ба чанде аз номбардорони илму фарҳанг низ ордени «Шараф» доданд. Кадоме аз олими шинохта Шарофиддини Рустам мепурсад:

Барои чӣ ӯ дар байни мукофотгирандагон нест.

– Барои он ки «Шараф»– ро ба бешарафҳо медиҳанд, – табассум мекунад олим.

## МЕПАРОНЕД?

Аснои базм Маҳками Ҳоҷиқул (равонаш шод бод!) чанд бор шикамашро молида ба соҳиби хона «мефаҳмонад», ки барои қазои ҳоҷат берун баромаданист. Аммо соҳиби хона ба имову ишораи ӯ эътибор намедиҳад. Ниҳоят кадоме аз ҳозирон мебинад бесаранҷомии меҳмонро ва мепурсад:

– Ҳа, мепаронед?

– Не, метарконам!– бо қаҳр мегӯяд Маҳками Ҳоҷиқул.

## БА ХОБИ МАН ДАРОЕД!

Бонуи соҳибҷамол Н. ба устод Муъмин Қаноат мегӯяд, ки имшаб вай ба хоби ӯ даромадааст.

– Хушҳол мешудам, – механдад устод Қаноат. – Лекин ин имкон надорад. Зеро хоби ман бисёр кӯтоҳ асту зуд бедор мешавам.

– Илтимос, ба хоби ман дароед, – хоҳиш менамояд Гулназар, аз чеҳраи зебои Н. чашм наканда. – Хоби ман дурудароз аст!. .

## НАМЕДОНАМ

Дар як суҳбат адабиётшинос Н. гуфт, ки китоби нави Гулрухсорро хонд, вале мутаассифона аз он ягон шеъри хонданбобу хотирнишин наёфт.

– Хондед?– оҳанги тааҷҷуб кард Меҳмон Бахтӣ. Зеро медонист: Н. ба мутолиа чандон рағбат надорад ва аз раҳи одат дар рамузи ақидаву баҳои дигарон ин ё он асарро қазоват мекунад.

– Ҳа, – огоҳона калла чунбонд Н. – Гуфтам– ку: калон, аммо боз онро ба мукофот пешниҳод намудаанд…

Меҳмон ба ҳозирон чашмак зада, гуфт:

– Ба назарам, дар он китоб шеърҳои нағз ҳам ҳастанд. Масалан, «Сабза ба ноз»…

Н. ба андеша рафт. Воқиан, дар китоби Гулрухсор чунин шеър набуд ва Меҳмон ба чиҳати мазоҳ ин тавр мегуфт.

– Нахондаам, – ниҳоят иқрор шуд Н.

– Шеъри «Каллаи бемӯй» ҳам бад нест.

– Инашро ҳам нахондаам, – ахмирӯ кард Н. – Чӣ, «Барфи мисли барф сафед» Дурӯғ гуфтан чӣ лозим? Инашро ҳам…

Ин дам тоқати Саидалӣ Маъмур тоқ шуду инони ханда раҳо кард.

– Наход «Баҳои нохалаф»– ро ҳам нахонда бошед? Ин, ба назарам, яке аз шеърҳои беҳтарин китоб аст!

Н. аз хандаи Саидалӣ як қад парида, шубҳаомез ба ҳозирон чашм андохт. Бо вуҷуди ин нафаҳмид, ки ӯро мазоҳ доранд. Ва оҳиста гуфт:

– Рости гап, нахондаам…

## БАРОИ ҲАМИН

Боре ба Ҳисор тутхӯрӣ рафтем ва шоҳиди воқиаи ғалатӣ гардидем. Марде ду даст дар пушт менишасту аҳли базм банавбат ба даҳони ӯ арақ мерехтанд. Тааҷҷуби маро пай бурда, ҳампаҳлуям гуфт:

– Ин кас қасам хӯрдаанд, ки пиёлаи арақро ҳаргиз ба даст нагиранд. Барои ҳамин…

Лаҳзае пас назарам ба шишае афтид, ки бо ресмон боло мекашиданд.

– Он кас ҳам, – ба марди болои дарахт ишора кард ҳампаҳлуям, – қасам хӯрдагӣ, ки дар рӯи замин арақ наменӯшанд. Барои ҳамин…

Вақти бозгашти мо ҳампаҳлуям ба куҷое ғайб зад. Суроғ кардам. Гуфтанд, ки ба ҷумҳурии ҳамсоя рафт.

– Ба Ӯзбекистон?

– Ҳа, – хандиданд. – Вай ҳам аз тоифаи қимобхо. Қасам хӯрдааст, ки дар хоки Тоҷикистон арақ наменӯшад. Барои ҳамин…

## БО НИГОҲ ШУНАВЕД

Дар базми шеър кадоме аз шоираҳои навқалам шеър мехонад. Шоира бисёр зебо будааст, – Гулназар тадриҷан шефтаи ҳусну малоҳати ӯ шуда, ниҳоят инони ихтиёр аз даст медиҳад.

– Баҳ– баҳ, чӣ ашъори дилфиреб!

– Дилфиреб?– аз хитоби шоир як қад парида, оҳанги тааҷҷуб мекунад нафаре, ки дар паҳлуи ӯ нишаста буд.

– Инҳо шеър не, ҳарза!

– Баръакс, мулло, – розӣ намешавад Гулназар, дар ҳоле, ки аз ғунчаи даҳони шоираи соҳибҷамол чашм намеканд. – Шеърҳои бад нестанд. Шумо онҳоро бо гӯш не, бо нигоҳ шунавед!. .

## БА МАН ЛОЗИМ НЕ!

Дар як суҳбат кадоме гуфт, ки шоири марҳум фалонӣ одами дасткушод буд ва пашшаҳои бисёре дар гирди косааш мегаштанд. Баъди суҳбат шоири навқалам Н. аз куҷое тасмаи паҳни чармӣ ёфта, тамоми пашшаҳои ҳуҷраи корамонро кушт.

Ҳар дафъаи ба нишон расидани тираш, беихтиёр мегуфт ӯ:

– Ба ман ҳамкоса лозим не!. .

## ДУРӮҒ! ТУҲМАТ!

Сардабири рӯзномаи ӯзбекии «Совет Тожикистони» – Ҳоҷӣ Содиқро ба кумитаи марказии ҳизб даъват карда, мегӯянд, ки минбаъд бо аҳли қалами рӯзнома ош пухта, базм накунанд. Идора ҷои кор аст, на ҷои айшу ишрат.

Ҳоҷӣ Содиқ ваъдаи хаттӣ медиҳад, ки дигар чунин номаъқулӣ нахоҳад шуд. Вале баъди як моҳ…

– Ин чӣ гап домулло!– нохушона пешона турш мекунад котиби кумитаи марказӣ. – Қавл додед, ки дигар… дар идора ош намепазед. Аммо боз…

– Кӣ гуфт, ки…– паси сар мехорад Ҳоҷӣ Содиқ. – Дурӯғ! Тӯҳмат!! Аз он рӯз мо дигар ош напухтаем, фақат шӯрбо мекунем…

## БА ПОЯМ…

Дар маҷалаи «Садои Шарқ» романи яке аз адибони шинохтаи тоҷик нашр мешавад. Равшани Ёрмуҳаммад аз Н. , ки ҳамдиёри муаллифи роман будааст, мепурсад: оё романи фалониро мутолиа намуд.

– Ҳа, – мегӯяд лоқайдона Н.

– Хайр, чӣ тавр?

– Миёна.

– Не– е, – оҳанги эътироз мекунад Равшан. – Ман ҳам хондам. Асари оличаноб. Ҳатто, гуфтан мумкин, яке аз дастовардҳои адиб дар солҳои охир.

– Дастовард– а?– хандаи ночаспоне мекунад Н. – Чунон суст, ки… Ман ин хел асарҳоро ба поям менависам.

Дере нагузашта, дар кадом як рӯзнома навиштаҳои Н. ба табъ мерасанду ӯ аз Равшани Ёрмуҳаммад мепурсад, ки оё вай онҳоро хонд.

– На фақат хондам, – механдад Равшан, – балки бовар ҳам кардам.

– Бовар кардӣ?– ҳайрон мешавад Н. – Ба чӣ?

– Ба он ки ту ба поят асар менависӣ…

## БАЙТИ ДУРУСТ

Абдулҳамиди Самадро байте мафтун месозад, ки Бозор Собир дар пешсухани китоби шоири ҷавон Н. ба сифати намуна оварда буд. Вале давоми шеърро аз китоб наёфта, аз худи Бозор Собир мепурсад:

– Ин хел шеър дар китоб нест.

– Барои чӣ? – ҳайрон мешавад Абдулҳамид.

– Рост, – механдад устод Бозор. – Вале азбаски аз китоб байти дурусте пайдо нашуд, ноилоҷ худам…

## БЕҲУРМАТӢ

Боре Ҳайрат Шанбезода дар шоҳмотбозӣ аз Арбоб Вадуд мағлуб шуду бо қаҳр гуфт:

– Ҷавонони ҳозира одобу тамиз надоранд! Ин беҳурматӣ аст ба мӯйсафедон ва партия!!!

(Ҳайрат Шанбезода он вақт котиби ташкилоти партиявии нашриёт буд).

## БАЪД МЕБИНЕМ

Дар ҷаласаи навбатии Иттиҳодияи адибон масъалаи доғи рӯз мавриди муҳокима буд. Азбаски суханрониҳо тезу тунд шуданду ба рӯи баъзеҳо сурхӣ давид, садри маҷлис бархост ва бо мақсади паст кардани ҳавои даҳони чарбзабонон гуфт:

– Рафиқон, масъалаҳои майда– чуйдаро монед. Бубинед, ҳоло ягон нуқтаи ҷаҳон ором нест. Дар Ангола– ҷанг, дар Никарагуа– ҷанг, дар Афғонистон…Хулоса, дар бисёр нуқоти кураи арз хуни ноҳақ мерезад…

– Гапатон дуруст, – луқма партофт Лоиқ. – Лекин биёед, ҳоло масъалаи ин г…хӯриро ҳал кунем. Масъалаи хунхӯриро баъд мебинем!. .

## ҶОЙ НАМЕРАСАД

Базми шеър идома дошт. Се тан шоира дар саҳна буданду банавбат шеър мехонданд.

Як вақт кадоме пешниҳод намуд, ки мори ҳашметраи Ҷокондаро ба саҳна баровардан лозим, базм боз ҳам ҷолибтар мегардад.

– Лозим нест, – эътироз намуд Зулфия Атоӣ. Ҳаргиз ин корро накунед!

– Барои чӣ?– ҳайрон шуданд дастандаркорон. – Ин на фақат ғалатӣ, балки як навъ рамзӣ ҳам ҳаст. Охир, дар пеш– соли мор…

– Бо вуҷуди ин лозим нест, – табассум кард. – Саҳна танг асту ба мори чорум ҷой намерасад…

## БОД ШИКАНЕД

Ин воқиа солҳои шастум дар кӯҳистон рух додааст: нафаре (омӯзгори мактаб) дар маъракае бод мешиканад

ва баъд аз чанд рӯз вайро мудири шӯъбаи маориф таъин мекунанд.

Воқиа дар воқеъ ҳам ғайриоддӣ ва мароқангез буд. Устод Қутбӣ Киром чашмонашро молида (аз шиддати ҳаяҷон онҳо пуроб шуда буданд), беибо механдид. Нохост дари ҳуҷра боз гардиду тағораи шиками Н. намоён шуд.

Баробари дидани Н. устод лабулунҷашро ҷамъ карда, аз ғаладони миз дафтари шеърҳои вайро баровард.

– Аз шеърнависӣ даст кашед, мулло, – гуфт ӯ, дар ниҳояти суҳбат бо Н. – Шоирӣ кори шумо набудааст.

Маслиҳати устод беғаразона буд, бо вуҷуди ин… Н. – ро димоғ сӯхта, нӯки бинӣ сурх шуд ва бо як навъ беэътиноӣ пурсид:

– Хайр, ба фикри шумо бояд чӣ кор кунам?

– Ҳайронам, – андешаманд пешона молид устод. Баъд якбора хушҳол шуда, айнакашро аз чашм гирифт. – Воқиан, шумо муаллим– а?

– Ҳа…– аз чӣ бошад, дафтари ашъорашро даронд Н.

– Ин тавр бошад, ба ягон ноҳия мудири маориф шавед.

– Мудири маориф?– пораҳои дафтар дар даст оҳанги тааҷҷуб кард Н. – Чӣ тавр?

– Бисёр осон, – номаълум ба ҳозирон чашмак зад устод. – Таоми нофораме хӯрда, дар маъракае бод шиканед…

## ҒАЛАТ КАРДАМ

Боре Гулназар аз чойники болои миз пай дар пай ду–се пиёла чой нӯшида, бо ифтихор гуфт, ки ин хел чои нағз фақат дар нашриёт, дар ҳуҷраи кори мо ҳаст.

– Не, ғалат кардам, дар хонаи акаи Шараф ҳам ҳаст, – илова намуд ӯ, аз дар даромадани ҳамсояаш тарҷумони шинохта Шариф Шарафро дида.

## ЗЕБОТАР

Дар бахши «Назм»– и ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» чанд намуна аз эҷоди адибони ҷавон ба табъ расида буд. Саидалӣ Маъмур ба онҳо чашм давонда, оҳанги тааҷҷуб кард, ки… чӣ мӯҳмалае, тахаллуси ҷавонон аз навиштаҳояшон зеботар аст!. .

## НАМАК Ё ШАКАР?

Боре ҳамкори соҳибҷамолу таннози шоир Муҳаммад Юсуф гуфт, ки пояш аз зону поин дард мекунад. Сабаб чӣ бошад?

– Намак ҷамъ шудааст, ҷавоб дод ӯ.

Занро ҳисси кунҷковӣ боло гирифта, донистан хост:

– Аз зону боло ҳам месӯзад. Оё дар он ҷо низ намак ҷамъ шудааст?

– Не, – табассум кард шоир, – дар он ҷо шакар ҷамъ шудагӣ…

## ДИПЛОМИ ДУЮМ

Шоирони маъруфи тоҷик– Саидалӣ Маъмур ва Гулназар Келдӣ дӯстони деринаанд. Онҳо шарикдарс ҳастанд. Боре Саидалӣ Маъмур гуфт, ки панҷ сол дар донишгоҳ хонда, соҳиби ду диплом гардидааст.

– Якеаш ҳамон ки ҳамаатон медонед, – шарҳ дод ӯ. Сипас аз тааҷҷуби ҳозирон завқ бурда, бо ифтихор даст ба китфи Гулназар ниҳод:– Дипломи дуюмам– ана ҳамин…

## «МАРГАТ»

Дар долони нашриёт бо Одина Мирак суҳбат доштем. Як вақт аз ҳуҷраи кори муовини раис Фарҳоди Карим устод Лоиқ баромад, ки сархушу болидарӯҳ буд.

Ӯ аз Одина Мирак, ки бар асари беморӣ беист чашмак мезад, пурсид: сабаби «маргат»– ҳояш чист.

– Бепулӣ, – табассум кард Одина. – Одами бепулро иллат бисёр мешавад.

Лутфи Одина ба устод Лоиқ хуш омад, ки баланд хандид. Сипас ҷузвдонашро ба дасти Фарҳод дода, аз бағалкиса як даста пул баровард.

– Ана, гир!– гуфт ӯ ба Одина. – Барои саломатӣ нӯш!

– Ташаккур! – Одина хандон пулро гирифт.

– Устод, ба Аҳмадшоҳ ҳам диҳед, – хотиррасон намуд Фарҳод.

Ин кас беморанду мебояд барои саломатӣ нӯшанд.

– Ҳа, – беихтиёр даст ба бағалкиса бурд устод, вале пул набаровард. Саросема ҷузвдонашро аз дасти Фарҳод гирифта, гуфт:– Рафтем... Вай чӣ хел бемор аст, ки «маргат» намекунад...

## ДУРӮҒ НЕСТ

Боре Шодӣ Ҳаниф изҳор медорад, ки дар бозии шоҳмот хеле моҳир аст.

– Ман ҳатто аз падарам мағлуб нашудаам!– мегӯяд ӯ бо иддао.

Ин худситоӣ устод Лоиқро водор месозад ба қувваозмоӣ.

– Ако, бозиатон кирои таъриф нест– ку?– табассум мекунад устод Лоиқ, вақте ҳариф бори панҷум ҳам заҳри мағлубият мечашад. – Шумо гуфтед, ки ҳатто аз падаратон... Аммо...

– Дар ҳақиқат имрӯз суст бозӣ кардам, – иқрор мешавад Шодӣ ҳаниф. – Лекин гапам дурӯғ нест. Падарам раҳматӣ шоҳмотбозиро намедонистанд...

## БИСЁР ХӮРДАЕД

Кадоме гуфт:

– Ин саҳар ман 300 гм арақ хӯрдаму як дӯлча об.

– Воҳ– воҳ, обро бисёр хӯрдаед, ако, – афсӯс хӯрд Азимҷони Муҳаммадӣ, ки чанд рӯз инҷониб дар маҳаллаашон об набуд.

## ИҶОЗАТ ДИҲЕД

Дар Кохи Борбад консерти овозхони маҳбуби миллат, ҳунарпешаи мардумии иттиҳоди Шӯравӣ Ҷӯрабеки Мурод барпо мегардад. Дар интиҳои консерт яке аз дастандаркорони толор изҳори сипос мекунад, яъне: таронаҳои Ҷӯрабек марғубу дилошӯб буданд, алахусус ғазалҳое, ки аз эҷодиёти устод Рӯдакӣ сароид. Сипас мегӯяд:

– Иҷозат диҳед, аз номи Борбад ташаккур гӯям!

– Иҷозат диҳед, аз номи Рӯдакӣ қабул намоям!– табассум мекунад Ҷӯрабек…

## ТУ КИСТӢ?

Раҳмат Назрӣ тамокукаши ашадист. Боре кадоме ба ҳуҷраи пурдуди кори ӯ даромада, чизеро намебинад ва рӯ ба ҳайкалчаи болои ҷевони китоб мепурсад:

– Ин кист?

– Рӯдакӣ!– овоз медиҳад Раҳмат Назрӣ аз паси пардаи дуд.

– Худи ту кистӣ?– донистан мехоҳад соҳиби овоз.

– Ман дудакӣ. – механдад Раҳмат.

# ЛАҲЗАҲО

08. 10. 90.

Дандонам дард мекунад. Хоб нест. Хондану навиштан намегузорад. Боз сигарета дармегиронам.

Пагоҳ, яъне 9 – октябр масъалаи қабулро мебинанд дар Союз. Аз комиссия мегузарем. Мегӯянд, ки имтиҳони асос ҳамин аст, он тарафаш дупула гап– президиум тасдиқ мекунад, тамом– вассалом. Намедонам, ба ҳар ҳол ман аз ин хусус андеша надорам. ҳоло фикру зикри ман ба дандон– дард мекунад исқотӣ!

Аҷиб, имрӯз дандони Сино ҳам дард кардааст. ҳини дарс. Ва аз муаллим ҷавоб пурсида, бармаҳал хона омадааст. Вақте аз кор баргаштам, Сино қиссаи дандонашро ба ман гуфт, – бо табассум. Сирри ин табассум дар хона кушода шуд. Ӯ ба модараш гуфта будааст: «Дар синф дандонам дард кард, ҷавоб гирифта, аз мактаб баромадам. Вақте аз кӯча мегузаштам, дарди дандон монд».

Ман ба Сино гуфтам: «Дандони ман ҳам дард мекунад. Поин фуромада, аз кӯча гузарам, шояд дардаш монад?» Вай шарм дошта, ба модараш часпид: «Чаро ҳар гапа ба дадем мезанед?!.»

Ваҳ– ваҳ, аҷиб дарди сахт! Гӯё дандонро парма мекунанд.

Саҳар ором буд, баъди пешин нағма баровард. ҳини хӯрдани таом. Ба решааш порае нахуд даромаду…Ва инак, чанд соат аст, ки…Наход то саҳар азоб диҳад?. .

Ҳангоми танаффус Ҳайрат ба мусобиқа даъват намуд. Чанд рӯз пеш ба вай панҷ даст бой дода будам. ҳисоб, агар хато накунам, 0, 5 ба 5 буд. Имрӯз ҳам хост нашъаи ғалаба чашад. Вале нашуд, бой дод– 3 бор. Каҳраш омад гӯё ва гуфт: «Ин беҳурматист нисбат ба мӯйсафедон ва партия! (ӯ котиби ташкилоти партиявии идора)».

Вақте ки мо қувва меозмудем, Қутбӣ омад, нақле чанд кард баъди бозӣ. Яке аз онҳо ин аст: «Солҳои таҳсил дар Литинститут ман ба хонае рафтам. Бо даъвати зан. Ва ду– се соат айш кардем. Баъд ман аз хона баромадам. Он вақтҳо туфлии пошнабаланди чехӣ мӯд буд. Вақти фуромадан аз зина лағжидам ва пошнаи туфлиам канда шуд. ҳайрон мондам: чӣ бояд кард, охир, ба ин аҳвол кӯча баромада намешавад? Ин дам бинам марде аз зина боло мебарояд– рус. Аз воқиа огоҳ шудан пас ӯ гуфт: «Рафтем, ба хонаи мо, ман асбобу анҷом дорам, туфлиатро тармим мекунам». Ноилоҷ аз пасаш рафтам. Рафтаму қариб ба балое печам. Хайрият, ки сир пӯшида монд. Охир, вай маро ба хонае бурд, ки навакак аз он ҷо фаромада будам…»

Қутбӣ аз ин қисса ёдовар шуд дар мавриде, ки сухан ба дӯстии халқҳо оид буд.

– Он вақтҳо мардум дигар буданд, – гуфт ӯ ниҳоят. – ҳамдигарро ҳурмату эҳтиром мекарданд. Ва на фақат дар Маскав. Дар ҳама шаҳрҳои калон иззату ҳурмати якдигар чизи асосӣ буд, мақом дошт, риоя мешуд.

… Дод– е! Мекушад маро ин дандон! Пагоҳ баъди комиссия, ҳатман ба духтур меравам!

09. 10. 90.

Вақте ба идора расидам, соат аз даҳ гузашта буд, ёздаҳ мешуд. Дилбархон аллакай дар кабинет буданд, – чой мондаанд, ҷӯшидааст, вале дам накардаанд, яъне Аҳмадшоҳ биёяд, сонӣ дам мекунам.

Инак, ман омадам ва дасту остин барзадам, ки телефони дуюмро низ ба ноқил пайвандам. Чанде пеш як телефони мо вайрон шуда буд, Дилбархон дигарашро оварданд…

Аппарат куҳна будааст, болокори ин носоз. Дар аввал соз намуд, ба назарам. Зеро баъди васли ноқилҳо садо баровард. Ман ба гумоне ки кораш тамом шуд, хо-

тирро ҷамъ карда, ба Союз рафтам. Имрӯз, соати 14 бояд аз комиссияи қабул мегузаштем.

Дар Союз маълум гардид, ки комиссия то пешин ҷамъ шудаасту ба ин қарор шудааст: Ин дафъа аз рӯи тартиби пештар кор намебаранд, яъне номзадҳо ба узвиятро яктя – якта даъват намуда, баъди дидани ҳуҷҷатҳо ва китобҳояш, инчунин суҳбат кардан бо ӯ, мегӯянд: арзанда аст ё не. Фақат аз ҳамаи 17 нафар тахмин даҳ– ду – воздаҳ нафарро ҷудо карда, қабул мекунанд. Левин қарори комиссияро хонду ба ҳама ҷавоб дод.

– Лекин дур наравед, – таъкид намуд ӯ. – Рӯзҳои наздик президиум барпо мегардад.

– Рӯзҳои наздик кай аст?– пурсид Сафар Абдулло.

– То 20– октябр. Мо, албатта, хабарҳоро ба шумо мерасонем. Телефонҳои худро монда равед.

Мо берун баромадем. ҳама– гаранг: ин чӣ гуна комиссия аст? Наход тартиби кор ҳамин хел шавад?

Баъзеҳо зуд аъзои комиссияро суроғ намуданд, то фаҳманд: дар рӯйхати ба президиум пешниҳодшуда номашон ҳаст ё не. Аз аъзои президиум Раҳмат Назрӣ ва Меҳмон Бахтӣ дар долон равуо доштанд, вале онҳо ҷавоби аниқ намедоданд, намегуфтанд: кӣ ҳаст, кӣ нест. Ман ҳам аз Раҳмат Назрӣ пурсидам. Вай гуфт, ки хотири ту ҷамъ бошад, корҳоят нағзанд.

Аз ростӣ, хотири ман чандон парешон набуд, дилам аз оқибати нек гувоҳӣ медод. Бо вуҷуди ин хурсанд шудам ва хостам ба идора баргардам. Вале дар саҳни баромадгоҳ ба Саттор Турсун вохӯрдам. Ӯ гуфт, ки ту ҳоло нарав, гап ҳаст.

Ман бо мошини Амонбек ба идора рафтанӣ будам. Чун аз ҳазрат инчунин амр шуд, таъхир кардам. Амонбек рафт. Баъди чанд дақиқа ману Саттор низ аз зинаҳо фуромада, озими «таки ҷар» шудем.

– Садтагӣ задан лозим, – гуфт Саттор дар роҳ. – Ман зоҳиран шамол хӯрдагӣ барин.

Дар «таки ҷар» гуфтанд, ки аз арақ сад грамм мондаасту коняк бисёр. Арақро Саттор нӯшид, ман коняк ошомидам.

Боз ба бинои Союз омада, дар буфет қаҳва фармудем. Аз кучҷое Шодӣ Ҳаниф ва Убайд Раҷаб пайдо шуданд. Суҳбат қӯр гирифт.

Мавзӯи суҳбат– кори комитети мукофоти давлатӣ (Ба номи Рӯдакӣ) буд. Убайд Раҷаб аз воқиаи мактуб худро бехабар вонамуд. Саттор собит намуд, ки мактуб дар кабинети ӯ маслиҳату иншо шудааст.

Убайд хост рад кунад. Вале Саттор аз суханҳои иштирокчии он суҳбат ва яке аз муаллифони мактуб– Сафар Абдулло мисол овард. Убайд дигар хап кард.

Шодӣ қарори комитетро аз рӯи адолат надонист. «Романи Ҷумъа Одина сазовори чунин мукофоти баланд нест, – гуфт ӯ. – Як асари миёнаи бадеияташ сустро, ки боз чандин камбудиву норасоӣ дорад, чӣ тавр метавон беҳтарин шуморанд? Канӣ инсоф?! Ин не, вай не, аъзоҳои комитет зоҳирбинӣ карданд, яъне хаси рӯи обро дидаанду гавҳарии зери дарёро не. Романи Саттор воқиан ҳам «гавҳари зери дарё» буд. Сад афсӯс!!.»

Хуллас, суҳбат тӯл кашиду ақрабаки соат ба чор майл кард. Ман бо баҳонаи «маҷлис дорем» бархостам. Убайду Шодиву Саттор низ дигар дар буфет нанишастанд.

Ба идора биёям, телефони Дилбар нест. «Аппарат вайрон баромад, – посух дод ӯ, – ба мудири хоҷагӣ баргардондам, ки созашро биёрад».

Соати 5 дар кабинети Кароматулло (директори нав) ҷамъ шудем ва ба конференсияи иттифоқи касаба вакил интихоб намудем. Баъд бо Ҳайрат сари тахтаи шоҳмот нишастем. Имрӯз ҳам кори ӯ омад накард, бозиро бой дод– 3 бор.

Ғалабаи ман ба Дилбар рӯҳ бахшид. Ӯ ба Ҳайрат гуфт, ки маҳорати шоҳмотбозиаш паст шудааст ва агар шабҳо дастуру китобҳои доири шоҳмотро кам– кам варақ занад, бад намешавад.

* * *

АЗ ШУНИДАҲО:

– Як рафиқ сарашро ба девор заду афсӯс хӯрд. Гуфтам: ҳоҷати афсӯс нест. Гуфт: Чаро? Гуфтам: Ту аздусар бо сарат кор намекунӣ. Ӯ хандид: Гапат дуруст, дар воқеъ ҳам ман бо сари худ кор намекунам. (Аз нақли Муҳаммад Юсуфи шоир).

АЗ ГУФТАҲО:

Баҳманёр гуфт, ки имрӯз комиссияи қабул асту ту дасти холӣ омадӣ? Гуфтам: Парво накун, киса пур аст.

ШУНИДАҲО:

Саттор гуфт, ки дар ҷое ки Юсуфҷон (Акобиров) ҳозир аст, ман мукофот намегирам.

– Юсуфи гумгашта, – луқма партофт Убайд Раҷаб.

10. 10. 90.

– Хона медиҳанд? Кай?

Ҷавоб боварибахш буд: ба қарибӣ. Бо вуҷуди ин, хотири ман ҷамъ нашуд.

Вале аз байн чанд рӯз гузашту боз гапи нав баромад: Нашриёт се хона харидааст. Аз горисполком. Ва дили ман аз умед саршор гашт. Зеро ғайри гап далели дигаре ҳам буд– калид. Намояндаи местком Турсунмурод чанд калидро нишон доду гуфт: «Ин калидҳои хонаҳои харидаамон».

Умед ҳоло эътимод нест. Ман гоҳ хурсанду гоҳ андешаманд гаштаам. Зеро солҳои зиёди иҷоранишинӣ ва истиқомат дар хобгоҳ (ҷамъулҷамъ 15 сол) боавриро дар ман куштаанд. Акнун наметавонам ба осонӣ ба ин гапҳо бовар кунам.

Аммо…

– Ба местком равед. Шуморо Раис ва дигарон интизоранд.

– Интизоранд. Барои чӣ?

– Равед, мефаҳмед.

Рафтам, фаҳмидам. Ва қариб буд забонам ба калима нагардад. Аз хурсандӣ, албатта. Дар он ҷо, охир, хона тақсим мекунанд.

Раис:

– Аҳмадшоҳ, интихоб кун: панҷҳуҷрагиашро мегирӣ ё сеҳуҷраашро.

– Чӣ хел панҷҳуҷра? Аз рӯи шунидам нашриёт се хона харидааст: чорҳуҷра, сеҳуҷра ва дуҳуҷра.

– Панҷҳуҷраро комитет дод. Худи раис ҳамин саҳар омада гуфт, ки мо ба «Адиб» як хонаи панҳуҷра ҷудо кардем.

– Офарин ба раис! Лекин ман ба комитет бовар надорам. Бештар аз даҳ сол аст, ки дар нашриёт кор мекунам. Вале то ҳол надидаам, ки... Не, комитет хона ёбад, ба кормандони бехонаи худ медиҳад. Вай аҳмақ нашудааст, ки ғами муҳаррирони нашриётро хӯрад. Барои ҳамин... накдашро диҳед, аз насяаш гап назанед.

– Аҳмадшоҳ, – мегӯяд раис Искандари Ҳамроқул, – андеша кун. Раиси навро гап– гап аст. Вай баҳудаву беҳуда даҳон намекушояд. Гир панҷҳуҷрагиро!

– Не, ба ман сеҳуҷраашро диҳед.

– Аҳмадшоҳ, пушаймон мешавӣ. Оилаи ту калон – чор фарзанд, худату занат. Се ҳуҷра кам аст.

Гуфтам– ку: ба ман накдаш лозим. Аз хонаҳои харидаи нашриёт диҳед.

– Панҷҳуҷрааш ҳам накд аст. Не нагӯ, Аҳмадшоҳ!

– Охир...

– Охир не, ҳа гӯй!

– Ҳа, хуб...

Ҳамин тавр, аз рӯи тақсимот хонаи панҷҳуҷра ба ман расид. Ва сар шуд ташвишу тараддудҳои беохири ман...

Ташвишу тараддуд? Барои чӣ?

Маълум гардид, ки ҳиммати комитет аз кисаи холӣ будааст. Шаҳрдор Икромов хоҳиши раиси моро ба назар гирифта, гуфтааст: ба шумо панҷ хона медиҳам, дар семоҳаи чоруми сол. Ба як шарт, нақшаи хонасозии шаҳр иҷро швад. Раиси мо наандешидааст: «Плани хо-

насозии шаҳр иҷро нашавад– чӣ? Он гоҳ чӣ мешавад?» Ана, аз чӣ сар зад сарсониву саргардонӣ.

Онҳое, ки навбати хонагириашон хеле ақиб буд, якбора соҳиби хона шуданд, ман ки навбатам дар аввал буд, дар кӯча мондам.

Хайр, кори нашуданӣ шуд. Вале якбора дасту дил шустан лозим нест. Аз ҷони набаромада– умед. Бояд талош кард, мубориза бурд, насибаро гирифт.

Пеши раис рафтам. Ӯ гуфт, ки горисполком хоҳаднахоҳад хона медиҳад, Икромовро ваъдааш қатъист. Сипас мактубро нишон дод, ки аз Икромов омада буд. Мо дар нашриёт дар асоси ҳамин мактуб ва қарори местком виписка гирифта додем ва бо раиси местком Искандари Ҳамроқул ба горисполком назди мудири шуъбаи тақсими манзил Зубайдулло Шукруллоев рафтем. Вай тарбузи ҳардуи моро аз бағал афтонду гуфт, ки шумо бармаҳал назди ман омадед. Аввалан, мо дар мактуб гуфтаем, ки дар сурати иҷрои плани хонасозии шаҳр ба шумо хона медиҳем. Сонийан, бисёр боумед нашавед, фоизи иҷрои плани хонасозӣ дар ани замон, яъне моҳи сентябр, 43 асту бас.

Ҳуш аз сари мо парид: ана гапу мана гап! Зуд ба раис занг задем, баъд ман боз наздаш рафтам. Ӯ боз ба дили ман умед андохт. Гуфт: Ман дубора ба Икромов сари ин масъала гуфтугӯ кардам. Вай гуфт, ки мо ҳатман хона медиҳем, фақат хонагирҳои шумо онро тармим карда мегиранд. Яъне горисполком масолеҳ медиҳад, худашон хонаҳояшонро тармим мекунанд. Ин, албатта, дарди бахайр буд, хурсанд шудам ва боз остонаи кабинети Шукруллоевро кӯбидаму аз пештара ҳам ноумедтар шудам. Ӯ гуфт, ки ман аз маслиҳати раисон дарак надорам ва чизе ваъда намедиҳам.

## ЧИЗИ ОДДӢ

Музаффари Хол бо дастнависи муаллифи чанд китоби дарсӣ префессор Н. шинос шуда, таассуроташро иб-

роз дошт. Профессор таърифҳои ӯро бо табассум пазируфт, вале чун навбат ба танқид расид, чеҳраи шукуфони вай якбора тира гардида, аз эродҳои муҳаррир гардан тофт.

Баъди андаке баҳс ба Музаффари Носир як навъ ҷуръати олимона даст дод.

– Бубахшед, устод. Вале ду мақолаи охир намешавад, – гуфт бо қатъият.

Аз гапи ӯ қаҳри профессор омад ва «Ин бача чизи оддиро намефаҳмидааст!» гӯён, бошитоб сӯи дар рафт.

Дере нагузашта, сармуҳаррири нашриёт Музаффарро ба ҳузури худ хонда, ҳамон «чизи оддӣ»– ро ба ӯ фаҳмонд.

– Хайр, чӣ будааст?– пурсидем аз ӯ, баъди аз назди сармуҳаррир баргаштанаш.

– Чизи оддиро мегӯед?– ришханд кард Музаффар, дар ҳоле, ки аз рӯю гарданаш арақ мерехт. – ҳамин, ки навиштаҳои устодон «намешавад» надоранд…

08. 11. 1996.

## БЕШАРМӢ

Боре аз овозхони шаҳир ва маҳбуби халқи тоҷик шодравон Одина Ҳошим ёд кардем. Устод Қутбӣ, ки аз мухлисони аслии овози нотакрор ва ҳунари волои ӯ буд, ба шӯру шаафи қутбиёна воқиаи ҷолиберо аз рӯзгори дӯсти марҳуми худ нақл намуд.

Аз нақли ӯ шоир Н. ба шавқ омада, гуфт: фалонӣ ҳам (Вай аз ҳунармандони мардумии СССР якеро ном бурд) истеъдоди воло ва овози нотакрор дорад.

Ин қиёс ба устод Қутбӣ нафорид.

– Илтимос, бешармӣ нашавад, – гӯён, ҷигот андохт.

– Чиҳо мегӯед, – гапи ӯро ҳазл пиндошта, хандид Н. – Наход ман дар ҳузури устоди худ бешармӣ кунам…

Вале қиёфаи устод тағйир ёфт.

– Кардед! Бешармӣ аз ин зиёд намешавад!– овозашро як парда баланд намуд ӯ.

Ҳуш аз сари Н. парида, дар ҳолати ногуворе монд.

– Шумо беҳуда ранҷидед, – ларзид овози вай. – Аз ман ягон бешармие сар назадааст.

Устод Қутбӣ бо қаҳр даст афшонд.

– Сар зад. Вақте сухан аз осмон мерафт, шумо… замин гуфтед!

11. 11. 1996.

## ХАЙРИЯТ, КИ НАОМАД

Н. дар беморхона буд. Ба аёдаташ рафтем.

– Аҳволам бад нест, – гуфт ӯ. Фақат баъзан дил азоб медиҳад. Алалхусус аз ягон чиз асабӣ шаваму нохост ҳаяҷон боло гирад. Кабӯтарбачча барин тап– тап карда, берун ҷастан мехоҳад…

Сипас чанде аз чакидаҳои хомаашро хонд. Бояд гуфт: шеърҳои дар беморхона навиштаи ӯ суст буданд, тозагие надоштанд. Ба қавли Гурез Сафар, аз онҳо бӯи дору меомад.

Бо вуҷуди ин, устод Қутбӣ бодиққат шунид онҳоро. ҳатто чанд бор изҳори хурсандӣ кард. «Офарин!. . »– «Байти хуб аст, фақат дар вазн сакта дорад…»– «Сурати хамёза…Баҳ– баҳ, Бедил шав– е!. . »

Вақте аз беморхона мебаромадем, устод аз нигоҳҳои мо маънӣ бурда, огоҳона калла ҷунбонд, яъне «дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез». Баъд нохост аз роҳгардӣ бозистода, даст ба пешона бурд.

– Хайрият, ки Арбоб Вадуд бо мо наомад. Агар не, аҳволи Н. бад мешуд. ҳатто мумкин буд дилаш ба шиддати ҳаяҷон тоб наоварда, таркад.

– Барои чӣ?– мо ба гапи устод чандон сарфаҳм нарафтем.

Ӯ бори дигар аз наомадани Арбоб Вадуд шукр кард.

– Чунон, ки медонед, вай бе рӯю риё аст, хотирбинӣ надорад. Навиштаҳои Н. – ро мешунид, ҳатман мегуфт: «Намешаванд. Инҳо шеър не, мағзоба!...» хаёлатон, дили заифи Н. ба ин гап тоб меоварад?!.

16. 11. 1996.

## КАРОМОТҲОИ КОММУНИСТӢ

Баъди як маҷлиси дуру дароз, ки расо панҷ соат идома дошт, аз партави қарорҳои партия ва ҳукумат чашми хираи коммунист Н. нур гирифт ва дар ботинаш табаддулоти куллӣ ба амал омад. Акнун ӯ як навъ дурандеш ва ғайбдон гашта буд ва аз воқиаву ҳодисаҳо қабл аз вувқӯъашон башорат медод.

Боре ӯ гуфт: «Имсол ҳосили пахта фаровон мешавад». Дар ҳақиқат, он сол нақшаи пахтасупорӣ пеш аз муҳлат иҷро гардид ва деҳқонони матинародаи ҷумҳурӣ як миллион тонна «тиллои сафед» ҷамъ оварданд.

Дафъаи дигар ӯ башорат дод, ки… фардо бо боронӣ ва чатр ба идора биёем, борони сахт мешавад.

Чиллаи тобистон буду аз гармии ҳаво нафас дар гулӯ мепечид. Бинобар ин таъкиди Н. – ро сарфи назар намудем, яъне рӯзи дигар бе боронию чатр ба кор омадем. Вале… Дами бегоҳ осмони мусаффои Душанбе нохост тира гардида, он қадар борон борид, ки… беихтиёр даст ба гиребон бурдем. Коммунист Н. аз тавбаи мо завқида, вазнин– вазнин калла ҷунбонд, яъне: мо– коммунистон ҳаргиз дурӯғ намегӯем. Сипас аз тӯрхалтаи худ боронӣ ва чатр баровард…

Воқиаи ҳамкорамон Ҳавасмоҳ низ ҷолиби диққат аст. Вай ҳомила буд ва метарсид, ки ин дафъа ҳам духтар меёбад. Вале Коммунист Н. ба ояндаи Н. ба ояндаи Ҳавасмоҳ назар андохта, гуфт: хотираш ҷамъ бошад, тифли батнаш писараки дӯстрӯяки чашмкабуд аст.

Ҳавасмоҳи ғайриҳизбӣ ба дурбинии коммунистон шубҳа дошт магар, ба суханҳои Н. чандон эътино накард. Вале баъди чанд моҳ… ақидааш тағйир ёфт ва ба онҳое, ки ба аёдаташ рафта буданд, гуфт: «Дар таваллудхона на фақат чашм, балки фикрам ҳам равшан шуд. Кӯрдилҳо беҳуда ба риши Ленин механданд, коммунизм ҷамъияти хаёлӣ нест!.»

Дуруст, ки фарзанди шашуми Ҳавасмоҳ низ духтар буд, вале чизи дигар мафкураи вайро такон дод– «дӯстрӯяки кабудчашм». Охир, духтари навзодаш айнан ҳамин хел буд.

Хуллас, моҳе набуд, ки аз каромот ва пешгӯиҳои воқеъбинонаи коммунист Н. ба вазъд наоему ҳисси ифтихор вуҷудамонро фаро нагирад. Ва агар бахт аз мо барнамегашту сарамон нохост ба санг намехӯрд, эҳтимол, ин қадар мусибатзада намешудем. Аҷаб не, аз воқеъаҳои феврали соли 1991, гирдиҳамоиҳои дарозмуддати соли 1992 ва ҷанги нангини бародаркушӣ пешакӣ хабар меёфтем.

Вале, чунон ки мегӯянд, тақдир бетадбир аст. Дар ҷамъомади охирини ҳизбӣ, ки аз фаъолият бозмондани КПСС эълом гардид, дар ботини вай боз табаддулот ба амл омада, қобилияти дурандешии ӯ заиф шуд. Ва дигар натавонист пешгӯӣ кунад.

Воқиан, чашмони ӯ низ дар ҳамон маҷлис шира бастанд. Шояд аз он сабаб, ки онҳо аз манбаи нури худ– қарорҳои муҳими Партия ва ҳукумат маҳрум шуданд.

Албатта, ҳоло ҳам қарорҳо қабул мешаванд ва эҳтимол, баъзеи онҳо аз қарорҳои собиқа муҳимтар бошанд. Аммо гуфтан душвор аст: барои чӣ чашмони коммунист Н. дигар аз онҳо нур намегиранд.

Ба ҳар ҳол, тахмин задан мумкин: ё чашмони Н. аз кор баромадаанд, ё қарорҳои муҳими ҳозира «партав» надоранд…

20. 11. 1996.

## БО «ОҲ« ТАМОМ МЕШАВАД

Бо оҳангсози шинохта Фаттоҳ Одина суҳбат доштем. Мавзӯи суҳбат рафтору кирдори ношоями як зумра ашхоси бедарди соҳибмансаб буд, ки аз минбарҳои баланд доди ватанхоҳӣ мезаданд. Акаи Фаттоҳ аз беномусии ин

тоифа ғам мехӯрд ва дам ба дам оҳ мекашид.

Як вақт ӯ ба шоири ҷавон Ҳамроҳи Авлиёпур рӯ оварда, гуфт, ки вайро чанд бор дидааст, аммо номашро намедонад.

– Номи ман Ҳамроҳ, – табассум кард шоири ҷавон. – Бо номи шумо ҳамқофия.

– Дуруст, – андешамандона пешона молид акаи Фаттоҳ ва аз чӣ бошад, хотиррасон намуд:– Лекин номи ман ташдид дорад.

Шоири ҷавон боз табассум кард ва ба як навъ оҳанги дардолуд гуфт:

– Ин муҳим нест. Муҳим он, ки номи ҳардуямон бо «оҳ» тамом мешавад…

22. 11. 1996.

## ЗУД БАРМЕГАРДӢ

Ҳамкорамон Н. як хислати нобоб дорад: бисёр тез аст. Баъзан ӯ аз сабабҳои ночиз ҳам оташ гирифта, ба рӯи ҳамсуҳбати худ медавад.

Кадом сол ба Н. лозим омад пай дар пай ба чанд ноҳияи ҷумҳурӣ сафарҳои хидматӣ кунад. Бояд гуфт: ҳар дафъа муҳлати сафараш ба охир нарасада, бедимоғу ошуфтаҳол бармегашт ӯ. Сонитар мефаҳмидем: ё бо кадом як раиси колхоз тувуман кардааст, ё аз гиребони ягон мудири ферма гирифтааст, ё…

Хуллас, аз Файзободу Кофарниҳон, Регару Ҳисор ва Вахшу Ҷиликӯл низ ҳамин тавр бо табъи хира баргашт ӯ ва ниҳоят озими ноҳияи Кӯлоб гардид.

– Ин дафъа бе нағма бармегашатагист, – мегуфтанд баъзеҳо. – Кӯлоб ба ҳар ҳол Ватанаш аст.

Вале, чунонки сонитар маълум шуд, хӯи бадро Ватан низ ба фарзандаш намебахшидааст. Тибқи одат Н. боз ошуфтаву шикастадил ва пеш аз муҳлат аз сафар баргашт.

Азбаски чашмонаш сурху лунҷҳояш варамида буданд, ба дили ҳамкорон алав афтида, хавотиромез пурсиданд: барои чӣ зуд баргашт, ба ягон беморӣ– ку муб-

тало нашудааст.

– Не, – лоқайдона даст афшонд Н. – Бо падарам андак пархош кардем. Барои ҳамин бисёр наистодам.

Аз гапи ӯ хандаи Ҳайрат омада, гуфт:

– Ту, ба фикрам, ба он дунё равӣ ҳам, бисёр намеистӣ. Бо мурдаҳо муросо накарда, зуд бармегардӣ…

28. 11. 1996.

## БА ФАҲМАШ НАМЕРАВӢ

Тангдастӣ ва мушкилоти рӯзгор маҷбур месозанд, ки дар яке аз мактабҳои шабона низ кор кунад.

Рӯзи авали кор ба ӯ мефаҳмонанд: мактаби шабона ҷиҳатҳои хоса дорад. Дар ин ҷо асосан коргарҷавонон мехонанд, яъне онҳое, ки рӯзона дар ягон завод ё фабрика дастандаркоранд. Бинобар ин иштироки шогирдон ба дарсҳо чандон хуб нест. Ташвишҳои зиндагӣ ва заводу фабрика ба онҳо имкон намедиҳанд, ки мунтазам ба дарсҳо оянд.

Сипас ду рӯйхатро нишон медиҳанд. Дар вараҷи якум ҳайати гурӯҳи воқеӣ будааст, яъне онҳое, ки иштирокашон ба дарсҳо ҳатмист. Дар вараҷи дуюм– ҳайати гурӯҳи сифрӣ (нулевой), яъне онҳое, ки ба мактаб наоянд ҳам, бояд мавриди интиқод ва сарзаниш қарор нагиранд.

Қоидаҳои булаҷаби мактабҳои шабона Муҳаммад Юсуфро ба кӯи ҳайронӣ андохта бошанд ҳам, ӯ чизе нагуфта, ба кор мепардозад. Вале баъди се моҳ… нохост аз кори мактаб даст мекашад.

Директории мактаб аз тасмими хилофи чашмдошти шоири муаллим гаранг шуда, мепурсад: «Мӯҷиби ин тасмим чист? Ба дарс наомадани шогирдон?»

– Ҳа, – иқрор мешавад Муҳаммад Юсуф. – Дар воқеъ ҳам, соатҳо роҳи шогирдонро поидану дар синфхонаҳои қариб холӣ дарс гузаштан чандон мароқангез нест. Вале маро бештар тартиби ғайриоддии кор ҳайрон месозад. Рости гап, ба омӯзгориам се моҳ шуд, бо вуҷуди ин,

фаҳмида наметавонам: гурӯҳи сифрӣ (нулевой) аз гурӯҳи воқеӣ чӣ фарқ дорад. Зеро ҳайати ҳарду гурӯҳ ҳам аксар вақт ба дарс намеоянд.

Директор огоҳона калла ҷунбонда, ба аризаи Муҳаммад Юсуф имзо мегузорад.

– Масъалаи интизом дар ҳақиқат сарбаста аст, – мегӯяд сипас. – Лекин шумо одами ғалатӣ будаед, ки мехоҳед дар бадали се моҳ сирри ин муамморо фаҳмед. Ман сездаҳ сол аст дар ин мактаб кор мекунам ва ҳоло ҳам ба фаҳми он намеравам…

01. 12. 1996.

## ПОДОШИ АРЗАНДА

Шоир Н. ба устод Қутбӣ Киром қасидае пешкаш кард, ки ҷиҳати вазну қофия ва қоидаҳои дигари назм расо буд, вале ҷиҳати мазмун тозагие надошт ва подоши арзанда гирифт: ҳамёни бисёр зебо, вале холӣ…

02. 12. 1996.

## МЕТАВОНЕД

Як силсила аз ашъори тозаи Н. дар рӯзнома чоп шуд.

Азбаски ҷайби Н. холӣ буд, ба чанд ҳуҷра сар халонда, ниҳоят як миқдор пул ёфт ва чанд нусха рӯзнома харида, ба нашриёт баргашт.

Огаҳӣ бо баҳонаи айнакаш дар хона мондааст, як нусха аз он рӯзномаҳоро ба ҷузвдони худ андохт. Шоир Н. барои дрёфти пули рӯзнома камтар заҳмат накашида бошад ҳам, дам назад. Зоҳиран, ӯ мехост, ки чакидаҳои хомаашро мунаққиди муҳтарам хонда, таассуроташро гӯяд.

Рӯзи дигар шоир Н. аз Огаҳӣ пурсид, ки оё шеърҳояшро хондааст.

– На, – гуфт ӯ. – Кор бисёр буд, ба хондан даст нарасид.

Дере нагузашта, Огаҳӣ боз ба нашриёт омад ва аз нигоҳҳои шоир Н. маъно бурда, гуфт: ҳанӯз ҳам нахон-

дааст шеърҳои ӯро. Вале ҳатман хоҳад хонд.

Баъди як ҳафта гузори Огаҳӣ боз ба нашриёт афтода, бо Н. рӯ ба рӯ шуд.

– Вақтҳои охир аз серкорӣ ба сархорӣ вақт намеёбам, – хиҷолатомез паси сар хорид ӯ. – Андак дастам холӣ шавад, ҳатман мехонам. Рӯзномаатон болои мизам истодааст.

Шоир Н. чизе нагуфта, ба чойники холӣ даст бурд, то об оварда, барои меҳмон чой монад. Баробари аз дар баромадани ӯ, Огаҳӣ бо хандаи ночаспоне изҳор дошт: чанд бор рӯзномаро ба даст гирифтааст, аммо шеърҳои вайро хонда наметавонам.

– Барои чӣ?– ҳайрон шудем мо.

– Барои он, ки шеърҳояш фачанд. Ман чизҳои фачро хонда наметавонам.

Ҳайрат Шанбезода, ки аз қазия огоҳ буд, изҳороти хилофи чашмдоштьи вайро таҳаммул карда натавонист.

– Дурӯғ мегӯед, домулло.

Огаҳӣ як қад парида, андак сурх шуд.

– Барои чӣ дурӯғ будааст? Рост. Ман чанд бор кӯшиш ба харҷ додам, аммо… шеърҳояш бисёр фачанд.

Бо вуҷуди ин Ҳайрат паст наомад.

– Дурӯғ нагӯед, домулло. Айб аст.

Ин дафъа аз ғояти шарм рӯи Огаҳӣ ба кулчаи гарму сурхи нав аз танӯрканда табдил ёфт.

– Не, мулло Ҳайрат, дурӯғ нест. Дар воқеъ ҳам, ман чизҳои фачро хонда наметавонам.

Ҳайрат хам шуд ва чанд мағзи нонро аз замин бардошта, ба табақчаи болои миз партофту рост ба чашмони Огаҳӣ назар дӯхт.

– Чӣ хел… наметавонед. О навиштаҳои худатонро мехонед– ку?!.

08. 12. 1996.

## АЗ ДУО ҲАМ ЗӮРТАРАНД

Шоири шаҳир Ашӯр Сафар бемор ва дар бемористони шаҳри Кӯлоб хоб буд. Вазири фарҳанг ва иттилооти

ҷумҳурӣ Бобохон Маҳмадов ба аёдати ӯ меравад.

– Чӣ ҳол доред, Мавлоно?

– Ана ҳолам, – табассуми дардомез мекунад шоир, дар ҳоле, ки болои кат ба пушт хоб буд. – Маҷоли ҷунбидан нест.

– Зиқ нашавед, Мавлоно, – таскин медиҳад вазир. – Мегузарад ҳамааш. Худо хоҳад, шифо ёфта, солиму бардам ба хона бармегардед.

– Кошкӣ, – оҳ мекашад шоир. Вале ин дам чашмаш ба ҳамсафарони вазир (Онҳо дар даст тӯрхалтаҳои пурбор ва вазнин доштанд) афтида, гӯё дарди худро фаромӯш мекунаду дар бистар нимхез мешавад. Э биёед, биёед. Марҳамат, шинед, – хушҳолона ба курсиҳои назди кат ишора мекунад ӯ.

Баробари дидани тӯрхалтаҳо тағйир ёфтани ҳолати шоир аз назари Бобохон Алиевич пинҳон намонда бошад ҳам, ӯ чизе намегӯяд.

Меҳмонҳо соате дар сари болини бемор менишинанду ниҳоят бармехезанд, ки раванд. Ҳангоми хайру хуш Бобохон Алиевич ду коғази панҷоҳҳазорсӯмаро таки болини Ашӯр Сафар мегузорад. Шоири зирак мефаҳмад: ғарази вазир чист. Ва аз таки кат асобағалҳояшро гирифта, ба гусели меҳмонҳо омода мегардад. Аснои баромадан аз дари палата Бобохон Алиевич мегӯяд:

– Мавлоно, шумо маҷоли ҷунбидан надоштед, чӣ шуд, ки… Ё он коғазҳо чун дору ба тан қуввату мадор мебахшанд?

Аз саволи вазир шоир дасту по намехӯрад.

– Ҳо, – мегӯяд ба қиёфаи ҷиддӣ. – Он коғазҳо аз дору ҳам зӯртаранд. Дутаи дигар партоӣ, туро то Душанбе гусел хоҳам кард…

20. 12. 1996.

## АЗ ШУМО МЕПУРСАМ

Дар назди нашриёт нуқтаи тармими соат ба кор сар кард.

Боре Ҳайрат Шанбезода чанд соати вайронро ба усто

супорида, ҳафтае пас онҳоро гирифт.

Ин воқиа ҳамон бегоҳ, аснои бозгашт аз кор, бо ӯ рӯй медиҳад.

Дар автобус кадоме вақтро мепурсад.

– Панҷ, – мегӯяд ҳайрат, ба соат нигариста.

– Не– е, ҳоло панҷ нашудагист. Шубҳаи вайро дида, Ҳайрат дасти росташро мебардорад.

– Чаро бовар намекунед? Анна, расо панҷ.

Диққати ҳозирон ба Ҳайрат, ки дар ҳар ду даст соат дошт, ҷалб мешавад. Зане аз чӣ бошад, ахмирӯ карда, донистан мехоҳад: барои чӣ ӯ дар ду даст соат бастааст.

Ваҷоҳати пуртакаллуф ва нигоҳи бағоят ҷиддии зан ба ҳайрат хуш намеоянд.

– Барои он, ки яктааш вайрон шавад, бо дигараш вақтро аниқ мекунам (мебинам).

Ҷавоби соддалавҳонаи Ҳайрат занро ба писханд водор месозад.

– Хайр, инаш ҳам вайрон шавад– чӣ?– ба соати дасти рости ӯ ишора менамояд вай.

– Инашро мебинам, – аз кисаи чапи пиҷак соати дигаре мебарорад Ҳайрат.

Ҳозирон механданд. Ба рӯи сафеди зан сурхӣ медавад.

– Фарз кардем, инаш ҳам вайрон шуд?

– Ба инаш нигоҳ мекунам, – соати чорумро аз кисаи рости пиҷак мебарорад Ҳайрат.

Аз хурӯҷи изтироб ғаб– ғаби зинадори зан ба ҷунбиш меояд.

– Хайр, фарз кардем, инаш ҳам вайрон шуд?

– Боке не, – мегӯяд ҳайрат ва намоишкорона аз кисаи чапи шим боз як соат мебарорад. – Инашро мебинам.

Ҳозирон хушҳолона ба якдигар менигаранд.

– Хайр, инаш ҳам кор накунад– чӣ?– ин дафъа бо оҳанги ситеза мепурсад зан.

Ҳайрат табассуми узромезе дар лаб паси сар мехорад.

– Агар инаш ҳам кор накунад, ночор вақтро аз шумо мепурсам, – мегӯяд. Сипас ба лабханди қаноатмандонаю

нигоҳи ғолибонаи зан эътибор надода, аз ҷайби рости шим соати шашумро мебарорад. – Зеро инаш вайрон асту усто иллаташро наёфт.

Зан ба шиддати хандаи ҳозирон тоб наоварда, аз автобус мефарояд.

17. 01. 1997

## РОСТ РАВЕД, МЕРАСАД

Дар яке аз ҷамъомадҳои нашриёти «Адиб», ки бо иштироки вазири фарҳанг ва иттилооти ҷумҳурӣ Бобохон Маҳмадов мегузашт, аз рӯзгори сангин ва маоши ночизи ноширон изҳори нигаронӣ шуд. Чанд кас, аз ҷумла Қутбӣ Киром ҳарф заданд.

Баромади устод Қутбӣ чун ҳамеша пуршӯр ва ғайриоддӣ буд. Вақте ӯ ба вазир рӯ оварда, «Ин чӣ гап? Маоши ман то хона намерасад!» гуфт, дар лабони Бобохон Алиевич табассум давида, дарҳол луқма партофт.

– Агар рост равед, мерасад, устод!. .

06. 02. 1997

## БОРИ АВВАЛ

Боре Раҷаб Мардон байтеро аз осори кадом як шоир аз ёд хонда, ба таҳсину офарини Гурез бархоста, на фақат дасти вайро самимона фишурд, балки бо нудрат афсӯс ҳам хӯрд, ки пул надорад, агар не, бидуни андеша ҳоло нимта мехарид.

ҳозирон оҳанги тааҷҷуб карданд: чаро? Охир, он чӣ шуниданд, шоҳбайт ё ягон пора назми пурмуҳтавову ҷолиб набуд ва бегумон ба чунин эҳтимому эҳтиром намеарзад.

– Дуруст, – иқрор шуд Гурез. – Дар ҳақиқат, байти кирой нест. Вале… Ман понздаҳ сол аст бо Маҳмадраҷаб ҳамкорам ва бори аввал мебинам, ки вай шеърро беғалат хонад…

03. 03. 1997.

## ШАЛПАР АСТ

Беҳуда намегуфтаанд: хонаву палос, одаму либос. Пироҳани нав ба Тани Н. чунон қоим афтода буд, ки баробари диданаш ҳуш аз сари ҳозирон парида, фаромӯш карданд: мавзӯи суҳбат чӣ буд. Ва Ҳоҷӣ Мурод гуфт:

– Н. – ҷон, медонӣ– чӣ. Имшаб ман туро хоб дидам. Бо анна ҳамин куртаат…

Н. бо тааҷҷуб китф барҳам кашид, вале чизе нагуфт. Саҳеҳтараш, Гурез Сафар имкон надод, ки вай даҳон кушояд.

– Аҷиб– ку!– Нидои ғалатӣ баровард ӯ. – Охир, ман ҳам… Не, дар ҳақиқат, ин хеле аҷиб!. .

– Шояд бовар накунед, – раиси иттифоқи касаба Шералии Сангинмурод низ натавонист хомӯш бошад, – Лекин ин дурӯғ нест.

– Чӣ, ту ҳам Н. – ро хоб дидӣ?– аз раҳи одат ба ростии суханҳои раис шубҳа кард Ҳайрат Шанбезода. – Шояд бо ҳамин куртааш?

– Не, – аз кинояи ӯ дасту по нахӯрд Шералӣ. – Ба хаёлам, куртааш дигар буд…

Ин дам чой ҷӯшид ва аз Равшани Махсумзод хоҳиш намуданд, ки онро дам кунад. Вале… ба адиби ҷавон аз ҷой хестан «душворӣ» кард ва бо як навъ коҳилии пирона гуфт:

– Оё дар ҳузури зан чой дам кардани мард аз рӯи одоб аст?

– Не, – нохушона абрӯ баҳам кашид Ҳайрат. – Лекин кор фармудани зани шалпар ҳам аз рӯи одоб нест.

Гапи Ҳайрат ҳозиронро ба тааҷҷуб андохт.

– Кӣ шалпар аст? Н. ?

– Ҳа…– номаълум ба Н. чашмак зад Ҳайрат. – Охир, дар як шаб ба хобби се мард даромадан осон магар?!.

14. 07. 1997.

## МЕБУРДАМ

Муносибати Ғарибӣ бо модарарӯсаш бад буд. Онҳо қариб ҳар рӯз моҷаро мекарданд. Ҳисси нафрати кампир ба дараҷае буд, ки ҳатто дар лаҳзаҳои вопасини умраш низ ба домоди худ рӯи хуш надод.

Воқиан, анҷоми зиндагии кампир фоҷиабор будааст. Вай ҳангоми убури кӯча (дар назди институти педагогӣ) зери чархҳои мошин монд.

Аз садама хабар ёфта, Ғарибӣ ба беморхона меравад. Кампир беҳуш будааст. Лаҳзае пас вай ба худ омада, мегӯяд: агар беормон мурданашро хоҳанд, ҳамин айнакии мушбиниро (яъне Ғарибиро) аз палата ронанд.

Хуллас, Ғарибиро аз палата мебароранд. Баъди чанд соат кампир ҷон медиҳад…

Тарҷумони шинохта Н. низ аз домодҳои ҷабрдидаву аламдор будааст. Вақте ӯ аз рӯзгори нохуши худ чанд ҳикояти риққатангез гуфт, авзои Ғарибӣ беҷо шуда, чинҳои пешонааш чун торҳои анкабут ба ҳамдигар печиданд.

– Истед, ки модарарӯсатон ҳанӯз ҳам зиндаанд?

Саволи хилофи чашмдошти Ғарибӣ Н. – ро як қад паронд.

– Не, – гуфт ӯ ҳадаҳа. – Оҳу воҳ ва нидоҳои илтиҷоомези ман ниҳоят порсол …ба гӯши парвардигор расиду он кас…– Баъд ба чӣ хаёле пурсид:– Агар зинда мебуданд, чӣ мекардед?

Ғарибии аламзада бо қаҳр дандонҳояшро ба ҳамдигар соид.

– Рост ба назди Институти педагогӣ мебурдам!. .

19. 07. 1997.

## ҲАМАЛАМ

Ҳайрат Шанбезода меҳмонро ба тарҷумон Н. нишон

дода, гуфт:

– Ин кас ҳам баъзан як чиз– ним чиз тарҷума мекунанд.

– Э, мо ҳамқалам будаем– ку!– якбора хушҳол гардида, аз ҷӣ бошад, паси сар хорид Н.

– Шумоён на фақат ҳамқалам, балки ҳамалам ҳам ҳастед.

Н. як қад парид.

– Ҳамалам?!

Ҳайрат аз раҳи одат муғамбирона табассум кард.

– Ҳа. Хушдомани ин кас ҳам ҳанӯз зинда…

29. 07. 1997.

## КОШ

Воқифӣ модарарӯси ҳалиму меҳрубон ва нармдилу ширинзабоне дошт. Бинобар ин, аз рафтори модарарӯси тарҷумон Н. (кампир дар нашриёт аз гиребони домодаш гирифта, вайро дашному хорӣ дод) таҷанг шуда, дергоҳ ба худ омада натавонист. «Зан синаи меҳр аст ва набояд ба чунин сангдилӣ қодир бошад», – мегуфт ӯ гаштаву баргашта.

Аз изтиробҳои Воқифӣ дили Н. об хӯрда будааст, ки баъди чанд сол, вақте модарарӯси Воқифӣ вафот кард, ӯро ин тавр таскин дод:

– Кош, ба ҷои хушдомани шумо аз ман мемурд…

30. 07. 1997.

## БА ШЕВАИ ХУДАТОН

Баробари аз дар даромадани мунаққид Н. зарфи дасти шоири ҷавон О. афтиду шикаст.

– Аҷиб– ку, – хандид Н. –Дар ин ҷо магар бо забони шиша салом медиҳанд?

– Не, – андешамандона пешона молид Ҳайрат Шанбезода. – Ин кас, аз афт, шуморо шинохта ба шеваи худатон салом доданд…

08. 09. 1997.

## ИШТИБОҲ

Падарам, ман ва ҳамсояҳо дар вурудгоҳи бино ҷамъ омадем, ки машварат намоем. Барфи рӯи ҳавлӣ баланд буд, – калонсолонро ба зону мерасиду хурдсолонро– ба ноф.

– Бе барфрӯбак ва мошини боркаш ҳеҷ кор карда наметавонем, – гуфт ҳамсояамон амаки Шодимурод. – ҳатто даҳ мард аз ӯҳдаи ин кор намебарояд.

– Чаро намебаромадааст?– нохост ба гӯш расид овозе. – Ҳеҷ чиз лозим нест. Як худам ҳамаи ин корро мекунам. – Бел дар китф аз зина фаромад марде. – Ана мебинед, дар як дам ҳама ҷой топ– тоза мешавад.

Мо хомӯшона ба ҳамдигар нигаристем.

– Ин одам ё девона аст ё маст. – Дар хонаи наваду ҳаштум мезияд.

Мард белро аз китфаш гирифта, табассум кард.

– Хайр, чӣ маслиҳат медиҳед? Сар кунам?

Мо боз ба ҳамдигар нигаристем.

– Чанд сӯм мегиред?– пурсид касе.

– Як тин ҳам не, ҷавоб дод ӯ, – бепул мекунам.

Нидоҳои эътирозӣ баланд шуданд.

– Бепул? Чӣ, мо гадо ҳастем?!– дод зад кадоме аз ҳамсояҳо. – Панҷсӯмӣ мепартоем, пули чор шиша нос ҷамъ мешавад.

Табассум аз лабони марди белдор парид.

– Шумо мақсади маро нафаҳмидед– гуфт ӯ. – Ман мехоҳам ба ҷои варзиш андак бел занам.

– Мақсадатонро нағз фаҳмимдем, – калла ҷунбонд ҳамсояи дигари мо. – Панҷ сӯм, бовар кунед, пули кам нест. Ҳа, хуб, даҳсӯмӣ мепартоем.

Нигоҳи мард ҳайратангез шуд.

– Узр мехоҳам, – ғурунгид ӯ, – вале ман воқиан ҳам ин корро бепул карданӣ ҳастам.

Ҳамсоя даст афшонд.

– Ҳар кас бистсӯмӣ медиҳад, розӣ шав!. . Ин пешниҳоди охирин.

– Ба хаёлаш, мо хеле сарватманд ҳастем, – виззос зад кампири Покиза.

Чашмони мард аз қолаб баромаданд. Вале амаки Шодимурод намонд, ки вай даҳон кушояд.

– Канӣ, дафъ шав аз ин ҷо, марди тамаъҷӯй!– бонг зад ӯ. – Агар не, ба ҷои даркорӣ хабар медиҳам.

Ранги мард канда, белро ба девор такя кунонду бошитоб аз зинаҳо баромад. Ин дам падари ман белро гирифта, гуфт:

– Биёед, ман андак оби ишкам ҷунбонам. Ба саломатӣ фоида дорад.

Амаки Шодимурод шубҳаомез ба падарам нигарист.

– Чӣ қадар мегирӣ?– пурсид ӯ. – Даҳ сӯм бас?

Падарам белро оҳиста аз даст монд.

– Ман аз фикрам гаштам, – гуфт ӯ маъюсона. Сипас ба ман рӯй овард. – Пеш даро, рафта телевизор тамошо мекунем.

Дигарон низ хона ба хона шуданд.

## АЗ НАҚЛИ МУАЛЛИМ ФАРҲАТ

### 1. ФОЛБИН

Ду нафар ба аёдати беморе рафтанд. Яке ҳунари фолбинӣ дошт. Бинобар ин ҳамроҳаш садоқати худро нисбат ба бемор собит кардан хоста, аз фолбин тавалло намуд, ки хотири дӯсти беморашро шод кунад, – фол бинад. Фолбин аввал «ғамза» кард, вале чун дид, ки ҳамроҳаш аз ҷону ҳолаш намемонад, ноилоҷ дасти бемор ба даст гирифта, ба намоиши ҳунар пардохт:

«Саҳар гӯям, бегоҳ гӯям, чоштгоҳ гӯям, пешин гӯям, намозшом гӯям, … гӯям, … гӯям, ҳамин шумо ба берун баромада будед…»

Бемор андешид, ки албатта баромадааст. Одами зинда

чун метавонад берун набаромада умр ба сар барад? Гуфт:

– Бале.

Фолбин давом кард:

«Имрӯз гӯям, дина гӯям, парер гӯям, ягон вақт ғӯям, ба адоғи қишлоқ рафта буд?»

Бемор боз андешид ва яқин кард, ки дар тӯли чандин соли умраш, албатта, ба адоғи қишлоқ рафтааст. Сонияни қишлоқӣ бошию поят ба адоғи деҳа нарасида бошад, чӣ сон одамӣ?. . . Гуфт:

– Бале.

Фолбин боз давом кард:

– Ба адоғи қишлоқ ба роҳи харгард рафта будед. Вақти рафтан саратон ба шохи шикастаи тути қади роҳ, албатта, расида буд. Агар намедоштед, албатта, кулоҳатон ба замини серхок меафтид. ҳамту не?!»

Бемор боз андешид ва ба ноқил ҳамфикр буданашро изҳор дошт.

Фолбин боз давом кард:

«Албатта, дар поёнтар аз пешатон харобае баромад ва шумо аз торикӣ истоҳола накарда ба он хароба даромадед. ҳамту не?!»

Бемор, ки акнун ба иродаи фолбин мутеъ шуда буд, бемулоҳиза гуфт:

– Бале.

Симои фолбин куллан тағйир ёфт ва ӯ ба карнаи гулӯ тамоми овоз тамба кард.

«Истед, ки дар он бевақтӣ ба он хароба ч… киро хӯрданӣ даромадед!»

## 2. РЕЗАҲО

«… аз обнӯшӣ барака меёфт, қурбоққа меёфт»

«…зандолу ё зардолу? Албатта, зандолуаш дуруст. «Занд» калимаи суғдӣ аст, маъняш «муқаддас». Зандолу, яъне «олуи муқаддас», «олуи биҳиштӣ», гули сари сабади мевачот. »

«Сӯзиён– ин таъбир бемаъно нест, балки синтези ду

калимаи мустақилмаъно бошад, – суду зиён».

# АЗ РӮЗГОРИ БУЗУРГОН[1]

## РОССИНИ

Охангсози шаҳир Россини чун иттилоъ ёфт, ки ҳокимони шаҳр ҳайкалашро гузоштан мехоҳанду бо ин мақсад маблағи зиёд ҷудо шудааст, гуфт:

– Бигзор ҳамин маблағро ба ман диҳанд. Ман ӯҳдадор мешавам, ки ҳар рӯз болои таҳкурсӣ баромада шинам…

## НАПОЛЕОН

Вақте ба Наполеон хабар доданд, ки генерал Моро дар муҳорибаи навбатӣ низ мағлуб шуд, ӯ гуфт:

– Моро мисли нақора аст, яъне то назананд, садояш намебарояд.

## ЭЙНШТЕЙН

Боре ӯ дар истгоҳи автобус, ки ба хонааш наздик буд, айнаки худро афтонд.

Ин дам духтараке омаду айнакро бардошта, ба ӯ дод.

Меҳри олим ба духтар тофта, миннатдорона табассум кард.

– Хеле меҳрубон будаӣ, ҳазор раҳмат, – гуфт. – Чӣ ном дорӣ?

– Ман Клара Эйнштейн, падарҷон!. .

---

[1] Тарҷума ва таҳияи А. Маҳмадшоҳ.

## БЕРНАРД ШОУ

Шоуро ба дуздӣ айбдор карданд. Гӯё сужети пйесаи ӯ «Пигмаллион» аз романи Т. Смоллетт «Саргузашти Перегрин Пикл» гирфта шуда буд. Шоу ҷавоб навишт:

«Банда романҳои Смоллеттро дар овони ҷавонӣ хондаам ва бояд гуфт: онҳо ба ман писанд наомада буданд. Вале аҷаб не баъзе лаҳзаҳои онҳо дар кадом як кунҷи хотирам «маҳфуз» буданду акнун рӯи «об» баромаданд. Ман мисли Шекспиру Молйер сужетҳои хубро бо фалсафаи шовианиву ғояҳои замонавӣ «пур» карда, дар ҳолатҳои дигар истифода мебарам. Чунон ки мегӯянд, ягон чизи зери чархи кабуд нав нест ва яқинан Смоллетт ҳам ғояҳои хубро аз дигарон «қарз» кардааст!»

* * *

Дромнависе аз Бернард Шоу хоҳиш намуд, ки нахустнамоиши мазҳакаааашро тамошо кунад. Вақте онҳо ба театр омаданд, дарбон пеши роҳи Шоуро гирифт ва шумо чипта надоред гуфта, ӯро ба дарун роҳ надод.

Лозим омад, ки маъмурияти театр ба ин моҷаро дахолат намояд.

Намоишнома ба охир расид ва вақти баромадан аз театр Шоу ба кафи дарбон як фунт– стерлинг монда гуфт:

– Маро ба намоишнома роҳ надодани шумо аз рӯи дилсӯзӣ будааст!. .

## ТИНТОРЕТТО

Рассоми итолиёвӣ Тинторетто аз як рафтори ходимаи кухансоли худ хашмгин шуда, вайро ҷазои ғайриоддӣ дод, яъне сураташро дар радифи қотилони ангораи машҳури худ «Марги Стефании муқаддас» кашид.

## БАЙРОН

Боре аснои саёҳати Юнон роҳбаладі шоири англис лорд Байронро ҳолати аҷибе рӯй дод, – тамоми аъзои баданаш ларзида, чунон бемадор гардид, ки натавонист дигар қадаме пеш монад.

Вақте Байрон сабаби инро пурсид, роҳбалад гуфт: «Ҷаноб, ғолибан дуртар аз ин ҷо воқиаи ваҳшатборе рӯй медиҳад. Биёед, андак дам гирем. Ду сол қабл аз ин чунин ларзаи тоқатшикан маро аз марг наҷот дода буд. Дар он ҷое, ки ман бояд мерафтам, туркон сари чанд касро бурида будаанд…»

Баъд аз ним соат онҳо боз ба роҳи худ рафтанд ва дуртар аз он мавзеъ осори хун ва ҷисми беҷони ҳашт одамро диданд, ки навакак ба қатл расида буданд.

Байрон беихтёр ангушти тааҷҷуб ба лаб бурд. Бо вуҷуди, ин сонитар ӯ ин воқиаро бо тасодуфоти муқаррарӣ ҳамл намуд, ҳарчанд онро дар рӯзномаи худ бинавишт.

## МАРК ТВЕН

…Банкири зуд сарватмандшудае беэътёнона аз Марк Твен суол кард.

– Оё рост аст, ки шумо як вақтҳо дар штатҳои ғарбӣ коргари оддии кони кварс будед? Пас чӣ тавр нависанда шудед?

Марк Твен дарҳол ҷавоб дод.

– Майлатон, бо камоли шавқ нақл мекунам. Вале, ба назарам, донистани он ки то расидан ба масобаи банкирӣ чанд бор муфлис шудед, ҷолибтар аст.

## АЛЕКСАНД ДЮМА– ПАДАР

Дар робита ба марги як амалдори порахӯри суд аз Александр Дюма– падар хоҳиш намуданд барои гулчанбар сӣ франк диҳад.

– Ана, ба шумо шаст франк, – гуфт адиб. – Гиреду боз

ягон порахӯр дафн намоед.

## АГАТА КРИСТИ

Боре яке аз мухлисони Агата Кристи тааҷҷуб мекунад.

– Барои чӣ нархи ду романи ҳаҷман якхелаи шумо гуногун аст?

– Ҳайрон нашавед, – ҷавоб медиҳад адиба. – Дар романе, ки қиматтар аст, шумораи мақтулон се нафар зиёд…

## МАРЛЕН ДИТРИХ

Ҳунарвари машҳури синамо Марлен Дитрихро дар синни баркамолӣ ҳам таровати ҳусн напарида буд ва ҳаводорони зиёде дошт.

Боре ӯ дар бораи мухлисони худ гуфт:

– Онҳо тамошогарони мусобиқаи теннисро мемонанд. Фақат каллаи ҳаводорони теннис гоҳ ба чап раваду гоҳ ба рост, каллаи инҳо гоҳ аз боло поин меравад у гоҳ аз поин боло…

## АЗ РӮЗГОРИ ТИЛХОРИҲО

## БА МУНОСИБАТИ ИД

Мегӯянд, арафаи иди май роҳбарон тасмим мегиранд хоҷагиҳои ноҳияро саросар бигарданд ва бубинанд: омодагӣ ба ид чӣ гуна аст.

Дар аксар хоҷагиҳо кор мувофиқи талаб буд. Аз ин хурсанд шуданд роҳбарон. Вале чун ба Тилхор расиданд, дуд аз димоғашон баромад. Онҳо дафъатан пасупеш ва даруну беруни фермаро аз назар гузаронда, ягон чизи таскинбахш наёфтанд ва… шӯриданд: «Ин чӣ гап? Мар-

думи тамоми олам дар ташвишу тараддуди истиқболи иди байналмилалӣ 1 май ҳастанду тилхориҳо… Не, фориғболӣ аз ин зиёд намешавад!»

Тилхориҳо дасту по гум карданд. Онҳо медонистанд, ки иди пуршукӯҳи якдилии заҳматкашони тамоми ҷаҳон наздик аст, аммо намедонистанд: дар маросими таҷлили он иштироки фермаи онҳо шарт аст.

Қаҳру ғазаби роҳбаронро интиҳо набуд. Онҳо то хурӯсак шудани овозашон тилхориҳоро хорӣ дода, гӯё андак таскин ёфтанду ба мудири ферма гуфтанд:

– Ҳоло ҳам дер нашудааст. Мо чанд хоҷагии дигарро дида, бо ҳамин роҳ бармегардем. Зуд мардумро ба кор андохта, хатоятонро ислоҳ кунед. Ферма бояд намуди идона дошта бошад!

Мудири ферма аз тилхориҳои асил буд, яъне аз кор наметарсид, – ба расми низомиён дарҳол даст ба чаккаи сар бурда, пошнаи мӯзаҳояшро ба ҳамдигар зад– «Есть!»

… Роҳбарон дами бегоҳ аз хоҷагиҳои ҳамсоя баргаштанд. Вақте ба фермаи тилхориҳо наздик шуданд, чашми онҳо пир – пир парида, даҳонашон воз монд. Аз дидани манзараи ғароиб, албатта. Дар болои дарвозаи ферма, сари бом ва нӯки симчӯбҳо– хуллас, дар ҳама ҷой фляга– зарфи арзизии ширгирӣ овезон буд. ва ин флягаҳо, аз чӣ бошад, ба ҳар ранг пардоз ёфта буданд.

Онҳо ҳанӯз ба худ наомада, аз куҷое мудири ферма– оре, ҳамон тилхории асил!– пайдо шуд ва боз даст ба чаккаи сар бурда, мисли ҳарбиён аз иҷрои супориш посух дод.

– Ин чист?– базӯр овоз баровард котиби ҳизб, ки дар рӯяш осори хун набуду беист миҷа мезад.

– Кадом?– нафаҳмид мудири ферма.

– Ана вай, вай, вай!. . – асабиёна ба болои дарвоза, боми бинои ферма ва сари симчӯбҳо ишора кард ӯ. – Барои чӣ ин флягаҳоро ба он ҷо овехтед?

Мудир ба флягаҳо назаре афканда, бо тааҷҷуб китф барҳам кашид.

– Барои чӣ овехтем? О худатон гуфтед– ку: ба муно-

сибати ид дар ҳама ҷо фляга овезед.

Котиб акнун ба моҳияти масъала сарфаҳм рафта, аз нав ғазабаш ҷӯшид:

– Ҳафтафаҳмҳо!.. О ман флаг, яъне байрақ овезед гуфтам, на фляга!..

## АВВАЛ ПОДОРАШРО ХӮРЕД

Мегӯянд, аснои меҳмонӣ пеши тилхориҳо дастархон меоранд. Даруни дастархон чанд нон ва як табақча мавиз будааст.

Иттифоқо, ба табақчаи мавиз гамбусакҳо роҳ ёфта будаанд. Баробари кушодани дастархон онҳо аз табақча баромада, ба чор таоаф мехазанд.

Тилхориҳо ҳадаҳа роҳи гамбусакҳоро баста, ба ҳамдигар мегӯянд:

– Аввал мавизҳои подрашро хӯред, ки мегурезанд!..

## ХОНАИ НАВ

Меғӯянд, як тилхорӣ хона сохтан хост ва тилхориҳои дигарро ба ҳашар даъват намуд.

Тилхориҳо мардуми аҳЛу тифоқанд ва аз кор наметарсанд. Дар як дам поймарди бисёр ҷамъ шуда, кор авҷ мегирад.

Дасти бисёр, кӯҳа кунад ҳамвор. Тилхориҳо зуд чанд лойхона лой шӯрида, ба устоҳои похсазан мегӯянд: «Тайёр ҳастед?» «Мо ҳамеша тайёр!»– мӯйлабҳои худро тоб медиҳанд онҳо.

Хулоса, дами бегоҳ деворҳои хонаи нав аз даст мебарояд. Тилхориҳо ба иморати баланду боҳашамат бо ҳавас чашм дӯхта, қаноатмандиашонро аз натиҷаи кори худ пинҳон намедоранд.

Як вақт воқиаи хилофи чашмдоште рӯй медиҳад. Кадоме нидои ғалатӣ бароварда, диққати ҳамаро ба худ

ҷалб менамояд. Тилхориҳо ба тааҷҷуб ба вай рӯ гардонда, мебинанд: бечораро ранг паридаасту аз ҳаяҷони бологир қуввати гуфтор надорад.

Бо ҳайрати бештар ба имову ишорати вай таваҷҷуҳ мекунанд ва нохост… худашонро низ ҳаяҷон фаро гирифта, нидоҳои ғалатӣ мебароранд.

Охир, онҳо бо чашми худ медиданд, ки саргарми ҳавои деворзанӣ чизи муҳимеро фаромӯш кардаанд. Яъне ба дару тиреза ҷой намондаанд…

# ГАП БАЙНИ ХУДАМОН[1]

**– Акаи Аҳмадшоҳ, гап байни худамон, мегӯянд, ки Шумо айёми бачагӣ ва ҳангоми таҳсил дардонишгоҳ хеле камгап будед. Аммо аҷиб, ки ҳаҷвнигор шудед…**

– Ёрони айёми бачагӣ, баъзе шарикдарсонам низ чунин мегӯянд. Вале худам намедонам. Ба гумонам, ягон вақт ман камгап набудам. Модари бачаҳо низ камгапии маро ёд надорад. Гузашта аз ин, вай мегӯяд, ки ман баъзан дар хоб ҳам… Вале иқрор мешавам: дамдузд будам. Оё «камгапӣ»–ю «дамдуздӣ» як чиз нестанд. Не, ҳарчанд шабоҳати маъноӣ доранд. «Камгапӣ» сифат аст, «дамдуздӣ»– иллат…

Воқиан, саволи шумо ғалатист. Барои ҳаҷвнигор шудан сергап будан шарт нест. Ғайр аз ин, ба маълумоти шумо расонам: асарҳои ҳаҷвӣ ҳам бо қалам навишта мешаванд, на бо забон…

**– Гапатон дуруст, лекин ба ҳар ҳол бештари ҳаҷвнависон дар зиндагӣ одамони шӯхтабиатанд… Аз ҳама воқеаи хандаовар дар ҳаёти шумо?**

– Боре писарам– Furthermore Бобоҷони хурдакак тозон аз дар даромаду гуфт: «Дада, духтари ҳамсоя шуморо ҳақорат кард». «Ҳо, – оҳанги тааҷҷуб намудам. – Хайр, чӣ гуфт?» Бобоҷон дар ҳоле ки аз шиддати ҳаяҷон овозаш меларзид, гуфт: «Дада!»

**– Зиндагии имрӯзаро бо як ибораи ҳаҷвӣ чӣ тавр баён мекардед?**

*– Илоҷи дарди сарашро агар намедонанд,*
*Маро баранду ба гирди сараш бигардонанд.*

**– Мегӯянд, ки ҳаҷвнигорон агарчи мардумро механдонанд, худ дарун– дарун месӯзанд…**

– «Дарун– дарун» сӯхтани адибони ҳаҷвнигор сабаб дорад. Яъне оташи алами онҳо баланд аст ва агар «берун– берун» сӯзанд, дунё оташ мегирад.

[1] Мусоҳиба бо мухбири ҳафтаномаи «Чархи гардун» Равшан Махсумзод.

**– Чаро мо ҳаҷвнигори хуб надорем?**

– Эҳтимол, ҳаҷвнигори хуб надошта бошем. Вале асарҳои хубу хонданбоби ҳаҷвӣ дорем ва бешубҳа, онҳо мояи ифтихори моянд. «Марги судхӯр»–и устод Айнӣ, қиссаи «Дар он дунё» ва чанд ҳикояҳои шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев, ҳаҷвияву репризҳои Ӯрун Кӯҳзод, Абдулҳамиди Самад, Бурҳон Ғанӣ, Имомназари Холназар, Саидаҳмадии Зардон, Дадахони Эгамзод, Наҷмиддини Шоҳинбод, Қурбони Аламшоҳ, Гурез Сафар… Шояд бовароатон наояд, вале бо эътимоди комил мегӯям: баъзе осори ин адибон дар воқеъ ҳам бо шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳон ҳамсанганд.

**– Қариб ҳама адибоне, ки Шумо ном гирифтед, ҳикояҳои хурд– хурди ҳаҷвӣ менависанд.**

– Бале. Алалхусус навиштаҳои шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев хеле ҷолибанд. Ин худситоӣ нест, вале ман баъзеи онҳоро аз ёд медонам. Истеъдоди нодири ҳаҷвнигорӣ даст дода будааст ба он кас. Рӯҳашон шод бод!

Вале нодуруст мебуд, агар гумон кунед: навиштани ҳикояҳои хурд осон аст. Боре Амак (Фазлиддин Муҳаммадиев) як ҳикояи Абдулҳамиди Самадро нишон дода, гуфта буданд: «Дар ин қатра офтоб ғунҷидааст».

Акнун худатон мулоҳиза намоед: офтобро дар қатра ғунҷондан магар осон аст?

**– Нависандаи дӯстдоштаатон?**

– Азиз Несин.

**– Дар китоби охирини шумо «Дасти ману домани шумо» ҳикоёти зиёде ҷой гирифтаанд, ки аз ҳаёти адибони муосири мо нақл мекунанд. Кадом адибони мо метавонистанд ҳаҷвнигор хуб шаванд?**

– Ин китоб соли 1992 ба нашр омода гардида бошад ҳам, порсол рӯи чопро дид. Як боби китоби мазкур аз «Ҳикояҳои даҳанакӣ» иборат аст. Ҷавҳари ин ҳикояҳо рӯйдодҳои зиндагист, ягон чизи бофтаву сохта надоранд. Ин силсила боз аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки билкул аз рӯзгори соҳибқаламон нақл мекунад. Яъне адибон дар ин маврид вазифаи дигар– қаҳрамонро адо

менамоянд. Ва бояд гуфт, ки онҳо аз уҳдаи иҷрои ин нақши барояшон ғайриоддӣ бо сари баланд баромаданд.

Ҳеҷ аз ёдам намеравад, шоири маҳбуби халқамон, марҳум устод Қутбӣ Кином баъди мутолиаи ин ҳикояҳо гуфта буд: «Чизҳои хуб…ҳамин саҳар як рафиқ латифаи фаче гуфт. Он хандаовар набошад ҳам, баланд хандидам. ҳа, амалдори муҳтарам наранҷад гуфта. Ва медонӣ, хандаи набударо чӣ хел «даъват» намудам? Бо ёрии «Гӯсфанд куштан беҳтар…»

Манзури ӯ ҳикояти мазкур буд: Боре як шогирди хираи устод Қутбӣ бо ҳаяҷони сохта изҳор медорад, ки агар устод дар хонааш меҳмон шавад, вай дар пеши ӯ худашро хоҳад кушт. Гапи шогирдро шунида ғаши Раҷаб Мардон меояду норозиёна меғурунгад: «Дар пеши устод гӯсфанд куштан беҳтар. Вай гӯшти хук намехӯрад…»

**– Аҷиб, ки бисёр нависандагони мо аз устод Айнӣ сар карда, аввал шеър менависанду сонӣ ба наср рӯ меоранд. Касе ба ман гуфт, ки Аҳмадшоҳ низ аввал шеър менавишт…**

– Сабаби инро ман ҳам намедонам, вале як вақтҳо шеър менавиштам. Соли аввал ё дуюми таҳсил дар донишгоҳ буд. Ман дар ҷои маъмулӣ – курсии охири дарсхона менишастам, як қатор пештар – духтари соҳибҷамол М… Дар рӯи шонаҳои паҳни вайд у кунда мӯи қатронии тару тоза…

– Чӣ менависӣ?– баланд шуд як вақт овози муаллим Асрорӣ.

– Шеър…– номаълум ба М. нигаристам. Бояд гуфт, ки ҳоло вай рӯй ба ақиб менишаст ва чеҳраи гандумгунаш ифодаи нохуше дошт.

– Шеър?. . ҳангоми танаффус нависӣ намешавад…

– Не, муаллим, – паси сар мехорам ман. – Охир, ин рубоӣ не, достон…

Аз ҷавоби ман лабони муаллим ба табассум моил шуданд, вале нигоҳи М… ҳамон вақт фаҳмидам: шеърнависӣ кори ман нест ва тахтаву тираки шоирӣ ғундоштам.

**– Киро дар ҷодаи ҳаҷвнигорӣ устоди худ медонед?**

**– Дасти маро ба ҳаҷвнависӣ Имомназари Холназар рост кардааст.**

**– Таи чанд сол аст, ки шумо дар нашриёти «Адиб» ба сифати муҳаррир кор мекунед. Дар бисёр ҳикояҳоятон низ образи муҳаррирро дучор меоем. Шоираи шинохтаи мо Гулрухсор чунин мисраъҳо дорад:**

***Эй муҳаррир, шеъри ман дарди дил аст,***
***Дардро таҳрир кардан мушкил аст.***

**Оё ҳангоми таҳрири китоб бо муаллифон «дастбагиребон» мешавед?**

– Оре, зиёда аз бист сол аст ман муҳаррири нашриётам. Дар ин муддат ба ман муяссар шудааст, ки ду– се ва ҳатто чор– панҷ китоби баъзе адибонро таҳрир кунам.

Боре кадоме гуфт: Абдулвайси Азиз устоди ӯст, ба он далел, ки мавсуф як китоби ӯро таҳрир кардааст.

– Пас мақоми Аҳмадшоҳ чӣ бошад?– абрӯ ба ҳам кашид адиби номӣ Саттор Турсун. – Охир, вай ба се китоби ман муҳаррир аст?!

Намедонам ин хуб аст ё бад, то ҳол бо муаллифе дасбагиребон нашудаам. Албатта, буданд мавридҳои ба истилоҳ «буғранҷ», вале ҳамеша дарҳол баҳона ё сабабе пеш меомад ва ин «ҷиноят» содир намешуд.

Воқиан, байти Гулрухсор… Бояд ба шумо гӯям, ки ягон муҳаррири нашриёт «дарди дил»– ро таҳрир намекунад. Зеро дард дар ҳақиқат таҳрир надорад. Одатан асарҳои бедардона дарди сари муҳаррир мешаванд.

**– Мардуми мо табиатан шӯханд, ҳаҷву базлагӯиро дӯст медоранд. Ман аз як чиз ҳайронам, ки чаро нависандагони ҳаҷвнигори мо байни мардум маҳбубият надоранд?**

– Инро ман ҳам намедонам. Вале, ба назарам, ҳоло мавриди чунин савол нест. Як маслиҳат: биёед, сабр мекунем. Аввал Сервантес, Рабле, О. Генрӣ, Стефан Ликок, Азиз Несин, Эраҷи Пизишкзод барин дар адабиёти тоҷик арзи ҳастӣ намоянд, сонӣ аз хусуси дараҷаи маҳбубияти онҳо ҳарф мезанем…

# ПАЁМИ ЭЗОП

## Гургҳо ва гӯсфандон

Гургҳо мехостанд ба галаи гӯсфандон ҳуҷум оранд, вале ин ба онҳо муяссар нагардид, зеро сагҳо галаро посбонӣ мекарданд. Он гоҳ гургҳо роҳи ҳила пеш гирфтанд ва вакилони хеш назди гӯсфандон фиристоданд, бо чунин пешниҳод: боиси ноҷӯрии мо сагҳоянд, агар онҳоро ба мо диҳед, байнамон сулҳу салоҳ хоҳад буд, дар асл мо ба шумо, гӯсфандон, хусумате надорем. Гӯсфандон наандешиданд, ки замири ин пешниҳод макре ниҳон аст ва сагҳоро ба гургҳо доданд. Он гоҳ гургҳо бемамониат галаи беҳимояро ғорат намуданд.

Мазмун, давлатҳое, ки бе ҳеҷ муқобалат сарварони халқро аз даст медиҳанд, ҳамин тавр бедиранг тӯъмаи душман хоҳанд шуд.

## Гург ва асп

Гург дар саҳро гаштугузор дошт ва нохост чашмаш ба хӯшаи ҷавдор афтид. Азбаски гург ҷавдор намехӯрд, аз он рӯй гардонду ба роҳи худ рафт. Дар роҳ ба ӯ асп дучор омад, гург вайро пеши ҷавдор бурда гуфт, ки ҳамин хӯшаро ёфт, аммо нахӯрда, ба ӯ, яъне асп, гузошт, зеро асп кумур– кумур карда ҷавдор мехӯрад ва шунидани ин садо барояш ниҳоят гуворост. Асп инро шунида посух дод: «лутфи эшон зиёд, агар гургҳо ҷавдор мехӯрданд, шумо ҳеҷ гоҳ роҳати гӯштро аз фароғати шикам авло намедонистед».

Мазмун, ба одаме, ки табиатан бадахлоқ аст, бо вуҷуди ваъдаҳои бебаркаш доданаш, боварӣ нашояд.

## Гург ва барра

Гург дид, ки баррае дар соҳили рӯд асту об менӯшад ва дар вай хоҳише пайдо шуд, баҳонаи дурусте ёфта барраро хӯрад. Бо ин мақсад лаб– лаби дарё болотар рафту ба коҳиши барра пардохт, яъне вай обро лой мекунад ва намегузорад ташнагӣ шиканад. Барра гуфт: ӯ лаб ба об мерасонад ва аз ин дигар шудани ранги об номумкин. Сониян, ӯ поинтар аз гург қарор дорад ва чӣ тавр метавонад оби пеши вайро лой бисозад. Гург аз муттаҳам нагардидани барра барошуфт ва гуфт: «ҳа, хуб. Лекин ту бояд дар хотир дошта бошӣ он суханҳои ношоямро, ки порсол дар ҳаққи падари бузургвори ман гуфта будӣ?» Барра дар ҷавоб гуфт, ки дурӯғ мегӯяд: порсол ӯ дар қайди ҳаёт набуд. Гургро аз маҳмадоноиии барра хун ба сар зад. «Ҳарчанд доно ҳастиву бедиранг ваҷҳ меёбӣ, туро хоҳам хӯрд!»– гуфт.

Мазмун, касе, ки ба кори бад азми собиқа дорад, ба ҳеҷ ваҷҳ аз қасди худ даст нахоҳад кашид.

## Гург ва қуланг

Дар гулӯи гург устухон монд ва ӯ ба чор тараф медавид дар суроғи имдодгаре. Иттифоқо қуланге аз пешаш баромад ва гург ба ӯ гуфт, ки агар устухони гулӯяшро берун орад, мукофти бисёр хоҳад гирифт. Қуланг сари худро ба гулӯи гург андохту устухонро берун кашид ва мукофоти амал хост. Гург дар ҷавоб гуфт: «Сар аз гулӯи гург беосеб баровarданат кам аст, ки боз мукофот талаб мекунӣ?»

Мазмун, одамони бадкирдор зиёне нарасонанд, ин ба назари эшон накӯкорӣ намояд.

## Гург ва буз

Гург дид, ки бузе дар сари ҷар алаф мехӯрад. Он ҷо баромадан душвор буд ба гург, бинобар ин ӯ аз буз хоҳиш намуд поин фарояд. Дар боло, гуфт гург, хатари афтидан аст, поин бошад, марғзори ҳамвор ва пур аз алафу гиёҳҳои хушбӯй. Буз ба ӯ ҷавоб дод: «Не, гап дар марғзори ҳамвору гиёҳҳои хушбӯй нест, аз асари гуруснагӣ маро ба назди худ мехонӣ».

Мазмун, вақте одамони беақл оқилонро ба доми фиреб кашидан мехоҳанд, ҳама найрангҳояшон барбод хоҳад рафт.

## Гург ва пиразан

Гурге гурусна таку дав дошт барои тӯъма. Вақте аз назди кулбае мегузашт, гиряи кӯдак ва дӯғи пиразанеро шунид: «Хап шав, вагарна ба гурги гуруснаат медиҳам!» Гург сухани пиразан рост пиндошт ва сабр кард. Вале рӯз бегоҳ шуду пиразан ба ваъдаааш вафо нанамуд. Ва гург бо чунин суханҳо ба роҳаш рафт: «Дар ин хонадон сухан дигар будаасту амал дигар».

Ин масал ба одамоне дахл дорад, ки гуфторашон аз кирдорашон фарқ мекунад.

# АЗ РАДИО ШУНАВЕД

Телевизори мо вайрон шуд. Намедонам, барои чӣ ва маҳз дар арафаи Соли нав. Вале инашро нағз медонам: мо чой менӯшидем, дар ҳалқаи бачаҳо. Барномаи «Ахбор» тамом шуд ва ровии навкор– духтари шаҳлочашми соҳибҷамоле эълом дошт, ки баъд аз чанд дақиқа барномаи «Мусоҳибаи муҳим» оғоз меёбад ва аз чӣ бошад, табассум кард. Ҳангоми табассум лабҳои чун барги гул нозуки ровӣ ба ҳам омада, рухсораҳои сап– сафедаш якбора сурх шуданд. Дар ин лаҳза рӯи гирдаи духтар ба кулчае тьабдил ёфт, ки нав аз танӯр кандаанд.

Ҳодисаи нохуш ҳамин вакт ба амал омад. Ҳусни ровии соҳибҷамол ақли ба қавли модари бачаҳо бе ин ҳам бисёр ками маро рабуд. Хаёл кардам, он кулча дар дасти ман асту аз гармии тоқатфарсояш тамоми вуҷудам месӯзад. Пиёлаи чойро ҳадаҳа ба лаби дастархон гузошта, беихтиёр «воҳ!» гуфтам.

Бояд тан гирифт: тамокукаши гузаро ҳастам ва баъзан садопардаҳои гулӯям дуруст кор намекунад. Шояд ба ин сабаб, нидои беихтиёронаи ман як навъ асроромез (ба садои ногаҳоние монанд буд, ки аснои кушодани даҳони араки шампон барояд) ба гӯш расида, модари бачаҳоро як қад паронд. Авзои вай барои чӣ бошад, дарҳол тағйир ёфт ва теғ кашида, аввал ба ман ва баъд ба телевизор нигарист.

Обутоби чандинсола кор дод, ман ба теғи нигоҳи вай тоб овардам. Вале телевизори бечора… тоб наовард. Рӯи экранаш якбора сиёҳ шуда, тадриҷан аз овоз монд. Сонитар дилу ҷигараш «сӯхт» магар, як такон хӯрд ва аз роғҳои ақибаш фатилаҳои дуди сиёҳ берун омаданд…

Ҳамин тариқ, фаҳмида натавонистем, вазири савдо (Охир, он шаб бояд бо ӯ суҳбат меоростанд) чӣ гуфт ва рӯзи дигар аз барнормаҳи солинавӣ чӣ муждаҳое расиданд.

Ва инак, ду сол аст аз тамошои барномаҳои телевизор маҳрумем. Бояд гуфт, ки чанд бор усто овардам, то онро дуруст кунад. Вале… нашуд. Аз афт, телевизоре, ки аз теғи нигоҳи занҳои бадрашк захм бардоштааст, ҳаргиз «сиҳат» намешавад.

Воқиан, аз рӯзе ки телевизори мо кор намекунад, банда шунавандаи доимии радио ҳастам. Албатта, аз радио овози гӯяндагонро мешунавед, вале чеҳраашонро намебинед. Овози баъзе гӯяндагон бағоят гӯшнавозу ҳавасангез аст ва будагӣ, касро ба оҳувоҳ водор месозад. Аммо овоз ба ҳар ҳол чеҳра нест. Шояд ба ин сабаб, модари бачаҳо ба оҳу воҳи ман эътибо намедиҳаду теғи фалокатосри нигоҳашро ба кор намеандозад.

Дар бадали ин ду сол гуфтаҳои радиоро пайваста гӯш мекардам ва аз онҳо чӣ таассуроте бардоштаам, аз қайдҳои зер хоҳед фаҳмид.

«Консерти ҳавскорони санъатро оғоз мекунем. Шунавед, тоқат кунед!»

* * *

«Бо ҳамин барномаи «Кишоварз» ба охир расид. Ба шумо хоби ширин орзумандем, хурдтараконни азиз!»

* * *

«Нохост ба хотири раис расид, ки имрӯз ҷумъа аст ва бо меҳр ба андоми говдӯши соҳибҷамол апаи Тобон нигарист: «Ин бегоҳ аз шири ту хоҳам хӯрд…»

* * *

«– Бо шавҳарии панҷуматон чанд сол зиндагӣ кардед, хола?

– Ду сол.

– Баъд чӣ шуд?

– Баъд вай ҳам мурд…»

* * *

«Рӯзи дафнии марҳум қабристон аз шоирони зинда пур буд».

* * *

«Тӯй кардем. Баъди тӯй дасти ман сабук шуду пои келин– вазнин…»

* * *

«– Вақти намоз садои тир баромад.

– Аз куҷо? Аз ҷониби кӯҳ?

– Не, аз телевизор…»

* * *

«– Шумо ба чанд даромадед, бобо?

– Ба наваду…Апчих! Астағфирулло!. . . се…»

* * *

«– Милисаҳо шаб омада, чӣ кор карданд?

– Ҳеҷ чӣ. Келинам дар хона набуд…»

* * *

«Маликаро дард гирифт. Дарди ҳамл. Баъди чанд дақиқа… суруди нав таваллуд шуд».

* * *

«Ревизорро дида, оҳи сабук кашиданд. Вай танҳо меомад…»

* * *

«– Хайр, онҳо беиҷозат ба хонаатон даромаданд. Барои чӣ ба милиса хабар накардед?

– Чӣ хел? Охир, худи онҳо милиса буданд!. . »

* * *

«– Хола, шумо гуфторҳои радиоро гӯш мекунед?

– Ҳа, бачем.

– Ба шумо кадоме аз онҳо бештар маъқул?

– Ҳамааш маъқул, бачем.

– Масалан?

– Масалан ҳам маъқул, бачем. Гуфтам– ку: номаъқулаш нест…»

* * *

«Дӯтони азиз! Ҳоло мо аз тариқи барномаи «Навоин» чанд суруди кӯҳна мешунавонем…»

* * *

«Суфраи гӯш фаро доред ба ин суруд, ки «Бартанг» ном дорад».

* * *

«Дастархон кушоед. «Корвони савту суруд» меҳмони хонаи шумост».

* * *

«Бо корвони савту суруд» ба сурофи «Чӯли Ироқ» меравем...»

* * *

«Ман ҳам «Иродаи зан»– и Аъзам Сидқӣ ва ҳам «Ғори аҷинаҳо»– и Гулрусорро дидаам...»

* * *

«Малика Собирова ба қуллаи баландтарини санъати балет баромаду аз чӣ бошад, дигар нафаромад...»

* * *

«Аз «Мор»– и Шарофат Рашидова тӯридам. Чӣ рақси «газанда»– е!. . »

* * *

«Ин суруд нохост ба дунё омад. Дар ошхона, вақте Малика чанд пора ҷигарро ба деги тафсон партофт...»

* * *

«Сурудашро сабт накарданд. Вале ноумед нашуд ҳофизи ҷавон ва ин дафъа бо амаки вазираш ба «Хонаи радио» омад...»

* * *

«Оҳиста пой гузоред. Роҳ виҷдони замин аст!. . »

* * *

«– «Дар он дунё»– и Фазлиддин Муҳаммадиевро хондаед?

– Не. Вале аз ташвишу тарддудҳои ин дунё халос шавам, ҳатман мехонам...»

* * *

«– Ба Сибир рафтед? Барои чӣ?

– Барои он, ки нарафта наметавонистам. Ҳукми суд қатъӣ буд...»

* * *

«– Писари калонатон кор мекунад?

– Аз куҷо. Ба кор кардан вақташ нест, бачем. вай се зан дорад...»

* * *

«Менӯшид. Шишаҳо аз дасташ ба дод омада, банавбат холӣ мешуданд...»

* * *

«Ниҳоят шавқи сафар боло гирифт. Дере нагузашта, ӯ чанд халтаи ҷуволмонанд харид ва ба ҳаҷ рафт»

* * *

«Ҷустуҷӯҳо самар доданд. ҳунарманди ҷавон аз «Хонаи радио» арӯс ёфт».

* * *

«Суруди аввалин болу пар бахшид. Рӯзи дигар ӯ ба «Жигули»– и нав нишаста, ба «Хонаи радио» парвоз кард».

* * *

«Онҳо мӯи сафед доштанд, «тиллои сафед» ҷамъ меоварданд ва дар вақтҳои фориғ аз кор дар ошхонаи «Роҳи сафед» арақи сафед менӯшиданд…»

* * *

«Дид, ки бо рафтуомад намешавад, «Хонаи радио»–ро ба иҷора гирифт».

* * *

«– Суруди аввалатон кадом аст?
– «Ленин– бародари раҳнамо».
– Суруди охиринатон чӣ?
– «Ленин– бародари раҳнамо»…»

* * *

«Ба ҳофизи ҷавон маслиҳати мо ин аст, ки дасти ҳунарварони номиро гирад, вале ба доманашон начаспад».

* * *

«Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст», – аз дил гузаронд додварзи озмуда, ҳангоми убури майдони «Шаҳидон».

* * *

«Аз пулҳои ҳароми фурӯшандаи қалбдасти мағоза дасти чанд бачаи бепарасторро ҳалол карданд».

* * *

«Модар аз шӯхиҳои духтараш хушҳол шуд ва… шавҳар кард».

* * *

«Ба нафақа баромада, се рӯз дар хона нишаст. Вале рӯзи чорум тоқаташ тоқ шуда, ба худ гуфт: «Агар мудир кушад ҳам, худи ҳозир ба ферма меравам. Пистонҳои Алоро ёд кардам…»

* * *

«– Хола, шумо гуфтед, ки бахти авваламро шаби тӯй дидам. ҳамин тавр не?

– Ҳа, бачем. Дар паси пардаи арӯсӣ.

– Хайр, вай чӣ хел будааст?

– Асло напурс, бачем. Калон, ғафс, ришу мӯйлабдор…»

* * *

«Амакат ба пою қадам буданд, бачем. Он кас омаданду зиндагӣ ранги дигар гирифт. Соли аввал худам зоидам, соли дуюм– говамон. Вале соли сеюм гӯё қиёмат қоим шуд. Охир, пасопеш сездаҳ бузи худамону се гӯсфанди холаат бача кард. Қанчиқи пиру бедандони ҳамсояро намегӯӣ, ҳатто ҳамон қарор шишта натавонист, якбора шашта зоид…»

* * *

«Як бор чашмак зад, дам назадам. Ду бор чашмак зад, дам назадам. Се бор чашмак зад, дам назадам. Вале бори чорум тоқат накардам, «Ин мардак ба ман ошиқ шудагӣ барин», – гуфтаму ман ҳам чашмак задам. Хайр, ман аз куҷо медонистам, ки вай котиби райком асту аз касалӣ ин хел чашмак мезанад!..»

* * *

«Мо аз уҳдаи коре ба хубӣ мебароем: теша ба решаи худ задан…»

* * *

«Радио забони миллати гунг аст!»

* * *

«Мо аз табар менолем, вале фикр намекунем: дастаи вай аз дарахти худамон аст».

* * *

«Пагоҳ дар боғи истироҳати шаҳр суратҳое намоиш

дода мешаванд, ки ба бордоркунии сунъӣ оиданд. Марҳамат ба тамошо!»

* * *

«Нохудо рафт ба меҳмониву «Сафинаи сухан» бесоҳиб монд…»

* * *

«Сафина…» ин дафъа ба ҳавзи ҷавоншоираи соҳибҷамоле лангар партофт…»

* * *

«Ин аст доғи домани «Зани танҳои ҳофиз…»

* * *

«Аз чунин номардон дасту доманатро бишӯ, зани тоҷик!»

* * *

«– Шумо таҳорат мекунед?

– Гоҳ– гоҳ.

– Не, ман таҳорати ботиниро дар назар дорам.

– Пештар мекардам. Аз вақте ки оби гарм нест, намекунам…»

* * *

«– Шумо бисёр хушрӯ ҳастед, хола.

– Ин хел нагӯед, писарам. Ман шояд ба модаратон ҳамсол бошам…»

* * *

«– Сара дар куҷо сафед кардед, бобо?

– Дар осиё, бачем. Гуфтам– ку: ман осиё дорам…»

* * *

«Рӯзи дигар ба боло даъват карданд. Хайрият, – гуфт ӯ, – мо ҳам ба ёди дӯстон мерасидем– дия!» Ва ба манораҳран баромад».

* * *

«Истиқлол чӣ дод? Ҳеҷбудагон ҳар чиз шуданд…»

* * *

«Дирӯз дар самти шарқии пойтахт гурӯҳи ҷинояткоре ба даст афтид, ки чанд моҳ инҷониб дар самти ғарбии пойтахт пой мезад…»

* * *

«– Шумо ҳамчун корманди идораи сӯхторхомӯшкунӣ чӣ таманно доред?

– Хонаи номард сӯзад!..»

* * *

«– Бобо, агар муъҷизае рӯй медоду шумо аз нав ҷавон мешудед, пеш аз ҳама чӣ кор мекардед?

– Зан мегирифтам.

– Барои чӣ?

– Барои он, ки кампири дасттанҳоям аз ташвиши рӯзғор халос шавад…»

* * *

«– Амак, шоир гуфтааст: «Хандаҳои духтарон дар пахтазорон зинда бод!» Шумо чӣ мегӯед?

– Мани деҳқон мегӯям, ки пахтазор ҷои духтарони маст нест…»

* * *

«Қаҳри раис омаду ба сари подабон дод зад: «Ту чӣ хел мардӣ, ки имсол ягон модагов назоид?!.»

* * *

«Паланг ба модагург дарнаафтид, – муддате аз пасаш давиду ақиб гашт. Чӯпон аз рафтори саги худ ранҷида, вайро таъна зад: «Ҷалаб!..»

* * *

«Дар поёни растаи «Ахбори ғалатӣ» ба шумо чанд суруди классикиро дар иҷрои Бариси Наматӣ пешкаш мекунем…»

* * *

«Бояд иқрор шуд: гоҳо дар «Гулзори сухан» … пода мечарад».

* * *

«Барномаи «Ахбор»– ро бо ин сатри ҳофизи бузургвор хотима медиҳем: «Теғ сазост ҳар киро, дарки сухан намекунад!»

* * *

«Корвони савту суруд» ба гулфурӯшони хиёбони

марказии шаҳр бо ин суруди дархостияшон пайғом мерасонад: «Миллион– миллион алых роз…»

* * *

«Дар ҳошияи барномаи «Навниҳолон». Дӯстони наврас, ба устодони худ ҳатман салом диҳед. Фаромӯш накунед: онҳо ҳаргиз гуноҳи шогирдонро намебахшанд ва мумкин аст ба ҳоли шумо ханданд…»

* * *

«– Мижгоначон, дар синфи чандум мехонӣ?

– Дуюм.

– Бисёр нағз. Акнун бигӯ, Мижгоначон, ту порсол дар синфи чандум мехондӣ?

– Дуюм…»

* * *

«– Наврӯзчон, туро ба барномаи имрӯзаи «Навниҳол» хайра макдам мегӯем?

– Почему?. . »

* * *

«– Каримчон, аз нигоҳҳоят ба ман маълум, ки ту ҳам шеър хондан мехоҳӣ. Канӣ, бихон.

– Ошиқам, ошиқ ба рӯят, гар намедонӣ, бидон!. . »

* * *

«– Боқичон, мо, мутассадиёни барномаи «Навниҳол» рӯзномаи туро варақ задем. Дар он як баҳои «аъло» низ будааст. Хайр, ин баҳоро кай гирифтӣ?

– Панча мегӯед? Ҳамин рӯз. Акоям ба радио меравӣ гуфта, монд…»

* * *

«– Комилчон, ту дар синфи чанд мехонӣ?

– Як.

– Хайр, оё баъди хатми мактаб ходанро давом доданӣ ҳастӣ?

– Ҳа.

– Дар кучо?

– Дар синфи ду…»

* * *

«– Фирузҷон, дута дуро ба ҳамдигар зарб занем, чанд мешавад?

– Якта чор…»

* * *

«– Хуб, акнун навбатро ба Тоҳирҷон медиҳем. Ку, бубинем, вай бо чӣ дастовезе ба барномаи «Навниҳол» омадааст. Марҳамат, Тоҳирҷон, гап зан.

– Вай гап зада наметавонад, муаллима.

– Чаро ин тавр мегӯӣ, Шоҳида? Барои чӣ гап зада наметавонистааст?

– Барои он, ки нав нос кашид…»

# ШОГУНҲО

*(Дастур барои фолбинҳо)*

– Гиряи фил дар хоб далели мусибат аст, – дар Ҳиндустон обхезӣ мешавад.

– Касе хоб бинад, ки аз майдони Шаҳидон мегузарад, хомшӯрбо хоҳад хӯрд.

– Шаҳидон ба хоб дароянд, ёрии башардӯстона хоҳад расид.

– Касе хоб бинад, ки сари душманро мехорад, нохунҳояш мерезанд.

– Халтаи пул дар хоб шогуни нек аст: ё кассир мешавед, ё ба кассир издивоҷ мекунед.

– БТР– ро хоб бинед, писаратон ба облава меафтад.

– Дар хоб аз хонаи дӯст гӯгирд дуздед, душманон кӯпрукро хоҳанд таркопд.

– Ба химча ба пушти кӯдаки бегуноҳ занед, дар таки сутун хоҳед монд.

– Силаи мӯйсафед паём аз барф аст.

– Ба саратон пули русӣ пошанд, говатонро арзон мефурӯшед.

– Аз дидани рангинкамон дилатон гум занад, курта ё поҷомаи нав мепӯшед.

– Собун аз дастатон афтад, шавҳаратон аз ҳаммом дер меояд.

– Гӯсоларо занед, шири гов мебурад.

– Дар хоб мӯи кассирро бофед, ресмонатон гум мешавад.

– Дар хоб сардор банди пойафзолатонро бандад, ба сафари дур ҳозир шавед.

– Товус ба хобатон дарояд, ҷавон бошед, саратонро гум мекунед, пир бошед, асоятонро.

– Муҷомаъат бо фил шогуни бад аст, – бо сардори худ ба ҳиндустон меравед.

– Аз рақси мор мафтун шавед, ба газандае дучор хоҳед омад.

– Агар лӯлиро аз дар ронед, савоби сагонро хоҳед гирифт.

– Агар кайкро накушед, ба балои камхунӣ хоҳед печид.

– Агар зани дуҷон ба риши ҷуворимакка хандад, тифлаш кӯса хоҳад шуд.

– Агар зан ба мағзи сари гӯсфанд сарторик шавад, хандаи тифлаш ба маъос шабоҳат пайдо хоҳад кард.

– Ба шиками вазир даст расондан хуб нест, – замин меҷунбад

– Агар тифл ба зулфи модараш бозӣ кунад, падараш маст ба хона меояд

– Агар зани сабукпо доманашро битакад, шамол набошад ҳам, осмон ғуборолуд хоҳад шуд.

## МАРДИ ХАНДАСОЗ РАФТ

Хабари марг ногаҳонӣ аст, аммо хабари фавти Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ – ин ҳаҷвнависи шинохта бештар.

Нафаре гуфт: Бечора ҷавон рафт. Панҷоҳсола мешуд…

Дигаре афзуд: Бо он хушҳолие, ки дошт, гумон мекардед, як сад сол умр мебинад. ҳамеша хандон буду кӯшиш мекард, ки дигарон низ хушҳол бошанд.

Саввумӣ изофа кард: ҳеҷ нишон намедод ва мо ҳам эҳсос намекардем, ки хандаҳояш дарднок анд…

Ин хулоса хеле ҳақиқат дошт. Касоне, ки ӯро хубтар медонистанд, бахусус ҳамкорон аз хушҳолиҳои дарднoки Аҳмадшоҳ бештар сухан мегӯянд.

Вале мо ӯро аз дур медонистем. Солҳои 80– ум дар идораи рӯзнома кор мекардему вай муҳаррири яке аз шуъбаҳои нашриёти «Адиб» буд. Бо ин вуҷуд, ки вай аз мо каме бузургсолтар буд, аммо ҳангоми мулоқотҳо чунин марз намегузошт. Балки бо афроди аз худаш калонсол низ дар ҳамин сатҳ муносибат мекард, ки нишонаи

наздикӣ ҷустан бо ҳама ва дувумдараҷа донистани ҳар гуна мақому унвонҳо буд.

Аҳмадшоҳ дар маҳаллаи километри 7– уми шаҳр мезист. Масири ҳаракатамон гоҳе мувофиқ меомад ва бо ҳам мерафтем.

Дар роҳ ҳеҷ гоҳ аҷала намекард. Боре ӯро мунтазири троллейбус дида, пешниҳод кардам, ки ба ягон нақлиёти дигар равем, кӣ медонад кай меояд.

Вале ба пешниҳодам посух надода, гапро бо шӯхӣ ба дигар сӯ бурд. Солҳои вазнини ҷанг буд, ман ҳам ҷойи корамро дигар карда будам ва бо ин сабаб гоҳ – гоҳ ҳамдигарро медидем. аз кору бор пурсид, баъд аз худаш гуфт.

– Худоро шукр, аробаамона кашида гаштем, бо дилпурӣ хулоса кард вай. Машғули гуфтугӯ будем, ки Аҳмадшоҳ нидо кард:

– Ана, «Чайка» ҳам омад.

Баъд афзуд:

– Барои касони мисли мо, маошхӯр, торллейбус ҳам «Чайка» аст.

Чун савор шудем, мунтазир будам, ки ҳамин ҳоло даҳони халтаи шикваю норозигӣ аз замона ва сахтиҳои рӯзгор боз мешаванд. Зеро тавре гуфтам, миёнаҳои солҳои 90– ум кишвар гирифтори ҷанг буду мисли ҳамаи мардум ба истилоҳ, рӯшанфикрон низ, ҳазору як мушкилӣ доштанд. Ва ҳар фарди зиёиро, ки медидед, аз замона менолид.

Вале Аҳмадшоҳ ғайримунтазира аслан дар ин маврид ҳарфе намегуфт, бештар аз ҳамкорони собиқаш, аз афроде, ки ман ҳам мешинохтам, сухан мегуфт.

Чун навбат ба баҳси эҷоду эҷодкорон расид, пурсид:

Кам – кам менависӣ, ё ту ҳам Шӯравӣ барҳам хӯрд гуфта аз баҳри нвиштан баромадӣ?

Чун дид, ки посухи рӯшану дақиқ надодам, ба суханаш идома дод: Баъзе ҳамкасбон, мутаассифона, кам менавиштагӣ шудаанд. Баъд бо таъкид изофа кард:

– Як чиз ним чиз навишта парто, ин ҳама сиёҳӣ мегу-

зарад, саҳифаҳои сиёҳшуда мемонад.

Аз Аҳмадшоҳ каси боҳавсалатареро, ба хаёлам дигар надидам. Чеҳраи кушода, чашмони оромаш нишонгари қаноатпешагии ӯ низ буд. Намедонам, вале ба назари ман чунин мерасид, ки санги қаноатро ба домани нафс хеле барвақт баста буд.

Зеро замоне, ки тоза донишгоҳро хатм карда буду ҳамсолонашу ҳамкасбонаш талош мекарданд, дар идораи рӯзномаҳо – ҷое, ки фазои ҷӯшу хурӯш ва талош гӯё барои пешрафт дошт, худро мезаданд (гузашта аз ин кор дар идораи рӯзнома номи касро вирди забонҳо мекард ва эътибори касро боло мебурд). Аҳмадшоҳ баъди муддати андаки кор дар идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», ки аз ин нашрияҳои бонуфузи ҳамон солҳои ҳаштодуми асри гузашта буд, барои кор ба нашриёт , ҷое, ки бештар хоси афроди миёнасол буд, гузашт. Аммо хеле зуд маълум шуд, ки ин тасмимҳои беҳуда аст, зеро агарчи худ хориҷ аз идораиҳои рӯзномаҳо буд, вале ҳаҷвияҳояш пайваста саҳифаҳои рӯзномаҳоро зеб медод.

Ба зиндагии афроде чун Аҳмадшоҳ нигариста, кас гумон мекунад, ки бархе инсонҳо низ гоҳе нақши троллейбусро доранд: меоянд ҷои кор, мераванд хона. Ва рӯзи дигар боз меоянду боз мераванд... Ба назарам, суботи зиндагиро бештар онҳо таъмин мекунанд. Зеро аз як хат берун намераванд, ҳар вазифа ва коре, ки ҳаст, анҷом медиҳанд. ҳамаро ба ҳам мезананд. Аз худ намунаи баланди таскину орормӣ нишон медиҳанд. Ва боз кӯшиш мекунанд, ки ба ҳама мушкилу ноҷӯриҳои рӯзгор бо назари нек, бо ханда нигоҳ кунем. Агарчи ин хушҳолӣ дар бисёре аз мавридҳо заҳрхандаҳое дар пас дорад.

Аҳмадшоҳ хеле ҷавон каммӯй шуду гоҳе мавриди ҳазлу шӯхии рафиқон қарор дошт. Боре як нафар сари каммӯи худро молиш дода ба таассуф гуфт:

– Аҳмадшоҳ, Сарам қариб ба сари ту монанд шудааст. Барои нарехтани мӯй чиҳое накардам, вале натиҷа

надод, мерезаду мерезад…

Аҳмадшоҳ дар посух гуфт:

– Дар сар доштану надоштани мӯй муҳим нест, муҳим ин аст, ки дар ин сар чӣ мегузарад.

Вале дид, ки он нафар қонеъ нашудааст, изофа намуд:

– Ҳеҷ гап не, аз шонахарю шоназадан, мисли ман халос мешавӣ…Таъкид ҳам кард, – лекин ун сар дигар асту ин сар дигар ва бо ангушт ба сараш оҳиста – оҳиста зад.

Он чӣ аз сари ӯ гузаштааст, ҳамон панҷ китоби навиштаҳояш «Гап байни худамон», «Каҷ дору марез», «Дасти ману домани шумо», «Зинда будан кам аст», «Арӯс аз Тошканд» ва тарҷумаҳояш, ки бар изофаи хотираҳои неки дӯстону пайвандон боқӣ мондааст.

Барои як инсоне, ки фақат 50 сол умр дидааст ин хеле чиз ва доройӣ аст.

*Сореҳ Юсуф*

*«НАҶОТ», 8 апрели соли 2004, № 15 (267)*

## ДУ ЛАБ ПУР ЗИ ХАНДА РАФТ

Ҳаҷвнигори шинохтаи мо шодравон Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳро, ки дирӯз пан ҷоҳсолагиашро таҷлил намудем, аз овони хурдӣ мешиносам. Мо дар як деҳа ба дунё омада, дар як мактаб таҳсил кардаем. Вақте ки ман дар синфҳои поёнӣ мехондам, Аҳмадшоҳ мактаби миёнаро хатм намуда, ба факултаи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда буд. Пайваста дар рӯзномаю маҷаллаҳо мақолаву ҳикояҳояш ба табъ мерасиданд. Муаллимонамон ӯро барои мо ҳамчун намунаи ибрат нишон дода, аз комёбиҳояш меболиданд. Дар ҳақиқат Аҳмадшоҳ ба боварии онҳо сазовор гашт, вай аз Дарбанд ном деҳаи хурдакаки кӯҳистони мо воқеъ дар ноҳияи Бойсун аввалин нафарест, ки ҳамчун нависанда ном баровард.

Дар байни ҳамдеҳагон, он нафароне ки каму беш ба қаламу коғаз сари кор доштанд, алалхусус муаллимони

забон ва адабиёти се мактаби деҳаамон Аҳмадшоҳ нахустин нафаре буд, ки оид ба таърих, ҳаёти мардум, урфу одат ва фолклори деҳаамон дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ мақолаҳо менавишт. Вақте нахустин ҳикояҳои ҳаҷвии Аҳмадшоҳ дар рӯзномаҳо ба табъ расиданд, ҳамдеҳагон хонда, дар ҳайрат монданд, ки чӣ хел Аҳмадшоҳи ҷиддӣ ин қадар чизҳои хандаовар менависад. Албатта, ин ҳайрати онҳо ҷон дошт. Зеро ҳамдеҳагон Аҳмадшоҳро як бачаяки зардинаи камгапу дар рафтору гуфтор ниҳоят ҷиддӣ мешинохтанд.

Боре ман ҳангоми як мусоҳибаи худ бо Аҳмадшоҳ дар ҳамин хусус савол додам. Вай бо тамкини ба худаш хос чанд лаҳза ба андеша рафта, гуфт:

– Ба маълумоти шумо мерасонам, ки асарҳои ҳаҷвӣ низ ба қалам навишта мешаванд, на бо забон. Вале иқрор мешавам, ки ман дамдузд будам, на камгап.

– Оё камгапию дамдуздӣ як чиз нестанд? – савол додам ман.

– Ҳарчанд ин калимаҳо шабоҳати маъноӣ доранд, «камгапӣ» сифат аст, «дамдуздӣ» – иллат.

Баъдҳо ҳар боре ки бо китобҳои нави Аҳмадшоҳ шинос мешудам, бароям мусаллам мегашт, ки ин «иллат» - и нависанда барои адабиёт, алалхусус ҷодаи ҳаҷвнигорӣ, чӣ хидмати босазое карда будааст.

Ман ҳангоми мактабхон буданам баъзан Аҳмадшоҳро, ки ҳангоми мураххасиаш ба зодгоҳ меомад, дар кӯчаҳои пур аз чангу хок, лаби дарёи обаш ҳамеша мусаффои деҳа, тӯю маъракаҳои ҳамдеҳагон вомехӯрдам. Вай дар давраҳо кам гап мезаду бештар гӯш мекард ва аз баъзе ҳаҷву зарофат ва саргузаштҳои ғалатии ҳамдеҳагони дилу нияташон соф, соддаю ҳалолхӯр аз таҳти дил мезавқид. Баъдҳо ба ҳамон саргузаштҳо ҷомаи бадеӣ пӯшонида, бо бисёр ҷузъиёти ибратбахшу пандомези аз нигоҳи аввал дар чашми одамони оддӣ ноаён, ба мардум пешкаш менамуд.

Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ ҳам дар зиндагӣ ва ҳам дар эҷодиёташ ба қавли Эрнест Хемингуэй фоҷиа будани оқибати зиндагии инсонро, ки новобаста ба мо ҳал меку-

нанд, хуб дарк карда буд ва ба ҳама гуна рӯйдодҳои он бо чашми ханда менигарист. Боре як нафар шиносаш, ки нависандаро чандин муддат боз надида будааст, ӯро дар кӯча дида, хеле гарм, дилсӯзона ва ҳатто андаке ба оҳанги раҳмхӯрӣ аҳволпурсӣ карда, гаштаю баргашта аз саломатиаш пурсон мешуд, барои муоличаи бемориаш маслиҳатҳо медод ва афсӯс мехӯрд, ки нависанда бармаҳал ба чунин бемории вазнин гирифтор шуд. Аҳмадшоҳ ба ҷои он ки дилсӯзиҳои рафиқашро қабул карда, тавре дар ин гуна мавридҳо одами бемор худро ғамгин вонамуд мекунад, ё ба риққат меояд, баръакс чунин ҳикоят кард:

– Тарзи роҳгардии ман ба ҳамаатон маълум. (Аҳмадшоҳ баъди ба бемории сактаи майна гирифтор шудан ҳамеша лангон-лангон роҳ мегашт). Дина ҳамроҳи як нафар аз ошхона баромадему вай хайру хушкунон ҷониби хонааш рафт Ман низ ба нияти ба автобус савор шуда, ба манзили худ расидан ҷониби истгоҳ мерафтам, ки як нафар милитсионер аз қафоям омада, маро боздошту ҳуҷҷат пурсид. Ваҳте шаҳодатномаамро нишон додам, гуфт, ки шумо мастед, дар ҷойи ҷамъиятӣ калавида мегардед… Хулоса, бояд ба шӯъбаи милитсия биравем. Ҳарчанд фаҳмондам, ки ман беморам, роҳгардиам ҳамин тавр аст, бовар накард. Аз ҳама аҷибаш он рафиқам, ки воқиан ҳам нӯшида буд, бист қадам дуртар аз мо бепарвоёна дар роҳрав калавида мерафт, - наҳлашро ба ханда анҷом дод Аҳмадшоҳ.

– Баъд охири кор чӣ шуд? – пурсидем мо.

– Дидам, ки ҳеҷ бовар намекунад, ба дасташ ду-се сомонӣ қапонда, халос шудам. Андаке хурсанд ҳам шудам. Охир аз беморӣ, ҳолати мастӣ ба ҳар ҳол беҳтар аст, - дарун-дарун хандид Аҳмадшоҳ. – Магар аз ин беҳтар комедияи бепул мешавад?

Нависандаи бузурги рус Максим Горкий гуфтааст: «Хандаи беғаш тану ҷонро солим мегардонад». Фикри дуруст. Аммо дилеро шод кардан, нафареро хандондан басо кори душвор аст. Заҳмати сангин ва истеъдоди фавқулодда мехоҳад ин кор! Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ тамоми умри бобаракати худро сарфи ҳамин пешаи душвор, яъне

ҳаҷвнигорӣ намуд. Китобҳои ӯ «Гап байни худамон», «Каҷ дору марез», «Холаи Маҳтоб», «Дарро задам, девор кафид», «Дасти ману домани шумо» ва ғайраҳо бешак асарҳои хуби ҳаҷвии адабиёти муосири тоҷик маҳсуб мешаванд.

Аҳмадшоҳ, ки табиатан одами нармгуфтору бекина ва шикастанафасу беозор буд, гӯё аз ошкоро гуфтани айбу нуқсони одамон истиҳола мекард ва онро бо як зарофати ба худаш хос мӯъҷаз, пардапӯшона ва нишонрас мегуфт.

Вақте ки ба бемории сактаи майна мубтало гашта, дар беморхона бистарӣ буд, ба аёдаташ рафтам. Ҳангоми сӯҳбат аз бемор шуданаш афсӯс хӯрда, гуфтам, ки наход шумо, одами зиндадилу зарофатгӯй ва шӯхтабиат сактаи майна шуда бошед. Мегӯянд, ки одам бештар аз зиққӣ ба ин беморӣ гирифтор мешавад.

– Мо, ҳаҷвнигорон, барои он ки бо як ҳаҷвияи хуб дигаронро хандонем, худамон аз зиққӣ сактаи дил мешавем, - гуфт вай ва баъд базӯр табассум карда, илова намуд:

– худтаърифкунӣ устухон надорам, а!

Боре пас аз чоп шудани китоби нави Аҳмадшоҳ ба деҳа рафтам. Чанд нафар ҳамдеҳагон, ки аллакай ин китобро хонда, ҳаҷв шудани баъзе рафтори худро шинохта буданд, изҳори озурдагӣ ва аз нависанда хеле гила карданд. Пас аз бозгаштам Аҳмадшоҳ тибқи одат аз навигариҳои деҳа пурсон шуд. Гуфтам, ки баъзе ҳамдеҳагон дар ҳаҷвияҳоятон симои худро шинохта, аз шумо ранҷидаанд.

Аҳмадшоҳ чанд лаҳза сукут карда, пурсид:

– Дигарон чӣ мегӯянд?

– Ҳама розианд. Мегӯянд, ки ҷони гапро гуфтааст, қандаша занад.

– Муҳимаш дигарон хурсанд бошанд. Он чанд нафар фардо рӯзи қиёмат аз кардаҳои худ ҳатман иқрор мешаванд, – табассуми фарох кард вай. – Пас беҳуда заҳмат намекашидаем. – Баъд дарҳол риштаи сӯҳбатро ба дигар тараф тофта, аз рӯзгори муаллимон, одамони зарофатгӯйи деҳа, ки ҳеҷ гоҳ аз сӯҳбати онҳо серӣ надошт ва аз эшон илҳом мегирифту бештарашон

қаҳрамони ҳикояҳояш буданд, пурсон шуд.

Дар ҳақиқат, Аҳмадшоҳ аз ноҷавонмардӣ ва хислатҳои пасти одамон ба танг меомад, дилхун мешуд. Агар аз ин хусус гап равад, тоқаташ тоқ гашта, даст меафшонду ба ҳазлу шӯхӣ мепардохт ва аз ҳаёти одамони накӯкору зиндадил ягон саргузашти дилхушкунанда нақл карда, худ ба худ завқ мебурд, хотири ҳозиринро болида медошт. Гӯё ба ин рафтори худ гуфтан мехост, ки ҳарчи ҳам бошад, дар дунё аз касифон дида, одамони накӯкору беозор зиёдтаранд.

Аҳмадшоҳ дили софу дардошно ва дидаи ҳақбин дошт. Аз комёбии ҳамқаламон кӯдаквор шодӣ мекард, ба адибони ҷавон то аз дасташ омадан кӯмак намуда, маслиҳатҳо медод. Агар ягон асари бамағз ва ё дар рӯзномаю маҷаллаҳо шеъру ҳикояи хуб хонад, он қадар ба завқ омада, хушҳол мешуд, ки гӯё он моли худаш бошад. Нахустин ҳикояҳои маро ӯ хонда, фикрҳояшро мегуфт. То ҳол он дастнависҳоямро дар бойгониям нигоҳ медорам. Агар дар ягон ҳикоя ба ибора ё ташбеҳи хуб дучор омада бошад, дар ҳошияи варақ навиштааст: «Нағз!», «Офарин!»…

Ҳар бор ҳангоми сафар ба зодгоҳ ҳатман ба қабристони деҳа меравам ва дар баробари зиёрати қабри хешу наздикон мазори Аҳмадшоҳро низ зиёрат мекунам. Дар байни гӯрҳои наву кӯҳна, дар болои баъзеашон сангҳои бузургҳаҷму майдаи мармарину хоро қабри хоксоронаи ин ҳаҷвнигори чирадастамонро ёфта, ба арвоҳи покаш дуо мекунам ва ба андеша меравам. Лаҳзае ба назарам чунин мерасад, ки аз хасу хори болои қабраш низ бӯи ханда мехезад ва беихтиёр ин мисраҳои шоир ёдам меояд:

*Ёд дорӣ, ки вақти зодани ту,*
*Ҳама хандон буданду ту гирён.*
*Органунон зӣ, ки вақти рафтани ту*
*Ҳама гирён шаванду ту хандон.*

Инсони равшанзамир ва нависандаи чирадаст буд Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ. Рӯҳаш шод ва хонаи охираташ

обод бод!

*Равшан Махсумзод, соли 2004*

## МАРДЕ БУД ҶАННАТӢ

Аз марги ӯ се моҳ сипарӣ шуд. Қаламро даст мегираму боз пас мегузорам. Намедонам , чӣ нависам. Андеша мекунам, ки кадомашро гӯяму кадомашро не. Бори аввал ба чунин вазъ, баъд аз марги фарзандони баркамоли худ дучор шуда будам. Ин ҳолат имрӯз такрор мешавад. Аммо бояд нависам. Вагарна рӯҳи покаш ҳар шаб ба хобам хоҳад даромад…

…Ману вай имсол бояд панҷоҳсола мешудем. Аниқаш, ин рӯзро ман дидаму аммо ба ӯ насиб накард…Аммо ӯ кисту ман кистам? Нафаре буд, ҳамвазн бо ҳамномҳои бузургаш– Аҳмад Зоҳир ва Аҳмадшоҳи Масъуд. Аммо дар ҷодаи худ. Бале Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ мутриби ханда буду лашкаркаши ҳаҷв. Ӯро касе мисли ман намешинохт. Магар танҳо завҷаи меҳрубонаш Саодат, ки то охирин нафас бо меҳрубонии хосаю зебандае «домуллоҷон»– гӯён ӯро ба ҷаҳони абад гусел кард ва имрӯз, вақте сухан аз «домуллоҷонаш» меравад, ашк аз дидагонаш лаҳзае дур намешавад. Албатта, ҳамаи инсонҳо мирандаанд. Аммо вақте кас дар овоне, ки орзуҳояш амалӣ мешаванду зиндагӣ маънои дигар пайдо мекунад, тарки дунё кунад, ба наздикону пайвандон ва дӯстону ҳаводорон басо аламовар аст. Аламовар аст, аммоислоҳнопазир...

…Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ дар тӯли умри худ, ҳамагӣ 5 китоб навиштааст. Ман намедонам ин лиҳози миқдор кам аст ё зиёд. Аммо чизи дигарро ба хубӣ медонам, ки ин сафҳаи навест дар ҳаҷви тоҷик. Ӯ ду чизро дӯст медошт. Яке тасвиру ҳолатҳои аҷибу хандаовари зиндагии ҳаррӯза ва дигаре тасвири рӯҳияи қаҳрамононро аз «дохил». Яъне нигоҳи қаҳрамони «ғайримуқарариро» ба зиндагӣ ва психологии ӯ шарҳ медиҳанд. Қаҳрамони ҳикояҳои ҳаҷвии

Аҳмадшоҳ мардуми ҳаётдӯст, зиндадил ва хеле сода, аммо дар айни замон, соҳиби андешаҳои аз лиҳози маънӣ баландпоя мебошанд. Аҳмадшоҳ аз ҷиҳати сабку услуб бештар ба ҳаҷвнигорони рус монанд буд ва сабки онҳоро барои худ қобили қабул мешуморид. Аз ин ҷиҳат ҳаҷвияҳои ӯ ба навиштаҳои Михаил Задорнов, Аркадий Арканов, Михаил Жванетский монандӣ доранд, аммо дар пояи зиндагии тоҷикӣ навишта шудаанд. Азиз Несинро яке аз илҳомдиҳандагони эҷоди худ мешуморид. Утоқи кориаш то шифт аз навиштаҳои нависандагони номбаршуда ва классикони ҷаҳонӣ пур буд. Ман ин ҷо ба таҳлили навиштаҳои Аҳмадшоҳ пардохтанӣ нестам, зеро аз уҳдаи чунин таҳлил намебароям. Бигзор ин корро минбаъд муҳаққиқони ҳаҷви тоҷик ба уҳда гиранд. Фақат ҳаминро мегӯям: аз ҳаҷвнигорони тоҷик, ки имрӯз дар ҳаётанд, нисбати эҷоди Додохон Эгамзод ва Гурез Сафар хушбин буд ва онҳоро эътироф мекард.

Аҳмадшоҳ наздик шудани марги худро ҳис мекард. Аммо ин ҳақиқати талхро аз наздикону дӯстон пинҳон медошт ва кӯшиш мекард, ки дар ҷавоб ба пурсишҳо оид ба маризиаш бо ҳазл ҷавоб диҳад: «Ман, ки қанд (маризӣ) ҳастам, ширинам». Бале, ӯ ширин буд. Ширинзабон (нисбати наберааш Мино), ширингуфтор (нисбати завҷаву фарзандон), ширинбаёну ширинрафтор нисбати дӯстон. Касе як бор бо ӯ ҳамсуҳбат шуда бошад, орзуи дубораи ин суҳбатро мекард. Шикоят карданро дӯст намедошт. Дар як хонаи якҳуҷрагие, ки пур аз китоб буд ва мизи кориаш базӯр ҷой мегирифт, чаҳор фарзандро бузург кард ва боз барои меҳмони дилхоҳ ҳам ҷой пайдо мекард. Зеро дили бузурге дошт, ки дар он ҷаҳон мегунҷид. Аҳмадшоҳ ҳеҷ гоҳ манфиатҷӯй набуд ва то аз дасташ меомад, ба дӯстони худ ёрӣ мерасонд ва агар коре карда натавонад, бо маслиҳатҳои короями худ онҳоро роҳ нишон медод. Ӯ тавонист дар умри кӯтоҳи худ дар дили дӯстон сахт ҷой гирад ва ҳаводорони эҷодиёти худро бо навиштаҳои хонданбобу ҳаётдӯстонааш аз чашмаи илҳомаш шодоб намояд. Ӯ тавонист қиссаҳои ҳаёти ҳамқаламони худро, ки аз чашми

хонандагони онҳо ниҳон буданд, ба ин хонандагон бира-сонад ва бо ҳамин бори дигар онҳоро муаррифӣ кунад. Яъне ӯ то лаҳзаи охирини умр дар хизмати мардум буд. Кас вақте сабти овози ӯро, ки се соат пеш аз маргаш, ки фарзандонаш ба лентаи диктафон навиштаанд, мешуна-вад, ҳеҷ гумон намекунад, ки ин шахс ҷаҳонро падруд гуф-та истодааст.

Ӯ ғазалхон ин дунёро тарк гуфт. Чӣ марги зебое буд (Агар чунин гуфтан ҷоиз бошад). Бале, ӯ зебо зисту зебо рафт. Имрӯз, ки ӯ 50– сола аст, аз Худо илтиҷо мекунам, ки ҷояшро ҷаннат муқарар кунад, зеро марде буд, ҷаннатӣ.

*Абдумудассир Аҳмадзода, Тоҷикистон,*
*№17 (331), 29 апрели 2004*

## АДИБЕ, КИ ДӮСТАШ МЕДОШТАНД

Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ аз он нависандагоне буд, ки мавзӯи таърифу тавсифи замонаи шӯравиро сарфи назар карда, ба ҳаҷв рӯ овард ва дар умри кӯтоҳи худ барои мухлисонаш мероси пурқимате гузошт.

Аҳмадшоҳро ҳангоми дар курси дуюм хонданамон ши-нохтам. Нигоҳи зиракона ва зарифона дошт. Он чи ки ӯ медид, мо ҳам медидем, мо гуфта наметавонистем. Чеҳраи босалобат ва ҷиддие дошт. Суханро ҳам бо ҷиддият сар мекард, вале охири он ҳамеша бо ханда анҷом меёфт.

Ман як курсӣ аз ӯ пеш менишастам. Боре ба синфхо-на даромада бо ҳама ҳол пурсида, вақте мехостам ба курсӣ шинам, бо симои бисёр ҷиддӣ ба ман гуфт:

– Чаро ба дарс дер омадӣ?!

На танҳо ман, балки ҳамаи шарикдарсон аз ин савол ҳайрон шуда, сӯи ӯ нигаристанд.

Ман саропо оташ гирифтам, ҷанҷӯёна тарафаш нига-ристам, зеро ҳеҷ дар дил роҳ дода наметавонистам, ки касе маро маломат гӯяд.

– Раҳмат!– гуфт ӯ бо андаке таъхир ва чеҳраи ҷиддияш якбора ба табассуми малеҳ пур гашт. Синфхо-

наро садои ханда фаро гирифт.

Аҳмадшоҳ дӯстдори шеър буд. ҳам адабиёти классикӣ ҳам муосирро хуб медонист. Аз он ки ба ҳар муносибат ба шеър бисёр фаъол буд, ҳама гумон мекардем, ки ӯ оянда шоир мешавад. Шеър ҳам менавишт ва аз шеърҳояш зарофат меборид.

Аҳмадшоҳ нигоҳи амиқ ва хотираи қавие дошт. Мо бо шуғлҳои ҳаррӯзаи худ машғул будем. Аз куҷо медонистем, ки вай баъдҳо лаҳзаҳои ҳаёти моро ба шакли ҳикоятҳои ҳаҷвӣ боз ба худи мо бармегардонад.

Узви Иттифоқи нависандагон Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ ин ҳафта 50 сола мешуд, аммо марги бармаҳал ӯро аз мо рабуд. Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ бо ҳикояҳои зарифонаву бо ҳазлҳои намкинаш ва бо табассуми ширинаш дар хотири мо, дӯстон ҳамеша боқӣ хоҳад монд.

*Убайдуллоҳи Ширин, Садои*
*Мардум, №52– 53 (1697– 1698)*
*4 майи соли 2004*

## НОМАҲОИ ДАРДОЛУД

Калӯши куҳнаеро ҷониби узви Иттифоқи нависандагон партофтанд, вале он ба шоир нарасид, аз болои сараш гузашту рафта, ба даҳони марде зад, ки дуртар аз вай чалаб– чалаб (чипек) мехӯрд. Маълум шуд, ки ин мард узви Иттифоқи композиторон будааст.

Ба Б. Ф. аз Конибодом ғӯлинг фиристоданд. Ин газаки хуб аст, – гуфт. Сипас якбора ҷиддӣ шуда, аз оварандаи ғӯлинг хоҳиш намуд сумкаашро дурусттар бинад: Шояд бо газак арақашро низ фиристода бошанд.

Китоби муаллифе чанд сол инҷониб дар нашриёт хоб буд. Муаллиф боре чанд банка консерваи гӯшт овард ва

азбаски онҳоро касе нагирифт, дар нашриёт монда рафт. Боре диретори нашриёт Хоҷаев саросема аз дар даромаду гуфт, ки ягон чиз дорӣ, мурдам аз гушнагӣ, обед накардаам. Гуфтам ҳаст ва аз ҳамон консерваҳо дуто (аз яхдони қабулгоҳ) овардам. Хоҷаев бо нони гарм башавқ хӯрду ниҳоят пурсид: аҷаб бомаза будааст. Аз куҷо ёфтӣ? Гуфтам: – Ин ришва аст. ҳамон консерваҳои муаллим, ки дар яхдони қабулгоҳ буд. Хоҷаев як табассум карду гуфт:

– Афсӯс, ки мазаи ришваро дер фаҳмидем.

Ӯ бояд ҳамон сол ба нафақа мебаромад.

Дар нашриёт сари истилоҳе баҳс шуд. Хостам ба «нохун»– и «Фарҳанги забони тоҷикӣ» гиреҳи ин муаммо кушоем. Аммо «Фарҳанг» ба додамон дармон нашуд.

Холиқ Мирзозода, ки он ҷо ҳузур доштанд, гуфтанд:

– Беҳуда заҳмат кашидед. Ин китоби шуморо «фар» рафтаасту «ҳанг» мондааст.

Гурӯҳи бинокордухтарон тасис ёфт. Дар ноҳияи Куйбишев. Пеш аз ҳама мо, кормандони рӯзномаи ҷавонон ба дастгирии ин ташаббус камар бастем. Зуд саҳифае ташкил кардем. Саҳифа бе шеър зиннат надошт. Шодравон Ҳусейнӣ (Иззатулло) дарҳол ғазали мувофиқе навишт ва саҳифаро музайян намуд. Яке аз байтҳои он ғазал чунин буд:

Хона мерехт домод аз қадим баҳри арӯс,
Ин арӯси давр бин, ки хона бар домод кард.

# ҚАЙДҲОИ ДУХТУР

Бемор Х. аз забон монд. Чор нафар ҳаммол омада, хостанд ба мурдахона барандаш. Вақте ба адёл мепечонданд, Х. сахт гӯзид ва ҳаммолон аз тарс ба чор тараф гурехтанд…

Бемор Н. хуррок мекашид. Бедор карда ба як китф хобонданд, акнун ӯ фиғон мекашид.

Аз бемор Н. пурсидем, ки чанд вақт сигарета накашидаӣ? Гуфт: – 000060 дақиқа!

Асрори ҷисми одам номакшуф аст. Дили ҷавони ҳабдаҳсоларо дида, ҳайрон мешавӣ: барои чӣ ин ҷавон дар ин синну сол фавтидааст? Охир, бо чунин дил камаш ҳафтод сол зиндагӣ кардан мумкин буд!. .

Ба дили пирамарди ҳафтодсола нигоҳ карда, боз гиребони тааҷҷуб медорӣ, ки соҳиби он чӣ тавр ин қадар умр дидааст, бо чунин дил бояд ӯ ба ҳабдаҳ надаромада мемурд…

* * *

Бемор П. фавтид. Панҷ дақиқаи қабл аз он, ки ҷонаш барояд, вай ҳолати аҷибе дошт, – башавқ дунбаи ғайриоддии пизишкро мемолид ва чашмонаш чун тукмаҳои нави мисӣ барқ мезаданд.

* * *

Тани бемор С. як нуқтаи ҳайратовар дошт. Ба таки шонаи рости вай ангушт расонед, меларзид ва беихтиёр «Зинда бод КПСС!» мегуфт.

* * *

Дар пеши бемор А. номи Сталинро ба забон гиред, аз чӣ бошад, бо қаҳр кала меҷунбонд: «Ман Каганович нестам!»

* * *

Вақте ҳамшира С. дору мегузаронд, бемор Б. доим мегуфт: «Хафа нашавед, лекин каждум, ба назарам, нешзаниро аз шумо омӯхтагӣ…»

* * *

Бемор В. ҳамеша аснои хурӯҷи дарди дил аз занаш хоҳиш мекард, ки… баъди вафоти ӯ ҳар ҳафта бегоҳи ҷумъа ба сари гӯраш биёяд.

* * *

Бемор Г. Мегуфт, ки дар палатаи чоркасаи онҳо боз чор касро ҷойгир кардан мумкин, лекин хавфи алиментсупорӣ ҳаст– дия…

* * *

Бемор Н. боре аз палата баромада, бошитоб тарафи мабраз рафт. Вале ҳанӯз ба он ҷо нарасида, якбора бозистоду оҳи бадард кашид. Гуфтанд: «Чӣ шуд?» Гуфт: «боз аз боло хиёнат карданду поин расво шуд!. . »

* * *

Бемор Б. дар мабраз буд. Ба ӯ гуфтанд, ки зудтар баро, модарарӯсат ба аёдат омадааст. Ӯ гуфт: дилаш дард мекунад ва агар модарарӯси Брежнев омада бошад ҳам, ба ин зудӣ аз мабраз нахоҳад баромад.

* * *

«Даҳони бало дар куҷояш мешавад?» – донистан хост бемор И. Ҳампалатаи вай Р. ба ҳамшираи баднафсу ҳарис, ки аз тумбочкаҳои беморон насиба мегирифт, назаре афканда, бо кароҳат гуфт: «Дар болои пояш!. . »

* * *

Бемор Т. Меҳрӣ гуфт, ки ӯро ба палатаи дигар гузаронанд, вагарна ҳомила хоҳад шуд.

Далели Т. Меҳрӣ хандаовар бошад ҳам, хоҳишашро ба ҷо овардем.

Худи ҳамон рӯз бемор Б. Муродро қабул карда, ба ҷои Т. Меҳрӣ хобондем.

Рӯзи дигар Б. Мурод пурсид: оё номаш дар рӯйхати беморон Т. Меҳрӣ қайд шудааст.

– Не, гуфтем. – Чӣ буд?

– Имшаб ту Т. Меҳрӣ гуфта, маро чанд бор сиёҳӣ зер кард.

* * *

«Имрӯз борон меборад ё барф?» – пурсид бемор О. Бемор З. гуфт, ки на ину на он, имрӯз… духтур меборад. Ба ман сигарета оварданд…

* * *

Бемор Э. боре гуфт, ки баъд аз се рӯзу се соату се дақиқа воқиаи нохуше рӯй медиҳад. Ва гапаш рост баромад: баъд аз се рӯзу се соату се дақиқа профессор аз таки болини ӯ мундштуки худашро ёфт…

* * *

Бемор А. аз мабраз баромада, хурсандона гуфт:

– Ман акнун фаҳмидам, ки об рӯшноӣ будааст!. .

* * *

Ба фикри бемор В. мардҳои мӯйдарозу ақлкӯтоҳ аз занҳои мӯйдарозу ақлкӯтоҳ номардтаранд…

* * *

Бемор И. «Тозагӣ – гарави саломатӣ» гуфта, рӯзе чандин маротиба хаёлан таҳорат мекард…

* * *

Ҳама даст шуста, ба ошхона раванд, бемор С. қабл аз таомхӯрӣ ҳатман таҳорат мекард.

* * *

Гуфтанд, ки чароғи мабраз сӯхтааст. «Боке не, – гуфт бемор Б. , – дар партави қарорҳои партия ҳоҷат мебарорем…»

* * *

Бемор О. хандид:

– Хоб дидам, ки фалонӣ бемори сахт шудааст.

Бемор А. бо гиряву нола аз ӯ хоҳиш кард, ки дигар хоб наравад.

– Вай ҷияни мо мешавад, – гуфт. – Мабодо, ки дар хобат бимирад…

* * *

Аз бемор П. пурсиданд, ки қомати зан рост бошад беҳтар аст ё хам? П. гуфт: «Хам бошад, беҳтар. Барои он, ки рост бошад, мардҳо манора хаёл карда, ба болояш мебароянд…»

* * *

Бемор С. як ғазали Мирзо Абдулқодири Бедилро пай дар пай чанд бор хонду бо қаҳр китобро пӯшид.

– Ҳа, чӣ шуд? – пурсиданд аз ӯ.

Гуфт:

– Маъниаш баланд будааст, ҳарчанд даст дароз кардам, ба он нарасид…

* * *

Бемор Г. Аз тиреза ба ҳавлии беморхона нигариста, гуфт:

– Имрӯз сари кадом мошиндор ба ҷои пои сардухтур дард хоҳад кард? Вай пиёда ба кор омад…

* * *

– Соат чанд? – пурсид бемор О. дар ошхона.

– Дувоздаҳ! – ҷавоб дод бемор У. , аз истинҷо.

* * *

Бемор И. мухлиси футбол буд. Боре ӯ чунин пешгӯӣ кард: дар мусобиқаи имрӯза «Помир» дастболо мешавад. Дар дақиқаи охирини бозӣ ҳимоятгари моро дар майдончаи ҷаримавӣ аз пой дармеоваранд. Довар зарбаи ҷаримавӣ таъин мекунад ва ҳуҷумкунанда тӯбро аз масофаи ёздаҳ метр ба нишон мерасонад.

Айнан ҳамин тавр шуд: дар дақиқаи навадуми бозӣ муҳофизатгарро афтонданд, довар зарбаи ҷаримавӣ таъин кард ва тӯбро ҳуҷумкунанда бехато ба нишон расонд. Фақат ғалаба насиби мо нагардид. Охир, ҳамаи ин воқиаҳо дар назди дарвозаи «Помир» ба вуқӯъ омаданд…

* * *

Нисфи шаб дари палатаи шашумро кушодам. Бемор У. масти хоб буд, – рӯй гирдаву сергӯшти вай ифодаи дилкаше дошту табассумаки малеҳе даври лабони ғафс – ғафсаш сайр мекард. Ростӣ, дақиқае чанд аз ин «манзара» чашм канда натавонистам.

Субҳи рӯзи дигар миёни ману бемор У. чунин гуфтугӯ сурат гирифт:

– Имшаб чӣ тавр хоб кардед?

– Бисёр нағз, духтурҷон.

– Хоб дидед?

– Ҳа, хоби аҷибе. Медонед– чӣ, духтурҷон, дар бачагӣ ман як кура доштам. ҳамон имшаб ба хобам даромад.

– Кура?

– Ҳа, кураи фарбеҳаки сап – сафед. Вай ҳар замон пушташро гардонда, дум мебардошт, ман аз ин базавқ омада, механдидам…

* * *

Бемор В. гуфт, ки сахт бетолеъ аст ва агар аз таҳти дил оҳ кашад, аз оташи дарунаш ними ҷаҳон хоҳад сӯхт.

Ба гапаш бовар накарданд. В. тирезаи палатаро кушода, оҳи бадард кашид. Рӯзи дигар тавассути радио хабар доданд, ки… дар ҷануби Африқо гармсели ваҳшатангезе вазида, боиси харобиҳои бемисл гардидааст.

* * *

Бемор Х. – ро одате буд. Борон ки борид, ба суроғи чатре медаромад, ки дар овони бачагӣ гум карда будааст…

* * *

Бемор О. мегуфт, ки ҳамсояаш чандин сол аст дар шабакаи савдо кор мекунаду то ҳол намефаҳмад, ки ду карат ду чор мешавад. «Панҷ мешавад», – мегӯяд ӯ ва агар ба саҳеҳии ҷавобаш шубҳа намоям, ҳамеша аз нофаҳмии ман таҷанг мешавад, яъне ба ин савияи дониш чӣ тавр ман аз математика дарс медиҳам?!.

* * *

Бемор А. барқия гирифт, дар он буду шуд як калима сабт буд: «Лӯбиё». А. сурху сафед шуда, муддате манаҳ хорид, баъд ба дасти ҳамшираи тиббӣ миқдоре пул дод, то вай зуд ба шӯъбаи алоқа рафта барқияи ҷавобӣ фиристад. Барқияи ӯ низ аз як калима иборат буд: «Каду».

* * *

Аз иншо: «Устод Айнӣ дар Ӯзбекистон таваллуд шуда, оҳиста – оҳиста сардафтари адабиёти тоҷик гардид…»

Вақте Мирсаид Миршакар ба «Қишлоқи тиллоӣ» рӯй овард, ҳанӯз «Ленин дар Помир» набуд.

Аз мақола: « Мо ноилоҷ Айниву Турсунзодаро ба бозор андохтем…»

Аз иншо: «Забони «Ғуломон»– и устод Айнӣ дар ибтидо ӯзбекӣ буд».

Аз мақола: «…Мавиз қимат буд, ноилоҷ аз баҳри чанд Айниву Турсунзода баромадем…»

«Марги судхӯр»– и Тоҳир Собиров бо марги ҳунарпешаи беҳтарини иоҷик – Зоҳир Дӯстматов анҷомид…»
(Аз мақола)

Аз иншо: «Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад!» – гуфт бо худ устод Рӯдакӣ, баъд аз он ки кӯраш намуданд.

Аз ҳикоя: «Бо исрори муаллифи адабиёт ба гузашта назар афканд ва. . аз ҳуш рафт. Охир, Насимиро зиндаву зор пӯст мекарданд!. . »

(Ба гузашта назар афканду таппиши дилаш номӯътадил гардид: Охир, Темур аз калла манора месохт!. . )

# ЗИНДА БУДАН КАМ АСТ

(Ҳикояҳои даҳонакӣ аз рӯзгори адиби шаҳири тоҷик, барандаи Ҷоизаи Созмони ҷавонони ҷумҳурӣ Саттор Турсун.)

## Дунё ҳама торик

Нависанда Равшани Ёрмуҳаммад доир ба китоби як ҳамқалами худ андеша меронд. Нохост овози ӯ ларзиду башаст аз ҷой хеста, дар ҳуҷра пасу пеш қадам задан гирифт. Акнун на фақат овозаш, балки китфонаш ҳам меларзиданд.

Аз байн фурсате нагузашта, аҷаб коре шуд. Вақте ӯ ба қаҳру зарб:

– Ин роман не, мағзоба! – гуфт, ҳамоно интиқоли барқ қатъ гардида, ҳуҷра дар тасарруфи торикӣ монд.

Як– ду дақиқа пас адиби фантаст Қулмуҳаммади Абдулҳусайн – равонаш шод бод! – аз дар сар халонда, ба Равшан чизе гуфтан хост. Саттор Турсун филҳол ангушт ба лаб бурд, яъне аз вай хоҳиш намуд, ки овоз набарорад.

– Барои чӣ? – ҳайрон шуд Қулмуҳаммад.

– Барои он, ки табъи Равшан хира…

Қулмуҳаммад яқин донистан хост, ки пурсид:

– Хайр, табъи Равшан хира бошад, чӣ мешавад?

Саттор Турсун ба чароғи шифт, ки акнун фурӯзон буд, назаре афканда, оҳ кашид:

– Дунё ҳама торик…

## Боз моҷаро кардем

Якҷоя ба Иноят Насриддин ба дидори Саттор Турсун рафтем. Вай дар хонааш будааст. Моро хушҳол истиқбол

карда, гуфт, ки аҷаб бамаврид омадем, – охир, қаҳваи оличаноб дорад ва онро танҳо нӯшидан гуноҳ аст.

– Навакак дар хонаи додарамон… – як адиби ҷавонро номбар карда, аз финҷони зебои чинӣ ду– се қулт қаҳва нӯшид ӯ. – ҳар ду ҳам медонедаш, дӯсти худамон…Аҷаб, ки боз бо занаш моҷаро кардааст. Онҳоро рӯ ба рӯ шинонда, ба насиҳату тариқат оштӣ дорондам… кори хуб шуд. – Вай қадре ба сукут рафта, илова намуд: – ҳеҷ қисса не, ҳоло ҷавонанд, намефаҳманд, ки зиндагӣ воқиан бисёр мураккаб аст, баъзан соддагӣ мекунанд…

Иноятуллоҳ филҳол кала ҷунбонда, сухани ӯро ба ин байт қувват дод:

Зиндагӣ бар гардан афтодааст, Бедил, чора чист,

Шод бояд зистан, ношод бояд зистан…

Баъд мавзӯи суҳбатамон дигар шуд. Соате аз ҳар дар гап зада, ниҳоят аз ҷой хестем, то хона ба хона равем.

Қабл аз хайрухуш Иноятуллоҳ ба дӯсташ, ки ҳар ду дар як деҳа, дар як кӯча ва дар як шаб таваллуд ёфтаанд, гуфт:

– Барои қаҳва ташаккур, Абдусаттор. Ёд надорам, ки бори охир кай ин хел бомазаашро нӯшида будам. – Пас дар партави чароғи долон ҷои бемӯи сараш асроромез ялаққас зада, гӯё нав бедор шуда бошад, мутаҳайир ба гирду пеш назар давонд.

– Исто, ки чаро танҳоӣ? Янгаамон куҷост?

– Дар хонаи падараш…

– Барои чӣ? Меҳмонӣ рафт?

– Э… е…е… – ба мисли кӯдаке, ки дар болои гуноҳ ба даст афтидааст, беихтиёр пушти сар хорид Саттор Турсун. – Дирӯз боз моҷаро кардем…

**Раис шавед!**

Бо Саттор Турсун дар як чойхонаи хурдаки қади роҳ чой менӯшидем. Табъаш равшан буд, хушнудона ба ҳар тараф назар андохта, ҳазлҳои дилнишин мекард.

Аҷибаш – ҳар дам ҳаворо бӯй кашида, ягон сухани лутфомез мегуфт:

– Оҳо, накҳати гули садбарг! Оё дар дунё аз садбарг хушбӯйтар гуле ҳаст?!

– Ваҳ– ваҳ… Ба худо, ки девона шудан мумкин аз ин бӯи димоғпарвари гӯштбирён!

– Шумо чӣ тавр тоқат мекунед? О, беҳуш шавед, ба замин афтед. Охир, кадом як соҳибҷамол доманашро афшонд!. .

Аз он чӣ Саттор мегуфт, дили Ҳасани Муҳаммадӣ гум зад ва гарданашро тоб додаву боло кашида, ба забон овард:

– Афсӯс, биниам маҳкам, бӯйро намешунавам.

– Худро табобат кунед, – маслиҳат дод ба вай Саидалӣ Маъмур. – То кай ҳамин хел мегардед…

Ҳасанбой оҳ кашид.

– Ба табобат машғулам. Лекин… – сар хам кард ӯ, – ҳеҷ не, ки кушода шавад ин бинии сабил.

– Медонед, – нохост ба худ қиёфаи ҷиддӣ гирифт Саидалӣ Маъмур, – роҳи бисёр хуби табобат ҳаст. Ҳа– а, бовар кунед…Димоғатон зуд кушода мешавад. Агар як зиёфат диҳед, кадом роҳ буданашро ман ба шумо мегӯям.

– Гӯед, ҷӯраҷон, – дурахшиданд чашмони Ҳасанбой, – як не, ду зиёфат медиҳам.

Саидалӣ Маъмур ба ҷониби Саттор Турсун бо табассум назарее афканда, маънодор гуфт:

– Раиси ягон хазина шавед!

(ҳамон шабу рӯз Саттор Турсунро раиси Хазинаи башардӯстонаи дастгирии публитсистикаи Тоҷикистон («Таджикинтерпресс») интихоб карда буданд.)

**Зинда будан кам аст**

Дар ҷашни мавлуди яке аз ҳамқаламон кайфи Н. баланд шуд. Вай дам ба дам аз ҷой мехест ва суханони дигаронро бурида, нӯшбодҳои дуру дарози дилбазан мегуфт.

Ҳангоми суханронии соҳибҷашн низ Н. ором нишаста натавонист.

– Рафиқон! – гуфт лабони хушку парсинбастаашро лесида. – Биёед, ин қадаҳро барои он менӯшем, ки зинда бошем!

Ҳама ба нӯшидан ҳозир шуданд. Вале Саттор Турсун…

– Барои ин суханҳо ман наменӯшам! – қадаҳи дасташро болои миз монд ӯ.

– Барои чӣ? – ҳозирон бо тааҷҷуб ба ӯ чашм дӯханд.

Саттор Турсун ба Н. назаре афканда, асабиёна даст афшонд.

– Барои он, ки дар ин дунё фақат зинда будан кам аст!. .

## Ҳикояи нав

Ҳикояи нави ман ба Саттор Турсун маъқул нашуд. «Бад нест, – гуфт ӯ. – Мавзӯъ, гирумон, муколама… Хуллас, ҳамааш нағз. Аммо… хулосааш намешавад. Яъне табиӣ нест. Ту навиштаӣ: «Аз ресторан баромада, бо таксӣ хона рафтем». Бо таксӣ? Соли 1992– а?!.

Ҳикояро аз нав навиштам, Саттор Турсун хонда, боз абрӯ ба ҳам кашид. «Нашудааст, дадо. Гуфтам– ку: хулосааш… Вале ту… Шарт набуд дубора навиштани ҳикоя. Фақат… Фикр кун, дадо. Соли 1992 будаасту ту аз ресторан баромада, савори таксӣ хона мерафтаӣ. Канӣ мантиқ?. . »

Боз як ҳафта фикр карда, ниҳоят…

– Ин гапи дигар, дадо! – баъди аз назар гузаронидани ҳикоя хушҳолона дастамро фишорид Саттор Турсун. – «Аз ресторан баромада, бо БТР хона рафтем». Нағз, бисёр нағз. Зуд ба чоп супор!. .

## Куҳна ва нав

Боре дар кӯча ба Саттор Турсун дучор омадам, ки дар тан палтои шинаму зебое дошт. Ва беихтиёр табассум кардам. Зеро ин ҳамон палтои «бадбахт»– е буд, ки

ҳанӯз он қадар кухна набошад ҳам, нобавақт аз истифода баромада, чанд сол инҷониб дар кунҷи фаромӯшӣ – ҷевони либосҳои нодаркор мехобид.

– Чӣ, палторо шинохтӣ? – хандид ӯ, аз табассуми ман маънӣ бурда. Сипас ин байти машҳури сухансанҷи борикфикр ҳазрати Бедилро хонд:

*Рӯ ба Ҳинд овардани соҳибдилон аз баҳри чист?*
*Рӯзгор оинаро мӯҳтоҷи хокистар кунад.*

Баъд лаҳзае андешаманд пешона молиду афзуд:

– Гузаштаро набояд фаромӯш кард. Баъзан онро пеши назар овардан, фаромӯшхонаҳояшро тагурӯ кардан лозим. Зеро бисёр чизҳое, ки кӯҳна гуфта, як вақтҳо аз баҳраш баромадаем, дар асл чандон кӯҳна нестанд ва амиқтар бубинем, аз тозакориҳои имрӯзаи мо навтаранд…

## Воқиа

Дар ошхона таом мехӯрдем. Ҷавони ношинос ба мизи мо наздик омада, пурсид:

– Шумо Саттор Турсун?

Саттор сар бардошт.

– Ҳа.

– Мебахшед, мумкин камтар бо шумо шинам?

– Марҳамат, – курсии холиро нишон дод Саттор. – Шинед… Ягон чиз мехӯред?

– Не, ман – сер… – гуфт ҷавон, дар паҳлуи Саттор нишаста. – Шумоён бемалол… Фақат агар мумкин бошад, аз сигаретаатон…

– Марҳамат, марҳамат, – қуттии сигаретаро бо гӯгирд дар пеши вай монд Саттор.

Ҷавон сиагрета даргиронду дафъатан ба Саттор нигарист.

– Номи ман… Мехостам воқиаеро ба шумо нақл кунам.

Марҳамат, марҳамат… – Саттор косаи шӯрборо ба як гӯшаи миз монда, низ сигарета даргиронд.

– Ин воқиа порсол рӯй дод. Як шаби баҳор. Аснои хондани ҳикояи шумо «Барф ҳам мегузарад...»

– Барф? – гуфт беихтиёр Саттор.

– Ҳа, – аз бинӣ дуд сар дод ҷавон. – Беҳад маъқул шуд. Ин хел ҳикояҳо...

– Ташаккур, – хандид Саттор. – Вале шумо воқиаеро нақл карданӣ будед?

Ҷавон табассум кард.

– Воқиа ҳамин, ки вақти хондани ҳикоя замин ҷунбид. Аниқтараш, замин ҷунбидаасту ман нафаҳмидаам.

Саттор Турсун ҳайрон шуд.

– Аҷиб– ку. Хайр, барои чӣ нафаҳамидед?

Ҷавон нимсӯхтаи сигаретаро ба косаи шӯрбо партофта, аз ҷой хест.

– Сабабашро худам ҳам намедонам. Шояд барои он, ки тамоми фикру зикрам ба ҳикояи шумо буд ё шояд барои он, ки вақти мутолиаи чизи вазнин кас ҷунбиши чизҳои сабукро ҳис намекунад...

Саттор як қад парида як ба мо нигаристу як ба ҷавони ношинос, ки вазнин– вазнин қадам зада, ҷониби баромадгоҳ мерафт. Сипас бо тааҷҷуб китф барҳам кашид:

– Аз ростӣ, чизе нафаҳмидам...

**Зуд биё!**

Дар нашриёт машғули таҳриру тасҳеҳ будам. Телефон занг зад.

– Дадо, зуд биё! Гапи муҳим ҳаст...

Саросема ба истгоҳ баромада, таксӣ доштам.

Саттор Турсун дар ҳуҷраи кори худ – шуъбаи насри маҷаллаи «Садои Шарқ» – нишаста буд, – парешонхотир менамуд. Маро дида ҳайрон шуд. Вале баъд... чизе ба ёдаш расид магар, қаламашро як тараф монда, ба курсӣ ишора кард.

Дар рӯ ба рӯяш нишастам. Ӯ сигарета даргиронда, то

охир кашид ва зоҳиран ба хотир оварда натавонист: барои чӣ ҷеғ зада буд маро. Андешаманд узр хоста, боз ба кори худ машғул шуд.

Ба нашриёт (маҳаллаи километри нуҳум) баргашта, акнун ба ҳуҷраи кор даромада будам, ки Саттор Турсун занг зад.

– Дадо, зуд биё! Гапи муҳим ҳаст…

## Маҳалгароиатон маъқул не

Повести Саттор Турсун «Сукути қуллаҳо» нашр мешавад. Ба он чанд нафар тақриз менависанд. Дар яке аз тақризҳо ба забони асар эродҳои ҷузъи гирифта шуда буд.

Боре Саттор Турсун бо муаллифи ин тақриз рӯ ба рӯ меояд. Бояд гуфт, ки вай ҳамдиёри Одам – уш – шуаро Абӯабдуллоҳи Рудакӣ буд ва бамавриду бемаврид аз ин ифтихор мекард.

– Тақризи ҳамдиёри Рӯдакиро хондед? – мепурсад вай аз Саттор Турсун.

– Ҳа.

– Хайр, чӣ тур? Маъқул шуд?

Саттор Турсун андешаманд манаҳ мехорад.

– Тақриз маъқул шуд, вале маҳалгароиатон не.

– Маҳалгароӣ? – чинҳои пешонаи муқарриз ба ҳамдигар мепечанд.

– Ҳа… Шумо навишатаед, ки «вақти саҳар» гуфтан мумкин нест.

Муқарриз бо тааҷҷуби бештар мегӯяд:

– Аввалан, нодуруст нанавиштаам. Сониян, ин ба маҳалгароӣ чӣ дахл дорад?

Саттор Турсун табассум мекунад.

– Ҳамдиёратон Рӯдакӣ фармудаанд: «Омад бари ман. Кӣ? Ёр! Кай? Вақти саҳар…» Чаро ба он кас вақти саҳар гуфтан мумкин будаасту ба ман не?!.

## Хазида наметавонад

Дар суҳбате адиби ҷавон Н. аз рӯи одат ногаҳон ба миёни сухани яке аз ҳамқаламон лагад зада, бо ҷиддияти тамом сухани Максим Горкийро ба забон овард:

– Оне, ки барои хазидан ба дунё омадааст, парвоз карда наметавонад!

– Ин гап ба суҳбати мо чӣ муносибат дорад? – ҳайрон шуданд рафиқон.

– Гуфтам– дия! – кала зада, ҳалқаи гарданбандашро суст кард Н.

– Аҷаб… – ҳайрон шуд рафиқи ҳамқалами мо.

Саттор Турсун қадаҳеро, ки дар дасташ буд, зуд болои миз гузошта, дуру дароз ба рӯи Н. нигарист.

– Ҳа– а, чӣ шуд? – даступо хӯрд вай.

– Ту ҳам нависанда, – гуфт Саттор Турсун. – Дуруст?

– Ҳовва, – кала ҷунбонд Н.

– Ҳикояҳо менависӣ. Дуруст?

– Ҳовва, – ин дафъа на фақат калла, балки пой ҳам ҷунбонд Н.

– Пас сухан карданро биомӯз!

– Чӣ хел? Бо кадом роҳ? – ҳар ду дасташро кушода, китфак зад Н.

– Ҳеҷ набошад… – чи тавре ки ба рӯи миз гузошта буд, ҳамон тавр ҷиддӣ қадаҳашро аз нав ба даст гирифт Саттор Турсун. – Ҳеҷ набошад, масалан, бигӯ: оне, ки барои парвоз кардан ба дунё омадааст, хазида наметавонад…

## Акнун фаҳмидӣ?

Боре кадоме аз Саттор Турсун пурсид, ки дар синну сол ӯ калон аст ё Иноят Насриддин.

– Иноят.

Ҷавоби ӯ маро ҳайрон кард.

– Аз рӯи шунидам, шумоён дар як шаб…

– Дуруст, мо дар як шаб ба дунё омадагӣ, – тасдиқ

намуд Саттор. – Бо вуҷуди ин, вай аз ман калон.

– Барои чӣ?

Ин дам Сатторро ба назди касса хонда, ҳаққи қалам доданд ва кассир аз ӯ хоҳиш намуд то аз касса дур нарафта, пулҳоро шуморад.

– Ҳа, хуб, – ба пулшуморӣ сар кард Саттор. Вале дере нагузашта, маълум шуд, ки ӯ аз ӯҳдаи ин кор намебарояд. Саттор чанд бор дар ҳисоб ғалат карда, пулро аз нав шуморид.

– Ин ҷо биёр, – қабзаи пулро аз дасти ӯ гирифт Иноят ва зуд онро ҳисоб карда, ба кассир гуфт: – Дуруст…

Вақте аз касса дур шудем, Саттор Турсун бо табассум ба ман нигарист.

– Акнун фаҳимдӣ, ки барои чӣ Иноят аз ман калон аст?. .

## Аз даҳон

Дар як суҳбат адиби ҷавон Н. бисёр гап зада, гӯши ҳозиронро ба қомат овард.

– Ҳой бародар, – гуфт ба ӯ Саттор Турсун. – Ту як лаҳза хап карда метавонӣ?

– Не, – хандид Н. – Дарунам пур асту хап кунам, мекафам.

– Ин тавр бошад, гап зан, – Саттор Турсун низ хандид. – Ман намедонистам, ки ту дарунатро аз даҳон холӣ мекунӣ…

## Чӣ ҷои тааҷҷуб?

Ҳоҷӣ Мурод гуфт, ки ёздаҳ сол аст бо Аҳмадшоҳ дар як идора кор мекунам, вале акнун фаҳмидам, ки вай ҳалво намехӯрад.

– Чӣ ҷои тааҷҷуб, – хандид Саттор Турсун. – ҳалво магар арақ аст?. .

## Фаромӯш кардам

Маро ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфтанд. Баъд аз чанд рӯз ба Саттор Турсун вохӯрдам. Ҳангоми суҳбат ӯ пурсид, ки имрӯзҳо ба мутолиаи кадом китоб машғулам.

– Чизе навишта истодам, – иқрор шудам ман, – ба хондан дастам намерасад.

– Ҳа– а, – огоҳона пешона молид Саттор. – Ман фаромӯш кардам, ки ту акнун хонанда не, нависанда…

## Дар кучо?

Мо дар дами даромадгоҳи бино рӯ ба рӯ омадем.

– Ҳа, тинҷӣ? – пурсид Саттор, ки ба куҷое шитоб дошт.

– Тинҷӣ, – гуфтам. – Гузорам ба ин тарафҳо афтода буд. Як шуморо бинам гуфтам.

– Дар куҷо? – табассум кард ӯ.

Ман аз саволи хилофи чашмдошт дасту по хӯрдам.

– Чӣ хел… дар куҷо?

Табассуми Саттор фарохтар шуд.

– Яъне дар куҷо дидан мехостӣ. Дар хона бошад, гӯй, ақиб гардам. Агар не, зудтар маро ҳамин ҷо бин, ки ба маҷлис дер мешавад…

## Садупанҷоҳта

Аз рӯзнома очеркеро мехондам, ки дар бораи як раиси қаҳрамон буд. Раис дар анҷуман нутқ мекард. Аз қавли муаллифи очерк, дар ин лаҳзаҳо «рӯи ӯ мисли кулчаи нав аз танӯр канда суп– сурх буд».

Саттор Турсун хам шуда, ба рӯзнома чашм давонду гуфт:

– Мисли чӣ? Ку ҳамин ҷояшро баланд хон!

– «Рӯи ӯ мисли кулчаи нав аз танӯр канда суп– сурх

буд. »

– Бачағар! – хандид Саттор. – Садупанҷоҳта зада сари минбар баромада будааст– дия!. .

## Дурусттар нигоҳ кунед

Дар саҳни бинои Иттифоқи нависандагон шоир А. бо ду– се кас рост меистод. Вай сархуш буд. Шояд ба ин сабаб, маро ба оғӯш кашида, рӯяшро ба манаҳам (он вақт риш доштам) хеле молиду гуфт:

– Ин риш, ана ин анбон (ба сумкаи дар китфам овезон ишора кард вай). Хӯш ки бошад, асо канӣ?

– Дурусттар нигоҳ кунед, асоро ҳам меёбед, – ба ман фурсати ҷавоб надода, гуфт Саттор Турсун.

## Латифаи ғалатӣ

Боре Саттор Турсун гуфт: оё мехоҳам латифаи ғалатие шунавам.

– Ҳа, – гуфтам бо таваҷҷуҳ. Зеро медонистам: ӯ ба жанри латифа чандон рағбат надорад.

Гуфт:

– Иноятуллоҳ шона харид…

Ҳайрати ман бештар шуд.

– Тамом?

– Тамом, – табассум кард Саттор.

– Хайр, куҷои ин латифа ғалатист?

– Нафаҳмидӣ– чӣ?

– Не.

– Ин тавр бошад, ҳозир мефаҳмӣ, – аз ҷой бархост Саттор ва назди Иноятуллоҳ рафта, кулоҳро аз сари… бемӯи вай гирифт.

## Баъзан рост мегӯяд

Кадоме гуфт: бо Иноят Насриддин шиноси дерина бошад ҳам, ягон бор гапи рости вайро нашунидааст.

– Барои чӣ? – эътироз кард Саттор Турсун. – Вай баъзан гапи рост мегӯяд. Масалан, гапи имрӯзааш ҳаргиз дурӯғ набуд.

– Гапи имрӯзааш, – нобоварона хандид муддаӣ. – Хайр, чӣ гуфт?

– Ба ман гуфт, ки ҳикояи нават оличаноб аст…

## Тарбуз

Саттор Турсун дар бемористон буд. Тарбузе харида, ба аёдаташ рафтем. Тифоқо, дар остонаи дари палата тарбуз аз дастамон афтиду кафид.

– Хуб шуд! – аз дарун ба гӯш расид овази хушҳолонаи Саттор.

Ба палата даромада, мӯчиби хурсандиашро фаҳмидем. Он ҷо ҷои пойгузорӣ набуд. Аз бисёрии тарбуз…

Ҳангоми бозгашт Саттор бори дигар аз мо хоҳиш намуд, ки аз воқиаи рухдода ғамгин нашавем ва ба дасти ҳар кадомамон яктоӣ тарбуз дод.

## Мақоми Аҳмадшоҳ

Адибе Абдулвайси Азизро устоди худ шуморид, ба ин далел, ки вай як китоби ӯро таҳрир кардааст.

Саттор Турсун гуфт:

– Пас мақоми Аҳмадшоҳ чӣ бошад? Охир, вай ба се китоби ман муҳаррир буд…

## Бӯяш меояд

Аз кучое як шиша арақ пайдо шуд. Дари ҳуҷраро аз дарун баста, ба пиёлаҳо рехтем. Вале ҳанӯз нанӯшида, Саттор Турсун занг зад.

Ӯ аз раҳи одат гарм– гарм ҳол мепурсид. Ба чӣ хаёле нохост аз пурсиш бозистоду бо «қаҳр» гуфт:

– Пиёларо дуртар мон! Аз гӯшак бӯяш меояд…

– Мебахшед, ака. ҳозир… – аз хоҳиши хилофичашмдошти ӯ даступо хӯрдам ман ва ҳамин тавр сир ошкор шуд…

## Дурӯғ нагуфтаам

Боре Саттор Турсун шахсеро ба ман шинос карда, гуфт:

– Ин кас одами бофарҳанг.

Ҳангоми суҳбат маълум шуд: шахси бафарҳанг чандон фарҳанг надорад, – тунд менишаст, бепарда сухан мегуфт, дар бораи адибони хушзавқ беэътиноёна гап мезад, худситоӣ менамуд, дар ҳамёнаш сигаретаи «Марлборо» бошад ҳам, зуд– зуд аз «Родопи»– и Саттор Турсун мекашид…

Баъди рафтани вай ба Саттор гуфтам:

– Намедонистам, ки баъзан шумо ҳам дурӯғ мегӯед.

Мақсади маро фаҳмида:

– Мо ҳам шири хомхӯрда, дадо, – гӯён базавқ хандид Саттор. – Лекин гапам дар бораи он шахс дурӯғ нест. Дар воқеъ ҳами вай бафарҳанг аст. Яъне ҳарду ҷилди «Фарҳанги забони тоҷикӣ»– ро дорад…

## Айб нест

Дар як суҳбат шоир Н. гуфт, ки фалонӣ (Вай аз як оҳангсози шинохта ном бурд) инсони хуб аст, истеъдоди беназир дорад ва баъзе сурудҳояшро ҳатто овозхонҳои мамлакатҳои ҳамсоя месароянд. Лекин… бисёр менӯшад ва ин айбаш нобахшиданист.

Айбмонии ӯ ба Саттор Турсун нафорид ва бо ахмирӯ ғур– ғур кард.

– Нест айбе, гар бувад шамшери ҷавҳардор кач…

## Ҳазор сӯм

Боре Саттор Турсунро хушҳол дида, сабаб пурсидам. Гуфт:

– Ҳазор сӯм ёфтам!

– Насиб кунад! – фишоридам дасти ӯро. – Аз кӯча ёфтед?

– Э не, – чашмонаш дурахшида, хандид Саттор. – Аз кисаи худам!. .

**Дандонҳои тиллоӣ**

Саттор Турсун ҳикояи навқаламеро хонду ба таги чанд калима хат кашид, ки онҳо дар ҷои худ омада, ба ҳусну мазмуни ҷумла ҷилои тоза бахшида буданд.

– Медонӣ ин калимаҳо ба чӣ монанданд? – пурсид ӯ, таваҷҷуҳи маро дида. – Ба дандонҳои тиллоии даҳони холӣ…

**Лаънат ба ҳарду**

Дар базме гапи Саттор Турсун ба як ҳамдиёрамон гурехт. Онҳо тувуман кардаанд.

Баъд аз чанд рӯз ба Саттор Турсун вохӯрдам. ҳангоми суҳбат воқиаи тувуман ба хотирам расиду гуфтам, ки айб аз меҳмон гузашт, бояд сабукӣ намекард.

Руҷӯи ман ба ӯ нафориду нохушона ахмирӯ кард.

– Медонӣ– чӣ, лӯбиёву каду, лаънат ба ҳарду!. .

**Сумкааш калон**

Саттор Турсун пурсид:

– Ин зан кассир– а?

– Ҳа. Вале шумо чӣ тавр донистед?

– Аввалан, ба салом ҷавоб намедиҳад. Сониян, сумкааш беҳад калон…

**Ном мемонад**

– Романҳои бад бояд номи хуб дошта бошанд, – гуфт боре Саттор Турсун.

– Барои чӣ?

– Барои они ки дере нагузашта, аз онҳо фақат ном мемонад…

## Куҷо меравед?

Боре Саттор Турсунро дар истгоҳи автобус дида, пурсидам: куҷо меравед? Гуфт:

– Он ҷо, ки чаҳор девораш ҳам аз худам аст… (яъне: хона).

## Рӯи номард

Боре Саттор Турсунро маъюс дарёфта, сабаб пурсидам. Гуфт:

– Нав рӯи як номарда дидам…

## Шоири хуб

Баъди варақ задании китоби навқаламе Саттор Турсун гуфт:

– Аз ин бача шоири хуб мебарояд.

– Барои чӣ?

– Барои они ки шеърҳояш нофаҳмоянд…

## Ҳайронам

Саттор Турсун бе чатр аз хона баромада, таги борон монд. Ва… димоғаш сӯхт. Вале аз борони пуршиддати баҳорӣ не, аз «кӯрӣ»– и баъзеҳо. Зеро онҳо медиданд: саропои ӯ шиб– шилтаи об аст, бо вуҷуди ин афсӯс мехӯрданд, ки… пойафзолаш тар шудааст.

– Ба одамон ҳайронам, – мегуфт асабиёна манаҳ хорида. – Ба пойафзоли тар эътибор медиҳанд, ба домани тар не!. .

## Аҷиб

Як рӯзи боронӣ Саттор Турсун ба нашриёт омад.

– Пойафзолатон тар шудааст, – гуфтам ҳангоми ҳолпурсӣ.

– Ҳа. Инро чанд каси дигар ҳам гуфт, – табассум кард ӯ. Баъд назди тиреза рафта, ба берун нигарист. – Аҷиб. ҳама аз тарии пойафзоли ман ҳайрон мешаванд, вале аз тарии дунё не…

**Намефорад**

Боре Саттор Турсун бо нӯки қалам аз ҷайби худ коғазпораеро гирифт, ҳайрон шудам: Охир, бо даст гирифтани он осонтар аст.

– Гапат дуруст, – хандид. – Лекин… ба кисаи холӣ даст андохтан намефорад…

**Гапи калон**

Боре кадоме нақл кард, ки дар як тӯй ҳолати аҷиберо мушоҳида намудааст. Яъне дар як замон барқ задани чашми пурхӯр ва ошпазро.

– Чашми пурхӯр, – гуфт ӯ, – аз дидани деги калони ошпаз барқ мезад. Чашми ошпаз бошад, аз дидани шиками калони пурхӯр. – Баъд ӯ аз чӣ бошад, манаҳашро хориду ба ман рӯй овард. – Э чашми ту ҳам… Хайр, чашми ту барои чӣ барқ мезанад?

– Шояд аз шунидани гапи калони шумо, – хандид Саттор Турсун.

* * *

Китоб («Зинда будан кам аст!») чоп шуд. Саттор Турсун онро варақ зада, чанд «ҳмм, ҳммм»– и асроромез кард. Баъд гуфт: «Хайр, соядаст навис!» Ман гардан тофта, гуфтам: «Китобро ман навиштам, соядастро шумо бояд нависед». Саттор Турсун боз як «ҳмм»– и асроромез кард – «Хайр, чӣ нависам?» Гуфтам: «Нависед, ки ягон гапи ин китоб дурӯғ нест!» Саттор Турсун аз таҳти дил

баланд хандид, яъне бо чунин соядаст ин китобча беҳтарин экспонати музей мешавад…

* * *

Саидалӣ Маъмур нӯшбод мегуфт. Азбаски сухани ӯ дароз шуд, Саттор Турсун бесаброна пиёлаи назадшро бардошта, аз ҷой хест: «Хайр, рафиқон, гирифтем. Зинда бошем!. . »

Саидалӣ аз он ки суханашро буриданд, ранҷида, норозиёна ба Саттор Турсун нигарист:

– Зинда будан кам аст!. .

* * *

– Барои чӣ дина хона наомадӣ?

– Натавонистам. Сарам вазнин буд.

– Сари вазнин ба наомадан чӣ дахл дорад? Ақаллан поям вазнин буд, гӯй!

* * *

– Ба тӯй рафтед? Хайр, чӣ тур гузашт?

– Нағз. ҳама шоду хурсанд буд. Ҷанҷол нашуд.

– Барои чӣ?

– Намедонам. Шояд ба арақ об андохта буданд, ки чандон таъсир надошт.

* * *

– Вақтатон бисёр хуш аст. Ба фикрам, шаб ягон чизи нағз хендед?

– Ҳикояи нави худамро.

* * *

– Кадом рӯз Иноятуллоҳ бисёр гап зад. Аз ҷоғзаниаш безор шуда, куштам.

– Иноятуллоҳа?

– Не, радиоя…

* * *

– Барои чӣ ин қадар ба қадри зиндаҳо расидан лозим, мегӯед?

– Барои он ки ҳар рӯз аз назди мурдаҳо (қабристон) мегузарам!. .

* * *

– Ин зан аз зиндагӣ сахт дилмонда барин.

– Барои чӣ?

– Вай аз пеши оина гузашт, вале ба он ҳатто назаре наафканд.

* * *

– Кучои ин гап дурӯғ?

– Пасаш…

* * *

– Соат чанд?

– Аз нашриёта намедонам. Лекин аз вазорат чор буд…

* * *

– Ҳамин гап рост?

– Ҳозир намедонам. Саҳар рост буд…

* * *

– Нависанда мегӯед? О вай ягон ҷумлаи дуруст надорад– у…

– Дуруст, вай нависандае, ки ҷумлаҳои нодуруст менависад…

* * *

– Ба хона дароед, чой – пой хӯрда меравед– дия.

– Не, меравам. Аз саҳар табъам хира, на чой мефорад, на пой…

– Алам мекунад ба кас. Охир, баъзан шабпарак уқобро дидан меомӯзад!. .

– Вая бин– е, шикамаш чун мавҷи баҳр лаппас мезанад!. .

* * *

– Як ҳамсояи бадмаст дорем, рӯзҳое, ки вай арақ мехӯрад, ман маст мешавам…

* * *

– Аҷаб рӯе: ба чашми шоир бинӣ, табъ равшан мешаваду ба чашми нависанда бинӣ, дил – хиҷил!. .

* * *

– Аҷаб замона шуд: дар мабраз ҳам фикри пулро мекунӣ…

* * *

– Шаҳр пур аз сабукпою ягон даванда надорем…

* * *

– Бо милиса баранд, бори каҷ ҳам ба манзил мерасад…

* * *

– Дар мағозаҳои давлатӣ, ғайри оби чашми чанд нафақахӯр, чизе нест!. .

* * *

– Он духтари хушрӯя бин, оби даҳон барин меравад!.

* * *

– Мӯя паст кардӣ, акнун сара ҳам андак паст кун!

* * *

– Ҳисоби ман бо замона пок, вале ҳисоби замона бо ман пок нест…

* * *

– Шоҳинҷон (писари адиб) каллаи калонро нишон додан хоҳад, муштчаҳояшро ба ду чаккаи сар мегузорад.

* * *

– Ридан айб нест, вале агар паша бошӣ…

* * *

– Пирон дар нашриёт чӣ кор мекунанд? Охир, ин ҷо қабристон не– ку!. .

* * *

– Э ғалладони мизи ту аз кисаи ман ҳам холитар– ку!.

* * *

– Чанде хонаашонро фурӯхтанд, бархе мошинашонро, баъзе… Аз ростӣ, дар бораи чизҳои фурӯхтаи баъзеҳо бо овози баланд гап зада намешавад.

* * *

– Иноят ба номардон ҳам мардона салом дода метавонад.

* * *

– Аз карнайчӣ як пуфу аз носкаш – як туф…

* * *

– Номатон Тилло? Набошад, зеби даҳони сарватмандон будаед!. .

* * *

– Дар зиндагӣ аз уҳдаи фақат як кор набаромадам – худкушӣ…

* * *

– Вақте ҷасади падарамро ба хок супоридем, дунё якбора дар назарам холӣ шуд; ба дараҷае холӣ шуд, ки ҳеҷ чизро намедидам: На одамон, на талу теппа, на кӯҳу дарё… худро дар анбори нимфатароте мепиндоштам, ки ниҳоят васеъ аст, дару тиреза надорад, торику ваҳмгин… Ва ҷисми ларзонамро панҷаи номаълуми ошуфтагӣ бераҳмона мефишораду мефишораду мефишорад…

Дар он дақиқаҳо дар ғояти азобу дард ба худ печида, шукр мекардам: «Хайрият, дафни модарамро дар ёд надорам…»

* * *

– Барои чӣ Н. – ро бад мебинам? Охир, вай тамоми камбудиҳои маро дорад…

* * *

– Хомӯшӣ ба ҳайкал ва радиои вайрон равост.

* * *

– Не, худаш дурӯғгӯ набуд, фақат дурӯғи дигаронро рост мегуфт…

* * *

– Барои чӣ Н. – ро ҳурмат мекунам? Шояд барои он ки вай ман нест…

* * *

– Ҳангоми мутолиаи шеърҳои шоира Н. чанд бор ғусл кардам…

* * *

– Намедонам барои чӣ ин тавр: рӯи шуморо бинам, ҳатман чашмам дард мекунад…

* * *

– Ман ту шудам, ту… шумо шудӣ…

* * *

– Ин чӣ хел ҷумласозӣ? Калимаҳоро чун милисаҳо қатор кардӣ…

* * *

– … Самолёт боз аз аз он ҷиҳат хуб аст, ки худпарастро ба Макка бурда, худопараст карда меорад.

* * *

– Виждон «гунг» бошад беҳтар, агар он забон барорад, бисёр касон худкушӣ мекунанд…

* * *

– Ман аз бедаҳанон метарсам. Онҳо метавонанд ҳар лаҳза ягон гапи беҷо зананд…

* * *

– Зане, ки ба ҳоли худ хандида метавонад, мард аст…

* * *

– Аз куҷо омадани тухмро дидан, боиси нафрати тухмдӯст намешавад…

* * *

– Гапи нағз, лекин… бӯин.

* * *

– Ман ҳайрони он зан ҳастам, ки шавҳари гумшудаашро аз бағали худ меёбад…

* * *

– Агар мард бошед, хезед, «ман номард» гӯед!. .

* * *

– Шумо дар воқеъ ҳам ба акаатон бисёр монанд ҳастед. Он кас ҳам ҳамин хел беандеша гап мезаданд…

* * *

– Дурусттар нигоҳ кунед. Наход фақат гарданам буриданбоб бошад?!.

* * *

– Сари маро мегиред? Чӣ, худатон сар надоред?!,

* * *

– Алихӯҷаҳо бо Хӯҷаалиҳо ҷой иваз карданд…

* * *

– Ё гӯши ман кар шудааст, ё овози шумо… аз пасатон мебарояд.

* * *

– Э, имрӯз дар кӯча воқиа не, як роман рӯй дод!. .

* * *

– Ғалатӣ менамояд, аммо рост аст…

* * *

– Чигунагии аҳволама аз ҳамин фаҳм, ки чанд сол аст ба гадо садақа надодаам…

* * *

– Баъзе чизҳои воқиан бисёр муҳимро чашми сар намебинад, бо чашми қалам дидан лозим…

* * *

– Номардон барои ҳамин дар ҳама ҷой лофи мардӣ мезананд...

* * *

– Ҳаёт одамонро гала мекунад, марг – сара.

* * *

– Вои он нависанда, ки гуфтаҳояш аз навиштаҳояш беҳтаранд…

* * *

– Нуқтаро шояд марг монад, вале аломатҳои дигари ҷумлаи Зиндагиро адибон мегузоранд…

* * *

– Шарти муҳими нависандагӣ «навишта тавонистан» не, «нанавишта натавонистан» аст…

* * *

– То аз худ наравед, ба ҷое намерасед…

* * *

– Дуруст, кисаи ман холист. Вале инро ғайри дасти худам, касе намедонад…

* * *

– Аз қошу қавоқи вазир барфу борон резад ҳам, ҳуҷраи кораш гарм буд…

* * *

– Ӯро заданӣ будам, вале… Хайрият, Худо аз ман пешдастӣ кард…

* * *

– Ҳайрон нашав. Ман баъзан нахандида ҳам механдам…

* * *

– Ҳамаи нависандаҳо қаҳваро дӯст медоранд, вале Балзак яктост…

* * *

– Иноят ҷойҳои бемӯи сарашро ҳам шона мекунад…

* * *

– Ин роман ба пиҷаки кӯҳнае монанд аст, ки дар ҷайбаш қабза – қабза пулҳои нав дорад…

* * *

– Қиссаи наваш чун шароби кӯҳна буд: зуд таъсир мекард…

* * *

– Ҳоло пешпо хӯрдан аз шамол хӯрдан осонтар аст…

# МАСАЛҲО

## ГУРГ ВА БАРРА

Баррае аз рама ақиб афтода рамаро гум кард ва дар наздики ҷӯйбое ҳайрону парешон истода буд. Гурге аз тарафи боло меомад. Вақте ки чашми гург ба барра афтод, бо худ фикр кард, то далеле барои хӯрдани ӯ пайдо кунад. Рӯи ин манзур баррaро чунин хитоб кард:

– Эй барраи беҳаё, обро чаро гилолуд месозӣ, намебинӣ, ки ман ташна ҳастам?

Бара гуфт:

– Ҷаноб, шумо болои об ҳастед ва ман дар тарафи поин. Об аз тарафи шумо ба тарафи ман меояд. Пас, ман чӣ гуна метавонам оби шуморо гилолуд созам?

– Э бешарм, ба ёд дорӣ, ки соли гузашта маро дашном дода будӣ?

– Оқо, бовар кунед, соли гузашта ман ҳанӯз таваллуд нашуда будам.

– Чаро алафҳои маро хӯрдӣ?

– Ӯҳ, бубахшед, оқо, ман барраи ширхор ҳастам ва ҳанӯз алаф нахӯрдаам.

– Чаро аз обе, ки ба ман таалуқ дорад, нӯшидӣ?

– Ҷаноб, ман ҳанӯз ба обу алаф ошно нестам, зеро шири модарам ба ман ҳам об асту ҳам алаф.

Дар ин вақт гург фарёд карда гуфт:

– Эй забондароз, пас ман дурӯғгӯ ҳастам?!

Ин бигуфт, бар ӯ ҳамла кард ва ӯро дарид.

Гурги гурусна ғизо мехоҳад, на истидлол!

## ХАФФОШ

Хаффоше ба замин афтида буду як пишаки саҳроие ӯро асир кард.

Хаффош бо аҷзу зорӣ дархост кард, ки ҳаёти ӯро бу-

бахшад. Пишак хоҳиши ӯро рад карда, гуфт, ки ӯ табиатан душмани паррандагон аст.

Хаффош бо аҷзу лоба гуфт, ки ӯ парранда нест, балки муш аст. Пишак ӯро раҳо кард.

Чанде нагузашта буд, ки хаффоши мазкур ба замин афтоду пишаки саҳроии дигаре ӯро асир кард. Хаффош боз илтимос кард, ҳаёти ӯро бубуахшад. Пишак гуфт, ки ӯ табиатан душмани муш аст ва лиҳозо ҳаёти ӯ ҳифз шуда наметавонад.

Хаффош бо тазаррӯъ гуфт, ки ӯ муш нест, балки хаффош ҳаст. Хаффоши зирак боз худро бо ин далелҳо аз чанги пишак раҳоӣ бахшид.

Беҳтар аст аз воқиаҳо ба таври маъқул истифода кард!

## ХАР ВА ЧИРЧИРАК

Харе дар домани кӯҳ чаро мекард, ки ногоҳ овози чирчираке ӯро ба худ ҷалб кард. Ин овоз дар рӯҳи хари бечора он қадар таъсир ворид намуд, ки беихтиёр ошиқи шайдои ин овоз гардид ва бо худ фикр кард, ки ҳамчунин овози дилкаш дошта бошад. Рӯи ин манзур назди чирчирак рафт ва аз ӯ пурсид:

– Оқо, иҷозат медиҳед бипурсем, ки шумо чӣ ғизое нӯши ҷон мекунед, ки чунин овози рӯҳнавозе ба шумо насиб шудааст?

Чирчирак гуфт:

– Аз лутфи шумо ташаккур. Хӯроки мо фақат шабнами субҳгоҳӣ аст.

Хари соддалавҳ ба худ аҳд кард, ки аз ин баъд чизе ба ҷуз шабнам нахӯрад. ҳамон буд, ки чанде баъд аз гуруснагӣ ҳалок шуд.

## ДУБӢ ВА ЗУҒОЛФУРӮШ

Зуғолфурӯше хонаеро киро гирифта буд. Рӯзе назди дӯсташ, ки як нафар дубӣ (шустагар) буд, рафт ва гуфт:

– Азизам, биё дар ҳамон манзиле, ки тоза кироя ги-

рифтаам, бо ҳам якҷоя зиндагӣ кунем. Агар бо ҳам якҷоя бошем, дар иловаи ин ки ҳарду дӯстем, ҳамсоя ҳам хоҳем шуд, кироя ҳам тахфиф (сабукӣ) хоҳад ёфт.

Дубӣ гуфт:

– Дӯстам, хеле мутаассифам аз ин ки наметавонам ин хоҳиши шуморо қабул кунам. Зеро вазифаи ман шустану пок кардан аст ва ман намехоҳам либосеро, ки ба заҳмат шустушӯ медиҳам, дар асари сиёҳии зуғол (ангишт) лаккадор (доғдор) гардад.

## МӮРЧАҲО ВА ЧИРЧИРАК

Дар яке аз рӯзҳои офтоби зимистон қисме аз мӯрчагон масруфи хӯрдани донаҳои гандум буданд, ки дар поиз аз тарафи онҳо ҷамъ шуда буд. Чирчираке, ки аз гуруснагӣ ба ҷон расида буд, аз он ҷо мегузашт. Вақте мӯрчагонро дид, ки бо хушҳолӣ дона мехӯранд, наздашон рафт ва илтимос кард ба ӯ каме хӯрокӣ диҳанд.

Мӯрчагон аз ӯ пурсиданд:

– Чаро ғизои худро дар тобистон захира накардӣ?

Чирчирак гуфт:

– Ман он қадар фурсат надоштам, зеро дар тобистон рӯзу шаби ман бо сурудан мегузашт.

Мӯрчагон бо истеҳзо ба ӯ гуфтанд:

– Вақте ту он қадар аҳмақ будӣ, ки тамоми тобистонро ба сароидан сипарӣ кардӣ, беҳтар аст ҳоло бо шиками гурусна ба рақс машғул шавӣ.

Оқибатандешӣ шарти ақл аст!

## САЛТАНАТИ ШЕР

Ҳайвоноти дашту ҷангал ҷамъ шуда, шереро ба салтанат интихоб карданд. Ин Шер на қаҳролуду бераҳм буд, на золим, балки монанди як шоҳи бисёр одилу меҳрубон буд.

Шер дар замони салтанати худ фармоне содир кард, ки тамоми ҳайвонот: парандагон ва ҷонварони чорпо бо ҳам гирд оянд ва бо ҳам чунон иттиҳодияе ташкил диҳанд, ки

дар он гургу барра, палангу бузғола, сагу харгӯш ҳама бо ҳам дар фазои дӯстиву сулҳ зиндагӣ кунанд.

Харгӯше аз ин иттиҳодия хушҳол шуда, бо нишоти зиёде гуфт:

– Оҳ... ман чӣ қадар орзу доштам чунин рӯзеро бо чашм бинам, ки дар он заифон бидуни тарсу хавф дар паҳлуи тавоноён ба сар баранд.

## ХУРӮС ВА ДОНАИ АЛМОС

Гӯянд, хурӯсе дар киштзоре масруфи шамидани ғизо буд, то шиками худу мокиёни худро сер кунад. Дар ин асно чашмонаш ба чизи дурахшандае афтод. Наздик рафту дид, ки донаи алмос аст. Хурӯс алмосро бо минқори худ бардошт ва гуфт:

– Ин донаи алмос аст ва ба дасти инсон меафтод, сарвати бузурге насиби ӯ мешуд.

Мокиён дар ин ҷо сухани ӯро қатъ карда, бо ханда гуфт:

– Вале, эй кош, мо ба ивази он як дона ҷав ва ё ҷуворие меёфтем, ки онро мехӯрдем!

## МОҲИГИРИ НАЙНАВОЗ

Моҳигиреро ҳикоят кунанд, ки найнавози моҳире буд. Рӯзе тӯри моҳигирии худро бо тавилаи хеш бардошт ва ба сӯи дарё равон шуд. Дар соҳили дарё рӯи санги баланде нишаст ва бо умеди ин, ки шояд моҳиҳо аз овози найи ӯ ба ваҷд омада, рақскунон дохили тӯр хоҳанд шуд, ба навохтани най пардохт.

Моҳигир чандин таронаи дилчасп тавассути най навохт. Вақте дид ҳеҷ фоидае аз он ҳосил нашуд, найро ба канор гузошт ва тӯрро ба дарё андохт, чун мушоҳида кард, моҳии зиёде дар дохили тӯри ӯ рақс мекунанд, сари худро бо тааҷҷуб ҳаракат дода, ба моҳиҳо гуфт: «Эй ҳайвоноти ношиноси ман, вақте ба шумо мусиқӣ навохтам, шумо рақс накардед ва ҳоло ки мусиқӣ нест, бо хушӣ ба рақс мепардозед!

## МУСОФИР ВА САГАШ

Мусофире барои сафар омодагӣ мегирифт. Пас аз он, ки аз борбандӣ ва ҷамъ кардани сомон фориғ шуда, мехост ба сӯи сафар раҳсипор гардад, дид ки сагаш дар назди дарвоза истода, гардани худро бо чанголҳои худ мехорад.

Мусофир саги худро бо лаҳҷаи нисбатан тунде мухотаб сохта, гуфт:

– Чаро ин тавр ором нишастаӣ, оё намедонӣ мавқеъи сафар бояд комилан омода бошӣ. Ман ҳама чизро омода сохтам ба ҷуз ту, зуд бош ва биё бо ман.

Саг дар ҳоле ки думи худро ҳаракат медод, ба соҳиби худ гуфт:

– Ман аз ту пештар омодагӣ доштам. Фақат интизории ту маро ба ин ҷо нишондааасту бас.

Маломатеро ба думи ононе, боиси маломат нестанд, набояд гузошт!

## ПАРАСТУ ВА ЗОҒ

Парсту ва зоғе болои шохчаи дарахте нишаста, бо ҳам мусоҳиба доштанд ва ҳар як мехост собит кунад болу пари ӯ нисбат ба дигараш беҳтар аст. Наздик буд ин мубоҳиса шакли душманиро ба худ гирад. Дар ҳамин вақт зоғи доно бо ин ҷумлаи кӯтоҳ мубоҳисаро қатъ кард: «Болу пари шумо дар баҳор бисёр хуб аст, аммо болу пари ман маро аз сардии зимистон ҳимоят мекунад».

Эй басо руфақое, ки ба вақти зарурат ба дард намехӯранд!

## ШУБОН ВА ГОВИ ГУМШУДАИ Ӯ

Шубоне назди яке аз ҷангалҳои анбӯҳ, ки алафи фаровон дошт, гову гӯсфандони худро ба чаро мебурд. Рӯзе яке аз говҳои худро гум кард. Бечора сарсону ҳайрон ин

тарафу он тараф медавид, то магар аз гумшудаи худ нишоне пайдо кунад. Баъд аз ҷустуҷӯи зиёд ба худ аҳд кард, ки агар фақат дуздро пайдо кунад, гӯсфандеро ба шукронаи пайдо кардани дузд қурбонӣ хоҳад кард. Ин бигуфт ва ба назди як теппаи кӯчаке равон шуд. ҳамин ки ба болои теппа расид, мутаваҷҷеҳ шуд, ки шери бузурге гови ӯро дарида ва ба хӯрдан машғул аст. Шубон аз дидани шер, ки бисёр наздики ӯ буд, чашмҳояш сиёҳӣ ва пойҳояш сустӣ кард. Бечора дар ин ҳол дубора ба худ аҳд кард, ки агар аз ин таҳлука наҷот ёбад, ду гӯсфандро қурбонӣ хоҳад дод: як гӯсфанд барои пайдо кардани дузд ва гӯсфанди дигар барои ин, ки аз чанголи шер наҷот ёфтааст.

## ДАРАХТИ СЕБ ВА АНОР

Як дарахти себ ва як дарахти анор дар канори ҳам қад афрохта буданд. Рӯзе байни ҳарду дарахт мунокиша рӯй дод. ҳар кадом мегуфт, ки ӯ нисбат ба дигараш зеботар аст.

Вақте моҷарои онҳо тӯлониву шадид шуд, хоре аз боғчаи ҳамсоя сухани онҳоро қатъ кард ва гуфт:

– Аҷоиб аст, ки шумо лофи зебоӣ мезанед, он ҳам дар муқобили ман.

## ДЕҲҚОН ВА КАБК

Деҳқон аз дасти мурғобиҳо ба танг омада буд. Бечора чанд маротиба тухм пошид, вале мурғобиҳо тухмҳоро мехӯрданд. Деҳқон маҷбур шуд боз тухм пошад, вале ин маротиба барои гирифтории мурғобиҳои дузд доме ниҳод ва бо ин тартиб як иддаи зиёде аз мурғобиҳоро асир кард. Дар байни мурғобиҳо кабке низ асир шуда буд. Кабк, ки барои раҳоии худ бисёр дасту по зада буд, пояш низ шикаста буд.

Вақте ки деҳқон мурғобиҳоро мегирифт ва навбат ба кабк расид, кабк бо аҷзу ниёз дархост кард:

– Оқо, лутфан маро озод кунед, ба пои шикастаи ман

раҳм кунед. Бар илова ман мурғобӣ нестам, балки як парандаи беозоре ҳастам, ки ҳамеша ба амри падару модари хеш гӯш додам. Бубинед, ҳатто болҳои ман аз болҳои мурғобӣ фарқ доранд. Бар ман раҳм кунед ва маро ин маротиба бубахшед!

Деҳқон хандаи баланде карду гуфт:

– Шояд тамоми чизҳое ки мегӯӣ, дуруст бошад, аммо ман туро ҳамроҳи ҳамин дастаи дуздон, яъне мурғобиҳо асир кардам!

## ОҲУБАРРА ВА МОДАРАШ

Оҳубаррае, ки бо модари хеш дар марғзори сарсабзе чаро мекард, аз модари худ пурсид:

– Модари азиз, ту аз баъзе сагҳо калонтар ҳам ҳастӣ, дар давидан ҳам аз онҳо чолоктарӣ, бар илова, ду шохи қавӣ ҳам дорӣ, пас чаро аз сагҳо ин қадар метарсӣ?

Оҳу табассуме кард ва ба фарзанди худ гуфт:

– Ман медонам, ки гуфтори ту содиқ аст ва тамоми сифатҳое, ки баён кардӣ ман доро ҳастам, аммо танҳо аз овози саги кӯча, ки маро он қадар метарсонаду меларзонад, наздик ба заъф мешавам ва аз ҳамин сабаб, бо суръати ҳар чӣ тамомтар рӯ ба гурез мениҳам.

Истидлол ба ашхос чобукӣ ва шуҷоат намедиҳад!

## ХАРГӮШ ВА САНГПУШТ

Харгӯше дар яке аз марғзорҳо гашту гузор дошт. Ногоҳ назараш ба сангпуште афтод. Харгӯш аз мушоҳида бо поҳои кӯтоҳу рафтори оҳистаи сангпушт тааҷҷуб карда, ӯро бо нигоҳи истеҳзоомез менигарист. Сангпушт мавзӯъро ба фаросат дарёфт ва бо фаросат гуфт:

– Харгӯши азиз, рафтори оҳистаи маро бо тамасхур мабин, зеро ҳарчанд ту монанди бод ҳам тез бошӣ, ман дар мусобиқаи давидан аз ту сабқат хоҳам бурд.

Харгӯш аз шунидани ин ҳарфҳои сангпушт хандаи баланд ва истеҳзоомезро сар дода, гуфт:

– Ин кор ғайри мумкин аст.

Сангпушт гуфт:

– Бифармоед, ин ман ва ту, ин ҳам майдони мусобиқа!

Ҳарду бар мусобиқа омода шуданду бо тифоқ рӯбоҳеро чун ҳакам таъин намуданд. Рӯбоҳ майдонеро барои ин мусобиқа таъсис дод. Ва сангеро дар он тарафи майдон гузошт, ки тӯли ниҳоии онҳо бошад. Сипас ҳар дуро омодабош дод ва баъд аз чанд сония ҳардуро ба давидан амр кард.

Сангпушт ба рафтори худ идома дод. Аммо харгӯш, ки аз чолокӣ ва суръати худ сахт мағрур буд, ба ин кор чандон аҳамияте надод ва дар зери сояи дарахте ба истироҳат пардохт. Тасодуфан харгӯш дар ҳамон ҷо ба хоб рафт, вақте ки бедор шуд, ба тамоми тавоноӣ ба давидан шурӯъ кард. Вале афсӯс, ки вақт гузашта буд, сангпушт ба ҳадаф расид ва рӯбоҳ хатми мусобиқаро ба нафъи сангпушт эълом кард. Харгӯш афсӯскунон гуфт: «Як лаҳза ғофил мондаму садсола роҳам дур шуд».

## САГ ВА ТАСВИР

Гӯянд, саги ҳарисе порчаи гӯштеро аз дукони қассобе дуздида фирор кард. Дар беруни шаҳр маҷбур бояд аз дарёчае убур кунад. Дар ҳамин асно тасвири худро дар об дид ва фикр кард: дигаре аст, ки порчаи гӯштеро дар даҳон дорад. Саги ҳарис хост он порчаи гӯштро низ ба даст орад. Ба ин қасд бо суръати ҳар чӣ тезтар болои тасвири худ ҳамла кард. Вале вақте иштибоҳи ҳирси беҷои худро мутаваҷҷеҳ шуд, гӯшти худашро низ об рабуда буд.

Ҳарис маҳрум аст!

## КӮРМУШ ВА МОДАРАШ

Мегӯянд, бачаи кӯрмуш модари худро мухотаб сохта гуфт:

– Модари ҷон, ман бино ҳастам ва ҳар чизро ба хубӣ дида метавонам.

Модараш барои ин, ки иштибоҳи фарзандашро ба ӯ бифаҳмонад ва ҳам ақаллан исбот намоянд, чанд дона мӯрчаи сиёҳро пеши чашми ӯ гирифта гуфт:

– Бигӯ, бубинам дар дасти ман чист?

– Дар дасти шумо сангреза аст.

Модараш мутаассир шуда, гуфт:

– Фарзанд, ту на танҳо кӯр ҳастӣ, балки метарсам ҳисси шомаатро низ аз даст дода бошӣ.

## ХИРС ВА РӮБОҲ

Хирсеро гӯянд, ки аз инсондӯстии худ лоф мезад. Ва мегуфт, ки нисбат ба тамоми инсонҳо бештар меҳрубон аст. Ва сабаби ҳамин меҳрубонист, ки ҳатто ба мурдаи инсон зарар намерасонад.

Рӯбоҳе, ки лофу газофи ӯро мешунид, бо хандаи мазоҳомезе гуфт:

– Эй кош, мурдаи инсонҳоро мехӯрдӣ, аммо зиндаи эшонро намехӯрдӣ!

## ТАНБЕҲИ АМАЛӢ

Пире фарзандони худро ҳамеша ба иттиҳоду иттифоқ даъват мекард. Рӯзе зимни насиҳати падарона хост мазаммати нифоқро амалан ба онҳо муҷассам созад. Рӯи ин манзур фарзандони худро амр кард, то як дастаи тире ба назди ӯ ҳозир кунанд. Вақте ки тирҳо оварда шуд, пири равшанзамир дастаи тирро ба ҳар яке аз фарзандон дод ва эшонро ба шикастани он амр кард. Фарзандонаш бо тамоми қувва кӯшиданд, то дастаи тирро бишкананд, вале муваффақ нагардиданд. Баъд аз он ки нотавонии худро эътироф намуданд, пирамард дастаи тирро бардошт ва тирҳоро якояк берун кашида бишкаст. Баъд аз он рӯи худро ба сӯи писаронаш, ки то ин дам маънии ин ҳақиқатро намедонистанд, гардонду гуфт:

– Эй арҷмандон, ин ҳаракати ман барои шумо як танбеҳи амалиро тамсил мекунад. Агар шумо монанди ҳамин дастаи тир муттаҳиду якдаст бошед, ҳеҷ қуввае ба

шикастани шумо қодир нахоҳад шуд. Баръакс, агар нифоқу шиқоқ дар байни шумо роҳ ёфт, он вақт заифтарин душмане шуморо монанди ин тирҳо, ки шикастам, хоҳад шикаст.

Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт!

## ШИКОРИ МАЛАХ

Писаре малаххоро шикор мекард. Дар ҳоле ки теъдоди зиёди малаххоро шикор карда буд, ногаҳон ба каҷдуме бархӯрд кард. Писар инро ҳам малах тасаввур карда, дасти худро дароз кард, то ӯро бигирад. Каҷдум дар муқобил неши худро нишон дода, гуфт:

– Писарам, беҳтар аст аз шикори ман сарфи назар кунӣ, вагарна на танҳо маро, балки ҳамаи малаххоро, ки ба заҳмат ҷамъ кардаӣ, низ аз даст хоҳӣ дод.

## МОДАШЕР

Рӯзе байни ҳайвонот мунокиша рӯй дод. Мунокиша рӯи ин мавзӯъ рух дод, ки кадом яке аз ҳайвонот ҳақ дорад аз тавлиди фарзандони зиёд ифтихор кунад. Билохира тамоми ҳайвонот ба тарафи модашере, ки дар он навоҳӣ буд, рафта, аз ӯ пурсиданд, ки ӯ солона чанд фарзанде ба дунё меоварад.

Модашер аз ин савол хандаи баланде сар дод ва гуфт:

– Ман солона як фарзанд ба дунё меоварам, аммо фаромӯш накунед, ки ин фарзанд ба тамоми маънӣ шербача аст.

Яке марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор!

## КӮҲИ ПУРИЗТИРОБ

Кӯҳбачаеро ҳикоят кунанд, ки бисёр ба ғазаб омада буд. Ва оҳу фарёди зиёд аз он бармеомад. Мардуми дуру наздик рафтанд, то бубинанд чӣ воқиа рух додааст. Дар

ҳоле ки ҳама мардум интизор буданд, ки шояд мусибати бузурге рух дода бошад, бо тааҷҷуб мутаваҷҷеҳ шуданд, ки аз миёни сангҳо як мушкӯҳе бадар шуд.

Басо шахсиятҳои бузурге, ки аз воқиоти бисёр ҷузъӣ беҳавсала мешаванд.

## САГ ВА ГОВҲО

Сагеро гӯянд дар охури говҳо ҷой гирифта буд ва говҳоро бо ғурридану ғув– ғув метарсонд ва намегузошт онҳо коҳ бихӯранд. Говҳо аз ин ҳаракат бисёр ҳалқтанг шуда ва яке аз онҳо ба дигаре гуфт:

– Чӣ саги худхоҳе! Худаш коҳ хӯрда наметавонаду моро намегузорад, ки аз коҳе ки барои мо гузошта шудааст, истифода кунем.

На коҳ мехӯрад, на охурро холӣ мекунад.

## ҚУЛАНГ ВА ГУРГ

Гургеро гӯянд, ки порчаи кӯчаки устухоне дар даҳони ӯ банд монда буд ва бо қуланге гуфтугӯ кард, ки агар устухони мазкурро аз даҳони ӯ хориҷ кунад, инъоме ба ӯ хоҳад дод. Куланг сари худро дар даҳони гург дохил кард ва устухонро ба минқор берун кашид ва баъд мунтазир шуд, то гург ба ваъда вафо кунад. Гург маънии интизори ӯро фаҳмид ва ба ӯ гуфт:

– Мунтазир мабош, ту инъоми худро дарёфт кардаӣ.

Қуланг гуфт:

– Чӣ тавр?

Гург гуфт:

– Оё ҳамин инъоми бузург ба ту набуд, ки сари худро аз даҳони як гург ба саломат берун кардӣ?. .

## ШЕРУ МУШ

Шере ба хоб рафта буд. Муше аз сӯрохӣ бадар шуд ва бидуни ин ки мултафит шавад, аз болои сари шер убур кард ва ӯро аз хоб бедор сохт. Шер бархост ва мушро

гирифт, хост ӯро бикушад. Муш ба нолаву зорӣ даромада, илтиҷо кард, ки агар султон ҳаёти ӯро бахшад, муш абадан ин эҳсони бузурги ӯро фаромӯш намекунад ва рӯзе эҳсони ӯро бо эҳсон муқобила хоҳад кард.

Шер гуфтори мушро ба тани кӯчаку заифаш муқоиса кард ва баъд ба хандаи истеҳзоомезе ӯро раҳо намуд.

Муддате аз ин воқиа нагузашта буд, ки шер дар доме, ки шикорчиён барои гирифтани ӯ ниҳода буданд, гирифтор шуд. ҳар қадар дасту по зад бо тамоми қудрате, ки дошт, оҷиз шуду натавонист худро аз ресмонҳои қавӣ наҷот диҳад. Вақте ки маъюс шуд, шурӯъ кард ба фарёду ғурридан. Муш тасодуфан овозашро шунид ва ба мададаш шитофт. Вақте ки ресмонҳои қавиро бо дандонҳои тези худ бурридаву шерро озод сохт, бо лаҳҷаи самимона ба шер гуфт:

– Шояд султон ҳеҷ гоҳе тасаввур намекард кореро, ки шерон аз анҷоми он оҷиз оянд, муше ба осонӣ иҷро намояд.

Эй тавоно! Ба зӯри худ маноз, мо – заифон он чӣ натавонӣ, кардаем!

## АРОБАКАШ

Аробакашеро ҳикоят кунанд, ки дар биёбони регзоре аробаеро бо суръат меронд ва ҳар лаҳза аспи аробаро қамчин мезад, то сареътар ҳаракат кунад. Ҳанӯз фосилаи зиёдеро тай накарда буд, ки ногоҳ чархҳои ароба дар рег фурӯ монд ва асп аз рафтор бозмонд. Аробакаш аз ароба поин шуд ва ба чаҳор тараф назар андохт, то магар касеро пайдо кунад, ки аз ӯ мадад хоҳад. Вақте ҳеҷ касро дар он навоҳӣ надид, аз ғояти маъюсӣ дасти дуо баланд карду гуфт:

– Эй худо, ба фарёди мани бечора бирас!

Гӯянд, марди рӯҳоние ҳозир шуд ва аробакашро чунин мухотаб сохт:

– Фарзанди азиз, беҳуда фарёду хурӯш макун! Авлотар аз ҳама шонаҳои қавии худро ба бозуи ароба дода, чархҳоро аз рег берун соз. Агар кӯшидиву натавонистӣ,

баъд аз он дуову мададхоҳӣ кун.

Ҷое, ки накди айш кафи ҷаҳд мебарад, ҳайф аст, агар зи дасти дуо остин пур аст.

## МОР ВА ДЕҲҚОН

Море дар сармои шадиди зимистон ях баста буд, ба ҳадде ки маҷоли ҳаракат надошт. Деҳқон тасодуфан аз наздики ӯ убур кард. ҳисси раҳму шафқати деҳқон бедор шуд ва ӯ морро бардошта, рӯи синаи худ гузошт, то гарм шудаву аз мурдан наҷот ёбад. Вақте ки мор оҳиста–оҳиста гарм шуду ҷон гирифт, фавран деҳқони бечораро газид. Деҳқон дар лаҳзаи охирини зиндагӣ ба хешону ақрабояш, ки саври ӯ ҷамъ буданд, гуфт:

– Воқиан, сазои худро ёфтам, зеро набояд ба чунин мавҷуди зарарасон тараҳҳум мекардам.

## МАРДИ ЛОФЗАН

Марди лофзану дурӯғгӯеро ҳикоят кунанд, ки ба арзу тафнин ба баъзе аз мамолик сафар мекард. Вақте аз як мусофираташ ба хона баргашт, дӯстон ба дидани ӯ омаданд. Яке аз дӯстон аз ӯ хоҳиш кард, то аз тиҷорату мусофирати худ чизе бигӯяд. Марди лофзан, ки ҳамин саволро орзу мекард, ба ду зону нишаста, гуфт:

– Дар айёми мусофират корҳои бисёр қаҳрамононаро анҷом додам. Яке аз ин корҳои хориқулирода дар як ҷазираи Юнон сурат гирифт. Дар ин ҷазира мардум ҷамъ шуда буданду варзишгарон бо хез задан махорати спуртӣ нишон медоданд. Ман ҳам дар ин варзиш ширкат кардам. Вале ман ба фосилаи зиёде аз ҳамаи ин мардум пеш шудам, ба ҳадде, ки ҳама мардум ҳайрон монда буданд. Ин шуҷоатро бисёре аз мардуми он ҷазира бо чашми сар медиданд ва шумо метавонед аз эшон бипурсед.

Яке аз ҳозирон сухани ӯро қатъ карда, гуфт:

– Дӯсти азиз, агар он чӣ гуфтӣ ҳақиқат бошад, ҳоҷат ба шоҳиду гувоҳ нест. Фарз кунед, ки ин ҷо ҳамон ҷазира асту ин ҳам шумо. Бифармоед, шуҷоати худро ба

мо ҳам нишон диҳед.

## ГУРГ ДАР ЛИБОСИ ГӮСФАНД

Гурге ба худ андешид, ки ӯ метавонад бидуни заҳмат ғизо ба даст оварад. Рӯи ин манзур пӯсти гӯсфандеро пӯшиду дар рама худро якҷо сохт. Шубон ҳангоми шаб гӯсфандонро қулф мекард, ки гург ҳам дар байни гӯсфандон буд. Шубон одат дошт, ки шабона меомаду як гӯсфандро барои ғизои фардо мекушт. Иттифоқан, дар он шаб гургро бардошт ва гарданашро бурид.

Чоҳканро чоҳ дар пеш!

## САНГПУШТ ВА УҚОБ

Гӯянд, сангпуште дар соҳили дарёча оҳиста– оҳиста роҳ мерафт. Дар ин вақт мутаваҷҷеҳ шуд, ки парандаҳои баҳрӣ бо чолокӣ ин тарафу он тараф мепаранд. Сангпушт аз мушоҳидаи рафтори худ ва парвози паррандагон мутаассир шуд ва ба онҳо шикояткунон гуфт:

– Ман бисёр бадқисмат ҳастам, ки ҳеҷ кас ба ман дарси парвоз кардан наомӯхт.

Уқобе дар он наздикӣ ба парвоз буд, вақте шикояти сангпуштро шунид, наздик омаду гуфт:

– Агар ман туро тарзи парвоз биомӯзам, ба ман чӣ подоше хоҳӣ дод?

– Агар ту маро парвоз биомӯзӣ, ман тамоми сарвату давлати худро ба ту подош хоҳам дод!

– Дуруст аст, ман қабул дорам ва туро парвоз меомӯзам.

Бинобар ин қарор уқоб ӯро дар чанголҳои худ гирифт, ба ҳаво бурду баъд ӯро аз ҳаво раҳо кард, то парвози ибтидоиро иҷро кунад. Сангпушти бечора сахт бар замин хӯрд ва санги ӯ парча –парча шуд. Бечора, дар ҳоле ки наздик ба марг буд, ба худ гуфт:

– Ман сазои худро дидам. Ман, ки мушкил дар рӯи замин роҳ меравам, чаро ҳаваси парвози абрҳоро дар хаёли худ ҷо диҳам?!

Агар тамоми орзуҳои инсон такмил шавад, эй басо ки

ба табоҳии ӯ хоҳад анҷомид.

## ОҲАНГАР ВА САГАШ

Оҳангар саге дошт. Ин саг, дар вақте ки оҳангар машғули кор мешуд, истироҳат мекард, аммо вақте ки оҳангар машғули хӯрдани ғизо мешуд, саг наздик мерафт ва бо ҳаракат додани думи худ аз соҳибаш тақозои ғизо мекард. Соҳибаш аз ин ҳаракати саг мутаассир шуд ва ба ӯ гуфт:

– Эй нодон, ман вақте заҳмат мекашам, ту роҳат мекунӣ. Аммо вақте сари дастархон мешинам, ту маро бо тақозои беҷои худ замат медиҳӣ. Оё намедонӣ, ки кор сарчашмаи саодат аст ва фақат ононе ҳақ доранд ғизо бихӯранд, ки кор мекунанд.

## ДАРАХТИ БУЛУТ ВА ГИЁҲ

Боди шадиде вазид ва як дарахти бузурги булутро аз по дарафканд, ки рӯи алафзор чаппа шуд, вале вақте назараш ба гиёҳони кӯчак афтод, бо тааҷҷуб аз онҳо пурсид:

Чӣ иллат аст, ки ман бо ин бузургӣ аз шиддати бод бар замин афтодам, аммо шумо бо ин кӯчакӣ ва пояҳои заиф истодаед?

Гиёҳҳо ҷавоб доданд:

– Ту алайҳи бод муқовимат нишон медиҳӣ ва муқобилат мекунӣ, барои ҳамин аз по меафтӣ. Аммо моён дар муқобили бод хам мешавем ва ҳамин ки бод кам шуд, дубора сарбаланду барӯманд ба по меистем.

## ШЕР ВА ДЕҲҚОН

Шере дохили тавилаи деҳқон шуд. Деҳқон ба умеди он, ки шерро асир кунад, дарвозаро баст. Дар вақте шер роҳи наҷотро баста дид, ба чорпоёни тавила ҳамла кард, гӯсфандонро дарид ва гови қулбаи деҳқонро аз по даровард. Деҳқон ба соддагии худ пай бурд ва аз тарси он ки

мабодо ба ӯ ҳамла бирасонад, дари тавиларо боз кард. Шер аз тавила бадар шуд, ба суръат роҳи ҷангалро пеш гирифт. Зани деҳқон, ки шоҳиди ин ҳол буд, ба шавҳарии худ гуфт:

– Хуб шуд, сазои худро ёфтӣ. Ту чӣ гуна ҷуръат мекунӣ, шерро ки овозаш аз фосилаи дур туро метарсонд, дар тавилаи худ нигоҳ дорӣ?!.

## МУШТАРӢ ВА МУҶАССАМАСОЗ

Гӯянд, муштарӣ (харидор) ба ин фикр афтод, то бидонад мардум ба ӯ чӣ аҳамиятеро қоиланд. Рӯи ин амр худро ба шакли инсоне даровард ва ба дӯкони муҷассамасозе дохил шуд.

Харидор ба муҷассамаҳои мухталиф назар меандохт, ки ногоҳ назараш ба муҷассамаҳои Ҷупижер ва Ҷуну афтод. Муштарӣ қимати ҳарду муҷассамаро аз муҷассамасоз ҷӯё шуд. Вақте муҷассамасоз қимати муҷассамаҳоро ба ӯ гуфт, муштарӣ (харидор)

Ба рӯи муҷассамаи худаш назар андохта, гуфт:

– Яқин дорам, қимати ин муҷассама аз ҳама болотар хоҳад буд, зеро харидор тамоми манфиатҳои худро тазмин мекунад?

Муҷассамасоз ҷавоб дод:

– Агар шумо он ду муҷассамаро харидорӣ кунед, муҷассамаи харидорро ба шумо ройгон хоҳам дод.

## РӮБОҲ ВА ЧӮБШИКАН

Рӯбоҳро сагони шикорӣ таъқиб мекарданд. Рӯбоҳ бо суръат медавид, то ки наздики чӯбфурӯше расид. Рӯбоҳ аз чӯбфурӯш дархост кард, то ҷое, ки пинҳон шуда битавонад ба ӯ нишон диҳад. Чӯбфурӯш ба ӯ гуфт:

– Хонаи худам дар ихтиёри шумост. Шумо метавонед дар он ҷо пинҳон шавед.

Рӯбоҳ дар хонаи чӯбшикан пинҳон шуд. Вақте ки марди шикорӣ ба сагҳояш расиданд ва аз ӯ суроғи рӯбоҳро гирифтанд, чӯбшикан бо овози баланд гуфт:

– Ман дар ин ҷо ҳеҷ рӯбоҳе надидаам.

Ва дар айни замон чанд маротиба ба тарафи хонаи худ ишора мекард, то бо ишора ба онҳо бифаҳмонад, ки рӯбоҳ дар он ҷо пинҳон шудааст. Марди шикорӣ ба ишораи ӯ мутаваҷҷеҳ нашуд ва гуфтаи ӯро қабул карда, аз он ҷо рафт.

Вақте шикорӣ дур шуд, рӯбоҳ аз камингоҳ баромаду бидуни ин, ки ба чӯбшикан эътимод кунад, ба роҳи худ идома дод. Чӯбшикан ба рӯбоҳ гуфт:

– Эй ноинсон, ман ҳаёти туро харидам, аммо ту бидуни изҳори як ташаккури мухтасар бо беэътиноӣ аз ман дур мешавӣ?

Рӯбоҳ, дар ҳоле ки ба рафтани худ идома медод, гуфт:

– Яқинан ман аз ту самимона ташаккур мекардам, агар гуфтор ва кирдори ту ягона мебуд!

## ШИКОРӢ, КАБК ВА ХУРӮС

Шикориро гӯянд, ки барои паррандагон дом мениҳод. Рӯзе, ки ҳеҷ шикоре насибаш нашуда буд, барои нони чошт хост аз сабзавот истифода кунад. Дар ҳамин вақт чанд нафар аз дӯстон ғайрчашмдошт ба хонаи ӯ омаданд. Шикорӣ барои он ки мизбони хуб бошад, хост кабки худро бикушад. Кабк ба ӯ узру илтиҷо кард гуфт:

– Агар ту маро бикушӣ, рӯзи дигар чӣ гуна бидуни овози ман шикоре ба даст хоҳӣ овард?

Шикорӣ ҳаёти ӯро бахшида, ба тарафи хурӯси худ рафт то ӯро бикушад. Хурӯс ҳам ба нолаву зорӣ даромада гуфт:

– Агар ту маро бикушӣ, кӣ туро аз омадани субҳ хабар хоҳад дод ва кӣ туро барои корҳои рӯзона бедор хоҳад кард?

Шикорӣ гуфт:

– Гуфтаҳои шумо дуруст аст. Шумо ба ман бисёр муфид ҳастед, аммо рафиқони ман омадаанд ва ман чун як мизбони хуб бояд барояшон ғизо муҳайё кунам!. .

Гар зарурат бувад, раво бошад!

## ХАР ВА СОЯАШ

Мусофире сафари дарозе дар пеш дошт. Тобистон буду офтоб бошиддат метобид. Мусофир хареро аз як нафар кироя кард ва ба роҳ афтод. ҳанӯз фосилаеро тай накарда буданд, ки мусофир шиддати офтобро тоб наёварда, хост лаҳзае истироҳат кунад, вале дар он ноҳия на дарахте буд ва на деворе, ки зери сояи он биосояд. Ночор аз сояи хар истифода кард. Аммо сояи хар кӯтоҳ буду метавонист барои як нафар кифоят кунад. Бо ин ният байни мусофир ва соҳиби хар мунокиша рух дод. Соҳиби хар гуфт: «Дуруст аст, ман хари худро ба ту кироя додам, аммо сояи он ба ман тааллуқ дорад, ки молики аслии он ҳастам». Аммо мусофир мегуфт: «Вақте ман харро кироя кардам, сояи он иловаи он аст».

Бо ин тартиб мунокиша ба муҷодила кашид. Вақте ҳарду баҳам дасту гиребон буданд, хар мавридро ғанимат дониста, аз он ҷо фирор кард.

## ХАРГӮШҲО ВА БАҚҚАҲО

Гӯянд, харгӯшҳо аз буздилии худ мутаассир гардида, бо худ қарор доданд, ки беҳтар аст худро аз як баландии зиёде ба ҳавз андохта, ба ҳаёти худ хотима диҳанд. Вақте ба баландии наздики ҳавз расиданд, то худро ба ҳавз бияндозанд, дидаанд, баққаҳои ҳавз аз овози онҳо тарсида ба ҳар тараф пинҳон шуданд. Дар ҳамин вақт яке аз харгӯшҳо фарёд кард:

– Таваққуф кунед ва ба ҳаёти худ хотима надиҳед, зеро намебинед, ки баъзе мавҷудоте вуҷуд доранд, ки ҳатто аз мо метарсанд!

## МӮРЧА ВА КАБӮТАР

Мӯрчае аз ташнагӣ ба ҷон омада буд, наздики ҳавзе

рафт, то об бинӯшад. Тасодуфан пои мӯрча лағжиду дар об афтод. Наздик буд мӯрчаи бечора ғарқ шавад, ки кабӯтаре аз болои дарахте, ки рӯи ҳавз соя меандохт, мутаваҷҷеҳи ӯ шуд. Кабӯтар баргеро аз дарахт ба минқор канду наздики мӯрча андохт. Мӯрча ба рӯи барг боло шуд ва ба ин тартиб аз марг наҷот ёфт.

Ҳанӯз лаҳзае нагузашта буд, ки як шикорӣ кабӯтарро диду хост ӯро ҳадафи тири худ созад. Мӯрча матлаби шикориро дарёфта, ба ӯ наздик шуда, пои ӯро чунон сахт газид, ки тири ӯ ба хато рафт ва бо ин тартиб кабӯтар парвоз карду ҷон ба саломат бурд.

Накӯӣ аз байн намеравад!

## ШОДӢ (МАЙМУН) ВА МОҲИГИР

Моҳигире аз моҳигирӣ хаста шуда ва дар ҳоле ки ҷоли (тӯр) худро дар соҳил гузошта буд, худаш ба хона рафт. Шодӣ дар он навоҳӣ болои дарахте нишаста, ҳаракати моҳигирро таъқиб мекард. Вақте дид моҳигир дур шуд, аз дарахт поин омада, ҷолро ба дарё андохт. Вале шодӣ ҳам ба ҷол банд шуда, ба дарё рафт. Шодӣ дар он лаҳзаҳои охири зиндагӣ ба худ гуфт:

– Сазои худро ёфтам. Ман чӣ ҳақ доштам, дар ҳоле ки ҳеҷ гоҳ ҷолеро дар даст нагирифтаам ба шавқи моҳигирӣ биафтам!

## ГУРГ ВА РӮБОҲ

Гургеро гӯянд, ки қуввати бузургиву суръати рафтори ӯ аз дигар гургон зиёдтар буд. Гургони дигар ин гурги қавиро бо номи «Шер» ёд мекарданд. Гург, ки ҷуссаи бузург, вале ақли бисёр кам дошт, бо худ фикр кард, ки ӯ воқиан Шер аст. Ба асоси ин фикр аз ҳалқаи гургони ҳамнавъ ҷудо шуду хост ба шерон якҷоя зиндагӣ кунад. Рӯбоҳи пире аз дидани ин воқиа сари худро ҳаракат дода, ба ӯ гуфт:

– Ғуруру худфиребӣ набояд туро ин қадар масхара бисозад. Зеро ту воқеан дар байни гургон монанди Шер маълум мешавӣ, аммо дар байни шерон ҷуз гурги нотавон нестӣ.

## РӮБОҲ ВА АНГУР

Рӯбоҳи гуруснаеро бар токе назар афтод, ки хӯшаҳои пухтаву рангини ангур дошт. Вале чун боғбон токро поя дода буданд, хӯшаҳои ангур аз андозаи қади рӯбоҳ бисёр баланд буданд. Рӯбоҳ ҳар найрангеро ки ёд дошт, ба харҷ дод, то аз он ангурҳо истифода кунад, аммо худро беҳуда мондаву хаста сохт. Вақте аз ба даст овардани ангур ба куллӣ маъюс шуд, бо худ гуфт:

– Оҳ, ин хӯшаҳои ангур туршу бадмазза аст!. .

## САГҲО ВА РӮБОҲ

Иддае аз сагҳо пӯсти шереро ба даст оварда, онро бо дандонҳои худ пора– пора мекарданд. Рӯбоҳе онҳоро диду гуфт:

– Агар ин шер зинда мебуд, шумо ба хубӣ мутаваҷҷеҳ мешудед, ки чанголҳои ӯ қавитар аз дандонҳои шумост.

## РӮБОҲ ВА ШОДӢ

Рӯбоҳе бо як шодӣ ҳамасафар шуд. Дар аснои роҳ ба қабристоне расиданд, ки ба ҳар қабри он лавҳаҳо истода буд. Шодӣ (маймун) ба рӯбоҳ гуфт:

– Тамоми ин лавҳаҳоро, ки мебинӣ, бо ифтихори аждоди ман касб шудааст, зеро аждоди ман дар вақти худ мардумони озодманиш ва роҳбарони маъруфу бузург будаанд.

Рӯбоҳ дар ҷавоб гуфт:

– Шодии азаз, мавзӯи дурӯғи худро хеле моҳирона интихоб кардӣ, зеро ман яқин дорам, ки аждоди ту сар

аз хок нахоҳанд бардошт, то гуфтаҳои туро тасдиқ намоянд.

## ЗОҒ ВА КАБӮТАРОН

Зоғеро назар ба дастае аз кабӯтарон афтод, ки соҳибашон донаи зиёда парешон андохта буд. Зоғ фавран болу пари худро ранги сафед додаву дохили хели кабӯтарон шуд. Зоғ то вақте ки хомӯш буд, кабӯтарон ӯро ҷинси худ гумон мекарданд. Аммо рӯзе зоғ вазъи худро фаромӯш карда, бо садои баланд ба коғ– коғ шурӯъ кард. Кабӯтарон фавран зоғро шинохта, бо минқорҳои худ ӯро аз хели худ берун карданд. Зоғ вақте дид дар байни кабӯтарон зиндагӣ наметавонад, дубора ба дастаи зоғон паноҳ бурд. Аммо зоғон ба нисбати пару боли сафедаш ӯро нашинохта, ба галаи худ роҳ надоданд.

## РОСУ (МИРИ МУШОН) ВА МУШ

Росуе ба нисбати заъфи пирӣ наметавонист мушҳоро монанди рӯзгори гузашта шикор кунад. Лиҳозо худро ба шакли мурда дар як гӯшаи торикӣ пинҳон кард. Муше аз ғор бадар шуд ва ӯро ғизо тасаввур карда, болои ӯ баромад. Росу ӯро фавран гирифт ва туъмаи худ сохт. Ба ҳамин тартиб чандин мушро яке баъди дигаре балъид. Дар охир муши пире, ки аз чандин дом ҷон ба салдомат бурда буд, ҳаракати росуро аз дур таъқиб намуда, бо овози баланд ба ӯ гуфт:

– Ман туро хуб мешиносам. Эй кош, ту воқиан бимирӣ, то мо аз шарри ту наҷот ёбем.

## ХАРУ ГУРГ

Харе дар яке аз марғзорҳо ба чаро машғул буд. Ногоҳ дид, гурге ба тарафи ӯ меояд. Хар фавран бо

ҳилла лангон– лангон ба роҳ рафтан шурӯъ кард. Гург наздик омад ва аз ӯ иллати лангиро пурсид. Хар гуфт, ки дар яке аз кишзорҳо хори бузурге ба пояш фурӯ рафтааст. Ва баъд аз гург хоҳиш кард, то хорро аз пояш берун кашад , вагарна мабодо дар вақти хӯрдан хар ба гулӯи гург банд бимонад. Гург қабул кард. Хар пои худро баланд бардошт ва гург тамоми ҳаваси худро мутаваҷҷеҳи ин сохта буд, то хорро пайдо кунад. Дар ҳамин вақт хар мавқеъро ғанимат шумурда, чунон лагади маҳкаме бар даҳони гург зад, ки дандонҳои ӯ фурӯ рехтанд ва худаш аз он ҷо фирор кард. Гург бо даҳони хунолуд ба худ гуфт:

– Сазои худро ёфтам. Ман чаро вазифаи муолиҷа ва табобатро ба ӯҳда бигирам, дар ҳоле ки падарам ба ман қассобӣ ва кушторн дарс додаст.

## ПАРАНДАИ МОҲИХӮР ВА КАБӮТАР

Парандаи моҳихӯреро гӯянд, моҳии бисёр бузургеро гирифта, мехост онро бибалъад. Моҳӣ ки бисёр бузург буд, ар гулӯи моҳигир банд шуда, роҳи нафасро ба ӯ баст. Моҳихӯр бар лаби дарё мушарраф ба марг буд, ки кабӯтаре ӯро дида фарёд кард:

– Бисёр хуб шуд, ки сазои худро ёфтӣ. Маро як парандаи ҳаво ғизои худро аз дарё тақозо кунад!

## ДЕҲҚОН ВА РӮБОҲ

Деҳқон, ки чӯҷаи мурғҳои ӯро рӯбоҳе ҳамеша медуздид, дар паи интиқом шуд. Рӯзе рӯбоҳро ба дом андохт ва барои он ки аз ӯ интиқом кашида бошад, думи рӯбоҳро бо равған чарб карда, онро оташ зад. Рӯбоҳ фарёдкунон гурехт ва тасодуфан ба киштзоре, ки деҳқон хӯшаҳои худро хирман карда буд, дохил шуд. Хирмани деҳқон оташ гирифт ва деҳқон натавонист дар он сол

ҳосил бардорад. Бисёр парешону ғамгин гардид.

## ШОДИҲОИ (МАЙМУНҲОИ) БОЗИНГАР

Гӯянд, шахсе як даста аз шодиҳоро (маймунҳоро) барои бозӣ ба рақс тартиб карда буд. Шахсе онҳоро либосҳои мақбул пӯшонда, дар маҷолисе барои рақс мебурд, то ҳозирон забон ба таърифи онҳо бикушоянд. Яқинан, шодиҳо ба ҳадде моҳир буданд, ки касе наметавонист онҳоро аз инсонҳо фарқ кунад. Рӯзе яке аз ҳозирон як мушт бодомро аз ҷайб кашида, ба рӯи саҳна андохт.

Шодиҳо аз дидани бодом рақсро фаромӯш ва либосҳои худро пора карда, барои ҷамъ кардани бодом бо ҳамдигар ба ҷанг машғул шуданд. Бо ин тартиб маҷлис бо хандаву тамасхур хотима ёфт.

Зоҳир шахсиятро тағйир намедиҳад!

## РӮБОҲ ВА ПАЛАНГ

Рӯбоҳ ва паланг бо ҳам мубоҳиса доштанд, ки кадом яке аз онҳо зеботар аст. Паланг барои исботи ин иддао, ки худаш зеботар аст, ба тарафи холҳои пӯсти худ ишора карда, гуфт:

– Оё ҳамин кофӣ нест, ки ман нисбат ба ту зеботарам?

– На, ман аз ту зеботарам, зеро ман зебоии ҷилд надорам, вале хубию бартарии ақли ман собит аст.

## МУШ ВА БАРЗАГОВ

Муше барзаговеро газид. Барзагов аз шиддати дард ба ғазаб омада, кӯшид то мушро ба даст орад. Вале муш дар сурохии девор пинҳон гардид. Гов аз қаҳри бисёр шохи худро ба девор фурӯ мекард. Пас аз он ки бисёр хаста шуд, дар паҳлуи сурохии муш хобид. Муш аз сурохӣ кала кашид ва дид, ки гов назди сурохӣ хобида-

аст. Аз сурохӣ берун шуд ва дубора говро газида, фавран пинҳон шуд. Гов аз ҷой бархост ва аз қаҳр намедонист чӣ кор кунад. Дар ҳамин вақт муш оҳиста садо кард: «Соҳибони қувват ҳамеша ғолиб нестанд, гоҳе заифон ҳам метавонанд бузургонро шиканҷа кунанд».

## ДУ БАҚҚА

Ҳавзе, ки дар он ду баққа зиндагӣ мекарданд, аз асари гармӣ хушкид ва баққаҳо маҷбур шуданд ҷои дигаре биравананд. Вақте наздики чоҳи амиқе ки оби кофӣ дошт, расиданд, яке аз онҳо гуфт: «Беҳтар аст дар ҳамин ҷо иқомат кунем, чӣ ин чоҳ ҳам, ба мо ғизо хоҳад дод ва ҳам паноҳгоҳ хоҳад буд».

Баққаи дувумӣ бо эҳтиёти бештар гуфт: «Дуруст аст, аммо агар фаразан ин чоҳ ин қадар дилхоҳ набуд, мо чӣ гуна хоҳем тавонист аз ин чоҳи амиқ бадар оем?»

## ШУТУР ВА АЪРОБӢ

Аъробиеро гӯянд, ки чанд шутуре дошт барои боркашӣ. Рӯзе шутурҳои худро хуб бор карда ва баъд аз онҳо пурсид, ки ба кадом роҳҳо барои сафар роҳ пеш бигирад. Оё роҳи болои кӯҳро таъкид кунанд ва ё роҳи домани кӯҳро. Шутурҳои бечора маъқулона ҷавоб доданд:

– Чаро аз мо мепурсӣ? Оё роҳи саҳро баста шудааст?

## МОҲИГИР ВА МОҲИИ КӮЧАК

Моҳигире ба дарё рафт ва бо вуҷуди заҳмати зиёд фақат як моҳии кӯчакеро гирифту бас. Моҳӣ ба ғарази раҳоии худ гуфт:

– Ҷаноб, ман ҷуз луқмаи кӯчаке беш нестам, лутфан маро вопас ба дарё бияндозед, зеро ман ба зудӣ моҳии бузурге мешавам, ки шоистаи дастархони шумо бошам.

Моҳигир дар ҷавоб гуфт:

– Ман он қадар аҳмақ нахоҳам буд, ки ҳосили имрӯзаро ба умеди фардо аз даст диҳам.

## ДУХТАРИ ШИРФУРӮШ

Духтари ширфурӯшеро ҳикоят кунанд, ки сатили пур аз ширро барои фурӯш аз деҳкада ба бозор мебурд. Ҳанӯз фосилаи зиёдеро тай накарда буд, ки ба чунин таҳайюлоти дуру дарозе афтод: «Ба қимати ин шир сесад дона тухм мехарам. Ин сесад дона тухм яксаду панҷоҳ чӯҷа медиҳад. То вақте ки ин чӯҷаи мурғҳо калон мешаванд, қимати онҳо ҳам баланд меравад ва ман мурғҳои худро ба қимати зиёд фурӯхта, барои худ беҳтарин либос таҳия мекунам. Ин либосро ба рӯзи ид пӯшида ва дар он ҷое, ки ҷавонони деҳкада гирд меоянд, меравам. Вақте ҷавонон маро бо ин либосҳои бисёр мақбул бубинанд, ҳар яке аз онҳо ба ман наздик шуда ва хоҳиш мекунанд, ки бо онҳо издивоҷ кунам. Вале ман хоҳиши ҳар яке аз онҳоро рад карда, бо таннозии махсус сари худро ба унвони ҷавоби не ҳаракат медиҳам».

Духтарак дар ҳамин вақт сари худро ба ин тарафу он тараф гардонд. Ҳамин буд, ки сатили шир аз сараш поин афтод ва бо ин тартиб тамоми хаёлоти ширини ӯ аз байн рафт.

## ДЕҲҚОН ВА САГҲО

Зимистони шадид буд. Барфу тӯфони бод ҳар касро маҷбур сохта буд ба гӯшае паноҳ барад. Деҳқоне низ дар хонаи худ маҳсур шуд. Деҳқон барои ноштои худ маҷбур шуд аввалин бузҳои худро бикушад. Баъдтар ба куштани гӯсфанди худ шурӯъ кард. Вале тӯфон ба ҳамон шиддат ҷараён дошт. Билохира, деҳқон гови қулбаи худро берун кашид ва сар бурид. Вақте сагҳояш ин ҳолро диданд, ба худ гуфтанд:

– Ҳоло беҳтар аст аз ин ҷо фирор кунем, зеро соҳиби

мо, ки аз куштани гови қулбаи худ дареғ накард, мо чӣ гуна метавонем аз ҳаёти худ умед бандем?

Он кӣ дӯстони хешро меозорад, эътимодро нашояд.

## ЧАРОҒИ КАРАСИНӢ

Гӯянд, ки як чароғи карасинӣ, ки дар он карасин зиёд афтода буд, бисёр равшан месӯхт. Чароғи карасинӣ аз равшании худ мағрур шуда, гуфт:

– Равшании ман аз равшании офтоб зиёдтар аст.

Дар ин вақт шамоли тунд вазид ва чароғи карасиниро хомӯш сохт. Соҳибаш чароғи карасиниро дубора равшан карду гуфт:

– Бисёр лоф назан, зеро заифтарин ситорарo ҳам шамол хомӯш карда наметавонад.

## ШЕР, ХИРС ВА РӮБОҲ

Шеру хирсе дар яке аз биёбонҳо бузғоларо танҳо ёфтанд. Ҳарду барои гирифтани бузғола бо ҳам он қадар ҷангиданд, ки бо ҳоли заиф даромада ва дар сояи дарахте бо камоли нотавонӣ орамиданд. Рӯбоҳе, ки онҳоро таъқиб мекард, аз тарс наздик шуда наметавонист. Дид, ки шеру хирс ба ҳоли заиф афтодаанду бузғола ҳам дар он ҷо истода ва аз хавфи зиёд ҳаракат карда наметавонад. Рӯбоҳ аз мавқеъ истифода карду бузғоларо, дар ҳоле ки шеру хирс медиданд, даррабуду рафт. Шеру хирс аз дидани ин манзара оҳ кашида гуфтанд:

– Вой ба ҳоли мо, ки ин қадар ҷангидем, вале тамоми заҳмати мо ба фоидаи рӯбоҳ анҷом ёфт.

## МУСОФИР ВА БАХТ

Мусофиреро ҳикоят кунанд, ки бисёр хаста шуда, аз ғояти ташнагӣ ба суръат роҳ мепаймуд, то ки обе пайдо кунад. Вақте обро намеёфт ҳар лаҳза бахти худро маломат мекард. Билохира, чоҳе аз дур намоён шуд, мусофир на-

здик рафт. Об нӯшид ва аз ғояти хастагӣ дар назди чоҳ хоб рафт. Дар ҳамин вақт бахт ӯро аз хоб бедор карда, гуфт:

– Лутфан аз хоб бархезед, шумо бисёр ба чоҳ наздик ҳастед, мабодо дар чоҳ афтед, он вақт шуҳрати ман назди мардум хароб мешавад. Зеро инсонҳо одат доранд, ки мусибати худро ба ман нисбат медиҳанд, дар ҳоле ки аксаран масъули ҳаводиси ногувор худашон мебошанд.

## МУҶАССАМАФУРӮШ

Шахсе муҷассамаи чӯбини Аторудро сохта ба бозор ба фурӯш бурд. Вақте дид касе барои харидани он пайдо нашуда, кӯшид мардумро ба василае ҷалб намояд. Рӯи ин манзур бо овози баланд гуфт:

– Ман мехоҳам муҷассамаро бифурӯшам, агар онро хариданӣ бошед, Аторуд барои шумо дарвозаҳои сарвату саодатро мекушояд ва шуморо мамнун месозад.

Марде аз миёни мардум ба муҷассамафурӯш гуфт:

– Агар гуфтаи ту ҳақиқат бошад, пас ту чаро онро мефурӯшӣ?

– Чаро ки ман ба кӯмаки фаврӣ зарурат дорам, вале кӯмаки Аторуд ва хизонаи ӯ дертар мерасад.

## САГ, ХИРС ВА РӮБОҲ

Сагу хирсе ба ҳам дӯст буданд. Бо асоси мувофиқа ҳар ду якҷо сафар карданд, то ин ки шаб ба наздики дарахти бузурге расиданд. Хурӯс ба болои шохае нишаст ва саг дар сурохи бузурге, ки дар танаи дарахт буд, ба истироҳат пардохт. Вақте субҳ наздик шуд, хурӯс ба азон хондан шурӯъ кард. Рӯбоҳе овози ӯро шунида омад, то хурӯсро туъмаи худ кунад. Рӯбоҳ дар поини дарахт истода, гуфт:

– Ман чӣ қадар орзу дорам, бо касе монанди ту овози дилнишине дошта бошад, ошноию дӯстӣ қоим кунам.

Хурӯс ҳиллаи ӯро дарёфт ва ба ӯ гуфт:

– Лутфан ба он тарафи дарахт биравед ва хизматгори

маро, ки дар он ҷо хобидааст, бедор кунед, то дарвозаро барои шумо боз кунад, ки наздики ман биёед.

Ба муҷарраде, ки рӯбоҳ ба сурох рафт, саг фавран бар ӯ ҳамла кард ва ӯро пора– пора сохт.

## ПИШАК ВА ЗУҲРА

Гӯянд, пишаке бар ҷавоне ошиқ шуд ва аз Зуҳра хоҳиш кард, то ӯро ба сурати духтари мақбуле дарорад, ки ба ҷавон арӯсӣ кунад. Зуҳра хоҳиши ӯро қабул кард ва ӯро ба сурати духтари зебо даровард. Ҷавон ошиқи ӯ шуд ва ӯро хонуми худ сохт. Дар ҳоле ки зану шавҳар айни машғули муошиқа буданд, Зуҳра ба худ фикр кард, ки беҳтар аст бидонад, оё пишак одати худро тағйир додаст ё не? Ба ин мақсад мушеро дар хонае, ки онҳо масруфи хушӣ буданд, фиристод. Хонум ба муҷаррради дидани муш ҳама чизро фаромӯш карда, ба тарафи муш давид ва хост онро нӯши ҷон кунад. Зӯҳра аз мушоҳидаи ин вазъ барошуфт ва ӯро дубора ба шакли пишак даровард.

## УҚОБ ВА ЗАҒАН

Уқобе, ки аз танҳоӣ ранҷ мебурд, ба хотири ғамгин ба шохи дарахте нишаст, ки заған нишаста буд. Заған сабаби ғамгинии ӯро пурсид. Уқоб гуфт:

– Чаро ғамгин нашавам? Муддати зиёде аст, ки мехоҳам барои худ ҳамсаре интихоб кунам, вале намеёбам.

– Ман ҳозир ҳастам ҳамсари ту бошам ва инро ҳам яқин дошта бош, ки ман нисбат ба ту бисёр қавитар ҳастам.

– Оё ту метавонӣ бо шикори худ ба ҳардуи мо ғизо таҳия кунӣ?

– Чаро не? Ман борҳо мурғро бо худ бардоштаам.

Уқобро аз ин таъриф табъ хуш шуд ва ба ӯ арӯсӣ кард. Рӯзе ба ӯ гуфт, ки биравад шикоре ба даст орад.

Заған рафт ва баъд аз муддате як муши мурдаро назди уқоб овард. Уқоб аз дидани муши мурда рӯро ба тарафи заған оварда, гуфт:

– Оё ҳамин аст филмурғе, ки ваъда карда будӣ шикор мекунӣ?

– Барои он ки ҳамсари шоҳи паррандагон бошам, лозим буд ҳар гуна ҷонфишонӣ ва эсорро ва ваъда бидиҳам, вале медонистам, ки бо вуҷуди фидокорӣ ба ваъдаҳои худ вафо карда нахоҳам тавонист.

## УҚОБ ВА ДЕҲҚОН

Марди деҳқоне уқобро дошта, фавран болу пари ӯро қатъ кард ва ӯро бо мурғони хонагӣ якҷо сохт. Уқоб аз ин вазъ бисёр ғамгин буд. Рӯзе ҳамсояи деҳқон уқобро харидорӣ кард ва ӯ мувозинат кард, то болҳояш дубора нумӯъ кунанд. Вақте болҳои уқоб нумӯъ кард, уқоб парвоз карда рафт ва харгӯшеро дар чангол гирифта овард, то ба соҳиби дувуми худ ҳадя дода, эҳсони ӯро адо кунад. Рӯбоҳе шояд ин ҳолро дида буд, ба уқоб гуфт:

– Соҳиби дувуми ту марди беозор аст. Ту беҳтар аст ин ҳадяро ба соҳиби авали худ бибарӣ. Зеро мумкин аст ӯ дубора туро ба даст оварад ва боз болҳои туро қатъ кунад.

## МУСОФИР ВА БАҲР

Марде ба сафари дарё рафт. Дафъатан дар дарё тӯфоне шуд, кишти шикаст ва мусофир дар ҷазира афтод. Мусофир ба хоби ширине фурӯ рафт ва пас аз он ки бедор шуд, баҳрро маломат карда, гуфт:

– Ту чӣ қадар фиребкорӣ, ки мардумро ба замини ором ва вазъи мулоимии худ ба сафари баҳр ташфиқ мекунӣ, вале ҳамин ки ба ҳаракат шурӯъ кард, тӯфоне мешавӣ ва мардумро ғарқ мекунӣ.

Гӯянд, дарё хомӯширо ихтиёр кард ва дар ҷавоб гуфт:

– Азизам, ту маро маломат кунӣ, ман нисбатан бисёр

ором ва мулоим ҳастам, вале он чӣ маро тӯфон месозад, тамоми баҳрҳост, ки маро нороҳат сохта, мунқалаб мегардонанд.

## БАРРА ВА ГУРГ

Гурге барраеро таъқиб мекард. Барра аз тарси гург ба як хонаи деҳотӣ боло шуд. Гург ӯро садо зад:

– Ту беҳтар пеши ман биё, зеро деҳотӣ туро қурбонӣ хоҳад кард.

Барра дар ҷавоб гуфт:

– Беҳтар аст бо дасти деҳотӣ қурбонӣ шавам, то ин ки тӯъмаи ту нагардам.

## ДУ ҚОТИР (ХАЧИР) ВА ДУЗДҲО

Ду қотирро соҳибашон бар сафар баромад. Яке аз ин қотирҳо тилло бор шуда буд, бо ғурури хосе роҳ мерафт, медонист бори ӯ қиматбаҳост. Аммо қотири дигар ба ҳоли оддӣ дар ҳаракат буд. ҳанӯз бисёр роҳ нарафта буд, ки дастае аз дуздон бар онҳо ҳамла оварданд. Соҳибашон мехост, ки қотиреро ки дар он тилло буд, ҳимоя кунанд. Бо дуздон дастугиребон шуд. Дуздон дар вақти ҳарб қотири тиллодорро гирифтанд. Қотири тиллодор, ки бар замин афтода буд, аз бадқисматии худ шикоят мекард. Қотири гандумдор гуфт:

– Ман хуш ҳастам, зеро ҳаракати ту таҳқиромез буд. Ман, ки мағрур набудам, на чизе аз даст додаму на захмӣ шудам.

## ШУТУР ВА ҶУПИТЕР

Гӯянд, ки дар замонҳои қадим шутур бо андозаи ҷисми қавиву бузурги худ гӯшҳои бузург ҳам дошт. Рӯзе шутур гавазнеро дид, ки дорои шохҳои қавиву мақбул аст. Шутур аз надоштани шохҳо шикоят кард. Ҷупитер аз носипосии шутур мутаассир шуд, ки чаро шутур, бо

вуҷуде, ки андоми қавӣ ва бузург дорад, шикоят мекунад. Ба ҳамин иллат на танҳо хоҳиши шутур падид нашуд, балки андозаи гӯшҳои ӯ ҳам кӯчактар гардид.

## МАРДИ БЕМӮ ВА ПАШША

Пашшаеро гӯянд бар сари марди бемӯе нишаст ва ӯро газид. Марди бемӯ мувофиқи маҳкаме ба сари худ зад, то пашшаро бикушад. Пашша бо тамасхур гуфт:

– Бо як газидани ҳайвони кӯчаке монанди маро бикушӣ, ҳоло худат, ки қафоқи маҳкаме бар сари худ дорӣ, чӣ муомилае хоҳӣ кард?

Мард ҷавоб дод:

– Ман худро мебахшам, зеро нияти ман дар бораи ҷисми худам бад набуд. Аммо чӣ қадар хуш мешудам монанди ту як махлуқи ҳақирро, ки хуни маро макидӣ, кушта метавонистам.

## БУЗҲОИ МОДА ВА РИШИ ОНҲО

Бузҳои мода аз Ҷупитер хоҳиш карданд, ки онҳо низ монанди бузҳои нар риш дошта бошанд. Вақте хоҳиши онҳо қабул шуд, бузҳои нар аз ин бузҳои мода дар ҳайсият баробар шуда, шикоят карданд. Чупитер дар ҷавоби онҳо гуфт:

– Аз ғурури беҷо ва миёнхолӣ бигрезед, онҳо танҳо бо доштани риш бо шумо баробар намешаванд, зеро қуввату диловарии шумо аз онҳо бештар аст.

## МОР ВА СӮҲОН

Море гурусна буд ва ба дӯкони оҳангаре дохил шуд. То магар чизе барои хӯрдан пайдо кунад. Дар ин вақт бар сӯҳони оҳангар афтод. Вақте хост онро бихӯрад, сӯҳон ба ӯ гуфт:

– Ту, ростӣ, беақл ҳастӣ, ки чунин кӯшиши беҷо

мекунӣ. Оё намедонӣ, ки одати ман он аст, то аз дигаре чизе барои худ биситонам, бидуни ин ки аз худ чизе ба дигаре диҳам.

## ШЕР, ҶУПИТЕР ВА ФИЛ

Шереро ҳикоят кунанд, ки аз шикоятҳои зиёд Чупитерро хаста сохт. Ӯ ҳамеша шикоят карда мегуфт:

– Дуруст аст, ки ман қавитарин ва мақбултарини ҳайвонот ҳастам. Ҳеҷ ҳайвоне тоби дандонҳои тезу чанголҳои пурқуввати маро надорад. Вале мусибате бештар аз ин аст, ки ман бо тамоми ин ҳама қуввату қудрат боз ҳам аз овози хурӯсе ҳаросон мешавам.

Чупитер ҷавоб дод:

– Эй шер, шикояти беҷо хуб нест. Ту бояд ба ҳама ҳайбюате, ки ба ту дода шудааст, шукр кунӣ, на ин ки аз танқисии кӯчаке шикоят кунӣ.

Бо вуҷуди он, шер аз шикоят даст накашид. Худро буздил ҳисоб карда, аз чунин зиндагӣ маргро беҳтар медонист. Баъд аз чанде дид филе аз навоҳӣ мегузарад. Шер назди ӯ рафт, то бо ӯ суҳбат кунад. Вале дид, ки фил гӯшҳои худро қат карда, ҳаракат мекунад. Вақте шер аз ӯ ҳаракат додани гушҳояшро пурсид, фил ҷавоб дод:

– Оё ин ҳайвони кӯчакеро, ки пашша ном дорад, мебинӣ? Агар ин пашша ба гӯши ман дохил шавад, ҷуз мурдан чора надорам.

Дар ин вақт шер ба худ гуфт:

– Вақте чунин як ҳайвони бузурге аз як пашшаи кӯчаку нотавон битарсад, дигар шикояти ман бемаврид аст. Зеро хурӯс бузургтар ва қавитар аз пашша аст!

## ХАР ВА АСП

Харе аз як асп хоҳиш кард, ки ба ӯ каме коҳ бидиҳад. Асп гуфт:

– Бисёр хуб, баъд аз он ки ман сер шудам, агар чизе боқӣ монад, барои он ки олиҳиммат ҳастам, онро хоҳам

дод. Агар шаб ман дар тавилаи худ рафтам ва туро дар он навоҳӣ дидам, як халта ҷавро ҳам ба ту мебахшам.

Хар дар ҷавоб гуфт:

– Ташаккур, ман тасаввур намекрадам, ки касе акнун аз як мусоидати бисёр ночизе дареғ мекунад, рӯзе ба ман кӯмаки бузург мекунад.

## ШЕР ВА ШУБОН

Шере дар ҷангале роҳ мерафт. Ногоҳ хори бузурге ба пои ӯ дохил шуд. Шер аз дард бисёр ба танг омада, назди шубоне рафт ва аз ӯ ёрӣ хост. Шубон пои ӯро баланд карда, хорро аз пои ӯ берун кард. Шер аз дард раҳоӣ ёфт ва ба тарафи ҷангал рафт. Дере нагузашта, ки шубон ба ҷурме мутаҳам гардид. Ҳукм шуд, то шубонро ба назди шер бигзоранд. Дар ин вақт шере, ки шубон ба ӯ эҳсон карда буд, уро диду ба тарафи ӯ омад ва пои худро ба асари дӯстиву муҳаббат ба сари зонуи шубон гузошт. ҳоким аз дидани ин вазъ ҳам шерро озод кард ва ҳам аз зулми шубон даргузашт.

## САРВАТМАНД ВА РАНГМОЛ

Сарватманде дар ҳамсоягии рангмоле сукунат дошт. Сарватманд аз бӯи тези рангҳо ба сутӯҳ омада, болои рангмол фишор овард, то хонаи худро тарк бигӯяд. Рангмол ба баҳонаи имрӯзу фардо сарватмандро ваъда медод, вале то муддати зиёде аз хона берун нашуд. Сарватманд оҳиста– оҳиста ба бӯи ранг одат кард ва дигар аз бӯи бад шикоят намекард.

## УЛОҒ (ХАР) ВА СОҲИБАШ

Улоғеро соҳибаш болои кӯҳе ба роҳ андохта буд. Улоғ дафъатан ба наздикии парришгоҳи кӯҳ рафта ва хост худашро поин андозад. Соҳибаш аз думи ӯ гирифта

кашид, то ӯро аз афтидан наҷот диҳад, вале улоғ мекӯшид худро поин бисозад. Соҳиби улоғ аз аҳмақии улоғ ба ҷон омада, ӯро раҳо кард ва гуфт:

– Хуб аст дар ин мусобиқа ту фотеҳ шудӣ, вале ин фатҳ ба табоҳии ту меанҷомад.

## МУСОФИР ВА ДАРАХТИ ЧИНОР

Ду мусофир дар ҳарорати тобистон хаста ва зилла роҳ мерафтанд. Билохира, дигар тоби гармӣ ва хастагӣ наёварда, зери сояи чиноре роҳат карданд. Яке аз онҳо ба тарафи чинор нигоҳ карда, гуфт:

– Дарахти чинор ин дарахти бефоида аст. На мева медиҳад ва на кори фоида мерасонад.

Чинор аз ин изҳория мутаассир шуда, ҷавоб дод:

– Ин ту ҳастӣ, ки дар сояи сари ман истироҳат дорӣ ва дар айни замон маро бефоидаву бесамар меномӣ?

## ЗОҒ ВА ГӮСФАНД

Зоғе дар пушти гӯсфанде нишаст ва муддати зиёде дар он ҷо боқӣ монд. Гӯсфанди бечора маҷбур буд ӯро аз ин тараф ба он тараф барад. Билохир гӯсфанд ба зоғ гуфт:

– Агар ту бо саге ин равияро мекардӣ, ӯ туро бо дандонҳои тези худ пора– пора мекард.

Зоғ дар ҷавоб гуфт:

– Ман медонам, ки дар муқобили зӯриву заифӣ чӣ равияеро пеш гирам, ба ҳамин сабаб умри дарозе насиби ман мегардад.

## ШИКОРӢ ВА КАБК

Як нафар шикорӣ кабкеро асир кард. Кабк аз арз хоҳиш кард, ки шикорӣ ҳаёти ӯро бубахшад. Бар илова кабк ваъда дод, ки агар шикорӣ аз куштани ӯ сарфи назар кунад, ӯ қисми зиёде аз кабкҳоро бо баҳонае шикори ӯ хоҳад кард. Шикорӣ гуфт:

– Ҳамин ҷурм барои куштани ту кофӣ аст. Зеро ту барои ҳифзи ҳаёти худ мехоҳӣ дӯстону ақрабои худро фиреб бидиҳӣ.

## РӮБОҲ ВА БУТТАИ ПЕЧАК

Буттаи ошиқи печаке болои буттаи гуле худро часпонда буд. Рӯбоҳе, ки аз он навоҳӣ мегузашт, пояш лағжид, вале хост аз буттаи ошиқи печак гирифта, худро аз афтодан наҷот диҳад. Аммо рӯбоҳ афтод ва каме афгор шуд. Рӯбоҳ аз буттаи ошиқи печак шикоят кард, ки чаро дар вақти зарурат аз ӯ ҳимоят накард. Буттаи ошиқи печак дар ҷавоб гуфт:

– Ман намедонистам дар байни табақаи рӯбоҳ ҳам аҳмақ пайдо мешавад. Ту чӣ тавр аз касе ки худаш ба кӯмаки дигаре эҳтиёҷ дорад, кӯмак мепурсӣ?. .

## САГ ВА САДАФ

Сагеро ҳикоят кунанд, ки ҳамвора тухми мурғҳои ҳамсояро дуздӣ карда мехӯрд. Рӯзе садаферо дид ва онро тухм тасаввур карда, фавран балъид. Дере нагузашта, дарди бисёр сахтеро дар меъдаи худ эҳсос кард ва ба иштибоҳи худ пай бурд. Саг дар ҳоле, ки аз шиддати дард менолид, ба худ гуфт:

– Ростӣ, ман сазои худро дидам. Ман набояд ҳар чизеро, ки гирд бошад, тухм тасаввур кунам!

## ДЕҲҚОН ВА ПАШША

Деҳқоне, ки аз газидани як пашша ба ташвиш буд, билохира ӯро гирифту гуфт:

– Ту кистӣ, ки ин қадар ҷуръат карда хуни маро мемакӣ ва маро заҳмат медиҳӣ?

– Оқо, лутфан аз куштани ман сарфи назар кунед. Ман пашшаи кӯчак ҳастам ва зарари ман ҳам ба шумо он қадар муҳим нест, ки сабаби куштани ман шавад.

Деҳқон бо ханда гуфт:

– Ту ҳатман бояд кушта шавӣ, зеро бадӣ кӯчак бошад ё бузург қобили авф нест.

## НИҲОЛИ ГУЛОБ ВА МУРПОН

Ниҳоли мурпоне аз дидани гулҳои гулоб ва зебоиҳои он дар ҳайрат шуда, назди буттаи гулобе арз кард:

– Гулоб чӣ гули қимат аст! Табиату инсон ҳар ду аз зебоҳиои он лаззат мегиранд. Ман ба зебоию адли ту ғусса мехӯрам.

Гулоб ҷавоб дод:

– Дуруст аст, эй мурпони азиз, ман зебо ҳастам, вале барои муддати бисёр кам, ҳатто агар касе гулҳои маро начинад ҳам, умри ман он қадар давом намекунад, аммо ту ҳамешабаҳор ҳастӣ ва зебоии ту ҷовидон аст!

## РӮБОҲ ВА САРИ МАСНӮЪӢ

Рӯбоҳе дар хонаи актуре дохил шуд ва дар ҳоле ки тамоми хонаи ӯро ҷустуҷӯ мекард, назараш ба як сари маснӯъи инсон афтод. Рӯбоҳ поҳои худро бар он сар гузошт ва гуфт:

– Чӣ сари мақбуле аст, аммо ҳеҷ арзише надорад, зеро бемағз аст.

## ФАЙЛАСУФ, МӮРЧАҲО ВА МУШТАРӢ

Файласуфе дар соҳили дарё қадам мезад. Ногоҳ назараш бар як киштӣ афтод, ки дар ҳолати ғарқ шудан буд. Файласуф дид, ки мусофирини киштӣ дар баҳр фурӯ рафт. Аз мушоҳидаи ин манзара файласуф ба фикр дарафтод, ки шояд яке аз мусофирони киштӣ гуноҳе карда бошад, ки сабаби ғарқ гардидани ӯ шуда битавонад. Вале дигар мусофирин ки гуноҳе надоштанд, возеҳан ин вазъ нишон медиҳад, ки дар дунё адолат мавҷуд нест. Файласуф дар ҳамин афкор ғарқ буд, ки иддае аз мӯрчагон истода буд. Яке аз ин мӯрчаҳо ба пои ӯ боло рафт ва пои ӯро сахт газид.

Файласуф чунон ба ғазаб омад, ки дар ҳамин вақт муштарӣ ҳозир шуд ва ӯро мухотаб сохта, гуфт:

– Ту чӣ гуна мехоҳӣ ба адолати ҷаҳон интиқод кунӣ, дар ҳоле ки худат ҳамин ҳоло айни беадолатиро анҷом додӣ?

## ШУБОН ВА САГ

Шубоне рамаи худро аз чарогоҳ ба хона овард. Вақте хост онҳоро барои шаб дар тавила биандозад, гурге низ дар миёни рамааш пинҳон шуда буд. Шубон з– ин амр ғофил буд, вале саги шубон гургро шинохта, ба соҳиби худ гуфт:

– Бародари азиз, рамаи ту дар ин тавила маҳфуз нахоҳад монд, агар ту гургеро дар байни онҳо иҷозаи шаббош бидиҳӣ.

## ГУРГ ВА АСП

Гурге, ки аз як алафзоре берун шуда буд, асперо дид ва ба ӯ гуфт:

– Ман алафзори сарсабзеро суроғ дорам ва мехоҳам ту дар он ҷо биравӣ ва он ҳама алафҳои тозаро нӯши ҷон кунӣ, ки ман аз шунидани овози дандонҳои ту вақти алаф хӯрдан лаззат мебарам.

Асп ҷавоб дод:

– Агар дар киштзорҳо ивази алаф гӯшт мебуд, гумон мекунам, лаззати шунидани овози дандонҳои маро бар лаззати шиками сери худ тарҷеҳ медодӣ.

## ХУРӮСИ ҶАНГӢ ВА КАБК

Марде ду хурӯси ҷангӣ дошт. Рӯзе ба бозор рафт ва кабкеро харида, ба умеди ин ки шояд кабку хурӯсҳои ҷангии ӯ як ҷо зиндагӣ карда битавонанд, кабкро ҳам бо онҳо дар мурғхона гузошт. Хурӯсҳои ҷангӣ кабкро бо минқорҳои худ мезаданд. Кабк фикр мекард, ки шояд хурӯсҳо ӯро аҷнабӣ дониста, азият мекунанд. Вале як рӯз

дид, ки хурӯсҳои ҷангӣ бо худ он қадар ҷангиданд, ки ҳарду хунолуд шуданд. Кабк аз дидани ин манзара бо худ гуфт:

– Ман набояд аз аҷнабӣ будан ин қадар ранҷ бибарам, зеро ба чашм мебинам, онҳо ба якдигарӣ худ аз ҷанги душманӣ музоиқат намекунанд.

## ТАБОБАТИ БАҚҚА

Баққае аз хонаи худ бадар шуда, ба овози баланд ҳайвонотро садо кард ва гуфт:

– Ман табиби бисёр ҳозиқ ва духтури бисёр варзида ҳастам. Давое, ки ман медиҳам, тамоми дардҳоро илоҷ мекунад.

Рӯбоҳе, ки ин иддаои бақкаро шунид, ба ӯ наздик шуда, гуфт:

– Агар воқиан ту ин тавр духтури бисёр варзида ва моҳир ҳастӣ, чаро поҳои ҷалду пур аз чину чамлаки худро илоҷ намекунӣ?

## ШЕР ВА ХАРГӮШ

Шере аз наистоне мегузашт ва назараш ба харгӯше афтод, ки хобида буд. Шер мехост харгӯшро шикори худ созад, ки дар ҳамин асно оҳу бо суръати ҳарчӣ тамомтар аз наздики шеру харгӯш рӯ ба фирор ниҳод. Шер харгӯши хобидаро шикори худ тасаввур карда, ӯро гузошт ва таъқиби оҳу давид. Пас аз давидани зиёд аз гирифтани оҳу ноумед шуда, хаставу зилла омад, то ақаллан харгӯшро туъмаи худ созад. Вале нафаҳмида буд, ки харгӯш аз давидани оҳу бедор шуда, фирор карда буд. Шер маъюс гардида бо худ гуфт:

– Ростӣ, ман сазои худро ёфтам. Ман чаро накдро дар бадали насия аз даст додам.

## ШИКОРИ БЕМӮ

Як нафар шикориеро гӯянд, ки дар сари худ мӯ надошт ва дар иваз мӯи маснӯӣ ба сари худ мегузошт. Рӯзе ин шикорӣ бар асп савор шуда, бо иддае аз ҳаммаслакон ба шикор рафт. ҳанӯз фосилаи зиёдеро тай накарда буд, ки боди шадиде вазид ва мӯи маснӯии ӯро аз сараш даррабуд. Дар ин вақт ҳаммаслакони ӯ хандаи баландеро сар доданд. Шикорӣ аспи худро истод кард ва бо шӯхӣ ба ҳамроҳони худ гуфт:

– Ман аз гурехтану бевафоии ин муҳои маснӯӣ тааҷҷуб намекунам, зеро инҳо ба соҳиби аслии худ, ки ба ӯ як ҷо таваллуд шуда буданд, вафо накарданд, пас ба ман чӣ гуна вафо хоҳанд кард.

## ДАРАХТОН ВА ТАБАР

Марде ба ҷангал омад, ва аз дарахтон дархост кард, то барои табари ӯ дастае бидиҳанд. Дарахтон ин хоҳиши ӯро қабул карда, барои ӯ дастаи бисёр хубе доданд. Ҳамин ки табараш даста ёфт, мард дарахтони бисёр қавиро аз по дарафканд. Яке аз дарахтон аз мушоҳидаи ин вазъ бо дарахти дигаре гуфт:

– Иқдоми авали мо ғалат буд. Агар мо ба ӯ ҳақ доштани як дастаи табарро намедодем, абадан имрӯз ба марг маҳкум намешудем.

## РУСТОӢ ВА УҚОБ

Як нафар рустоие дар саҳро мегашт. Дар ҳини гашту гузор уқоберо ёфт, ки дар доме гирифтор шуда буд. Рустоӣ аз уқоб он қадар хушаш омад, ки ӯро билфосила раҳо кард. Уқоб ин эҳсони рустоиро фаромӯш накард. Бо ин тартиб, ки рӯзе дар зери сояи деворе ба хоб рафта ва дастмоли худро ба рӯи худ андохта буд. Девор кӯҳна ва кафида буд. Уқоб ба ӯ наздик рафта, дастмолро аз рӯи ӯ гирифта, ба ҳаво рафт. Вақте рустоӣ ба таъқиби ӯ давид, уқоб дастмоли ӯро поин андохт ва рустоӣ дастмоли худро гирифта

омад, то дар зери ҳамон девор дубора бихобад, вале дид, ки девор афтодааст. Рустоӣ дар ҳамин вақт фаҳмид, ки уқоб эҳсони ӯро бо эҳсон мубодила кардааст.

## НАРГОВ ВА БУЗ

Нарговеро ҳикоят кунанд, ки аз шере гурехта ва дар ғори кӯҳе паноҳгузин шуда буд, ки қаблан шубонон бузҳои онҳоро дар он ҷо ҷо дода буданд ва бузе дар он ҷо фаромуш шуда буд. Буз вақте нарговро дид ва бар ӯ ҳамла кард ва ӯро бо шохҳои худ мезад. Гов оҳиста ба буз гуфт:

– Эҳтиёт, бародар, ман аз ту тарс надорам, балки тарси шер маро ба ин ҷо кашидааст. Сабр кун, хатари шер бигзарад, он гоҳ ман ба ту мефаҳмонам, ки қуввати наргов ва буз аз ҳам чӣ тафовут дорад.

Дӯстонро дар мавқеи зарурат набояд озор дод, балки боист аз онҳо дастгирӣ намуд.

## ДУ БАҚҚА

Ду тан аз баққаҳо бо ҳам дӯстӣ дошатнд. Яке аз онҳо дар ҳавзе зиндагӣ дошт, ки аз назари мардум дур буд ва дувумӣ дар ҷаббазори наздики роҳи умумӣ умр ба сар мебурд. Рӯзе баққаи аввалӣ ба дӯсти худ пешниҳод кард, ки ҷои раҳоиши худро тағйир бидиҳад, зеро ҷои раҳоиши ӯ бар иловаи ин ки наздики роҳи умумӣ буда, хатарнок аст, ғизои кофӣ ҳам надорад. Баққаи дуввумӣ машварати дӯсти худро қабул накард ва ҷавоб дод, ки ӯ ба муҳити худ одат гирифт ва наметавонад ҷои раҳоиши худро тағйир диҳад. Чанд рӯзе баъд аробае, ки аз он роҳ мегузашт, баққаи дувумиро зери чархи худ гирифт ва кушт.

## ДАРАХТИ ЧОРМАҒЗ

Дарахти чормағз, ки шохҳои он пур аз мева буд, дар канори роҳе меистод. Роҳгузарон шохаҳои ӯро ба санг

ва чӯб мешикастанд, то чомағзҳояшро бигиранд. Дарахт аз мушоҳидаи ин вазъ нолаву фарёд карда мегуфт:

– Ман чӣ қадар бадқисмат ҳастам, барои онҳое ҳосили худро тақдим мекунам, маро бо сангу чӯб навозиш мекунанд.

## ШИКОРӢ ВА НАСР

Шикориеро ҳикоят кунанд, ки дом бардошт ва ба саҳро барои шикор берун рафт. Дид хеле аз парандагон болои дарахте нишастаанд. Сайёд домҳои худро густурд ва дар ҳоле ки ба рӯи замин дона меафшонд, чашмҳои хавосаш мутаваҷҷеҳи парандаҳо буд. Дар ҳамин асно думи мореро надониста, ба зери по гирифт. Мор сарро ба ақиб гардонид ва ӯро газид. Сайёд дар ҳоле ки аз дард менолид, бо худ гуфт:

– Бадо ба ҳоли ман, мехостам шикор кунам, аммо аз бехабарӣ худам шикори марг шудам.

## АСПУ ХАР

Аспе, ки бо зину лаҷоми қиммате ороиш шуда буд, хареро дар роҳ дид, ки бар пушти ӯ бори сангине ниҳода буданд. Асп бо тамасхуру такаббур ба хар гуфт:

– Эй ҳайвони боркаш, дилам мехоҳад туро бо лагад бар замин бияндозам.

Хар дар ҷавоб чизе нагуфт, балки оҳе кашид ва ба роҳи худ идома дод. Дере нагузашта буд, ки пои асп шикаст ва соҳибаш ӯро барои кашонидани коҳу чӯб истифода намуд.

Рӯзе хар ӯро дар он ҳолат диду гуфт:

– Эй мутакаббир, ҳолат чӣ тавр аст? Бубин, ба ҳамон ҳақорате мубтало гаштӣ, ки аз он нафрат доштӣ!. .

## ДУЗДҲО ВА ХУРӮС

Иддае аз duздон ба хонае дохил шуданд. Чизи дигаре ба ҷуз як хурӯс наёфтанд, ба қисмати худ розӣ шуда,

хурӯсро бардоштанд ва ба хонаи худ рафтанд. Вақте мехостанд хурӯсро бикушанд, хурӯс ба зорӣ даромада, гуфт:

– Лутфан аз куштани ман сарфи назар кунед, чаро ки барои инсонҳо хеле муфид ҳастам. Чунончӣ субҳ онҳоро барои кору борашон бедор мекунам.

– Ҳоло куштани ту ҳатмӣ аст. Зеро вақте мардумро аз хоб бедор мекунӣ, он вақт ба кори мо хотима медиҳӣ!

## ҚОТИЛ

Марде бегуноҳеро кушт. Бозмондагони мақтул қотилро, ки рӯ ба фирор буд, таъқиб намуданд. Вақте ки қотил наздики рӯди Нил расид, дид шере болои пул истода буд. Қотил маҷбур шуд ба дарахте боло шавад. Дид мори бузурге аз шохаи дарахт ӯро таҳдид мекунад. Қотил тарсида худро ба дарё андохт. Ба муҷарраде, ки дар дарё афтод, наҳанге ӯро гирифт ва туъмаи худ сохт. Ба ин тартиб замин, ҳаво ва об ҳама қотилро роҳ надоданд.

Хуни ноҳақ даст аз домани қотил барнадошт.

## МОКИЁН ВА ПАРАСТУ

Мокиёне тухмҳои морро ёфт ва онҳоро оҳиста – оҳиста зери боли худ гирифта, гарм ва зинда сохт. Парастуе ин ҳолро дида ба мокиён гуфт:

– Эй беақл, чаро ин тухмҳоро зинда сохтӣ? Оё медонӣ, ки агар ин морҳо бузург шуданд, ҳама касро мегазанд ва аввалтар аз ҳама туро хоҳанд газид.

## ШОДӢ (МАЙМУН) ВА ШУТУР

Ҳайвоноти ҷангал маҷлисе доштанд ва шодӣ (маймун) дар он маҷлис ба раисӣ пардохт. Тамошочиён ҳама ба ҳунармандии шодӣ таҳсин карданд. Аммо шутур аз ин ҳама ифтихороти шодӣ (маймун) ҳасад бурду ба маҷлис пешниҳод кард, ки ӯ ҳам метавонад онҳоро бо рақси худ хушҳол созад. Аммо вақте барои рақс бархост,

тамоми ҳаракати ӯ он қадар бемазмуну хандаовар буд, ки аҳли маҷлис ин вазъи ӯро барои маҷлиси худ айб дониста, ӯро аз маҷлис берун ронданд.

## ҲУДҲУД ВА ПАДАРАШ

Тибқи асотир ҳудҳуд пеш аз пайдо шудани замин халқ шуда буд. Аммо вақте падари ӯ даргузашт, ҳудҳуд намедонист ӯро куҷо дафн кунад, зеро замин вуҷуд надошт. ҳудҳуд то як ҳафта нашъи падари худро бардошт ва баъд онро дар сари худ дафн кард. Ба нисбати ҳамин эҳтироми падар, қабри падари ӯ ба шакли тоҷе ба фарқи ӯ қарор гирифт.

## ДЕҲОТӢ ВА ДАРАХТИ СЕБ

Гӯянд, ки марди деҳотӣ дар ҳавлии худ дарахти себе дошт, ки мева намедод. Вале парандагон дар он паноҳгоҳе доштанд. Рӯзе он мард хост дарахти себро бибуррад. Табари худро бар танаи дарахт ҳавола кард. Парандагон аз ӯ хоҳиш карданд, ки дарахти себро набуррад, зеро он ягона паноҳгаҳи онҳо буд. Ҳама ваъда доданд, ки агар деҳотӣ он дарахтро қатъ накунад, паррандагон ба сароидани худ вақти ӯро хуш хоҳанд кард. Деҳотӣ ба парандагон эътиное накард ва дубора табари худро бар танаи дарахт ҳавола кард. Дар зарбаи саввум сӯрохе дар танаи дарахт намоён шуд ва аз он шаҳди зиёде фурӯ рехт. Деҳотӣ вақте маззаи шаҳдро чашид ба худ омад ва аз қатъ кардани дарахт сарфи назар кард ва аз он баъд аз ӯ бо бисёр хубӣ парасторӣ мекард.

Баъзе мардум маҳз рӯи манфиати худ кор мекунанд.

## ПАШША ВА НАРГОВ

Пашшае дар шохи гове иқомат гузид. Пас аз муддате, вақте мехост аз он ҷо ба ҷои дигаре нақли макон кунад, ба гӯши наргов наздик шуд ва ба ӯ гуфт, ки агар иҷозат бошад, албатта.

Наргов ҷавоб дод:

– Ман аз омадани ту хабар нашудам ва яқин дошта бош, ки рафтани ту ҳамаро нороҳат намекунад.

Аксар мардум худро муҳимтар аз он чӣ ҳастанд, тасаввур мекунанд.

## ШУБОН ВА ГӮСФАНДАШ

Шубоне ба дарахти бузурге боло шуд, то барои гӯсфандони худ баргҳои дарахтро фурӯ резад. Шубон куртаи худро дар зери дарахт гузошта буд. Гӯсфандон дар вақте ки аз баргҳо истифода мекарданд куртаи шубонро, ки дар байни баргҳо буд, пора– пора сохтанд. Шубон аз дидани ин ҳол онҳоро мухотаб сохта гуфт:

– Эй ҳайвоноти носипос, шумо аз пашми худ барои мардуми дигар либос таҳия менамоед, вале либоси касеро, ки барои тағзияи (таоми) шумо заҳмат мекашад, пора мекунед.

## МУСОФИР ВА САДОҚАТ

Мусофире дар яке аз биёбонҳо дид зане танҳо ва ғамгин нишастааст. Мусофир аз ӯ пурсид:

– Ту кистӣ?

– Номи ман Садоқат аст.

– Чаро дар ин биёбон гӯшанишин шудаӣ?

– Ба иллати ин ки дар замони қадим дурӯғ умумият надошт, аммо ҳоло он чӣ инсонҳо мегӯянд ва мешунаванд, дурӯғ аст. Лиҳозо барои ман дар шаҳр ҷое вуҷуд надорад.

## САГҲО ВА ПӮСТИ ГОВ

Иддае аз сагҳои гурусна диданд, ки пӯсти гове дар байни ҳавзе пур аз об таҳнишин шуда, сагҳо наметавонистанд пӯсти говро ба чанг оваранд. Лиҳозо бо ҳам файсала карданд, ки тамоми оби ҳавзро бинӯшанд, то об хушк шавад ва баъд аз он пӯсти говро ба даст оранд. Рӯи ин тасмим (қарор) ба нӯшидани об шурӯъ карданд. Вале

пеш аз он ки ба пӯсти гов бирасанд, тамоми сагҳо аз нӯшидани об ҳалок шуданд.

Талош барои тақсими номумкинот бефоида аст!

## УҚОБ ВА ЗОҒ

Уқобе аз ҳаво поин шуда, барраеро бо худ ба ҳаво бурд. Зоғе, ки шоҳиди ин ҳол буд, фикр кард, ки ӯ ҳам метавонад ба чунин коре иқдом кунад. ҳамон буд, ки зоғ бо шиддати зиёд поин омад ва болои гӯсфанди бузурге нишаста, чанголҳои худро дар мӯҳои ӯ фурӯ бурд. Зоғ бисёр кӯшид, аммо на танҳо гӯсфандро ҳаракат дода натавонист, балки чанголҳои худро ҳам аз мӯҳои гӯсфанд натавонист берун бикашад. Вақте назари шубон ба ӯ афтод, давида омада ӯро асир гирифту болҳои ӯро қайчӣ карда, ба хона бурд, то атфол бо ӯ бозӣ кунанд.

## РӮБОҲ ВА ШЕР

Шере дар қафас асир буд ва рӯбоҳеро бар ӯ гузар афтод. Рӯбоҳ наздики қафаси шер рафт ва ӯро бо калимоти таънаомез ва носазо мухотаб сохт. Шер ба рӯбоҳ гуфт:

– Ин ту нестӣ, ки маро таҳқир мекунӣ, балки бадқисматӣ ва асорати ман аст, ки туро чунин ҷуръат медиҳад.

## ҲАЙВОНОТ ВА ШАБПАРАК

Гӯянд, як силсила ҷангҳо байни парандагон ва мушҳо шурӯъ шуд, ки гоҳе мушҳо ва гоҳе парандагон ғолиб мешуданд. Шабпараке намедонист, ки ба тарафдори кадом даста биҷангад, ҳамеша аз дастаи ғолибу фаттоҳ тарфдорӣ мекард. Ин вазъи мунофиқатомези шабпарак билохира назди ҳар дастаи муттаҳосил (хасмшудагон) равшан шуд. Ҳар ду даста ӯро накӯҳиш нмуда, мардуд (дур) сохтанд. Ба ҳамин иллат аст, ки шабпарак аз хиҷолат дар равшании

рӯз берун намешавад, балки дар ҷоҳои торик ва дур аз назар худро пинҳон мекунад. Ӯ фақат дар шаб ба танҳоӣ берун мешавад, то ӯро касе набинад.

## ШАЙПУРӢ ВА ДУШМАН

Як шайпурӣ, ки бо шуҷоат аскаронро ба майдони ҷанг бо садои шайпур огоҳ медод, ба дасти душман асир афтод. Шайпурчӣ аз аскаре, ки ӯро асир гирифта буд, хоҳиш кард, аз куштани ӯ даст кашад. Ӯ гуфт:

– Куштани ман лузуме надорад, зеро ман бегуноҳ ҳастам ва ҳатто як нафар аз аскари шуморо ҳам захмӣ накардаам. Бубин, ман ҳеҷ аслиҳа ҷуз ин шайпур надорам?!.

Аскар ҷавоб дод:

– Доштани ҳамин шайпур куштани туро ҳатмӣ месозад, зеро дуруст аст, ки худат ҷанг намекунӣ, вале бо ин шайпур тамоми аскарро ба майдони ҷанг таҳрик менамоӣ.

## ПАРАСТУ ВА ҶАВОНИ НООҚИБАТАНДЕШ

Ҷавоне тамоми моли маврусии худро фурӯхта, бо худ ҷуз як кампал чизе нагузошт. Рӯзе назараш ба парастуе афтод, ки канори ҷӯбори кӯчаке шино мекард. Ҷавон гумон кард, ки баҳор шудааст ва дигар барои кампал зарурат надорад. ҳамон буд, ки кампали худро ҳам фурӯхт. Вале дере нагузашта ҳаво сард шуд ва барф боридан гирифт. Ҷавон дид парасту дар канори ҳамон ҷӯйбор мурдааст. Аз дидани ин манзара ҷавон парастуро хитоб карда, гуфт:

– Эй паррандаи баднасиб, ту қабл аз он ки баҳор бирасад, берун шудӣ ва бо ин вазъ на танҳо худро ҳалок сохтӣ, балки сабаби табоҳии маро ҳам фароҳам кардӣ.

## БУМ ВА ПАРРАНДАГОН

Бум, ки акнун дар байни парандагон ба ақлу тафаккури солим шуҳрат дорад, дар замонҳои қадим парандагонро тавсия кард:

– Донаи ҳабуботро бо ҳар қудрате ки доред, қабл аз сабз шудан аз замин берун кашед, зеро донаи онҳо сабаби гирифтории шумо хоҳад шуд. ҳамчунин аз тирандозон бипарҳезед, зеро тири онон, ки бо парҳои шумо музайян шудааст, ба маротиб аз парвози шумо сареътар аст.

Парандагон на танҳо ба насиҳати ӯ эътино накарданд, балки ӯро девона тасаввур намуданд, баъдҳо гуфтаҳои бум собит шуд. Ба ҳамин иллат аст, ки акнун парандагон ба муҷарради дидани бум назди ӯ меравconfigured ва бо ӯ эҳтиром мегузоранд. Аммо бум дигар ба онҳо насиҳат намекунад, балки ба нооқибатандешӣ ва ҳамоқати онҳо таассуф менамояд.

## ХАРИ ДЕҲҚОН

Деҳқоне аз деҳкадаи наздик хареро харидорӣ кард. Соҳиби хар бо хоҳиши деҳқон мувофиқат кард, ки аввал харро ба хона оварда, чанд рӯз имтиҳон кунад. Вақте деҳқон харро то хона овард, ӯро дар тавила ҳамроҳи харҳои худ якҷо гузошт. Деҳқон дид, ки хари мазкур бо яке аз харҳои ӯ, ки дар пурхӯрӣ ва бекорӣ назир надошт, бештар дӯстӣ ва тамоил нишон дод. Ба дидани ин вазъ деҳқон харро гирифта, ба соҳибаш баргардонд. Вақте соҳиби хар пурсид, ки чӣ гуна ба ин зудӣ харро имтиҳон кардӣ, деҳқон ҷавоб дод:

– Ман медонам, ки ин хар айнан монанди ҳамон харе хоҳад буд, ки нисбат ба ҳам дӯстии ӯ алоқаманд шуд.

## ГУРГ ВА ШЕР

Гурге ҳангоми ғуруби офтоб дар домани кӯҳе равон буд. Дар ҳамин асно назараш ба сояаш афтод, ки бисёр

бузург менамояд. Гург ба тарафи сояи худ гуфт:

– Аҷаб аст, ки ман бо ин азамат аз шер тарсам. Дар ҳақиқат, ман бояд подшоҳи тамоми ҳайвонот бошам.

Гург, дар ҳоле ки масруфи ин афкор буд, шер ӯро аз дур дида тохт ва ӯро дарид. Гург дар лаҳзаи охирини зиндагӣ бо худ мегуфт:

– Бодо ба ҳоли ман, худро болотар аз он чӣ воқиан будам, тасаввур кардам ва ин сабаби табоҳии ман шуд.

## ХАР ДАР ҶИЛДИ ШЕР

Хареро гӯянд, дар пӯсти шере ба тарафи ҷангал рафт. Вақте ҳайвоноти соддадил аз вай метарсиданд, хар аз вазъ лаззат мебурд. Билохира, рӯбоҳе ба муқобили ӯ шуд. Хар хост ӯро ҳам битарсонад. ҳамин буд, ки ба тарафи рӯбоҳ давиду овози худро баланд кард. Рӯбоҳ дар аввал тарсид, аммо вақте овози ӯро шунид, харро чунин мухотаб сохт:

– Ростӣ, ман аз ту метарсидам, ба шарте ки овози туро намешунидам.

## МАГАС ВА АСПИ КАРОГӢ (АРОБА)

Магасе назди аспи карогӣ рафту гуфт: «Туро чӣ шуда? Чаро босуръат роҳ наменамоӣ? Бигзор ман туро бигазам, то каме сареътар ҳаракат бикунӣ».

Асп дар ҷавоб гуфт: «Ман ба таҳдидҳои ту сареътар намешавам. Чилави ман дар дасти касест, ки болои карогӣ нишастааст. Фақат ӯ метавонад маро сареъ ва оҳиста бисозад. Пас, ман худам метавонам чӣ вақт сареъ шавам ва чӣ вақт оҳиста. Эҳтиёҷ ба фармоиши ту нест».

## ҚУМРӢ ВА ЗОҒ

Қумриеро гӯянд, ки дар қафасе нишаста ва фарзандони бисёре дошт ва аз ин ифтихор мекард. Лофҳои ӯро зоғе шунида, қафаси ӯро шикаст ва гуфт: «Беҳуда ифти-

хор макун, ҳар қадар фарзандони ту зиёд бошанд, ба ҳамон андоза ғаму ғуссаи ту афзун хоҳад шуд, зеро онҳо монанди худат дар ин маҳбас асир хоҳанд шуд.

## ПАШША ВА БАРЗАГОВ

Пашшае аз як барзагове пурсид: «Туро чӣ шудааст, ки бо ин ҷисму қувва бо инсонҳо, ки туро монанди ғулом корҳои душвор мефармоянд, гардан мениҳӣ. Ман як маслуқи бисёр кӯчакам, бераҳмона хуни онҳоро мемакам.

Барзагов дар ҷавоб гуфт: «Ман намехоҳам носипос бошам. Инсонҳо аз ман ба муҳаббат муносибат мекунанд ва бо даст сару гардани маро навозиш мекунанд».

Пашша бо тааҷҷуб гуфт: «Дод аз навозиши дасти инсон, ки барои ту маънии муҳаббатро дораду барои ман марг аст!»

## ГАВАЗН ВА ҲАВЗ

Гавазне аз гармии тобистон ба ҷон расида, назди чашма омад, то об нӯшад. Вақте акси худро дар об дид, аз мушоҳидаи шоххои қавии худ бисёр хуш шуд. Вале ҳамин ки назараш ба пойҳои лоғараш афтод, нороҳат шуд ва гуфт:

– Афсӯс, ки пойҳои ман бисёр борик аст.

Дар ҳамин вақт шере пайдо шуд. Шер хост гавазнро шикор кунад, вале гавазн бо суръати тез рӯ ба гурез ниҳод. Чун гавазн дар давидан тавоно буд, фосилаи байни онҳо зиёдтар мешуд. Вақте гавазн дохили ҷангале гардид, дид шоххои ӯ дар шохчаҳои ҷангал банд шуд ва ӯ наметавонист гурезад. Дере нагузашта ӯ худро дар чанголи шер ёфт. Гавазн дар охирин лаҳзаҳои зиндагӣ ба худ гуфт:

– Бодо ба ҳоли ман, ки он чӣ ба назари ман ҳақир менамуд, сабаби наҷоти ман шуд ва он чӣ дар назари ман сабаби ифтихор буд, табоҳии маро фароҳам сохт.

Басо авқот чизҳои нағзи мо беарзиш ва чизҳои беарзиш назди мо муҳим менамоянд.

## САГ ВА БАЧАҲОЯШ

Саги модаеро вазъи ҳамл наздик буд. Саг назди шубоне рафт ва аз ӯ хоҳиш кард, ки то ҷое барои ӯ бидиҳад. Шубон хоҳиши ӯро қабул кард ва ба ӯ иҷоза дод, ки дар ҳамон ҷо бачаҳои худро таваллуд кунад. Аммо вақте бачаҳои саг бузург шуданд, дигар он саг ҷоеро, ки ба асари хоҳишу тазарӯъ гирифта буд, мулки худ тасаввур кард ва шубонро иҷозат намедод дар он навоҳӣ гашту гузор намояд.

## ЗОҒЧА ВА РӮБОҲ

Зоғчае аз гуруснагӣ ба ҷон омада ва ба шохи анҷир нишаст. Ин дарахт пеш аз фасл ғӯра карда буд. Зоғча ба умеди он, ки анҷир пухтааст, муддати дарозе ба шохи он нишаст. Рӯбоҳе азми зоғчаро фаҳмид ва ба ӯ гуфт:

– Ту воқиан худро фиреб медиҳӣ. Яқин аст, умеди беҷои ту туро гӯл хоҳад зад, аммо бар оварда нахоҳад шуд.

## ШЕР ВА РӮБОҲ

Рӯбоҳе дар хизмати шер буд. Рӯбоҳ шикорро пайдо мекард ва шер онро асир месохт. Рӯбоҳ аз ин ки шер ҳамеша қисмати зиёди шикорро мегирифт ва барои ӯ камтар медод, мутаассир гардида, азм кард, ки аз назди Шер фирор кунад ва худаш ба танҳоӣ шикор намояд. ҳамон буд, ки аз назди шер гурехт ва вақте хост барраеро шикор кунад, худаш тавассути шикориён ва сагони онон асир шуд.

## ЛУҚМОНИ ҲАКИМ

Зиндагӣ ва таърихи Луқмони ҳаким (дар ғарб ба номи «Усуб» шӯҳрат дорад) норавшан аст. Баъзе донишмандон бар он ақидаанд, ки ӯ дар Сордес – пойтахти Лидия таваллуд шудааст, баъзеҳо ҷои таваллуди ӯро ҷазираи Сумос мегӯянд. Вале аксари олимон мӯътақиданд, ки Луқмони ҳаким дар солҳои пеш аз милодӣ зистааст.

Луқмони ҳаким дар хонадони ғулом таваллуд ёфта, то арсаи камол худ низ ғулом будааст. Луқмон дар ибтио ғуломи ду нафар буд – Ронтус ва Ҷадман. Ҷадман ӯро ба сабаби заковатмандиву пурдониаш озод кард. Яке аз ҷиҳатҳои хоси озод будан дар Юнони қадим ин буд, ки мардуми озодмезиста дар мавзӯъоти иҷтимоӣ донишманд бошанд. Луқмони ҳаким бо истифода аз ин имтиёз тавонист монанди бисёр файласуфони Юнон аз ғуломӣ ба шӯҳрати олими бузурги он вакт ноил гардад.

Подшоҳи Лидия (Кросис) марди олимдӯст ва илмпарвар будааст, ӯ Луқмони ҳакимро ба пойтахти мамлакаташ – Сордис даъват мекунад. Луқмони ҳаким дар дарбори ин подшоҳ бо Солун, Толс ва дигар файласуфони машҳур мулоқот кард. Ин файласуфон бо як забон эътироф намуданд, ки Луқмон аз ҳамаи онҳо беҳтару донишмандтар аст.

Луқмони ҳаким муддати зиёде дар масъалаҳои муҳими сиёсӣ мушовири Кросис – шоҳи Лидия буд.

Боре Кросис ӯро бо миқдори зиёди тилло ба Далфӣ фиристод, то онҳоро байни мардум тақсим кунад. Луқмон аз вазъи ҳасудонаву ҷасуронаи он мардум ранҷид ва тиллоҳоро бе он ки ба мардум тақсим кунад, дубора ба шоҳ фиристод. Мардуми Далфӣ аз ин кори ӯ ба шӯр омаданд ва Луқмонро ба хиёнаткорӣ муттаҳам карда, ба қатл расониданд. Баъди марги Луқмони ҳаким мардуми Далфӣ бо мусибатҳои зиёде дучор омаданд. Онҳо ба гуноҳи худ иқрор шуда, аз рӯҳи Луқмони ҳаким узр пурсиданд, то ҷурмашон бахшида шавад. Баъдан муҷассамаи шахсияти маъруфи илмӣ аз тарафи муҷассамасози машҳури Юнон – Сипе сохта шуд, то номи вай ҷовидона гардад.

## МУНДАРИҶА

Ғамро ба ханда мекушт ........................................ 5
Ҳикояҳои даҳанакӣ ........................................ 12
Аз фолклори Дарбанд ........................................ 67
Холаи Маҳтоб ........................................ 72
Ҳамел ........................................ 76
Идомаи ҳикояҳои даҳанакӣ ........................................ 79
Лаҳзаҳо ........................................ 105
Аз рӯзгори бузургон ........................................ 129
Гап байни худамон ........................................ 136
Паёми Эзоп ........................................ 140
Аз радио шунавед ........................................ 143
Шогунҳо ........................................ 153
Қайдҳои духтур ........................................ 167
Зинда будан кам аст ........................................ 174
Масалҳо ........................................ 197

**АҲМАДШОҲ МАҲМАДШОҲ**

**ЗИНДА БУДАН КАМ АСТ**
*(ҳаҷвияҳо)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳ *И. Амонқул*

Ба матбаа 27.05.2014 супурда шуд.
Чопаш 03.06.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 15.5. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Комрон+П» чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров 111[а]